ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научный журнал**

**№ 4 (36)**
**2024**

**ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН**
**Маҷаллаи илмӣ**

**№ 4 (36)**
**2024**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 372/МҶ-97 аз 12 августи соли 2024 ба қайд гирифта шудааст.**

**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**

**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Мирализода И.Қ. – д. и. ҳ., профессор** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ғаюрзода Ш.К.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Искандаров З.Ҳ.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Маҳмудов И.Т.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Қодиров Н.А.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

**ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**
**Научный журнал**

**№ 4 (36)**
**2024**

**Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 372/МЧ-97 от 12 августа 2024 года.**

**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал учреждён в 2016 года, публикуется 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***

| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **МиралИзода И.К. – д. ю. н., профессор** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода А.И.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Гаюрзода Ш.К.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Искандаров З.Х.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Мирзозода П.З.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Камолзода И.И.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Махмудов И.Т.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонов Ф.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Сулаймонзода М.С.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Кодиров Н.А.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Азимов С.Ш., Бобозода У.Э.**

**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИЧА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Шарофзода Р.Ш.** | Мубрамии ихтисоси “фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ” дар ҳошияи мулоҳизаҳои илмӣ оид ба касби “Нормoрайтер” | **6** |
| **Азиззода У.А., Фарходзода В.** | Юридическая ответственность: вопросы теории и проблемы практики | **31** |
| **Shoinbekov O., Ibrohimzoda D.Q.** | Information – as a component of the theoretical and legal component of information security | **46** |
| **Сафарбекзода Ҳ.С.** | Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ | **56** |
| **Воробьёв С.М., Бобохонов Ф.А.** | Признание и защита прав человека и нематериальных благ в Республике Таджикистан: ретроспективный и теоретико-правовой анализ | **65** |
| **Холиқов Н.А.** | Теоретико-практические аспекты правовой системы, системы права и правовой семьи в контексте сравнительно-правового анализа | **81** |
| **Бобозода У.Э.** | Мавқеи кӯдак дар муносибатҳои меҳнатӣ: пажӯҳиши назариявӣ-ҳуқуқӣ | **93** |
| **Салиева Н.Ш.** | Алгоритм поэтапной институционализации правовой политики Республики Таджикистан | **102** |
| **Майнусов Д.Ф.** | Баъзе масъалаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии инъикоси падидаҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ | **115** |
| **Шодизода Н.М.** | Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **128** |
| **Саидзода С.С.** | Основные этапы правовой политики в сфере научной деятельности в Республике Таджикистан | **143** |
| **Сайдалиев А.Т.** | Кафолатҳои қонуният | **152** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Сулаймонзода М.С.** | Унсурҳои таърихии аҳаммияти падидаи президентӣ дар низоми давлатдории муосир | **166** |
| **Обидова М.Н.** | Робитаи ҳуқуқҳои экологии инсон бо амнияти экологӣ | **174** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Одинаев У.С.** | Масоили қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ | **190** |

| | | |
|---|---|---|
| **Сайдамиров Ҷ.Ҳ.** | Танзими ҳуқуқи муаллифӣ дар асоси шартнома барои асарҳои мусиқӣ | **196** |


**ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)**

| | | |
|---|---|---|
| **Мавлоназарзода О.А.** | Умумият ва хусусиятҳои хоси меҳнати хонакорон ва кормандони фосилавӣ | **211** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**

| | | |
|---|---|---|
| **Мирзоахмедов Ф.А.** | К вопросу о внесении некоторых изменений и дополнений в уголовный кодекс Республики Таджикистан в целях совершенствования уголовной ответственности за терроризм | **218** |
| **Ширинджонов Ф.И.** | Конвенциональные основы противодействия транснациональной преступности | **227** |
| **Гулова Х.Д.** | Хусусиятҳои хоси бандубасти ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фарматсевтӣ | **241** |
| **Раҳмонов Ш.С.** | Баъзе масъалаҳои тарафи объективии ҷиноят | **255** |


**ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)**

| | | |
|---|---|---|
| **Искандаров З.Ҳ., Авезова З.Б.** | Ҳимояи судии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва аҳаммияти он дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ | **267** |
| **Зиёваддинов И.И.** | Мафҳум ва моҳияти офият дар мурофиаи ҷиноятӣ | **278** |


**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (ИХТИСОС: 12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**

| | | |
|---|---|---|
| **Қодиров Н.А., Қурбонова М.Х.** | Имплементатсия меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон | **292** |
| **Хуҷамардова М.Т.** | Вазъи ҳуқуқии мақомоти СММ оид ба ҳуқуқи инсон | **302** |
| **Қурбонзода М.С.** | Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ кафили таъмини амнияти миллӣ | **306** |


**ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)**

| | | |
|---|---|---|
| **Маҳмадалиев Қ.М.** | Аҳаммият ва муҳиммияти хизмати давлатӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ | **315** |

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд** **325**

**Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»** **326**

# НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

## МУБРАМИИ ИХТИСОСИ “ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ” ДАР ҲОШИЯИ МУЛОҲИЗАҲОИ ИЛМӢ ОИД БА КАСБИ “НОРМОРАЙТЕР”

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Тел.: (992) 901000770
Email: www-rustam-tj@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат
**Муқарриз:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда**: Дар мақола зарурати омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти камбудиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккулу инкишофи низоми беихтилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, боло бурдани сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад. Асарҳои илмӣ, ки дар онҳо андешаҳо, нуқтаҳои назар ва таклифҳои гуногун оид ба тартиби ҷорӣ намудани ихтисоси нав пешниҳод мешаванд, ҳаматарафа таҳлил карда мешаванд. Хулоса, асоснок карда мешавад, ки мутахассисони ҳуқуқэҷодкунанда танҳо бо навиштани меъёрҳо ва матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, таҳиякунандагони матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита бо таҳлил ва таҳқиқи васеи талаботи танзими ҳуқуқӣ, вазъи кунунии танзими ҳуқуқӣ, ҳолати муназзамии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Маҳорати касбии мутахассиси ҳуқуқэҷодкунанда аз як тараф дар раванди таълим, аз тарафи дигар дар ҷараёни фаъолияти касбии ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо (сарфи назар аз шакли моликият) ташаккул меёбад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дониши васеи таърихӣ-ҳуқуқиро талаб мекунад, чунки дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ анъанаҳои миллӣ, осори фарҳанги миллӣ, анъанаҳои таърихан ташаккулёфта дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ нақши калидӣ доранд. Таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад. Мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ кори васеи таҳлилиро дар робита бо афзалиятҳои манфиатҳои миллӣ ва ҳимояи анъанаҳои фарҳанги миллӣ ба роҳ мемонанд.

Мутахассисони ин соҳа бо дарназардошти омодагӣ ба фаъолияти касбӣ дар мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, рушди технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, истифодаи онҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд омода карда шаванд.

**Калидвожаҳо**: ҳуқуқэҷодкунӣ, нормарайтер, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ихтилофоти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ, раванди таълим, омода намудани мутахассисони ҳуқуқэҷодкунанда, шуури ҳуқуқӣ.

## АКТУАЛЬНОСТЬ СПЕЦИАЛЬНОСТИ “ПРАВОТВОРЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ” В КОНТЕКСТЕ НАУЧНЫХ РАЗМЫШЛЕНИЙ ПО ПОВОДУ ПРОФЕССИИ “НОРМОРАЙТЕР”

**Шарофзода Рустам Шароф,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор
Тел.: (992) 901000770
Email: www-rustam-tj@mail.ru

**Научная специальность:** 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
**Рецензент:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье обосновывается необходимость подготовки специалистов правотворцев в контексте правотворческих ошибок, необходимости формирования и развития непротиворечивой системы нормативных правовых актов, повышения качества законов и иных нормативных правовых актов, обеспечения эффективности правового регулирования. Анализируются научные публикации, в которых содержатся различные суждения, подходы и предложения по поводу организации подготовки данных специалистов. Обоснован вывод о том, что специалисты правотворцы не ограничиваются только написанием норм и текстов нормативных правовых актов, а осуществляют широкую аналитическую деятельность по выявлению потребностей в правовом регулировании, состояния системы правового регулирования, степени и эффективности урегулированности отношений. Профессиональные качества специалистов правотворцев формируются с одной стороны в процессе профессионального образования, с другой – в ходе их профессиональной правотворческой деятельности в государственных органах, учреждениях и организациях (независимо от форм собственности). Правотворческая деятельность требует широких историко-правовых знаний, поскольку национальные традиции, традиции национальной культуры, сложившиеся в процессе правотворческой деятельности играют ключевую роль в данной сфере. Правотворческая деятельность должна организовываться с учетом приоритета

национальных интересов Республики Таджикистан. Специалисты правотворцы осуществляют широкую аналитическую деятельность в контексте приоритета национальных интересов и традиций национальной культуры. Подготовка указанных специалистов осуществляется с учётом их будущей работы в государственных органах, в предприятиях, учреждениях, организациях, а также развития информационных, цифровых технологий и искусственного интеллекта, их активного применения в правотворческой деятельности.

**Ключевые слова:** правотворчество, норморайтер, правотворческая деятельность, нормативные правовые акты, система нормативных правовых актов, коллизии нормативных правовых актов, правотворческие ошибки, учебный процесс, подготовка специалистов правотворцев, правосознание.

## RELEVANCE OF THE SPECIALTY "LAW-MAKING ACTIVITIES" IN THE CONTEXT OF SCIENTIFIC DISCUSSIONS ON THE PROFESSION OF "NORMORWRITER"

**Sharofzoda Rustam Sharof,**
Tajik national university, Faculty of Law,
doctor of the legal sciences, professor
Тел.: (992) 901000770
Email: www-rustam-tj@mail.ru

**Scientific Specialty:** 12.00.01 – theory and history of the law and state; history of theory of the law and state
**Research supervisor:** Azizzoda U.A., doctor of legal Sciences, professor

**Abstract:** The article substantiates the need to train lawmakers in the context of lawmaking errors, the need to form and develop a consistent system of regulatory legal acts, improve the quality of laws and other regulatory legal acts, and ensure the effectiveness of legal regulation. Scientific publications containing various opinions, approaches and proposals on the organization of training of these specialists are analyzed. The article substantiates the conclusion that lawmakers are not limited to writing norms and texts of regulatory legal acts, but carry out extensive analytical activities to identify the needs for legal regulation, the state of the legal regulation system, and the degree and effectiveness of regulation of relations. Professional qualities of lawmakers are formed, on the one hand, in the process of professional education, and on the other hand, in the course of their professional lawmaking activities in government agencies, institutions and organizations (regardless of the form of ownership). Law-making activity requires broad historical and legal knowledge, since national traditions, traditions of national culture, developed in the process of law-making activities play a key role in this area. Law-making activity should be organized taking into account the priority of national interests of the Republic of Tajikistan. Law-making specialists carry out broad analytical activities in the

context of the priority of national interests and traditions of national culture. The training of these specialists is carried out taking into account their future work in government agencies, enterprises, institutions, organizations, as well as the development of information, digital technologies and artificial intelligence, their active use in law-making activity.

**Key words:** lawmaking, norm writer, lawmaking activity, normative legal acts, system of normative legal acts, conflicts of normative legal acts, lawmaking errors, educational process, training of lawmaking specialists, legal consciousness.

Дар асарҳои илмии олимони Россия, ки солҳои охир нашр мешаванд, ба омода намудани ҳуқуқшиносони касбӣ аз рӯйи ихтисоси “ҳуқуқшиноси ҳуқуқэҷодкунанда” дар ҳошияи пешниҳод ва музокираҳои илмӣ оид ба касби “норморайтер” (меъёрнавис) таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Зарурати ихтисоси мазкур бо дарназардошти ҷой доштани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, сатҳи нокифояи консепсияи лоиҳаи қонун, саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ, ки ба ягонагӣ, муташаккилӣ ва беихтилофотии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсир мерасонад, муайян карда мешавад.

Соли 2017 дар маҷаллаи илмии “Вестник Саратовской государственной юридической академии” мақолаи професор В.М. Баранов бо номи “Норморайтер как профессия” (№ 6 (119), с. 16-29) нашр мешавад. Пас аз нашри ин мақола олимони ҳуқуқшинос, асосан намояндагони назарияи давлат ва ҳуқуқ фикру мулоҳизаҳои худро доир ба нуктаҳо ва таклифҳои В.М. Баранов баён мекунанд. Дар саҳифаҳои маҷаллаи илмии “Вестник Нижегородской академии МВД России” (2018, № 2 (42)) силсилаи мақолаҳои олимон С.В. Кодан, Л.И. Муромсев, М.В. Баранова, А.В. Малко, В.В. Трофимов, П.В. Василев, С.М. Воробёв ва дигарон оид ба зарурати омода намудани ҳуқуқшиносони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ нашр мешавад. Як қатор олимон (С.В. Поленина, М.Н. Марченко. Д.А. Керимов ва диг.) ақидаашонро дар маҷаллаҳои дигар баён мекунанд.

Ҷорӣ намудани ихтисоси мазкур дар конференсияҳои байналмилалӣ борҳо мавриди музокира қарор дода шудааст. Чунончи, иштирокдорони IV конференсияи илмии байналмилалӣ (“Современное образование: векторы развития. Инновационные подходы к преподаванию социально-гуманитарных дисциплин”. – М.: МПГУ, 25-26 апрели соли 2019) ихтисоси мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Ҳамаи олимон ва муҳаққиқон бар ақидаанд, ки талабот ба касби ҳуқуқшиноси ҳуқуқэҷодкунанда дар иртибот бо камбудиҳои то ба ҳол ҷойдошта дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ (ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, сатҳи нокифояи омодагии лоиҳаи санадҳои меъёрӣ ва диг.) бештар мегардад. Ташаккул ва инкишофи мутъадили низоми беихтилофи низоми ҳуқуқ ва низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои асосии ҷорӣ намудани ихтисоси нав мебошад. Аз сифати корҳо дар самти таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ самаранокии ин санадҳо дар давраҳои минбаъдаи амалӣ намудани онҳо вобастагӣ дорад.

Камбудиҳое, ки дар қонунгузорӣ ҷой доранд, натиҷаи фаъолияти нокифояи муаллифони лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Ин камбудиҳо дар ҳолатҳои муайян ҳуқуқҳои шахсро халалдор карда метавонанд. Чунончи, И.М. Митскевич (профессор, саркотиби илмии Коммиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия) ба камбудиҳои Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаи илмӣ дар Россия (аз соли 2013) ишора мекунад. Бо Низомномаи мазкур меъёри нав оид ба имконияти аз дараҷаи илмӣ маҳрум намудани шахсоне, ки дар давоми 10 соли қаблӣ (то қабули Низомнома) диссертатсияҳои худро ҳимоя намудаанд, ҷорӣ мегардад. Дар натиҷа ҳуқуқу манфиатҳои қонунии доираи васеи шаҳрвандоне, ки дар давоми 10 соли қаблӣ диссертатсияи худро дар ҳолати ҷой надоштани системаҳои электронии санҷишӣ (барномаҳои электронии санҷиши фоизи дахлдори аслии кор) ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмӣ гардида буданд, халалдор мегардад. Низомнома ба муносибатҳои қаблан ҷойдошта бе риояи қоидаҳои маъмулии қувваи бозгашти қонун паҳн карда мешавад. Илова бар ин, суд меъёри маъмулиро оид ба мутобиқати таҳсилоти олии муаллифи диссертатсия ба ихтисосе, ки аз рӯйи он ҳимоя баргузор мегардад, ғайриқонунӣ эълон мекунад. Суд ба он ҳавола мекунад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқҳои шаҳрвандон поймол гардидаанд, чунки ҳар кас ба ҳимояи диссертатсия ҳақ дорад. Дар натиҷа шаҳрвандоне, ки таҳсилоти олии ҳуқуқӣ надоранд, имконият пайдо намуданд, ки аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ диссертатсияҳои худро ҳимоя намоянд[1].

Тавре мушоҳида мешавад, камбудиҳои қонунгузорӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат карда наметавонанд, баръакс, инкишофи онҳоро халалор мекунанд. Хусусияти ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ (қонун, қарор, низомнома, оиннома ва ғ.) дар он аст, ки ба доираи васеи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ паҳн мешавад. Ҳама гуна меъёри ҳуқуқӣ, ки дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда мешавад, бо ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс робитаи бевосита дорад. Ифодаи нодурусти меъёр дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, таъмин накардани мутобиқати меъёр ба меъёрҳои санадҳои меъёрии эътиборашон баландтар, паҳн намудани меъёр ба муносибатҳои қаблан ҷойдошта, ки боиси вазнин гардидани ҳолати шаҳрвандон мегардад, ҳамчунин қабули санади меъёрии идоравӣ дар ҳолати баромадан аз доираи салоҳият, бо санадҳои меъёрии дохилиидоравӣ тағйир додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳолати ҷой надоштани салоҳияти ҳуқуэҷодкунии муассисаи дахлдор ва ҳолатҳои дигар ба танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат карда наметавонад, ҳуқуқҳои доираи васеи шаҳрвандонро халалдор мекунанд.

---

[1] Ниг.: Мицкевич И.М. Субъекты законотворчества: к вопросу о норморайтерах и не только // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 337. – С. 333-340.

Барои ҳамин, зарурат ба омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бештар эҳсос мегардад.

Яке аз омилҳои дигаре, ки зарурати ҷорӣ намудани ихтисоси навро талаб мекунад, бо вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлатҳои муосир, аз ҷумла дар давлатҳои пасошуравӣ дар давраи дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст. Раванди мазкур бо дарназардошти талаботи объективии ҳаёти ҷомеа ба роҳ монда шуда, айни замон боиси қабули миқдори зиёди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегардад. Табиист, ки миқдори аз ҳад зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ боиси ба миён омадани ихтилофоти байни онҳо ё байни меъёрҳои онҳо мегардад.

Илова бар ин, дар асарҳои илмӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон бештар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти марказии намояндагӣ, пеш аз ҳама парламент таҳқиқ карда мешавад. Айни замон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти маҳаллии намояндагӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, аз он ҷумла дар ташкилотҳои хусусӣ (ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ) низ вусъат ёфтааст. Агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии намояндагӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳоро (сарфи назар аз шакли моликият) ба инобат гирем, пас миқдори умумии ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (локалӣ, корпоративӣ ва ғ.) аз ҳад зиёд мешавад. Муайян намудани миқдори ҳамаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кори душвор аст, чунки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти марказӣ, маҳаллӣ, ташкилоту муассисаҳо ҳамарӯза идома дорад. Танҳо дар як Донишгоҳи миллии Тоҷикистон миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд. Ин гуна донишгоҳҳо ва дигар муассисаву ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ зиёданд.

Вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони Россия низ қарор дорад. Чунончи, ба ақидаи М.Л. Давидова ба сифати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти маҳаллӣ ва шахсони ҳуқуқӣ норасоӣ ё ба қадри кофӣ ҷалб нашудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ (ҳуқуқшиносони касбӣ) таъсири манфӣ мерасонад[2].

Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти васеъ буда, дар сатҳи мақомоти гуногуни давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, бо мақсади қабули намудҳои гуногуни санади меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Намудҳои ҳуқуэҷодкунӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Тартиби таҳия ва қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ аз ҳамдигар фарқ дорад. Салоҳияти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда низ гуногун аст. Ҳолати мазкур ҳангоми омода намудани мутахассисони ҳуқуқэҷодкунанда бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳолати мазкурро як қатор олимон ба инобат мегиранд. Чунончи, ба ақидаи С.В. Поленина ва Е.В. Скурко омода намудани норморайтерҳо бо

---

[2] Ниг.: Давыдова М.Л. Профессия нормоpайтера: массовость или элитарность? // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 359.

дарназардошти тафовути қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ бояд ба роҳ монда шавад[3].

Барои ҳамин, вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар фаъолияти ҳамаи субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда боиси қабули миқдори аз ҳад зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ихтилофоти имконпазири байни онҳо мегардад. Олимон бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда муътақиданд, ки омода намудани ҳуқуқшиносони касбӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккулу рушди низоми беихтилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат карда метавонад.

Раванди омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти равандҳои дар боло зикршуда бояд ба роҳ монда шавад. Ин мутахассисон бояд дониши васеи махсуси ҳуқуқӣ ва қобилияти истифодаи онро дар ҳамаи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда (марказӣ, маҳаллӣ, ташкилоту муассисаҳо ва ғ.) дошта бошанд. Ҳамин гуна ақидаро Д.А. Липинский, А.А. Мусаткина, С.М. Вопияшина пешниҳод мекунанд[4].

Раванди омода намудани ҳуқуқшиносони касбии соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми ҳуқуқии ин ё он давлат ба роҳ монда мешавад. Чунончи, вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ даҳсолаҳои охир дар ҳамаи давлатҳо мушоҳида мешавад. Ҳамзамон бо ин, дар як қатор давлатҳо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие амал мекунанд, ки якчанд аср пештар қабул шудаанд. Тавре В.В. Гриб қайд мекунад, дар Британияи Кабир ва Фаронса санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба мисли Хартияи бузурги озодӣ (с. 1215), Хабеас корпус акт (с. 1679), Бил оид ба ҳуқуқҳо (с. 1689) ва дигарҳо амал мекунанд. Дар давлатҳои дигар оид ба ҳамон як муносибатҳои ҷамъиятӣ якчанд санадҳои меъёрӣ қабул шуда, вале дар соҳаи алоҳида танзим карда намешаванд. Дар давлатҳои дигар миқдори зиёди санадҳои меъёрии қабулшуда мунтазам тағйир дода мешаванд[5]. В.В. Гриб аз асари яке аз муҳаққиқони нуқтасанҷи низоми ҳуқуқии ғарбӣ Г.Ҷ. Берман (“Западная традиция права: эпоха формирования”. – М.. 1988) чунин иқтибос меорад: “ҳуқуқи муосир “шавлаи” меъёрҳои бо ҳамдигар ихтилофдошта мебошад, ки бо ҳамдигар бо усулҳо, техника, технологияи умумӣ муттаҳид гардидаанд”[6].

Тавре В.М. Баранов таъкид мекунад, ҳоло зарурати омода намудани ҳуқуқшиносон “барои кор дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дорои дипломи намунаи дахлдор мебошанд[7]”, бештар эҳсос мегардад. Ба ақидаи ӯ “дар Россия гурӯҳи махсуси одамон, ки барои кор дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ омода карда шуда, дипломи махсус доранд, вуҷуд надорад. Ба ақидаи

[3] Ниг.: Поленина С.В., Скурко Е.В. Норморайтер в России как идея теории права, организационно-технический принцип в нормотворчестве, юридическая специализация // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 380-383.

[4] Ниг.: Липинский Д.А., Мусаткина А.А., Вопияшина С.М. О подготовке нормoрайтеров в свете существующих федеральных образовательных стандартов // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 366.

[5] Ниг.: Гриб В.В. Проблемы и перспективы становления профессии «нормoрайтер» в России // Сравнительная политика. – 2019. – Том 10. – № 3. – С. 106.

[6] Иқтибос аз асари ишорашудаи Гриб В.В. – С. 106.

[7] Баранов В.М. Нормoрайтер как профессия // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2017. – № 6 (119). – С. 16.

маъмулӣ ҳар кас метавонад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба роҳ монад: ғояҳои қонунгузориро пешбарӣ намояд, консепсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешниҳод намояд, лоиҳаи қарорҳои давлатиро омода намояд ва онро фаъолона ё беихтиёр ҳимоя намояд”[8].

Ҳуқуқшиносони касбиро, ки барои кор дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ омода карда шудаанд, М.В. Баранов “нормрайтер” (дар забони англисӣ – “legal rules writer”) меномад. Калимаи мазкур барои ифодаи фаъолияти касбии ҳуқуқшиносоне, ки меъёрро менависанд (матни санади меъёрии ҳуқуқиро шахсан менависанд) истифода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ касби мазкурро бо истилоҳи “меъёрнавис” ифода намудан мумкин аст. Айни замон ҳуқуқшиноси ҳуқуқэҷодкунанда танҳо бо навиштани меъёрҳо ё таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад. Ҳуқуқшиноси соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти таҳлилӣ (аналитикӣ), тафсирӣ, мураттабсозиро низ ба роҳ мемонад, чунки таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи пешниҳоди ғояи қонун ё санади дигар оғоз мегардад, таҳлили ҳаматарафаи шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, демографӣ ва дигари ҳаёти ҷомеаро, ки зарурати қабули қонун ё санади дигарро муайян мекунанд, талаб мекунад. Таҳияи лоиҳаи қонун ё санади дигар фаъолияти васеи тафсирӣ, муқоисаи санадҳои меъёрии амалкунанда, таҳлили ҳаматарафаи муносибатҳои ҷамъиятӣ (муносибатҳои танзимшуда ва танзимнашуда), эътимоднокии талаботи танзими ҳуқуқӣ, аниқ намудани предмети танзими ҳуқуқиро талаб мекунад.

Барои ифодаи касби ҳуқуқшиноси ҳуқуэҷодкунанда дар асарҳои илмӣ таклифҳои дигар низ пешниҳод мешаванд. Чунончи, Е.С. Шугрина дар асараш, ки соли 2001 нашр шуда буд, истилоҳи “ҳуқуқшинос-нормрайтер”-ро (дар забони англисӣ – “lawmakers”, “legal rules writer”) пешниҳод мекунад[9].

Дар давлатҳои хориҷӣ таҷрибаи омода намудани ҳуқуқшиносони ҳуқуқэҷодкунанда (“legal rules writer“) ташаккул ёфтааст. Дар ин бора Д.А. Липинский, А.А. Мусаткина, С.М. Вопияншина маълумот медиҳанд. Чунончи, дар сайти Мактаби ҳуқуқии Гарвард (ИМА) ҳадафи асосии нормрайтер ба таври зерин баён гардидааст: “Ҳадафи асосии нормрайтер – эҷод намудани матни қонуне мебошад, ки ба қонунгузорӣ мухолифат надорад, оммафаҳм мебошад, ба далелҳо асос меёбад, бо забони аниқи ҳуқуқӣ навишта шудааст, матне, ки дар он тавассути истинод алоқамандӣ бо дигар матнҳои ҳуқуқӣ (қонунҳо, моддаҳо, амсол) риоя карда мешавад”[10].

Намояндагони Раёсати хизмати соҳаи қонунгузории Вазорати адлияи Канада аз байни донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ шахсонеро, ки қобилияти кор бо лоиҳаи қонунро доранд, интихоб мекунанд. Ин

---

[8] Баранов В.М. Нормрайтер как профессия // Вестник Саратовской государственной юридической академии. – 2017. – № 6 (119). – С. 18.

[9] Ниг.: Шугрина Е.С. Техника юридического письма. 3-е изд. – М.: Дело, 2001. – С. 25.

[10] Липинский Д.А., Мусаткина А.А., Вопияшина С.М. О подготовке нормрайтеров в свете существующих ФГОС // Нормрайтер как профессия: материалы дискуссии. – М.: РГ-Пресс, 2019. – С. 75–84.

донишҷӯён пас аз хатми факултетҳо дар Вазорати адлияи Канада таълими иловагиро гузашта, минбаъд барои таҳрири матни лоиҳаи қонунҳо роҳхат мегиранд[11].

Ба иттилои Р.З. Рувинский барномаи омода намудани мутахассисони таҳиякунандаи матни ҳуҷҷати ҳуқуқӣ (англ. *legal writing*, фр. *l'écriture juridique*) дар донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ вуҷуд дорад. Айни замон мутахассисони мазкур на танҳо бо мақсади навиштани матни ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, балки бо дарназардошти таҳлил (legal analysis) ва таҳқиқи матни ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ (legal research) омода карда мешаванд. Чунин барнома ва тартиби омода намудани мутахассисон дар факултети ҳуқуқи Донишгоҳи Вашингтон (ш. Сиэтл, ИМА), Донишгоҳи Королинаи Ҷанубӣ (ш. Колумбия, ИМА), Донишгоҳи Калифорния (ш. Сакраменто, ИМА), Донишгоҳи Лавал (ш. Квебек, Канада) истифода мешавад. Мутахассисони меъёрнавис ё таҳиягарони меъёрҳо (legal writing) бо мақсади таҳияи (навиштани) матни ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, тафсири санадҳои меъёрӣ, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи судӣ омода карда мешаванд. Илова бар ин, дар забони англисӣ барои ифодаи мутахассисони меъёрэҷодкунанда истилоҳи "*rule-making*" (эҷодкунандаи қоидаҳо) истифода мешавад. Ҳамчунин, барномаҳои таълимӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Чунончи, дар доираи "Барномаи таълимӣ оид ба танзим", ки дар Донишгоҳи Пенсилвания (ИМА) истифода мешавад, омӯзиши фанҳои таълимии зерин пешбинӣ мешавад: "Сиёсати танзимӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ" (Regulatory Politics and Policymaking), «Танзими молиявӣ» (Financial Regulation), «Танзими бозори қоғазҳои қимматнок» (Securities Regulation), «Ҳуқуқ ва сиёсати таъминоти иҷтимоӣ» (Social Welfare Law and Policy)[12].

Тибқи маълумоти В.М. Баранов ягон мактаби олии Россия ҳуқуқшиносони касбии ҳуқуқэҷодкунанда ё норморайтерро омода намекунад. Чунончи, дар Институти қонунгузории Академияи давлатии ҳуқуқии Саратов 700 нафар донишҷӯ таҳсил мекунад, вале ба хатмкунандагон дипломи намунаи маъмулии ҳуқуқшинос дода мешавад. Барои хатмкунандагони магистратураи Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Россия, ки аз рӯйи ихтисоси "ҳуқуқэҷодкунӣ" таҳсил мекунанд, дипломи намунаи маъмулии ҳуқуқшинос дода мешавад. Дар Донишгоҳи давлатии таҳқиқотӣ-илмии Перм дар барномаи магистрии "Технологияҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ" омӯзиши фанҳои "Проблемаҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ", "Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", "Асосҳои лингвистикаи ҳуқуқӣ" пешбинӣ мешавад. Вале омӯзиши фанни асосии "Техникаи ҳуқуқӣ" дар назар дошта намешавад. Дар дигар донишгоҳҳо низ барои донишҷӯёне, ки барномаҳои фаъолияти

---

[11] Ниг.: Шапделен Ж.-П. Подготовка студентов – будущих профессиональных составителей законодательных текстов // Юридическая техника. – 2009. – № 3. – С. 49-50.

[12] Ниг.: Рувинский Р.З. «Моторизованные законы»: почему не нужна профессия норморайтера // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 472.

ҳуқуқэҷодкуниро азхуд мекунанд, дипломи намунаи махсус дода намешавад[13].

Фаъолияти ҳуқуэҷодкунӣ аз ҳамаи дигар ихтисосҳо бо хусусиятҳояш фарқ мекунад. Дар давраи шуравӣ омода намудани мутахассисони ҳуқуқэқодкунанда (нормрайтер) пешбинӣ нашуда буд. Дар даҳсолаи аввали давраи пасошуравӣ дар ҳамаи донишгоҳҳои давлатҳои пасосотсиалистӣ таваҷҷуҳи аввалиндарача ба омода намудани умуман ҳуқуқшиносони давраи нав дода мешуд, чунки ташаккули низоми нави ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ҳаминро талаб менамуд. Дар асарҳои Д.А. Керимов, А.С. Пиголкин, М.Н. Марченко, В.С. Нерсесянс, С.В. Поленина, О.А. Гаврилов ва дигарон, ки дар ин давра нашр мешаванд, ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониши касбии иштирокдорони раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби мутахассисон ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини эътимоднокии илмии лоиҳаи қонунҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Д.А. Керимов таҳияи қонунро бо “кашфиёти нав дар илм” баробар мекунад[14].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ сол ба сол вусъат меёбад. Бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ микдори  зиёди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул мешаванд, ба онҳо мунтазам тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд. Дар натиҷаи ба миён омадани ихтилофоти зиёд байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба талабот ҷавоб надодани сифати қонунҳо, самаранокии нокифояи танзими ҳуқуқӣ олимон ба масъалаи омода намудани гурӯҳи махсуси ҳуқуқшиносони ҳуқуқэҷодкунанда таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд.

Дар робита бо ин, таҳқиқи мақоми мустақили ихтисоси “фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ”, тартиби омода намудани мутахассисони ҳуқуқэҷодкунанда (барномаҳо, фанҳои таълимӣ), хусусиятҳои ихтисоси мазкур оғоз мешавад. Ҳамаи ин масъалаҳо дар робита бо ҳадафҳо, вазифаҳо ва хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ омӯхта мешаванд, чунки ҳама гуна самти тахассус бо дарназардошти хусусиятҳои самтҳои дахлдори фаъолияти касбии ҳуқуқшиносӣ омӯхта мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳое дорад, ки бо ҳадафҳои стратегии давлат, манфиатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон робитаи бевосита доранд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки на танҳо натиҷаи бевоситаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, балки маҳсули кори зеҳнӣ, эҷодии муаллифони (таҳиягарони) лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, заминаи ҳуқуқии роҳандозии ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлат, шакли қонунии ҳимояи манфиатҳои миллӣ буда, механизми ҳуқуқии амалигардии

---

[13] Ниг.: Баранов В.М. Асари ишорашуда. – С. 18.

[14] Ниг.: Законодательство Российской Федерации: теоретические вопросы, проблемы и перспективы. «Круглый стол» журнала // Государство и право. – 1992. – № 10. – С. 5; Керимов Д.А. Культура и техника законотворчества. – М.: Юридическая литература, 1991. – С. 3; Поленина С.В., Гаврилов О.А., Колдаева Н.П., Скурко Е.В. Некоторые аспекты развития правотворчества в России // Правовая политика и правовая жизнь. – 2006. – № 1. – С. 12; Марченко М.Н. Правовые системы социалистических и постсоциалистических стран // Проблемы теории государства и права: учебник / Под ред. М.Н. Марченко. – М.: Юристъ, 2002. – С. 540; Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Норма, 2010. – С. 42.

ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистонро дар доираи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул медиҳанд. Аз сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа пайдо мешаванд, вобастагӣ дорад. Сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ аз сатҳи дониши касбии ҳуқуқӣ, маҳорат ва истеъдоди таҳиягарони лоиҳаи хар як санади меъёрии ҳуқуқӣ (меъёрнависон ё нормрайтерҳо) вобаста аст.

Илова бар ин, ҳуқуқэҷодкунӣ кори мураккаб буда, ҳисси баланди масъулияти ҳар як таҳиягари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунад, чунки қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба доираи васеи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ паҳн мешавад, бо ҳуқуқу манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ робита дорад, барои қонеъ гардидани эҳтиёҷот ва ниёзи ҳолӣ мусоидат карда метавонад, тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуниятро таъмин мекунад.

Олимони зиёд ба хусусиятҳои фаъолияти меъёрэҷодкунӣ ҳамчун кори вазнин ишора мекунанд. Тавре, Т.Н. Москалкова ва В.В. Черников қайд мекунанд, меъёрэҷодкунӣ фаъолияти эҷодӣ оид ба ифодаи техникӣ-ҳуқуқии предмети танзими ҳуқуқӣ буда, яке аз соҳаҳои вазнини кори ҳуқуқӣ мебошад[15].

Меъёрэҷодкунӣ дар заминаи техникаи ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Айни замон як қатор олимон дуруст қайд мекунанд, ки омӯзиши техникаи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи вазифаи мураккаб ва душвор дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ мебошад[16], чунки ба ташаккули маҳорати касбии ҳуқуқшинос равона карда мешавад[17].

Маълум аст, ки ташаккул додани маҳорати касбии ҳуқуқшиносон, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунандагон меҳнати зиёдро талаб мекунад, чунки раванди мазкур аз як тараф аз сифати таълим, маҳорати устодон, сифати барномаҳо ва маводи таълимӣ, пурра азхуд намудани барномаи таълимӣ вобастагӣ дорад. Аз тарафи дигар маҳорати касбии ҳуқуқэҷодкунандагон танҳо бо таҳсилоти назариявӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ маҳдуд нашуда, бештар дар ҷараёни фаъолияти касбӣ дар мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ёфта, дар робита бо таҷрибаи корӣ мунтазам такмил меёбад.

Дар ин бора олимон ақидаашонро иброз намудаанд. Чунончи, ба ақидаи Г.В. Малтсев "меъёрэҷодкунӣ яке аз намудҳои вазнини фаъолияти иҷтимоӣ мебошад" ва "таълими ҳаматарафа, сатҳи баланди омодагӣ, таҷрибаи кофиро талаб мекунад"[18].

---

[15] Ниг.: Москалькова Т.Н., Черников В.В. Нормотворчество. 2-е изд., доп. и испр. – М.: Проспект, 2018. – С. 55, 72.
[16] Ниг.: Хазова О.А. Искусство юридического письма. 2-е изд., испр. и доп. – М.: Юрайт, 2012. – 181 с.; Шугрина Е.С. Техника юридического письма. 3-е изд. – М.: Дело, 2001. – 272 с.
[17] Ниг.: Воскобитова Л.А. Профессиональные навыки юриста: опыт практического обучения. – М.: Дело, 2001. – 416 с.; Богданова И.С., Хорошев И.А., Шевченко И.А. Профессиональные навыки юриста. Техники решения профессиональных юридических задач: учебно-практическое пособие. – М.: Проспект, 2016. – 120 с.; Профессиональные навыки юриста: уч. и практикум для прикладного бакалавриата / М.В. Немытина и др. – М.: Юрайт, 2018. – 211 с.
[18] Мальцев Г.В. Социальные основания права. – М.: Норма – ИНФРА-М, 2011. – С. 748.

Ин ақидаҳо қобили дастгирӣ мебошанд, чунки техникаи ҳуқуқӣ фанни таълимии душвор, мураккаб, бештар амалӣ буда, азхуд намудани он дониши назариявӣ ва махсуси амалиро талаб мекунад. Техникаи ҳуқуқӣ фанни ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ буда, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ барои таъмини сифати қонун, аз ҷумла сифати гуманитарии қонун нақши ҳалкунанда дорад[19]. Дар натиҷаи омӯзиши ҳаматарафаи техникаи ҳуқуқӣ маҳорати касбии ҳуқуқшинос бояд ташаккул ёбад. Айни замон сатҳи маҳорати касбӣ дар байни хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ гуногун аст, ба мисли он, ки қобилият ва истеъдоди шахс бештар аз сифатҳои шахсӣ вобастагӣ дорад. Ба ин нигоҳ накарда, талаботи умумии тахассусӣ ба хатмкунандагони факултети ҳуқуқшиносӣ ҷой дорад. Риояи он имконият медиҳад, ки маҳорати касбии ҳуқуқшиносон дар доираи барномаи махсуси таълимӣ ташаккул дода шавад.

Илова бар ин, маҳорати касбии таҳиягарони лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолияти амалӣ бештар ташаккул меёбад. Аз ин хотир, бештари олимон бар ақидаанд, ки меъёрнавис (норморайтер) бояд таҷрибаи кофии корӣ дошта бошад. Талаботи мазкур дар таҷрибаи хориҷӣ риоя карда мешавад.

Ба ақидаи В.М. Баранов барои омода намудани ҳуқуқшиносони касбӣ аз рӯйи ихтисоси "ҳуқуқэҷодкунӣ" амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур аст: ҷорӣ намудани стандарти умумии таҳсилотӣ (шиносномаи ихтисос); маҷмуи талаботи тахассусии пешниҳодшаванда ба мутахассисони ҳуқуқэҷодкунанда (доштани дониши умумии ҳуқуқӣ, дониши махсуси соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қобилият ва истеъдоди кор дар соҳаи мазкур, омодагии равонӣ); азхуд намудани фанҳои таълимии умумии ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ихтисоси номбурда (масалан, бо дарназардошти ҳуқуқэҷодкунии судӣ, иштироки прокурор дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҷорӣ намудани фанҳои нави таълимӣ оид ба методологияи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷрибаи байналмилалии ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, экспертизаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва диг.); ташкил намудани раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқэҷодкунандагон дар муассисаҳои бонуфузи таҳсилотӣ бо қабули шумораи хурди донишҷӯён (аз 30 то 60 нафар); ҳавасмандгардонии донишҷӯёне, ки бо ихтисоси мазкур таҳсил мекунанд, аз ҷумла тавассути кафолати таъмини ҷойҳои кор дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ; манфиатдор будани мақомоти давлатӣ ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ[20].

---

[19] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Прикладные и теоретические аспекты развития юридической техники // Законодательство. – Душанбе: Национальный центр законодательства. – 2015. – № 2 (18). – С.4-10; Сативалдыев Р.Ш. Критерии качества закона // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 2/8. – С. 133-142.
[20] Ниг.: Баранов В.М. Асари ишорашуда. – С. 20-28.

В.В. Кожевников таклифи В.М. Барановро оид ба омода намудани норморайтерҳо дар донишгоҳҳои бонуфуз, аз он ҷумла бо ҷалби кормандони таҷрибадори амалӣ дастгирӣ мекунад[21].

А.В. Малко ва В.В. Трофимов норморайтерро субъекти асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморанд, чунки сиёсати мазкур аз тарафи мутахассисони касбӣ бо мақсади ташаккулу инкишофи низоми муташаккилонаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад[22].

С.В. Кодан зарурати омода намудани ҳуқуқшиносони касбии ҳуқуқэҷодкунандаро бо омилҳои зерин исбот мекунад: ҳама гуна ҳуҷҷати ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ва зеҳнии шахси муайян аст; таҳияи ҳуҷҷати ҳуқуқӣ аз шахс дониш, маҳорат, истеъдодро дар ин соҳа талаб мекунад; саҳми шахсии муаллифи лоиҳаи ҳуҷҷати ҳуқуқӣ; саҳми таърихии доираи муайяни ҳуқуқшиносони намоён, ки дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ҳуҷҷатҳои таърихии ҳуқуқиро (конститутсия, қонун, кодекс ва ғ.) омода намудаанд; саҳми таърихии ҳуқуқшиносони намоён, сарфи назар аз он, ки пештар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бо номи императорон ва подшоҳон қабул мешуданд (Кодекси Юстиниан, Кодекси Наполеон ва диг.); нақши ҳалкунандаи муаллифони муайяни лоиҳаи қонунҳо, кодексҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар таъмини самаранокии онҳо[23]. С.В. Кодан маълумоти зиёди таърихиро оид ба ҳуқуқшиносоне, ки дар таҳияи ҳуҷҷатҳои таърихӣ саҳм гузоштаанд, зикр мекунад. Чунончи, Кодекси Наполеон аз ҷониби ҳуқуқшиносони намоёни Фаронса Ф.Д. Тронша, Ф.Б. Билго де Преамене, Ж.Э.М. Порталис ва дигарон таҳия шудааст.

Нуқтаи назари С.В. Кодан оид ба саҳми шахсӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қобили дастгирист. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ҳуқуқшиносони намоён дар таҳияи ҳуҷҷатҳои таърихӣ саҳми ҳалкунанда доштанд. Вале ин ҳуҷҷатҳои таърихӣ бо номи императорон ва подшоҳон қабул шуда, бо ҳамин ном дар сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ асрҳои тӯлонӣ истифода мешаванд. Дар натиҷа ба номи ҳуқуқшиносоне, ки муаллифи аслии ин ҳуҷҷатҳои таърихӣ буданд, ягон ишора карда намешавад. Дар асл ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ маълум аст, маҳсули фаъолияти эҷодии ҳуқуқшиносон мебошад. Ҳамаи ин аз он далолат мекунад, ки ҳуҷҷатҳои таърихӣ аз тарафи ҳуқуқшиносони дорои дониш, қобилият ва истеъдоди баланд таҳия шудаанд.

Илова бар ин, ҳуҷҷатҳои таърихии ҳуқуқӣ (Кодекси Юстиниан, Кодекси Наполеон, Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса ва диг.) нуфузи баланд дошта, дар танзими ҳаёти ҷомеа нақши ҳалкунанда

---

[21] Ниг.: Кожевников В.В. Норморайтер как будущая юридическая профессия // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 408-409.

[22] Ниг.: Малько А.В., Трофимов В.В. Норморайтер как центральный субъект правовой политики // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 362.

[23] Ниг.: Кодан С.В. Норморайтерство и норморайтер: исследовательская проекция изучения (заметки на полях статьи В.М. Баранова) // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 355-377.

бозиданд. Як қатор ҳуҷҷатҳои таърихӣ то ба ҳол нуфузашонро нигоҳ медоранд.

Ҳамин гуна ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон низ қабул шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳои таърихӣ (Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва диг.) ҳамчун ҳуҷҷатҳои (сарчашмаҳои) таърихии ҳуқуқ маълум буда, айни замон ба муаллифони бевоситаи онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намешавад. Ин ва дигар ҳуҷҷатҳои таърихӣ бо риояи дақиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ (ифодаи мазмун ва шакли ҳуҷҷат, ифодаи мантиқии меъёрҳо, ифодаи сохти дохилии ҳар як меъёр, оммафаҳм будани меъёр ва диг.) таҳия шудаанд. Ин аз маҳорати баланди касбии таҳиягарони сарчашмаҳои таърихӣ далолат мекунад. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ шахсоне, ки дониш, маҳорат, истеъдоди ҳуқуқӣ доштанд, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои таърихии ҳуқуқ саҳм гузоштаанд.

Дар доираи мақолаи мазкур таҳлили васеи техникӣ-ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои таърихӣ аз имкон берун аст. Бо вуҷуди ин, таҳлили васеи онҳо вазифаи олимони ватанӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки саҳми ҳуқуқшиносон ё шахсоне, ки донишу маҳорати ҳуқуқӣ доштанд, дар таҳияи сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ дар сарзамини таърихии тоҷикон муайян карда шавад.

Тавре С.И. Муромсев, қайд мекунад, дар давраи қадим ва асрҳои миёна нафароне, ки дониши мукаммали ҳуқуқӣ доштанд, сарфи назар аз ташаккули парламенти касбӣ, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (асосан тавассути мутобиқ намудани одатҳо ба шароити нав ё эҷоди меъёрҳои нав дар раванди тафсири сарчашмаҳои динӣ) иштирок менамуданд. Дар давлатҳои муосир мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла мақомоти қонунгузор таъсис дода мешаванд. Аммо дар парламентҳои муосир ҳангоми баррасии қонунҳо доираи муайяни вакилоне иштирок мекунанд, ки дониши ҳуқуқӣ (таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ) надоранд, ҳол он ки қонунҳои муосир бо риояи талаботи техникаи ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд. Дониши техникӣ-ҳуқуқиро ҳуқуқшиносон доранд. Айни замон муаллиф қайд мекунад, ки ҳалли ҳамаи мушкилиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо тавассути норморайтерҳо (меъёрнависон ё мутахассисони ҳуқуқэқодкунанда – Ш.Р.), балки дар робита бо таҳаввули низоми сиёсӣ ва ҳуқуқӣ имконпазир мегардад[24].

М.В. Баранова, зарурати омода намудани мутахассисони касбии соҳаи ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти робитаи устувор байни ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла забони ҳуқуқӣ ва фарҳанги забон исбот мекунад. Ба ақидаи ӯ забони ҳуқуқӣ ҷузъи фарҳанги забон буда, хусусиятҳои худро дорад ва барои ифодаи падидаҳои ҳаёти ҷомеа бо истилоҳоти ҳуқуқӣ истифода мешавад. Айни замон на ҳамаи шаҳрвандон бо забони ҳуқуқӣ шиносанд. Танҳо ҳуқуқшиносони касбӣ хусусиятҳои забони ҳуқуқиро дар фаъолияти худ ба инобат мегиранд. Илова бар ин,

[24] Ниг.: Муромцев Г.И. Нормарайтер: проблема глубже и сложней // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2018. – № 2 (42). – С. 378-379.

таҳияи матни қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ дониши кофии ҳуқуқӣ, қобилияти ифодаи мафҳумҳои гуногунро бо истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ талаб мекунад. Бо ин мақсад омода намудани нормрайтерҳо мувофиқи мақсад аст[25].

Ҳамчунин, М.В. Баранова, зарурати омода намудани мутахассисони ҳуқуқэҷодкунандаро бо дарназардошти аҳаммияти пешгӯӣ намудани рушди қонунгузорӣ муайян мекунад. Дар ин замина таклиф пешниҳод мешавад, ки мутахассисони мазкур бояд қобилияти пешгӯӣ намудани самтҳои рушди қонунгузориро дошта бошанд[26].

П.В. Василев, таклиф пешниҳод мекунад, ки стандарти таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисоси "нормрайтер" ҷорӣ карда шавад. Стандарти мазкур бо дарназардошти мустақилияти ихтисос ва бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон бояд татбиқ гардад. Мақомоти дахлдор (мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, шахсони ҳуқуқии хусусӣ, ташкилоту муассисаҳо), ки ҳамчун корфармо баромад мекунанд, бояд аз ин ихтисос хабардор ва дар он манфиатдор бошанд[27].

С.М. Воробёв таклифи В.М. Барановро, оид ба омода намудани "нормрайтерҳо" дастгирӣ намуда, айни замон таклиф пешниҳод мекунад, ки ба ҷойи истилоҳи "нормрайтер", ки дар заминаи калимаи англисӣ пешниҳод шудааст, истилоҳи "технологи ҳуқуқӣ" ("юртехнолог") бояд истифода гардад. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки дар стандарти таҳсилотӣ омӯзиши фанҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла "Техникаи ҳуқуқӣ", "Этикаи меъёрэҷодкунӣ", Масъулияти нормрайтер" ва дигар бояд пешбинӣ гардад[28].

Т.А. Москалкова, зарурати омода намудани мутахассисони меъёрэҷодкунандаро (нормрайтерро) бо он собит менамояд, ки дар ҳолатҳои муайян матни санади меёрии ҳуқуқиро шахсоне таҳия мекунанд, ки маълумоти касбии ҳуқуқӣ надоранд, ҳол он ки дар ин кор ҳуқуқшиносони дорои маълумоти махсуси ҳуқуқии касбӣ (нормрайтерҳо) бояд ширкат варзанд[29].

Следует также учитывать цели правовой политики. В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2015 года определена следующая национальная цель: укрепить социальную и политическую стабильность, достичь экономического благосостояния и социального благополучия народа Таджикистана в условиях главенства принципов рыночной экономики, свободы, человеческого достоинства и равных возможностей для реализации потенциала каждого. Согласно данному документу, эффективное и прозрачное государственное управление, справедливое общество, обеспечивающее защиту и человеческое развитие, устойчивый экономический рост являются основными составляющими данной цели. В документе конкретизированы также цели развития системы образования и науки, системы здравоохранения, социальной защиты населения, расширения доступа населения к водоснабжению, санитарии и жилищно-коммунальному

---

[218] Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики. Правоведение, 1998. № 4.

хозяйству, обеспечения экологической устойчивости, гендерного равенства.

Приоритеты правовой политики характеризируются следующими сущностными свойствами. Они, во-первых, определяются в рамках социальных ценностей, формирующиеся в сфере общественного сознания, на философском, общемировоззренческом уровне. Во-вторых, их предопределяющую основу составляют определенные ориентиры поступательного и прогрессирующего развития общества. В-третьих, приоритеты правовой политики определяются исходя из тех задач тактического и стратегического характера, которые становятся актуальными и злободневными в определенный отрезок времени, а также проблем, требующих скорейшего разрешения на основе использования комплекса мер и средств организационного, экономического, финансового и иного характера, включая юридический инструментарий. В-четвертых, приоритеты правовой политики являются динамичными, изменяющимися по своему содержанию и направленности на различных этапах общественного развития.

На динамику и выбор приоритетов правовой политики влияют современные глобальные вызовы, цели средства разрешения глобальных проблем человечества, противодействия военным, экстремистским и иным угрозам. В-пятых, приоритеты правовой политики начинают выходить за рамки национальных границ и все больше пронизывают сферу внешней политики.

Выстраивание правовой политики в Республике Таджикистан должно осуществляться с учетом ее особого геополитического положения, возникших за последние десятилетия экономических, энергетических, сырьевых и иных проблем, которые в совокупности повышают риск глобализационного воздействия. В таких условиях защита национальных интересов (экономических, политических, духовных и др.) становится приоритетом правовой политики в Республике Таджикистан. Правовая политика в республике должна быть направлена на то, чтобы минимизировать глобальные вызовы, внутренние и региональные угрозы (терроризм, политический и религиозный экстремизм, распространение исламского радикализма, влияние «арабской весны» и др.).

Защита национальных интересов является делом принципиальной важности не только в Таджикистане, но и других странах. Как пишет Т.Я. Хабриева: «Для России, вступившей в XXI век, который все чаще называют эпохой глобализации, в условиях международных и внутренних вызовов и даже угроз, законодательными приоритетами становятся национальные интересы, понимаемые как жизненные интересы народа России, отражающие стремление граждан к обеспечению стабильного и устойчивого развития общества и минимизации (ликвидации) этих угроз»[219].

[219] Хабриева Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России // Журнал российского права. – 2005.

В последние годы в Таджикистане приняты программные документы и нормативные правовые акты, которые служат основанием для выстраивания отдельных направлений правовой политики. Так, в целях определения перспектив развития законодательства принята Концепция прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан, которая утверждена Указом Президента Республики Таджикистан 19 февраля 2011 года. Согласно указанной Концепции приоритетными направлениями развития законодательства являются: повышение уровня и качества законов и их эффективная реализация в общественной жизни в целях защиты прав и свобод личности, государственного суверенитета, национальных интересов и безопасности, целостности государства; обеспечение верховенства закона, соответствия законов Конституции, повышение правовой культуры, развитие демократических институтов, усиление борьбы с преступностью, устранение противоречий в законодательстве, повышение качества закона, приведение законодательства республики в соответствие с международными правовыми актами, мониторинг нормативных правовых актов. В целях реализации данной Концепции постановлениями Правительства Республики Таджикистан утверждены ряд государственных программ в различных сферах (государственное устройство, безопасность, гражданское и предпринимательское законодательство и др.).

В гражданском обществе субъектами правовой политики выступают также граждане и их общественно-политические объединения. Активизация институтов гражданского общества при выстраивании и реализации правовой политики имеет первостепенное значение. Тому примером служит опыт всенародного обсуждения проектов ряда законов в Таджикистане. Так, в ходе всенародного обсуждения проекта Закона Республики Таджикистан «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов», которое продолжалось свыше двух месяцев, гражданами были внесены более 20 тыс. предложений. В обсуждении проекта Закона «Об ответственности родителей в обучении и воспитании детей» приняло участие более 2 млн. граждан. В процессе обсуждения проекта Закона более 80 государственных органов, сотни предприятий и организаций, 11 тыс. граждан в письменной форме обратились в законодательный орган по поводу отдельных положений проекта Закона. Восемь тыс. предложений граждан и организаций были полностью или частично учтены при доработке проекта Закона. 8 апреля 2011 года окончательный проект Закона был доработан в ходе его обсуждения с представителями общественности с участием Президента.

Правовая политика находит отражение также в посланиях Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли республики. Так, в Послании Президента 16 апреля 2005 года были определены приоритеты политики государства в сфере правотворчества: защита прав и свобод личности, экономическое и финансовое обоснование проектов законов, обеспечение системности нормативных правовых актов на основе верховенства закона, обеспечение конституционной законности, учет

средств и способов правового регулирования частнособственнических отношений, уменьшение числа ведомственных нормативных правовых актов. Цели и приоритеты правовой политики в различных сферах (образование, здравоохранение, национальное единство, правоприменение, борьба с преступностью, коррупцией, и др.) нашли отражение в других посланиях главы государства.

Большое значение для оптимизации правовой политики имеет Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» (2017 г.), который раскрывает принципы правотворческой деятельности, определяет субъекты правотворчества, систему нормативных правовых актов, дает характеристику видам нормативных правовых актов. Отдельные главы Закона затрагивают вопросы правотворческой техники, действия нормативного правового акта во времени, в пространстве и по кругу лиц, порядок официального толкования нормативного правового акта, способы разрешения коллизий, порядок государственного учета и регистрации нормативных правовых актов.

Одним из направлений правовой политики Таджикистана является кадровая политика, нацеленная, в частности, на подготовку юридических кадров высокой квалификации, модернизацию образовательной политики, усиление информационной и технологической составляющих образовательной политики, повышение познавательного уровня в сфере овладения международной юридической практикой с учетом перспектив разрешения юридических дел в международных судебных органах, подготовку программистов с правовым знанием, готовых к работе в условиях усложнения правового информационного потока, угрозы национальной информационной безопасности, внедрения информационных технологий в сфере юридической деятельности, в частности, эталона банка данных нормативных и иных правовых актов, информатизации судебной, следственной, процессуальной, оперативно-розыскной деятельности, информационной базы данных в сфере борьбы с преступностью и др.

Неотложными задачами правотворческой политики являются модернизация правотворческой политики, обновление законодательства, его приспособление к нормам и принципам международных правовых актов при сохранении и защиты приоритетов правовой политики, пересмотр массива нормативных правовых актов республики с целью ее приспособления к требованиям и нормативным установлениям ВТО, внедрение информационных технологий в сферу правотворчества и др.

Одним из приоритетных направлений правовой политики Республики Таджикистан является юридической обеспечение защиты национальных интересов в условиях расширения глобализации, осложнения глобальных проблем (энергетической, демографической, экологической, сырьевой и др.) и новых глобальных вызовов. Оно охватывает также сферу правообразования, правотворческой, законотворческой, правореализующей, правоприменительной, правоинтерпретационной деятельности.

Совершенствование государственного управления, предпринятое в Таджикистане, должно быть направлено на создание эффективного государства, приспособленного для решения стратегических задач, озвученных неоднократно в посланиях и выступлениях Президента Республики Таджикистан и получивших официальное оформление

**Литература:**


1. Баренбойм П. Экономической реформе нужна новая правовая политика правительства // Советская юстиция. – 1993. – № 4. – С. 9-10.
2. Гаврилов О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование. – М., 1993.
3. Рыбаков О.Ю. Российская правовая политика в сфере защиты прав и свобод личности: вопросы теории. Дисс. … докт. юрид. наук. – Саратов, 2005
4. Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики. Дисс. … докт. юрид наук. – Ростов-на-Дону, 2004.
5. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь // Правовая политика и правовая жизнь. – 2000. Ноябрь
6. Кодан С.В. Юридическая политика Российского государства // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский. – М.: Норма, 2006.
7. Основы новейшей государственности / З.М. Алиев, М. Диноршоев, А.С. Достиев, М. Илолов, Р. Масов и др. – М.: Радуница, 2002
8. Махмудов М.А., Сативалдыев Р.Ш. Законодательная инициатива Президента Республики Таджикистан и ее значение в развитии суверенного государства. – Душанбе: «Эр-граф», 2011
9. Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики. Правоведение, – 1998. № 4.
10. Хабриева Т.Я. Национальные интересы и законодательные приоритеты России // Журнал российского права. – 2005.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ИНЪИКОСИ ПАДИДАҲОИ АДОЛАТ, ҲУҚУҚ, ҚОНУН ВА ҶАЗО ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

**Майнусов Дониш Фазлиддинович,**
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқӣ
**Email:** Donish-1987@mail.ru.
**Тел.:** 93-444-44-71

**Мушовири илмӣ: Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**Муқарриз: Шокиров Ғ.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масоили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии инъикоси падидаҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо дар «Шоҳнома» дар заминаи сарчашмаҳои таърӣ, адабӣ ва ҳуқуқӣ бо фарогирии ғояҳои пазируфташуда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ яке аз асосарҳои бунёдии адабӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафие мебошад, ки барои доираи васеи муҳаққиқони соҳаҳои болозикр ҳамчун сарчашмаи таҳқиқи минбаъда баромад менамояд.

Абулқосим Фирдавсӣ тавассути тасвири адолат, ки ҳамчун пояи ҳокимият ва воситаи мубориза бо зулм тасвир шудааст, ва қонун, ки асоси тартиботи иҷтимоӣ ва ҳалли низоъҳо мебошад, арзишҳои иҷтимоии замони худро ба таври барҷаста нишон медиҳад. Ҳамчунин, масъалаи ҷазоро ҳамчун унсури муҳими ҳифзи қонун ва адолат таъкид менамояд.

**Калидвожаҳо:** Шоҳнома, адолат, ҳуқуқ, қонун, ҷазо, танбеҳ, қонунгузорӣ, падидаҳои ҳуқуқӣ, ҳокимият.

# НЕКОТОРЫЕ ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ И ТЕОРЕТИКО ПРАВОВЫЕ ВОПРОСЫ ОТРАЖЕНИЯ ЯВЛЕНИЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ, ПРАВА, ЗАКОНА И НАКАЗАНИЯ В «ШАХНАМЕ» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ

**Майнусов Дониш Фазлиддинович**,
Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат филологических наук, доцент, докторант кафедры теории и истории государства и права
**Тел.:** 93-444-44-71

**Email:** Donish-1987@mail.ru

**Научный консультант:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Шокиров Г.А., доктор юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются историко-правовые и теоретико-правовые аспекты отражения явлений справедливости, права, закона и наказания в «Шахнаме» на основе исторических, литературных и правовых источников с учетом общепринятых идей. «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси является одним из фундаментальных литературных, политических, правовых и философских произведений, которое служит источником для дальнейших исследований в этих областях для широкого круга ученых.

Абулкасим Фирдоуси посредством изображения справедливости как основы власти и средства борьбы с угнетением, а также закона как основы общественного порядка и разрешения конфликтов, ярко демонстрирует социальные ценности своего времени. Кроме того, особое внимание уделяется наказанию как важному элементу защиты закона и справедливости.

**Ключевые слова:** Шахнаме, справедливость, право, закон, наказание, наказ, законодательство, правовые явления, власть.

## HISTORICAL-LEGAL AND THEORETICAL-LEGAL ASPECTS OF THE REFLECTION OF JUSTICE, LAW, LEGISLATION, AND PUNISHMENT IN ABU'L-QASIM FIRDAWSI'S "SHAHNAMA"

**Mainusov Donish Fazliddinovich**,
Tajik state university of law, Business and politics, Candidate of Philological sciences, Associate professor, doctoral student of the department of theory and history of state and law
**Tel.:** 93-444-44-71
**Email:** Donish-1987@mail.ru

**Scientific Advisor**: Azizzoda U.A., doctor of legal sciences, professor
**Reviewer**: Shokirov G.A., doctor of legal sciences, associate professor

**Abstract:** This article examines the historical-legal and theoretical-legal aspects of the reflection of the phenomena of justice, law, legislation, and punishment in "Shahnama". The analysis is conducted based on historical, literary, and legal sources, covering established ideas.

Abu'l-Qasim Ferdowsi's "Shahnama" is one of the fundamental literary, political, legal, and philosophical works that serves as a significant source for further research by scholars in the aforementioned fields.

Through the depiction of justice as the foundation of governance and a means of combating oppression, and law as the basis of social order and conflict resolution, Abu'l-Qasim Ferdowsi vividly demonstrates the social values of his time. He also highlights punishment as an essential element for the protection of law and justice.
**Keywords**: Shahnama, justice, law, legislation, punishment, admonition, legislation, legal phenomena, governance.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, яке аз муҳимтарин осори ҳамосии адабиёти ҷаҳон, бо насли оянда аз тамаддуни гузашта робитаи пойдорро фароҳам овардааст. Ин асари гаронбаҳо на танҳо таърихи қаҳрамонон ва подшоҳони Эронзаминро инъикос мекунад, балки тавассути забони шоирона масъалаҳои амиқи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро низ баррасӣ менамояд[220].

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» на танҳо ҳодисаҳои таърихӣ ва достонҳои афсонавиро ба риштаи назм кашидааст, балки ба арзишҳои инсонӣ ва ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Ин мафҳумҳо, ки реша дар фарҳанг ва ҷаҳонбинии даврони бостонӣ доранд, ба таври равшан дар ҳикояҳои гуногун зоҳир мегарданд. Аз ҷумла, мафҳумҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо ҳамчун рукнҳои асосии сохтори иҷтимоӣ ва ҳокимият баён шуда, муҳимияти онҳоро барои пойдории ҷомеа нишон медиҳанд.

Бо таваҷҷуҳ ба таъсири бузурги ин асар дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни мардумони тоҷику форс, таҳқиқи мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар он на танҳо барои фаҳмидани амиқи матн, балки барои омӯзиши решаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷомеаҳои қадимӣ низ муҳим аст.

Бо ин назардошт Абулқосим Фирдавсӣ дар заминаи инъкос намудани равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бештар аз нуқтаи назари омирона нигариста дар ин минвол кӯшидааст, ки маҳс сиёсати  ҳуқуқии давраи фарогири асари худ «Шоҳнома»-ро бо падидаҳои калидӣ ба монанди «адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо» рравшан намояд. Албатта, ҳолати мазкур заминагузорӣ менамояд, ки ба таври институтсионалӣ паҳлӯҳои ҳуқуқуқиву таърихии маҳз падидаҳои болоззикрро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор  дода бошем.

### ***Инъикоси «Адолат» дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ***

Адолат мафҳуми васеъест, ки ба принсипҳои баробарӣ, инсоф, ҳақиқат ва муносибати одилона дар ҷомеа ишора мекунад. Адолат асоси ахлоқ, қонун ва ҳаёти иҷтимоӣ буда, ба ҳар шахс ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар медиҳад. Адолат яке аз асоситарин мафҳумҳое мебошад, ки дар «Шоҳнома» ба он таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Фирдавсӣ адолатро ҳамчун пояи асосии устувории ҳокимият ва ҷомеа мебинад ва нишон медиҳад, ки беадолатӣ сабаби аз байн рафтани давлат ва миллатҳо мегардад[221].

---

[220] Бертельс, Е.Э. Фирдавсй и его бессмертный Шахнаме. – Москва: Наука, 1962. – С. 87-90.

[221] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 1. – С. 52.

Боиси тазаккури хос мебошад, ки достони Сиёвуш, низ яке аз ҳикояҳои пурмуҳтавои «Шоҳнома» буда, адолатро ҳамчун як меъёри ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ба таври равшан ба тасвир мегирад. Сиёвуш, писари Кайковус, рамзи покӣ, ҳақуқиқат ва инсонияти комил аст. Ӯ дар муқобили иттиҳомоти беасоси Судоба, ки ӯро ба хиёнат айбдор мекунад, истода, бегуноҳии худро исбот менамояд. Барои исботи ҳуқуқиқат, Сиёвуш розӣ мешавад, ки аз озмоиши оташ бигзарад:

"Биомад ба пеши сӯи астанӣ,
Ба ҷонро супурд бар он як санӣ.
Зи дуду забонаш набудаш ҳарос,
Ки буд ошкоро дили поку рост"[222].

Сиёвуш бидуни осеб аз миёни оташ мегузарад ва бегуноҳии ӯ собит мешавад. Ин воқеа на танҳо покии шахсии ӯро нишон медиҳад, балки аҳамияти адолат ва ҳақиқатро таъкид мекунад. Вале, бо вуҷуди ин, беадолатии атрофиён, аз ҷумла хусумати Кайковус ва Судоба, боиси ранҷу азияти ӯ мегардад. Сиёвуш дар замони муҳоҷират ба кишвари Афросиёб низ адолатро ҳифз мекунад ва ҳеҷ гоҳ аз принсипҳои ахлоқии худ рӯ намегардонад. Ҳатто вақте ки Афросиёб ба ӯ хиёнат мекунад ва ӯро зери фишор қарор медиҳад, Сиёвуш ҳеҷ гоҳ аз роҳи адолат дур намешавад:

"Накӯном бимонад ба гетӣ пасанд,
Зи бадкор маншон ҳаме бад баланд"[223].

Фоҷиаи кушта шудани Сиёвуш рамзи натиҷаи беадолатӣ ва зулми инсонҳо мебошад. Бо вуҷуди фоҷиаи ӯ, Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки номи пок ва роҳи адолати Сиёвуш ҳамеша дар хотири мардум боқӣ мемонад. Ин достон на танҳо аҳамияти ҳифзи адолатро таъкид мекунад, балки нишон медиҳад, ки беадолатӣ оқибати сангине барои ҷомеа ва ҳокимон дорад. Достони Сиёвуш низ ба таври равшан адолатро ҳамчун як меъёри ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ нишон медиҳад. Аммо, бо вуҷуди риояи адолат аз тарафи ӯ, беадолатии атрофиёнаш боиси фоҷиаи бузурги ӯ мегардад. Сиёвуш дар додгоҳи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ боқӣ мемонад, ки ин нишонгари адолат мебошад ва ҳатто дар шароити душвор бояд ҳифз карда шавад.

Аз нуқтаҳои назар маълум мегардад, ки дар ҳақиқат ҳам падидаи адолат дар маркази диққати Фирдавсӣ дар вақти талқини он дар достони Сиёвуш гардидааст, ки ба моҳияти имрӯзаи фаҳмиши ҳуқуқии он тобиши амиқ дорад. Аммо, то ба кунун баҳои ҳуқуқи додан ба масоили инъикоси адолат мо гуфта метавонем, ки он хусусияти эъломиявиро дошта аз чаҳорчӯбаи тобиши меъёрӣ берун монда буд, гарчанде моҳиятан ифодакунандаи он буд.

**Ҳамзамон яке аз чеҳраҳои талқинкунандаи адолат дар** «Шоҳнома» Анӯшервон (Хусрави Анӯшервон), ки дар ин асар ҳамчун подшоҳи одил тасвир шудааст, намунаи барҷастаи ҳокими идеалист, ки адолатро меҳвари ҳукумат ва пойдории ҷомеа медонад. Ӯ бо адолатпарварӣ ва риояи қонун

---

[222] Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷилди I. – 952 с.; Ҷилди II. – С. 245.
[223] Ҳамон ҷо. Ҷилди II. – С 252.

тавонистааст давлати худро устувор созад ва боиси эътибори ҷаҳонии ҳукуматаш гардад[224]. Фирдавсӣ ӯро ҳамчун подшоҳе, ки некӣ ва адолатро пешаи худ кардааст, ситоиш менамояд:

"Бад-он ростӣ хост шоҳаншаҳӣ,
Ки бинҳод бар адл фармонравоӣ"[225].

Яке аз муҳимтарин ҳикояҳо дар бораи адолати Анӯшервон, муносибати ӯ бо деҳқони пир аст, ки ӯро аз ситами маъмурон хабар медиҳад. Подшоҳ бо шунидани шикояти деҳқон фавран дастур медиҳад, ки тафтиш сурат гирад ва зулм бартараф шавад. Ин нишон медиҳад, ки Анӯшервон масъулиятро дар назди шаҳрвандон эҳсос мекунад:

"Шунид он яке пир бо зориҳо,
Бипайваст бар дод густар даҳо"

Ҳикояи дигаре, ки адолати Анӯшервонро таъкид мекунад, қазияи судяест, ки бар зидди як мансабдори давлатӣ қарор содир мекунад. Судя, бо вуҷуди мавқеи баланди ин мансабдор, бар асоси қонун амал мекунад ва подшоҳ на танҳо аз ин қарор пуштибонӣ мекунад, балки судяро барои риояи адолат ташвиқ менамояд. Ӯ мегӯяд:

"Чунин гуфт шоҳ: адл мояи мост,
Ба адл аст к-аз мо ҷаҳон дорад орост"[226].

Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки Анӯшервон адолатро воситаи нигоҳдории сулҳ ва тартибот дар ҷомеа медонад. Ӯ бо сиёсати худ дарк кардааст, ки беадолатӣ на танҳо ба ҳокимият, балки ба тамоми ҷомеа зарар мерасонад. Анӯшервон дар таърихи адабиёт ҳамчун рамзи ҳокими одил боқӣ мемонад. Шеъри дигари таъкидкунанда дар бораи адолати ӯ чунин аст:

"Зи шоҳи ҷаҳон адл бояд шинохт,
Ки беадлӣ андеша бардорад хоқ"[227].

Ин ҳикояҳо нишон медиҳанд, ки адолат дар давраи Анӯшервон на танҳо як қоидаи ҳукуматӣ, балки арзиши асосии ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ будааст. Ӯ бо роҳбарии одилона тавонистааст ҳукуматашро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар арсаи байналмилалӣ низ мустаҳкам созад. Дар шахсияти Анӯшервон, адолати ҳукуматӣ ва риояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таври комил нишон дода шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки адолат на танҳо ба нафъи ҳокимият, балки ба фоидаи тамоми ҷомеа мебошад. Ин шахсият намунаи подшоҳи идеалиро баён мекунад, ки ҳадафи асосии ӯ фароҳам овардани адолат барои ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ аст.

***Масоили ҷойгоҳи адолат ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз нигоҳи Фирдавсӣ***

---

[224] Олимпур, Ш. Арзишҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 2011. – С 122-125.

[225] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 3. – С. 420.

[226] Ҳамон ҷо. – С. 424.

[227] Ҳамон ҷо. – С. 424.

Адолат дар «Шоҳнома» ҳамчун пояи асосии пойдории ҷомеа ва ҳукумат таъкид мешавад. Фирдавсӣ дар аксарияти ҳикояҳо нишон медиҳад, ки адолат на танҳо як арзиши ахлоқӣ, балки як принсипи муҳим барои нигоҳдории тартиботи иҷтимоӣ мебошад. Дар достонҳо, ҳар гоҳе ки адолат дар ҷомеа барқарор мешавад, сулҳу осоиш фаро мерасад, ва баръакс, беадолатӣ сабаби шикасту нобудии давлат мегардад. Чунонеки мегӯяд:

"Бад-он ростӣ шуд ҷаҳон пойдор,
Зи беадлӣ ояд ҷаҳон бар шикор"[228].

Фирдавсӣ адолатро ҳамеша ба унвони василаи барқарории эътимод миёни ҳукумат ва мардум медонад. Дар чунин маврид бевосита андешаҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро нисбати василаи ҳамбастагии шаҳрвандон ва давлатро мушоҳида карданамон мумкин аст.

Дар ҳикояи Фаридун, ки вориси Заҳҳок мегардад, адолат ҳамчун асоси ҳокимияти ӯ тасвир шудааст. Ӯ пас аз шикасти Заҳҳок сулҳу адолатро дар ҷомеа барқарор мекунад ва бо ин амали худ дилгармии мардумро ба даст меорад:

"Зи адл аршро дод бифрӯшад он,
Ки рӯи замин шуд зи ӯ бегумон"[229].

Адолат инчунин воситаи ҳалли ихтилофоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад, ки дар достони Анӯшервон дар таърихи адабиёт ҳамчун подшоҳи одил шинохта шудааст, адолатро на танҳо вазифаи подшоҳ, балки масъулияти тамоми ҷомеа нишон дода мешавад. Ӯ бо таъмини адолат ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон намунаи ҳокими комил мегардад:

"Зи шоҳи ҷаҳон адлро ҷӯй, рост,
Ки беадлӣ андеша бардорад хост "[230].

Фирдавсӣ бо ин достонҳо таъкид мекунад, ки адолат воситаи асосии мубориза бар зидди зулм ва истибдод мебошад. Бидуни адолат, ҷомеа наметавонад устувор бошад. Ӯ чунин таъкид мекунад:

"Адолат бувад мояи бахти шоҳ,
Ки беадлӣ орад ҷаҳону табоҳ"[231].

Ин паёмҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷаҳони Фирдавсӣ адолат як рукни асосии зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсии инсонҳо мебошад, ки ҳамчун ҷараёни арзиши ҳуқуқидошта ба шумор меравад. Фарҳанг ва ҷомеаи устувор бар асоси адолат бунёд ёфта, танҳо тавассути он метавонад аз ҷангу хусумат дурӣ ҷӯяд. Фирдавсӣ бо ҳикояҳои худ нишон медиҳад, ки адолат як унсури ҳатмии пойдории ҷомеа буда, дар ҳар як достон, ҷой доштани адолат ба пойдории ҷомеа ва нобудшавии беадолатӣ алоқаманд дониста мешавад. Бо истифода аз забони шоирона, ӯ на танҳо аҳамияти адолатро шарҳ медиҳад,

---

[228] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 3. – С. 428.
[229] Ҳамон ҷо. – С. 140.
[230] Ҳамон ҷо. – С. 426.
[231] Ҳамон ҷо. – С. 428.

балки паём медиҳад, ки адолат воситаи муҳими рафъи зулм ва ба даст овардани озодӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои ҳар як шаҳрванд мебошад.

***Инъикоси «Ҳуқуқ» ва «Қонун» дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ***

Мафҳуми ҳуқуқ ва қонун дар «Шоҳнома» бо амиқтарин маъноҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Фирдавсӣ ин мафҳумҳоро ҳамчун асоси адолат ва пояи устувории ҷомеа тасвир намуда, ҳуқуқ ва қонунро на танҳо дар муносибатҳои шахсӣ, балки дар сатҳи иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ нақши муҳим бозиданашро таҷассум менамояд[232].

Фирдавсӣ қонунро воситаи ҳифзи тартибот ва ҳамоҳангии иҷтимоӣ медонад. Анӯшервон, подшоҳи одиле, ки дар «Шоҳнома» ҳамчун намунаи ҳокими комил тасвир шудааст, таъкид мекунад, ки қонун бояд ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон татбиқ шавад. Ӯ мегӯяд:

"Ба қонун супурдӣ ҷаҳонро ба кор,
Ки бо қонун бубинад ҷаҳон зиндавор "[233].

Анӯшервон нишон медиҳад, ки ҳокимон бояд худ намунаи дигарон ва риояи қонун бошанд. Қонун на танҳо ҳукми ҳокимиятро нигоҳ медорад, балки дар байни мардум эътимод ва сулҳро эҷод мекунад.

Дар достони Заҳҳок, поймол кардани ҳуқуқҳои мардум боиси шӯриши онҳо мегардад. Коваи оҳангар, ки намояндаи адолатхоҳӣ буд, мардумро бар зидди зулми Заҳҳок раҳбарӣ мекунад. Ҳуқуқи иҷтимоии мардум ва мубориза барои адолат дар суханони Кова инъикос ёфтааст:

"Чунин гуфт Кова, ки эй номдор,
Бипӯй адл, то бошадат зиндадор"[234].

Ин байт нишон медиҳад, ки ҳуқуқи иҷтимоӣ бояд дар заминаи адолат ҳифз гардад, вагарна беадолатӣ ҷомеаро ба шӯриш мебарад.

Дар достони Рустам ва Исфандиёр, поймол шудани қонун ва нодида гирифтани ҳуқуқ боиси низоъ мегардад. Аммо дар ниҳоят, пайравӣ ба қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқ метавонад сулҳро барқарор созад. Фирдавсӣ дар ин ҷо нишон медиҳад, ки қонун бояд ҳамчун воситаи пешгирӣ аз низоъ ва ҳалли ихтилофот истифода шавад:

"Ба қонун шуда равшанӣ дар ҷаҳон,
Ки бо адл гирад замин осмон"[235].

Ҳамин тариқ ҳуқуқ ва қонун дар «Шоҳнома» на танҳо ҳамчун арзиши ахлоқӣ, балки ҳамчун рукни муҳими зиндагии иҷтимоӣ тасвир шудаанд. Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки ҷомеаи устувор бояд ба адолат ва эҳтироми қонун асос ёбад. Ҳуқуқ бояд барои ҳама яксон татбиқ шавад, ва қонун бояд бар адолат устувор бошад. Ин мафҳумҳо дар «Шоҳнома» аҳамияти бузурги таърихӣ ва иҷтимоиро соҳибанд ва то ҳол ҳамчун намунаи идеалӣ барои зиндагии инсонӣ хизмат мекунанд. Мафҳуми ҳуқуқ ва қонун дар «Шоҳнома» бо маънои адолат, масъулият ва муносибати байни ҳокимон ва

[232] Саид, А. Ҳуқуқ ва адолат дар осори адабии классикӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – С. 70-75.
[233] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 3. – С. 430.
[234] Ҳамон ҷо. – Ҷ. 1. – С. 105-108.
[235] Ҳамон ҷо. – Ҷ. 3. – С. 428.

мардум ба таври амиқ баён гардидааст. Фирдавсӣ бо тасвири ҳикояҳои гуногун нишон медиҳад, ки риояи ҳуқуқ ва қонун на танҳо пояи устувории ҳукумат аст, балки ҳимояи ҳуқуқи инсонҳоро низ таъмин мекунад.

Дар достони Сиёвуш, масъалаи ҳуқуқ ва ботил ба таври равшан тасвир шудааст. Сиёвуш, ки рамзи покӣ ва ҳақиқат аст, бар иттиҳомоти беасоси Судоба истода, бегуноҳии худро исбот мекунад. Бо розӣ шудан ба гузаштан аз оташ, Сиёвуш на танҳо ҳақиқатро нишон медиҳад, балки ба мардум ва ҳокимият мефаҳмонад, ки қонун ва ҳуқуқ бояд бар адолат устувор бошанд:

"Биомад бар он санги сӯзон баҷон,
Ки ҷонро бидод он замон як ҷаҳон.
Зи оташ бурун шуд ба рӯи сапед,
Ба ҳуқуқ буд бар оламиён росту бед"[236].

Ин амали Сиёвуш далели он аст, ки шахс метавонад бо ҳақиқат дар баробари беадолатӣ истодагарӣ кунад. Ҳатто дар шароити сахт, ҳуқуқи шахсӣ ва инсоният бояд эҳтиром шавад.

Дар баробари ин, Анӯшервон ҳамчун намунаи подшоҳи одил нишон дода мешавад, ки қонунро на танҳо барои мардум, балки барои худи ҳоким низ зарурӣ мешуморад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳоким бояд худ дар риояи қонун намуна бошад, то ки дигарон низ онро риоя кунанд:

"Ки шоҳ он кунад, к-аз қонун бувад,
Ба адл он ҷаҳоне макон шуд бувад"[237].

Ин равиш нишон медиҳад, ки қонун воситаи асосии нигоҳдории тартибот ва эътимод миёни ҳокимон ва мардум аст. Агар қонун риоя нашавад, ҳокимият наметавонад дар дилҳои мардум ҷойгоҳи худро ҳифз кунад.

Ҳамзамон, Фирдавсӣ ҳамчунин нишон медиҳад, ки қонун бояд ҳуқуқи иҷтимоии ҳамаи табақаҳои ҷомеаро ҳифз намояд. Дар достони Заҳҳок, поймол шудани ҳуқуқи мардум сабаби шӯриши онҳо мегардад. Коваи оҳангар, ки намояндаи мардум аст, бар зидди Заҳҳок қиём мекунад ва дар суханони худ адолат ва эҳтироми ҳуқуқи мардумро талаб мекунад:

"Чунин гуфт Кова, ки эй номдор,
Бипӯй адл, то бошадат зиндадор"[238].

Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки риояи ҳуқуқ ва қонун барои ҳифзи осоиштагӣ ва устувории ҷомеа зарур мебошад.

Фирдавсӣ ҳамчунин таъкид мекунад, ки қонун василаи асосии ҳалли ихтилофот ва пешгирии беадолатӣ мебошад. Дар ҳикояи Рустам ва Исфандиёр, саркашӣ аз қонун ва беэътиноӣ ба ҳуқуқҳои дигарон боиси ҷангу хусумат мегардад.

---

[236] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 3. – С. 255.
[237] Ҳамон ҷо. – Ҷ. 1. – 430-432.
[238] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 1. – 105-108.

Ба ҳамин васила, ҳуқуқ ва қонун дар «Шоҳнома» ҳамчун рукни муҳими ҷомеаи одилона ва устувор баён шудаанд. Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки қонун бояд бар асоси адолат ва эҳтироми ҳуқуқи инсонҳо барпо бошад. Ин мафҳумҳо на танҳо дар достонҳо, балки дар фарҳанги иҷтимоии Эронзамин низ аҳамияти бузург доштаанд. Қонун на танҳо воситаи ҳифзи тартибот, балки воситаи эҷоди иттиҳоду ҳамдигарфаҳмии байни мардум ва ҳокимон мебошад. Мафҳуми ҳуқуқ дар «Шоҳнома» бо маънои адолат, масъулият ва вазифа тавсиф мешавад. Ҳуқуқи инсонҳо, аз ҷумла подшоҳон ва шаҳрвандон, дар ҳикояҳои гуногун инъикос ёфтааст. Дар достони Сиёвуш, масъалаи ҳуқуқ ва ботил ба таври равшан тасвир шудааст. Сиёвуш, ки рамзи покӣ ва ҳақиқат аст, аз тӯҳмат ва беадолатӣ ранҷ мебарад, ки ин воқеа нишон медиҳад, ки поймол шудани ҳуқуқ метавонад ба фоҷиаҳои бузург сабаб гардад.

Фирдавсӣ қонунро на танҳо василаи ҳукуматдорӣ, балки рукни асосии муносибати байни подшоҳ ва мардум медонад. Қонун воситаи нигоҳ доштани адолат ва пешгирӣ аз зулм мебошад. Дар «Шоҳнома» таъкид шудааст, ки подшоҳ бояд худ аввалин касе бошад, ки ба қонун пайравӣ кунад.

Дар достонҳои «Шоҳнома», қонун ба таври равшан ҳамчун як абзори пешгирии бесарусомонӣ ва ноором̣ӣ тасвир мешавад. Подшоҳон бо риояи қонунҳо на танҳо ҳокимияти худро устувор мекунанд, балки боиси эътимоди мардум мешаванд. Фирдавсӣ чунин мегӯяд:

"Ба қонун шавад пойдор оламон,
Ки бо адл гардад ҷаҳон бегумон"[239].

Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» таъкид мекунад, ки қонун бояд дар маркази ҳокимият қарор дошта бошад. Ҳокимон бояд на танҳо қонунро риоя кунанд, балки онро василаи таъмини адолат ва субот дар ҷомеа донанд. Қонуне, ки бар асоси адолат устувор аст, метавонад на танҳо ҳукуматро, балки тамоми ҷомеаро аз нобудӣ нигоҳ дорад. Қонун ҳамчун воситаи ҳифзи тартибот ва адолат дар «Шоҳнома» нақши калидӣ дорад. Подшоҳон вазифадоранд, ки бар асоси қонун амал кунанд ва адолатро таъмин намоянд.

***Инъикоси «Ҷазо» ва «Танбеҳ» дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ***

Ҷазо ва танбеҳ дар «Шоҳнома» ҳамчун абзори асосии нигоҳдории тартибот ва таъмини адолат тасвир шудаанд. Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки ҷазо на танҳо як амали оддӣ, балки як унсури муҳими қонуни иҷтимоӣ мебошад, ки тавассути он ҳуқуқ ва адолат мардум ҳифз мешаванд.

Фирдавсӣ дар ҳикояи Заҳҳок ҷазоро ҳамчун ҷавоби ногузир барои зулм ва беадолатӣ нишон медиҳад. Пас аз он ки Заҳҳок бо зулму ситам ҳукумат мекунад ва ҳуқуқи мардумро поймол мекунад, ҷазои ӯ ҳамчун роҳи ҳалли масъала ва барқарории адолат тасвир мешавад. Фаридун, ки ӯро сарнагун мекунад, бо амали худ нишон медиҳад, ки ҷазо барои золимон як амали зарурӣ аст:

---
239 Ҳамон ҷо. – Ҷ. 3. – С. 428.

"Ба фармони Яздон ҳамебаст даст,
Ки бинмояд он номварро шикаст"[240].

Дар достони Сӯҳроб ва Рустам бошад, масъалаи ҷазо ва масъулият бо назари ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Рустам, ки тасодуфан фарзанди худро мекушад, бо оқибати аъмоли худ рӯбарӯ мешавад. Ин достон нишон медиҳад, ки ҷазо бояд мутобиқи адолат ва масъулият бошад:

"Чунон зад, ки гаҳ гоҳ дарёфт рост,
Зи ҷурми худаш дид як рӯз кост"[241].

Дар достони Анӯшервон омадааст, ки ҷазо як василаи асосии татбиқи қонун ва барқарории адолат мебошад. Анӯшервон таъкид мекунад, ки ҷазо бояд мутобиқи қонун бошад ва ҳеҷ кас аз он озод набошад. Ӯ ҳатто мансабдоронеро, ки ба ҳуқуқи мардум хиёнат мекунанд, ҷазо медиҳад. Ин равиш нишон медиҳад, ки қонун ва ҷазо барои ҳама яксон аст:

"Чунин гуфт шоҳ: адл бояд ниҳод,
Ба ҷурм аз ҷазо кас набошад озод"[242].

Фирдавсӣ ҳамчунин ҷазоро ҳамчун як абзори омӯзишӣ тасвир мекунад. Танбеҳ на танҳо барои ҷазо додани гунаҳкорон, балки барои пешгирии дигарон аз содир кардани хатогӣ истифода мешавад. Дар ҳикояҳои гуногун, подшоҳон ва қаҳрамонон бо татбиқи ҷазо ҳамеша мақсад доранд, ки дигарон сабақ гиранд:

"Ба танбеҳ шуд зиндагони равон,
Ки бо танбеҳ гардад ҷаҳон бегумон"[243] [2, Ҷ.3. с.430].

Бо вуҷуди он ки ҷазо як унсури муҳим аст, Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки он бояд бо инсоф ва адолат татбиқ шавад. Ҷазое, ки аз ҳад зиёд ё беасос аст, метавонад худ сабаби беадолатӣ гардад. Дар достони Ростам ва Исфандиёр, таносуби ҷазо ва амалҳо як масъалаи марказӣ мебошад:

"Ба андоза гар ҷурмро баркашӣ,
Ба инсоф танбеҳро саркашӣ"[244].

Дар умум метавон гуфт, ки ҷазо ва танбеҳ дар «Шоҳнома» на танҳо як воситаи нигоҳдории тартиботи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, балки як арзиши ахлоқӣ мебошад. Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки ҷазо бояд мутобиқи қонун, инсоф ва адолат татбиқ шавад. Ин равиш нишон медиҳад, ки бе ҷазо ва танбеҳи мувофиқ, на қонун ва на ҷомеа наметавонанд устувор боқӣ монанд. Ҷазо дар «Шоҳнома» як механизми муҳим барои ҳифзи қонун ва адолат мебошад. Ҷазо додан ба гунаҳкорон ҳамчун вазифаи асосии подшоҳон ва додрасон дар асар зоҳир мешавад. Масалан, дар достони Ростам ва Сӯҳроб, масъалаи ҷазо ва масъулият дар тасмимгириҳои ахлоқӣ мавриди

[240] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 2. – С. 315.
[241] Ҳамон ҷо. – 425.
[242] Ҳамон ҷо. – Ҷ. 3. – С. 425.
[243] Ҳамон ҷо. – Ҷ. 2. – С. 430.
[244] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 3. – С. 430.

баррасӣ қарор мегирад. Ин нишон медиҳад, ки ҷазо бояд бо эҳтироми қонун ва адолат мутобиқ бошад.

**Дар маҷмуъ аз таҳлили масоили дар доираи мақолаи мазкур баррасигардида ба чунин хулоса омаданамон мумкин аст, ки** «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ яке аз бузургтарин асарҳои адабиёти ҷаҳон аст, ки на танҳо ҳамоса ва таърихро бозгӯ мекунад, балки масъалаҳои амиқи ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро низ ба миён мегузорад. Ин асар ҳамчун оинаи фарҳанг, ҷомеа ва ахлоқи даврони худ, мафҳумҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазоро ба таври фарогир шарҳ дода, нишон медиҳад, ки ин арзишҳо чӣ гуна пояҳои асосии пойдории ҷомеа ва ҳокимиятро ташкил медиҳанд.

Дар бахши адолат, Фирдавсӣ бо тасвири достонҳои Заҳҳок, Сиёвуш ва Анӯшервон нишон медиҳад, ки адолат на танҳо як арзиши инсонӣ, балки воситаи ҳифзи тартибот ва суботи иҷтимоӣ мебошад. Адолат дар «Шоҳнома» василаи мубориза бо зулм ва барқарории ҳукуматҳои одилона мебошад.

Ҳуқуқ ва қонун дар «Шоҳнома» ҳамчун василаи устувории ҳукумат ва ҳифзи ҳуқуқи мардум баррасӣ шудаанд[245]. Достонҳои Сиёвуш ва Анӯшервон таъкид мекунанд, ки риояи қонун бояд аз ҷониби ҳама, аз ҷумла подшоҳон, таъмин гардад. Қонун воситаи ҳалли ихтилофот ва барқарории сулҳ мебошад ва бе он, ҷомеа ба низоъ ва бесарусомонӣ кашида мешавад. Фирдавсӣ таъкид мекунад, ки қонун на танҳо бояд риоя шавад, балки он бояд бар асоси адолат ва манфиати умумӣ устувор бошад.

Ҷазо ва танбеҳ ҳамчун абзори муҳим барои нигоҳ доштани тартиботи иҷтимоӣ ва таъмини адолат дар «Шоҳнома» тасвир шудаанд. Фирдавсӣ нишон медиҳад, ки ҷазо бояд мутобиқи қонун ва инсоф татбиқ гардад, то ки аз беадолатӣ ва зулм пешгирӣ карда шавад. Ҳикояҳо, аз ҷумла сарнавишти Заҳҳок ва масоили ахлоқӣ дар достони Рустам ва Сӯҳроб, таъкид мекунанд, ки ҷазо на танҳо як амали оддӣ, балки як вазифаи иҷтимоӣ мебошад.

Ин асар бо мисолҳои зиёде нишон медиҳад, ки бе адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазои мувофиқ, на ҳокимият ва на ҷомеа наметавонанд устувор боқӣ монанд. Фирдавсӣ бо истифода аз ҳикояҳои таърихӣ ва афсонавӣ на танҳо фарҳанги даврони худро ба тасвир мекашад, балки паёмҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро низ ба наслҳои оянда мерасонад.

Дар ин росто Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: «Асоси сиёсати фарҳангии давлати мо тавассути

[245] Ализода, Ҳ. Фирдавсӣ ва масъалаҳои ҳуқуқу адолат. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 152 с.; Бертельс, Е.Э. Фирдавсӣ и его бессмертный Шахнаме. – Москва: Наука, 1962. – 250 с.; Ҳамидов, С. Фалсафаи адолат дар осори классикон. – Душанбе: Маориф, 2017. – 175 с.; Хуросонӣ, М. Назарияҳои ҳуқуқ ва қонун дар асрҳои миёна. – Теҳрон: Донишгоҳ, 2008. – 190 с.; Ниёзӣ, М. Анъанаҳои давлатдорӣ дар Шоҳнома. – Душанбе: Сино, 2016. – 170 с.; Раҳмонӣ, А. Ҷаҳони андешаву ахлоқ дар Шоҳнома. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 200 с.; Саид, А. Ҳуқуқ ва адолат дар осори адабии классикӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 180 с.; Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷилди I. – 952 с.; Ҷилди II. – 948 с.

тарғиби ҳамаҷонибаи таърихи ибратомӯзи халқамон, мероси гаронбаҳои фарҳхагиву адабии миллати куҳанбунёдамон, арзишҳои милливу умумибашарӣбаланд бардоштани сатҳи худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстииву ватанпарастии ҳар як фарди ҷомеа, таҳкими ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои истиқлолияти Ватанамон мебошад»[246].

Ҳамин тариқ таҳқиқоти «Шоҳнома» бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, на танҳо як асари адабӣ, балки як манбаи гаронбаҳои омӯзиши принсипҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Он барои дарки беҳтари фарҳанги қадимӣ, муносибати байни ҳокимон ва шаҳрвандон ва пойдории ҷомеаҳо ҳанӯз ҳам як намунаи беҳамто аст. Мафҳумҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо дар ин асар на танҳо як воқеияти таърихӣ, балки як арзиши умумибашарӣ маҳсуб мешаванд. «Шоҳнома» на танҳо як асари адабии безавол аст, балки манбаи бойи таҳқиқи мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеаи он давра мебошад. Мафҳумҳои адолат, ҳуқуқ, қонун ва ҷазо, ки дар достонҳои гуногуни он баён шудаанд, ки аҳамияти бузурги таърихӣ ва фарҳангӣ доранд. Ин истилоҳот на танҳо барои фаҳмиши амиқи «Шоҳнома», балки барои омӯзиши решаҳои фарҳангии ҳуқуқ ва қонун дар ҷомеаҳои қадимӣ низ арзиши бузург доранд ва барои дар амал татбиқ намудани онҳо дар риштаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ басо рамзӣ мебошад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008 сол. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 27.11.2024).
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Таҳияи А. Шапур Шаҳбозӣ. Матни интиқодӣ, иборат аз 9 ҷилд. – Теҳрон: Суруш, 2000. – Ҷ. 1. – 635 с.
3. Ализода, Ҳ. Фирдавсӣ ва масъалаҳои ҳуқуқу адолат. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 152 с.
4. Бертельс, Е.Э. Фирдавсӣ и его бессмертный Шахнаме. – Москва: Наука, 1962. – 250 с.
5. Ҳамидов, С. Фалсафаи адолат дар осори классикон. – Душанбе: Маориф, 2017. – 175 с.
6. Хуросонӣ, М. Назарияҳои ҳуқуқ ва қонун дар асрҳои миёна. – Теҳрон: Донишгоҳ, 2008. – 190 с.
7. Ниёзӣ, М. Анъанаҳои давлатдорӣ дар Шоҳнома. – Душанбе: Сино, 2016. – 170 с.
8. Олимпур, Ш. Арзишҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дар адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 2011.
9. Раҳмонӣ, А. Ҷаҳони андешаву ахлоқ дар Шоҳнома. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 200 с.


---

[246] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008 сол. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 27.11.2024).

10. Саид, А. Ҳуқуқ ва адолат дар осори адабии классикӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 180 с.

11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – М.: СЭ, 1969. – Ҷилди I. – 952 с.; Ҷилди II. – 948 с.

12. Эшонов, М. Мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар адабиёти форсу тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2014. – 158 с.

# ТАКМИЛИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ДАР ПАРТАВИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
**Email:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат
**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Аззизода У.А.

**Фишурда.** Дар мақола масъалаи такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, дар натиҷаи таҳқиқот ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҳҳои такмили ҷавобгарии ҳуқуқиро дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Тоҷикистон асоснок кардааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф муайян кардааст, ки самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқоти илмӣ низ муайян карда мешаванд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меорад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати мазкур гузошташуда амалӣ гардида, ба натиҷаҳои судманд бурда расонад. Муттаҳидсозии анъанавии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар заминаи навсозии низоми ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти мубрам, ки дар раванди таҳаввулоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, тавассути истифодаи маҷмуи доктриналӣ, қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсирҳо ва дигар заминаҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

**Калидвожаҳо:** роҳҳои такмилдиҳӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сиёсати давлатӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, самаранокии сиёсат, такмили қонунгузорӣ.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В СВЕТЕ УГОЛОВНОЙ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Шодизода Наджибулло Махмадризо,**
Таджикский национальний университет, юридический факультет, соискатель кафедры теории и истории государства и права
**Email:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Научнная специальность:** 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве
**Научный руководитель:** доктор юридических наук, профессор Аззизода У.А.

**Аннотация.** В статье рассматривается вопрос совершенствования юридической ответственности в свете уголовной правовой политики Республики Таджикистан. Автор, в ходе исследования и анализа мнений отечественных и зарубежных исследователей обосновал пути совершенствования юридической ответственности в свете уголовно-правовой политики Таджикистана. В ходе своего исследования автор определил, что эффективность реализации уголовной правовой политики складывается из различных форм, методов и средств и определяется не только в рамках правовых актов, но и в рамках научных исследований. Эффективность уголовно-правовой политики дает возможность реализовать поставленные перед этой политикой задачи и привести к положительным результатам. Традиционная унификация уголовно-правовой политики в условиях модернизации правовой системы служит решению актуальных проблем, возникающих в процессе политического, правового и социально-экономического развития, за счет комплексного использования доктринальных, законодательных, правоприменительных, интерпретационных и другие законные основания.
**Ключевые слова:** пути совершенствования, юридическая ответственность, государственная политика, уголовно-правовая, эффективность политики, совершенствование законодательства.

## IMPROVING LEGAL LIABILITY IN THE LIGHT OF THE CRIMINAL LEGAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Shodizoda Najibullo Mahmadrizo,**
Tajik national university, faculty of law, applicant for the department of theory and history of state and law.
**Email:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Scientific specialty:** 12.00.01 – The theory and history of law and state; history of the doctrines of law and state
**Scientific adviser:** doctor of law, professor Azzizoda U.A.

**Annotation.** The article discusses the issue of improving legal liability in the light of the criminal legal policy of the Republic of Tajikistan. The author, in the course of research and analysis of the opinions of domestic and foreign researchers, substantiated ways to improve legal liability in the light of the criminal legal policy of Tajikistan. In the course of his research, the author determined that the effectiveness of the implementation of criminal law policy consists of various forms, methods and means and is determined not only within

the framework of legal acts, but also within the framework of scientific research. The effectiveness of criminal law policy makes it possible to implement the objectives set for this policy and lead to positive results. Traditional unification of criminal law policy in the context of modernization of the legal system serves to solve current problems arising in the process of political, legal and socio-economic development, through the comprehensive use of doctrinal, legislative, law enforcement, interpretative and other legal grounds.

**Key words:** ways of improvement, legal responsibility, public policy, criminal law, policy effectiveness, improvement of legislation.

Ҳар як давлати соҳибистиқлоли демокративу ҳуқуқбунёд пайваста ба он талош меварзад, ки сиёсати муваффақро роҳандозӣ намуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро танзим намояд. Яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ – ин сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ аз бахшҳои алоҳида иборат мебошад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ҷумлаи бахшҳои сиёсати ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, баҳри танзиму такмили қонунгузории ҷиноятӣ нигаронида шудааст. Ба андешаи олимони ватанӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок инсониятро дар тули таърихи худ хамроҳӣ кардааст. Давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеа ҳамеша бо таҳияи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ ва татбиқи чораҳои дахлдор ва намудҳои ҷазо нисбат ба шахсоне, ки кирдори ғайриқонунӣ содир кардаанд, ба муқобили кирдорҳои ғайриқонунӣ мубориза мебурд. Имрӯз дар Тоҷикистон институтҳои ҳуқуқии ҷиноят, ҷазо ва чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ инкишоф ёфта, пеш аз ҳама аз лиҳози идеологияи ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, ки низоми давлатӣ-ҳуқуқии он ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд, фарқ мекунанд[247].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳиб шудан ба Истиқлоли давлатӣ меҳвари асосии сиёсати ҳуқуқиро арзиши олӣ эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ҳимояи онҳо қарор додааст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, буҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва шиддат гирифтани зиддиятҳои минтақавию тамаддунӣ яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва устувории давлати ҳуқуқбунёд ин дуруст ва мувофиқ ба манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани низоми қонунгузории ҷиноятии давлат мебошад[248]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, дар зери ибораи қонунгузории ҷиноятӣ санади меъёрии ҳуқуқии ба Конститутсияи ҶТ ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфтае фаҳмида мешавад, ки аз КҶ ҶТ ва қонунҳои нави ба он дохилшаванда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуда, муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятиро

[247] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – С. 7.

[248] Исандарӣ Сулаймон. Оид ба таҳияи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://www.prokuratura.tj/scientific-papers-articles-and-presentations-tj/articles-and-speeches/1860-far-angi-sul-va-va-dati-millj-45.html (санаи муроҷиат: 17.08.2023).

ба танзим медарорад, иборат мебошад[249]. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ низ маҳз баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудааст. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ бошад, дар навбати худ ҷавобгарии ҳуқуқиро дар намуди ҷазои ҷиноятӣ мукаммал мегардонад.

Бояд тазаккур дод, ки татбиқ намудани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вазифаи ҳар як кишвари соҳибистиқлол маҳсуб меёбад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ давлат тадбирҳои судмандро роҳандозӣ менамояд, ки баҳри такмили институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории соҳа нигаронида мешаванд. Ба андешаи А.Э. Жалинский, давлат бо мақсади ҳифзи аҳолӣ аз таҷовузҳои ҷамъиятии хавфнок тадбирҳо меандешад, ки ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, зеро худи ҷиноят кам намешавад, таҷовузҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок худ аз худ хотима намеёбанд. Ин тадбирҳо дар доираи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ сурат мегиранд[250]. Ҳар як давлат ҳангоми татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз як тараф, ногузирии ҷазоро барои ҷинояти содиршуда таъмин намуда, аз тарафи дигар, кӯшиш мекунад, ки ин ҷазоро одилона ва муассиртар татбиқ карда, оқибатҳои иҷтимоиро барои ҷиноятҳо ба ҳадди ақал расонад. Аммо ҳангоми татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаи криминалисти машҳур Г.А. Аванесовро ба назар гирифтан лозим аст, ки ҷиноятро шароити ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад, вале он ҳам ҷузъи ин шароитҳо мебошад[251].

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқӣ ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифаи стратегии давлат таҳияи сиёсати ҳуқуқие мебошад, ки стандартизатсияи меъёрҳои умумиҷаҳонии ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми миллии ҳуқуқ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ таъмин намояд[252]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, дар ҷомеаи Тоҷикистон майл ва самтгирии мутаносиб нисбат ба нозукиҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақсади ҷазои ҷиноятӣ ба назар намерасад ва ба ин далел, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба сифати мақсади ҷазо тавассути шаҳрвандони аз илми ҳуқуқ ноогоҳ ва бехабар пазируфта намешавад. Афзоиши таваҷҷуҳ ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ метавонад дар ҷомеа таъсири мусбати иҷтимоӣ дошта бошад, агар ҳукмҳои судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ на аз мавқеъ ва ҷойгоҳу эътибори шахсӣ, балки бо дар назар гирифтани зарари расонидашуда ва имконияти мавҷуд барои

---

[249] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: “Ашуриён”, 2023. – С. 22.

[250] Жалинский А.Э. Уголовная политика и задачи уголовного права / А.Э. Жалинский // Государство и право. – 2004. – № 3. – С. 52.

[251] Аванесов Г.А. Преступность и социальные сословия. Криминологические рассуждения: монография. – М., 2010. – С. 18.

[252] Авдеев В.А. Национальная уголовно-правовая политика в сфере противодействия преступности / В.А. Авдеев // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2012. – № 4. – С. 21-28; Авдеев В.А. Оптимизация целей наказания в контексте предупреждения преступности / В.А. Авдеев // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2013. – № 2. – С. 41-53.

рафъ, ҷуброн ва кам кардани ин зарар арзёбӣ гардад. Дар робита ба превенсия (пешгирии умумӣ), метавон таъкид намуд, ки барои ба таври воқеӣ нишон додани таъсиргузор будани мақсади ҷазои ҷиноятӣ, бояд омори мавҷуда доир ба вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар ва минтақа муқоисаву таҳлил шавад[253]. Маврид ба зикр аст, ки дар ташаккули механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, ки он ба татбиқи қонуни мусбӣ, ки ба барқарорсозии адолати судӣ тавассути андешидани чораҳои мувофиқ ҷиҳати таъмини ногузирӣ ва мутаносибии ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содиршуда нигаронида шудааст, мусоидат мекунад.

Тавре маълум аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои таркибии низоми ҳуқуқии давлат дар раванди танзими ҳуқуқӣ бояд ҳаёти воқеии ҷомеаро инъикос намояд. Танҳо дар ин сурат қонун метавонад вазифаи танзими худро нишон диҳад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон ҳуҷҷате лозим буд, ки таҳлили муносибатҳои иҷтимоии мавҷуда дар сатҳи давлатӣ ва пешгӯии рушди минбаъдаи ин муносибатҳоро дар ҷомеа пешбинӣ намояд, ки он танҳо дар сурате имконпазир аст, ки қонунгузор дар ҷараёни қонунэҷодкунӣ тамоми доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд муайян созад[254]. Бояд гуфт, ки дар навбати худ, ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, махсусан дунявӣ, мубориза бар зидди хатари рӯзафзуни терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва радикализм, ҷиноятҳои фаромиллӣ бештар ба таҳияи санади махсуси сиёсӣ вобаста буд, ки дар он барои инкишофи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии давлат, аз ҷумла масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо муқаррароти консептуалӣ пешбинӣ шудааст.

Дар воқеъ, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар бисёре аз соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар таъсиргузор мебошад. Аз ҷумла, паст шудани шумораи ҷабрдидагон, коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар маҳз аз сиёсати муваффақи ҳуқуқии ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. Ба андешаи олимони ватанӣ И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов, суботи ҷомеа, оромию осудагӣ ва фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар солҳои аввали истиқлолият аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати хуб андешидашудаи ҷиноятӣ вобаста буд[255]. Дар ин хусус З.Х. Зокирзода қайд мекунад, ки рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад[256]. Бинобар ин, Тоҷикистон сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро муҳим шуморида, дар ин ҷода заминаҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул ва

---

[253] Зокирзода З.Х. Ҷазои ҷиноятӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ. Монография: нашри аввал. – Душанбе: «Ашӯриён», 2023. – С. 63.

[254] Нематов А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания [Текст] / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 68-73.

[255] Бободжонзода И.Х., Кудратов Н.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика / И.Х. Бободжонзода, Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 6.

[256] Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – С. 5.

марвиди иҷро қарор додааст. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқаррароти асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад[257].

Барои фаҳмидани мазмуни сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ моҳияти худи мафҳуми «сиёсати ҷиноятӣ»-ро муайян кардан зарур аст, зеро дар бораи ин ё он ҳодиса ва амал бе омӯхтани мафҳум ва моҳияти он сухан рондан мумкин нест. Дар «Луғати забони русӣ»-и С.И. Ожегов калимаи «ҷиноятӣ» ҳамчун ишора ба ҷиноят ва ҷазо маънидод шудааст[258]. Ба гуфтаи олимони рус, истилоҳи “ҳуқуқи ҷиноятӣ” бештар ба ҷазо майл дорад, на ба ҷиноят. Ба ин маънӣ «ҳуқуқи ҷиноятӣ» воқеан муродифи ҳуқуқи «ҷазо» мебошад[259]. Аммо, ҳангоми муайян кардани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, олимон тавзеҳи васеътар медиҳанд. Масалан, муаллифони китоби дарсии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» сиёсати ҷиноятиро ҳамчун як хатти умумии таҳиякардаи давлат ифода мекунанд, ки самтҳои асосӣ, мақсадҳо ва воситаҳои таъсиррасониро ба ҷиноят тавассути ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазо, татбиқи он, инчунин таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо ва танзими амалияро муайян мекунанд[260].

Ҳамин тавр, аз мафҳумҳои зикршуда бармеояд, ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ – ин маҷмуи тадбирҳои андешидаи давлат баҳри мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки баҳри самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудааст. Чунин хулоса баровардa мешавад, ки сарфи назар аз таҳқиқоти сершумори сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ фаҳмиши ягона, дақиқ ва пурраи мафҳум, маънои он, предмет ва сохтори сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин робита бо дигар мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд вуҷуд надорад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бо тарзҳои гуногун муайян карда мешавад, вале ҳамаи муаллифон эътироф мекунанд, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ қисмати ҳуқуқӣ буда, дар навбати худ як қисми сиёсати давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд принсипҳои асосӣ, самтҳои сиёсати умумии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар тадбирҳои давлат оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ

---

257 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2021).

258 Ожегов С. И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. 4-е изд., доп. – М., 1999. – С. 824.

259 Полный курс уголовного права: в 5 т. [Текст] / под ред. А. И. Коробеева. Т. 1. Преступление и наказание. – СПб., 2008. – С. 14.

260 Полный курс уголовного права: в 5 т. [Текст] / под ред. А. И. Коробеева. Т. 1. Преступление и наказание. – СПб., 2008. – С. 75.

нақши муҳим дорад ва дар асоси он стратегия ва воситаҳои мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ таҳия карда мешавад.

Дар хусуси мафҳуми сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ мо ба андешаи Т.К. Акимжанов мувофиқ мебошем, ки самти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро аз криминологӣ ҷудо кардааст. Ба андешаи номбурда, сиёсати ҷиноятӣ бо ҷинояткорӣ, бо пешгирӣ ва назорати иҷтимоӣ аз болои он алоқаманд аст, ки ба назари мо, ин комилан дуруст нест, зеро ҷинояткорӣ ва пешгирии он яке аз ҷузъҳои субъектҳои предмети криминология ба ҳисоб меравад ва сиёсати ҷиноятӣ танҳо ба чунин як соҳаи илм, ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ робитаи мустақим дорад. Ба фикри мо, сиёсати ҷиноятӣ бояд танҳо масъалаҳои ҷазо додани ҷинояткор, мазмуни худи ҷазо ва мақсади онро фаро гирад, бинобар ин, таърифи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ низ бояд маҳз ҳамин соҳаҳоро дар бар гирад[261]. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ қонунгузории муосири ҷиноятӣ бояд мутобиқ будани он ба воқеият; самаранокии истифодаи он; кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки дар ҳақиқат содир шудаанд, душвориҳои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои алоҳидаи қонуни ҷиноятӣ; оқибатҳои иҷтимоии татбиқи ҷазоҳо ва ғайра назорат карда шавад.

Ба андешаи Н.Т. Матеева, ғояи бунёдии ислоҳоти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии муосир иваз кардани хусусияти репрессивии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бо сиёсати барқароркунанда мебошад. Роҳи ҳалли аз буҳрони ҷазо баромадани ҷамъият, пеш аз ҳама, дар тағйир додани амалияи муқарраршудаи дахолати куллии давлат ба ҳамаи мавридҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дида мешавад[262]. Мавриди зикр аст, ки вазъи кунунии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, дар набудани асосҳои консептуалии ба таври мушаххас муайян ва дар сатҳи зарурӣ қабулгардидаи сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ба таври умумӣ ошкор мегардад; дувуман, он дар вуҷуд доштани идеяҳои ҷудогонаи ба истилоҳ хоссаи самтҳои рушду инкишофи сиёсат ва воситаи пешбурди мубориза бо ҷинояткорӣ, дастуру ҳидоятҳое, ки дар мақомоти давлатӣ ба таври номуназам ба миён омада, дар амал татбиқи худро меёбанд, ба мушоҳида мерасад; севуман, нишондиҳандаи чунин вазъ метавонад раванди деструксия ва десистематизатсияи (низомзудоии) қонуни ҷиноятӣ бошад, ки он дар натиҷаи ворид гардидани тағйироту иловаҳои зиёду беохир ба қонуни ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузор ба миён омадааст.

Баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ тавассути таҳия ва роҳандозӣ намудани консепсия ва барномаҳои давлатӣ татбиқ карда мешавад. А.Р. Неъматов дар ин хусус дуруст қайд

---

[261] Акимжанов Т.К. О проблемах дальнейшей гуманизации уголовной политики Республики Казахстан как важнейшем условии построения правового государства / Т.К. Акимжанов // Уголовно-исполнительное право. – 2017. – Т. 25 (1–4). – № 2. – С. 132.

[262] Матеева Н.В. Уголовная политика в условиях модернизационных и постмодернизационных процессов: сравнительно-правовой анализ / Н.В. Матеева // Уголовная политика в России и за рубежом. – 2016. – № 7 (116). – С. 153.

намудааст, ки дар ҶТ маҷмуи асосии масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин масъалаҳое, ки ба танзими қонунгузорӣ ниёз доранд, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфтааст[263]. Дар Тоҷикистон 2 ноябри соли 2013 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон таҳти №492 қабул гардид ва он дар ду марҳала татбиқ шуд, марҳилаи якум солҳои 2014-2017 ва марҳалаи дуюм солҳои 2018-2020 фаро гирифт. Лекин, дар Консепсияи мазкур вобаста ба масъалаи қабули КҶ ҶТ дар таҳрири нав ягон муқаррароте пешбинӣ нагардид, ки яке аз камбудиҳои асосии ин санад башумор меравад[264].

Ба андешаи таҳиякунандагони Консепсия, он барои таҳияи нақшаҳои дарозмуддат ва солонаи фаъолияти қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ бо воситаҳои қонунгузории ҷиноятӣ, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он, инчунин асос барои баҳодиҳӣ ва ислоҳи минбаъдаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ нигаронида шудааст[265]. Бояд гуфт, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он таҳия ва роҳандозӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки баҳри татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ Консепсияи нав – Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ карда шуд. Дар Консепсияи мазкур омадааст, ки меҳвари сиёсати ҳуқуқии ҶТ-ро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробари шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии ҶТ бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад[266].

---

263 Нематов А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 69.

264 Бобоҷонзода И.Ҳ., Қудратов Н.А., Ғайратов Т.М. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2/2 (47). – С. 254.

265 Юлдошев З.Р. Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан: проблемы и перспективы / З.Р. Юлдошев // Вестник Самарского юридического института. – 2016. – № 3 (21). – С. 90.

266 Бобоҷонзода И.Ҳ., Қудратов Н.А., Ғайратов Т.М. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2/2 (47). – С. 254.

Сарфи назар аз он, ки муҳлати амали консепсияи мазкур гузаштааст ва бисёре аз муҳаққиқон аз иҷроиши вазифаҳои он изҳори назар кардаанд, вале масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ то кунун ба андешидани тадбирҳои давлатӣ вобаста мебошад. Дар ин хусус А.Р. Нематов дуруст қайд кардааст, ки татбиқи муқаррароти консепсияи мазкур дар як муддати кӯтоҳ асосан амалӣ гардид. Аммо вазифаи асосие, ки дар назди он қарор дошт, қисман амалӣ гардид[267]. Ба андешаи Р.Р. Юлдошев, хулосаҳо ва баъзе тавсияҳои мо баҳсбарангез буда, арзиши воқеии илмӣ ва амалии Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро паст намекунанд. Хусусияти баҳсбарангези ин таҳлил бояд ба беҳсозии минбаъдаи сиёсати ҷиноятӣ, эҳёи баҳсҳои илмӣ ва рушди самтҳои мушаххасиояндадор бо назардошти ҳама ҳолатҳое мусоидат кунад, ки дар якҷоягӣ сиёсати ҷиноятии Тоҷикистон метавонад ба ташаккул ва рушди минбаъдаи ҷомеа таъсири мусбӣ расонад. Дар навбати худ, сиёсати ҷиноятӣ ҳангоми ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муносибати ҳамаҷониба ва мунтазамро талаб мекунад. Ихтилофот дар қабули қонунҳои асосӣ ва ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба ҳамдигар вобастагии онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ боиси ихтилофот ва нофаҳмиҳо мегардад[268]. Андешаҳои мазкур бори дигар мубраммияти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро дар татбиқи сиёсати ҷиноятии кишвар ифода мекунанд. Бинобар ин, зарур аст, ки консепсияи мазкур дар таҳрири нав ва мувофиқ ба талаботи замону меъёрҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шавад.

Ҳамин тавр, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки динамикаи мусбати коҳиши сатҳи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда бо тамоюли номусоиди афзоиши сатҳи ҷиноятҳои такроран содиршуда алоқаманд аст. Дар байни омилҳое, ки ин оқибатҳои манфии ислоҳоти ҳуқуқии ҷиноятиро муайян кардаанд, номувофиқатии усулҳои амалигардонии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро, аз қабили криминализатсия, декриминализатсия, пенализатсия, депенализатсия, дифференсиатсия (фардикунонии) ҷавобгарии ҷиноятиро махсус қайд кардан лозим аст.

Масъалаи дигаре, ки бояд таҳлил карда шавад ин самтҳои ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Самтҳоиояндадор барои ислоҳоти сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври ғайрирасмӣ инҳоянд: татбиқи принсипи сарфакоронаи таъқиб (аз ҷумла, декриминализатсия кардани аксарияти кирдорҳои начандон калон ва хавфнок бо назардошти категорияи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё маданӣ гузаронидани онҳо дар шароити гуманизатсияи умумии сиёсати ҷиноятӣ); татбиқи принсипи ногузирии ҷазо; афзалияти фаъолияти пешгирикунанда дар соҳаи татбиқи сиёсати ҷиноятӣ; таваҷҷуҳ ба хусусияти барқарорсозии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки

---

[267] Нематов А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 70.

[268] Юлдошев З.Р. Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан: проблемы и перспективы / З.Р. Юлдошев // Вестник Самарского юридического института. – 2016. – № 3 (21). – С. 92.

ҳуқуқи ҷабрдидагонро таъмин мекунад; ташаккули шуури демократии ҳуқуқии аҳолӣ[269]. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда ва самаранокии меъёрҳои дар онҳо мавҷудбуда эътироф карда шавад. Самаранокии меъёри ҳуқуқиро ҷараёни «ташаккули ҷамъиятӣ», «бақайдгирии ҳуқуқӣ» ва «пешгуии иҷтимоикунонии минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шароити мушаххаси ҳаёт» муайян мекунад[270]. Барои баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда ва самаранокии меъёрҳои дар онҳо мавҷудбуда бо мақсади роҳ надодан ба хусусияти системавии камбудӣ ва хатогиҳо дар эҷоди қонун зарур аст, ки заминаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти қонунгузорӣ дар раванди таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шаванд.

Самарабахш будани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро мавҷудияти қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт барои мубориза бо ҷинояткорӣ ва ислоҳоти муваффақи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мақсаднок нахоҳад буд. Ба андешаи Ю. Голик ва И. Раҳимов, масъалаи мубрами сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ инкишофи шаклҳои самарабахши вокуниш ба шакл ва навъҳои пайдошавандаи ҷиноят мебошад[271]. Таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ҳалли мушкилиҳои зерини қонунгузории ҷиноятӣ вобастагӣ дорад: мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; инсондӯстона кардани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян, пеш аз ҳама, шахсони содирнамудаи ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин ва (ё) дараҷаи миёна, занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони ноболиғи то 8-сола доранд, ноболиғон, маъюбон ва нафақахӯрон; барҳам додани ҷавобгарии ҷиноятӣ (декриминализатсия) барои баъзе аз кирдорҳои ҷиноятӣ бо дар назар доштани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии онҳо тавассути хориҷ намуданашон аз Кодекси ҷиноятӣ ва муқаррар намудани ҷавобгарӣ дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; тақвияти афзалиятнокии Кодекси ҷиноятӣ нисбат ба қонунҳои пешбиникунандаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои алоҳида (масалан, оид ба муқовимат бо савдои одам, терроризм, экстремизм, коррупсия, ҷиноятҳои муташаккил, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда) дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ; таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда; такмил ва таҷдиди назар намудани низоми ҷазои ҷиноятӣ бо дар

---

[269] Матеева Н.В. Уголовная политика в условиях модернизационных и постмодернизационных процессов: сравнительно-правовой анализ / Н.В. Матеева // Уголовная политика в России и за рубежом. – 2016. – № 7 (116). – С. 153-154.

[270] Правовая политика в условиях модернизации (по материалам Всероссийской конференции в Институте государства и права РАН) // Государство и право. – 2011. – № 10. – С. 125.

[271] Голик Ю. Навстречу XIII Конгрессу ООН по предупреждению преступности и уголовному правосудию / Ю. Голик, И. Рагимов // Уголовное право. – 2013. – № 6. – С. 123.

назар доштани татбиқ нашудани ҷазоҳои ҷиноятӣ дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ва нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ; таҳияи меъёрҳои ягонаи мушаххас барои муайян намудани намудҳо ва ҳадди ҷазо зимни ифодаи санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ[272].

Бо дарназардошти он, ки ҷиноят як падидаи иҷтимоӣ буда, маҳсули мавҷудияти сабабҳои объективӣ дар ҷомеа, ки содир намудани ҷиноятро муайян мекунанд, сиёсати ҷиноятии давлатро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бояд ҳамчун фаъолияти низомноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба рафъи сабабҳои объективии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ва аз шуури намояндагони ҷомеа аз байн бурдани шароитҳои субъективии содир намудани кирдорҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок бо роҳи маҷмуи муносиби исботшуда, дараҷаи боваркунонӣ ва маҷбуркунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд амалӣ карда шаванд.

Татбиқи самараноки қонуни ҷиноятӣ тарҳрезии консептуалии принсипҳо ва тартиби гузаронидани мониторинги дурусти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин истифодаи маҷмуии моделсозии ҳуқуқӣ, пешгӯии иҷтимоӣ ва дигар усулҳои таҷрибавиро талаб мекунад. Ҳамзамон, мусбатнамоии фаъолияти қонунгузорӣ бояд аз ҳисоби чунин принсипҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ, ба монанди принсипи муттасилӣ ва асолати низоми ҳуқуқӣ асос ёбад[273]. Дар ин хусус И.А. Кузнетсова қайд мекунад, ки дар баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо нақши калон мебозад. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин ғояҳои бунёдии мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд, ки дар худ хусусияти стратегӣ, пешрафта ва пешгӯишаванда доранд, ки дар асоси онҳо муқаррароти консептуалӣ таҳия ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро амалӣ мекунанд, бояд ба сомон расонида шаванд[274]. Дар Консепсия бошад, муқаррар гардидааст, ки таъмини иттилоотии самараноки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, мутобиқ гардонидани низоми ташаккул, таҳлил, пешниҳоди оммавӣ ва арзёбии маълумот дар бораи натиҷаҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва дурнамои рушди онро талаб менамояд. Таъмини илмӣ-методии самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба таври дахлдор ҳамроҳкунии доктриналии онро дар ҳамаи марҳалаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад[275].

---

272 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2021).

273 Правовая политика в условиях модернизации (по материалам Всероссийской конференции в Институте государства и права РАН) // Государство и право. – 2011. – № 10. – С. 120-121.

274 Кузнецова И.А. Закрепление принципа гуманизма в уголовной политике государства. Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение / И.А. Кузнецова // Вопросы теории и практики. – 2012. – № 10 (24): в 2-х ч. Ч. I. – С. 110.

275 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2021).

Ҳамин тавр, чунин хулоса бароварда мешавад, ки самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқотҳои илмӣ низ муайян карда мешаванд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меоварад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати мазкур гузошташуда амалӣ гардида, ба натиҷаҳои судманд бурда расонад. Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар Тоҷикистон эҳтимоли зиёд тавассути навсозии институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ сурат хоҳад гирифт. Баъзе институтҳои ҷазо тавассути истифодаи чораҳои пешгирикунандаи алтернативӣ ва намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, гуманизатсия карда, ҷазои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, фаромиллӣ ва кибер-иттилоотӣ пурзӯр карда шавад.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ инсондӯстона кардани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Гуманизатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз рукнҳои тамоми сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат боқӣ мемонад. Дар ин хусус М.М. Маҳмудов қайд мекунад, ки кишвари мо аз замони ба даст овардани истиқлолият ҷиҳати ташаккули низоми ҳуқуқии муосир, ки ба принсипҳои асосии давлати демократӣ мувофиқ бошад, иқдомҳои фаъол меандешад. Маънои ҳақиқии гуманизатсия дар ҷумҳурӣ на танҳо ва на он қадар сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ба вуҷуд овардани низоми дифференсиалӣ ва низоми ҷазои ҷиноятиро дорад, ки ба давлат имкон медиҳад то воситаҳои ҷазоро сарфа намуда, принсипҳои дигари ҷазо додани ҷиноятро васеъ истифода барад[276]. Инсондӯстона намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ моро водор менамояд, ки баъзе ҷиноятҳои хавфи камтари ҷиноятӣ доштаро декриминализатсия намуда, ҷавобгарии ҷиноятии баъзе ҷиноятҳои дигарро сабуктар созем.

Дар айни замон сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ба сатҳи нави сифатӣ баромада истодааст. Зарурати бетаъхир таҷдиди назар кардани сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти муносибатҳои нави ҷамъиятие ба миён омад, ки дар оянда чунин хатару таҳдидҳои глобалӣ, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, киберҷинояткорӣ ва ғайра ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар бораи ҷазо ва дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ навсозӣ карда шаванд. Ин навсозӣ бояд дар самтҳои зерин амалӣ гардад: мувофиқи комёбиҳои нави илми ҳуқуқшиносӣ ба тартиб андохтани таносуби категорияҳои «ҷавобгарии ҷиноятӣ», «чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ», «ҷазои ҷиноятӣ»; таъмини мувозинати мусбии воситаҳои ҷазоии барқароркунанда ва пешгирикунандаи танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки истифодаи комплексии

---

[276] Махмудов М.М. Обязательные работы как вид уголовного наказания / М.М. Махмудов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 67.

онҳо ба ноил шудан ба мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат мекунад; дар қонунгузории дигар мансубияти соҳавӣ мутобиқ кардани низоми чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии ҶТ бо низоми маҳдудиятҳо ва мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ барои шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд; муносибгардонӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, низом ва мундариҷаи ҷазоҳои асосӣ; таҳияи низоми алоҳидаи ҷазоҳои иловагӣ, ки ба низоми дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ доранд; мутобиқ намудани низоми адои ҷазои асосӣ ва иловагӣ бо назардошти ҳолатҳои мавҷуда дар ҶТ; беҳсозии ҳаҷм ва доираи салоҳияти суд ҳангоми таъини ҷазои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ[277].

Ҳамин тавр, дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки татбиқи ислоҳоти васеъмиқёси ҳуқуқиро дар тамоми соҳаҳои низоми ҳуқуқӣ муайян кардааст, баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути қабули консепсия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии фаъолияти давлат эътироф карда мешавад, ки ба муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳо ва асосноксозии принсипҳои бунёдии навсозии қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Муттаҳидсозии анъанавии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар заминаи навсозии низоми ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти мубрам, ки дар раванди таҳаввулоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, тавассути истифодаи маҷмуии доктриналӣ, қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсирҳо ва дигар заминаҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқотҳои илмӣ низ муайян карда мешаванд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меоварад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати мазкур гузошташуда амалӣ гардида, ба натиҷаҳои судманд бурда расонад.

**Адабиёт:**

1. Аванесов Г.А. Преступность и социальные сословия. Криминологические рассуждения [Текст]: монография. – М., 2010. – 80 с.

2. Авдеев В.А. Национальная уголовно-правовая политика в сфере противодействия преступности [Текст] / В.А. Авдеев // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2012. – № 4. – С. 21-28.

3. Авдеев В.А. Оптимизация целей наказания в контексте предупреждения преступности [Текст] / В.А. Авдеев // Криминологический журнал Байкальского государственного университета экономики и права. – 2013. – № 2. – С. 41-53.

---

[277] Нематов А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 71.

4. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография [Текст] / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 368 с.

5. Акимжанов Т.К. О проблемах дальнейшей гуманизации уголовной политики Республики Казахстан как важнейшем условии построения правового государства [Текст] / Т.К. Акимжанов // Уголовно-исполнительное право. – 2017. – Т. 25 (1–4). – № 2. – С. 130-135.

6. Бободжонзода И.Х., Кудратов Н.А. О некоторых спорных институтах проекта Уголовного кодекса Республики Таджикистан: теория, законодательства и практика [Текст] / И.Х. Бободжонзода, Н.А. Кудратов // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 6-18.

7. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қудратов Н.А., Ғайратов Т.М. Баъзе масъалаҳои такмили қисми умумии лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №2/2 (47). – С. 254-262.

8. Голик Ю. Навстречу XIII Конгрессу ООН по предупреждению преступности и уголовному правосудию [Текст] / Ю. Голик, И. Рагимов // Уголовное право. – 2013. – № 6. – С. 120-124.

9. Жалинский А.Э. Уголовная политика и задачи уголовного права [Текст] / А.Э. Жалинский // Государство и право. – 2004. – № 3. – С. 51-57.

10. Зокирзода З.Х. Ҷазои ҷиноятӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ. Монография [Матн]: нашри аввал. – Душанбе: «Ашӯриён», 2023. – 216 с.

11. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография [Матн]: нашри аввал. – Душанбе, 2022. – 185 с.

12. Исандарӣ Сулаймон. Оид ба таҳияи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: https://www.prokuratura.tj/scientific-papers-articles-and-presentations-tj/articles-and-speeches/1860-far-angi-sul-va-va-dati-millj-45.html (санаи мурочиат: 17.08.2023).

13. Консепсияи сиёсати ҳукуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2021).

14. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2021).

15. Кузнецова И.А. Закрепление принципа гуманизма в уголовной политике государства. Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение [Текст] / И.А.

Кузнецова // Вопросы теории и практики. – 2012. – № 10 (24): в 2-х ч. Ч. I. – С. 108-111.

16. Матеева Н.В. Уголовная политика в условиях модернизационных и постмодернизационных процессов: сравнительно-правовой анализ [Текст] / Н.В. Матеева // Уголовная политика в России и за рубежом. – 2016. – № 7 (116). – С. 146-155.

17. Махмудов М.М. Обязательные работы как вид уголовного наказания [Текст] / М.М. Махмудов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 66-78.

18. Нематов А.Р. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере уголовно-правовой ответственности и наказания [Текст] / А.Р. Нематов // Государственно-правовые исследования. – 2018. – Вып. 1. – С. 68-73.

19. Ожегов С. И. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. 4-е изд., доп. – М., 1999. – 944 с.

20. Полный курс уголовного права: в 5 т. [Текст] / под ред. А. И. Коробеева. Т. 1. Преступление и наказание. – СПб., 2008. – 1133 с.

21. Правовая политика в условиях модернизации (по материалам Всероссийской конференции в Институте государства и права РАН) [Текст] // Государство и право. – 2011. – № 10. – С. 118-126.

22. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ[Матн]: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: “Ашуриён”, 2023. – 320 с.

23. Юлдошев З.Р. Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан: проблемы и перспективы [Текст] / З.Р. Юлдошев // Вестник Самарского юридического института. – 2016. – № 3 (21). – С. 90-92.

# ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ В СФЕРЕ НАУЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Саидзода Собир Сайдахмад,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения
**Тел.:** +992 000 00 9911
**Email:** saidzode8@mail.ru

**Научный руководитель:** Саъдизода Дж. – кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Для понимания правовой политики государства в сфере регулирования научной деятельности автор анализирует понятие государственной научной политики. Правовую политику государства в сфере регулирования научной деятельности можно определить как политико-правовой механизм регулирования научной деятельности, направленный на получение и применение новых знаний на определенном этапе исторического развития общества и государства. Правовая политика в сфере регулирования научной деятельности отличается сложностью и разнообразием своей структуры. В частности, можно выделить и проанализировать этапы правовой политики в сфере регулирования научной деятельности. Автор, статьи анализирует этапы национальной правовой политики в сфере регулирования научной деятельности. Хотя, в предмет исследования автора не входят вопросы анализа этапов правовой политики государства в сфере научной деятельности в советский период, однако автор дает общую характеристику данного этапа, который, безусловно, повлиял на данный период.

**Ключевые слова:** правовая политика, правовое регулирование, система законодательства, нормативные правовые акты, научная деятельность, тип правового регулирования, правовая идеология, правовые средства, правовые стимулы, правовые запреты.

# МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саидзода Собир Сайдаҳмад,**
Донишногҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** +992 000 00 9911
**Email:** saidzode8@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Саъдизода Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Фишурда:** Барои фаҳмидани сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи танзими фаъолияти илмӣ муаллиф мафҳуми сиёсати илмии давлатиро таҳлил кардааст. Сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи танзими фаъолияти илмиро метавон ҳамчун механизми сиёсӣ ва ҳуқуқии танзими фаъолияти илмии ба даст овардан ва татбиқи донишҳои нав дар марҳалаи муайяни рушди таърихии ҷомеа ва давлат муайян кард. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими фаъолияти илмӣ бо мураккабӣ ва гуногунии сохтори он фарқ мекунад. Аз ҷумла, марҳилаҳои сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи танзими фаъолияти илмӣ муайян ва таҳлил кардан мумкин аст. Муаллифи мақола марҳилаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи танзими фаъолияти илмӣ таҳлил мекунад. Ҳарчанд мавзуи тадқиқоти муаллиф таҳлили марҳалаҳои сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи фаъолияти илмӣ дар давраи шуравиро дар бар нагирифта бошад ҳам, муаллиф тавсифи умумии ин марҳаларо, ки албатта, ба ташаккули он таъсир расонидааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти илмӣ, навъи танзими ҳуқуқӣ, мафкураи ҳуқуқӣ, воситаҳои ҳуқуқӣ, омилҳои ҳуқуқӣ, мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ.

## THE MAIN STAGES OF THE LAW POLICY IN THE SPHERE OF SCIENTIFIC ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Saidzoda Sobir Saidahmad,**
Tajik National University, Faculty of Law, competitor of the Department of Human Rights and Comparative Law
**Phone:** +992 000 00 99 11
**Email:** saidzode8@mail.ru

**Supervisor:** Sadizoda J. – Candidate of Legal Sciences, docent

**Annotation:** To understand the law policies of the state in the sphere of regulation of scientific activity the author analyzes the concept of state scientific policy. Legal policy of the state in the sphere of regulation of scientific activity can be defined as a political and legal mechanism of regulation of scientific activity, aimed at obtaining and applying new knowledge at a certain stage of the historical development of society and the state. Legal policy in the sphere of regulation of scientific activity is characterized by complexity and variety of its structure. In particular, it is possible to identify and analyze the stages of legal policy in the sphere of regulation of scientific activity. The author of the article analyzes the stages of national legal policy in the sphere of regulation of scientific activity. Although the subject of the author's research does not include the analysis of stages of the legal policy of the state in the sphere of scientific

activity in the Soviet period, but the author gives a general characteristic of this stage, which certainly influenced this period.

**Key words:** law politics, legal regulation, legislative system, normative legal acts, scientific activity, type of legal regulation, legal ideology, legal means, legal incentives, legal prohibitions.

Сфера науки является приоритетным направлением в Республике Таджикистан и развивается в свете мудрой и научной политики Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона. Государство и правительство рассматривают науку как главную основу развития страны, а ученых как большой интеллектуальный ресурс общества, и принимают эффективные меры для его дальнейшего развития и улучшения социально – экономических условий жизни ученых.

Задачи науки в современном Таджикистане вытекают из Послания Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона. В своем Послании от 26 декабря 2019 года он отметил: «На нынешнем этапе развития Таджикистана сферам науки и образования придается первостепенное значение, потому что они играют ключевую роль в деле укрепления основ демократического, правового и светского государства»[278].

Государственная независимость создала условия для того, чтобы научные исследования материальных и духовных достижений, культурного наследия и древней истории таджиков получили беспрецедентное расширение, а таджикская нация была представлена на международной арене как нация созидательной цивилизации, носителей культуры, учёных и градостроителей.

Для понимания правовой политики государства в сфере регулирования научной деятельности важным является понятие государственной научной политики. Исходя из определения, данного в статье 1 Закон Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно – технической политике» № 1197 от 18 марта 2015 года, государственная научно-техническая политика – выбор приоритетных направлений развития науки и техники и их государственная поддержка, а также система внедрения научного и (или) научно-технического результата в отраслях народного хозяйства[279]. Отметим, что государственная научная политика представляет собой более широкое понятие, нежели правовая политика государства в сфере регулирования научной деятельности. Так, согласно пунту 14 «Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года» №263 от 30 июня 2021 года, целями Стратегии являются определение эффективных путей дальнейшего развития отечественной науки,

[278] Более подробно см. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 26 декабря 2019 году. [Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/21977] Дата обращения: 27.11.2024

[279] Более подробно см. Закон Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно – технической политике» № 1197 от 18 марта 2015 года

обеспечение конкурентоспособности результатов научных исследований, создание конкурентоспособных технологий, ускорение их практического использования на благо экономического и социального развития страны, потребность производственных предприятий, коммерции, работодателей в научных разработках и технологиях, формирование инновационной инфраструктуры, а также безопасность личности, общества и государства.

Правовую политику государства в сфере регулирования научной деятельности можно определить как политико – правовой механизм регулирования научной деятельности, направленной на получение и применение новых знаний на определенном этапе исторического развития общества и государства. Для достижения целей, предусмотренных в пункте 14 Стратегии, необходимо решить следующие основные задачи:

– создание благоприятных организационно-правовых условий для проведения фундаментальных и прикладных исследований, адаптации научных организаций к инновационной экономике;

– совершенствование нормативной правовой базы научной, научно-технической и научно-инновационной деятельности, деятельности по подготовке высококвалифицированных научно-технических кадров;

– повышение эффективности использования результатов научной и научно-технической деятельности;

– эффективное использование средств Президентского фонда фундаментальных исследований в области фундаментальных и прикладных исследований, научных разработок, разработок новых технологий и инновационной продукции;

– создание условий для сотрудничества с частным сектором в сферах науки, технологий и инноваций;

– формирование инновационной инфраструктуры и поддержка инновационной деятельности в сферах науки и технологий, создание условий для коммерциализации результатов исследований;

– укрепление материально-технической базы научных исследований с учетом формирования сети совместных научных центров;

– адаптирование научно-исследовательских тем (проектов) в интересах экономического и социального развития страны;

– в пределах существующих штатных единиц создание новых научно-исследовательских лабораторий, оснащенных современным научным оборудованием, отвечающих требованиям международных стандартов для проведения исследований в одном или нескольким приоритетным направлениям науки, технологий и инноваций, реализация стратегических программ (проектов), имеющих национальное значение;

– укрепление научно-исследовательского сектора учреждений высшего профессионального образования;

– интеграция секторов академических, отраслевых наук и учреждений высшего профессионального образования;

– определение механизмов взаимодействия научных организаций с соответствующими министерствами и ведомствами, производственными предприятиями и учреждениями по внедрению в производство

изобретений, защищенных патентами и авторскими свидетельствами, новых научных разработок, технологий и инновационной продукции;

– создание механизма привлечения молодых специалистов к научной и инновационной деятельности (введение специальных грантов для молодых ученых, их стимулирование, предоставление государственных ипотечных кредитов для молодых специалистов в сферах науки, технологий и инноваций, предоставление венчурного финансирования для реализации их научных разработок);

– поддержка среднесрочных программ развития научных учреждений и учреждений высшего профессионального образования на конкурсной основе;

– содействие повышению качества менеджмента в научных организациях по реализации инновационных проектов и обеспечение эффективного сотрудничества с бизнесом;

– развитие современной информационной инфраструктуры, основанной на использовании передовых информационных и коммуникационных технологий;

– расширение международного научно-технологического сотрудничества и повышение его эффективности;

– развитие военной науки и создание основы военно-промышленного комплекса[280].

Подчеркнем, что правовая политика в сфере регулирования научной деятельности отличается сложностью и разнообразием своей структуры. В частности, можно выделить и проанализировать этапы правовой политики в сфере регулирования научной деятельности. В качестве критерия, для выделения определенных этапов и с учетом тематики исследования можно предложить наличие основополагающих программных и нормативных правовых актов в сфере на учной деятельности на определенных временных отрезках. Поскольку в предмет нашего исследования не входят вопросы анализа этапов правовой политики государства в сфере научной деятельности в советский период, отметим лишь основные особенности, которые, безусловно, повлияли на период.

Приоритетом правовой политики в сфере советской науки являлась мобилизация науки для нужд государственного строительства. Ее характерными чертами были: этатистская направленность, привлечение научных организаций, отдельных ученых к выполнению научных исследований прикладного характера, осуществлявшихся в конституционно определенных целях построения социализма, финансирование научных разработок из средств государственного бюджета.

Правовое регулирование деятельности научных организаций в Советском государстве осуществлялось на основе советского законодательства, а на начальном этапе также на основе дореволюционных нормативных актов в сфере регулирования научной деятельности, если они

[280] Более подробно см. «Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года» №263 от 30 июня 2021 года

не отменены соответствующими декретами ВЦИК и СНК и если они не противоречили «завоеваниям революции», а также действовавшему советскому законодательству. Правовое регулирование деятельности высших учебных заведений в отсутствие универсального устава осуществлялось на основании декретов ВЦИК и СНК, распоряжений и разъяснений Наркомата просвещения.

Впервые были приняты нормативные акты об учреждении государственных научно – исследовательских институтов. Особенности правового положения научных работников характеризовалась принятием нормативных актов об учреждении рабочих факультетов, создававших правовую основу формирования кадров советских научных работников, преподавателей высшей школы, политических руководителей. В целях стимулирования научной деятельности на всем протяжении советского периода предусматривались правовые льготы, и создавалась система правовых поощрений научной деятельности на основании разных постановлений.

Таким образом, государственный характер управления научной деятельностью имел и позитивную направленность и обусловил негативные последствия, которые выразились в формировании административно-командной системы управления научными организациями, которая существовала в неизменном виде практически до середины 80 – х годов, с преобладанием элементов разрешительного типа правового регулирования. Подчеркнем, законодательство о науке, в советский период в значительной мере тяготело к сфере административного права .

В качестве первоначального этапа правовой политики в сфере научной деятельности представляется возможным выделить период 1995 – 2000 гг. Правовые отношения в научной деятельности на данный период регулируются Конституцией РТ, законами, указами Президента и постановлениями Правительства. И хотя по смыслу Конституции РТ парламент также должен быть активным участником разработки научной политики, на практике его вклад в эти процессы в данный период был незначителен. К основным нормативным правовым документам в области регулирования научной деятельности в данный период относятся: Постановление Правительство Республики Таджикистан «О действительных членах и членах-корреспондентах Академии наук Республики Таджикистан» №188 от 09 марта 1995 года, Постановление Правительство Республики Таджикистан «Об оплате за звание действительного члена и члена – корреспондента Академии наук Республики Таджикистан» № 101 от 24 февраля 1996 года,

Ситуация начинает меняться в период с 2000 по 2022 гг., руководством страны был предпринят ряд шагов, направленных на исправление положения в сфере научной деятельности. К основным нормативным правовым документам в области регулирования научной деятельности в данный период относятся: Закон Республики Таджикистан «О Национальной Академии наук Таджикистана» №1780, от 20 апреля 2021

года, Закон Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно-технической политике» №1197, от 18 марта 2015 года, Постановление Правительство Республики Таджикистан «О Положении о докторантуре по специальности и Государственном стандарте докторантуры по специальности» №93, от 25 февраля 2017 года, «Стратегия Республики Таджикистан в области науки и технологий на 2011 – 2015 годы» № 114, от 3 марта 2011 года, «Государственная целевая программа развития математических, точных и естественных наук на 2021-2025 годы» №170, от 30 апреля 2021 года, «Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года» №263, от 30 июня 2021 года, Указ Президента Республики Таджикистан «О Порядке ежемесячных выплат за ученые звания членам Национальной академии наук Таджикистана» №353, от 4 марта 2022 года, Указ Президента Республики Таджикистан «О создании Государственного учреждения «Высшая аттестационная комиссия при Президенте Республики Таджикистан» № 255, 12 августа 2014 года и др.

Особое место среди них занимают «Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года» №263 от 30 июня 2021 года. Данная Стратегия определяет основные цели и задачи развития науки, технологий и инноваций в Республике Таджикистан на этот период, устанавливает основные направления и меры по реализации государственной политики в этих сферах, а также ожидаемые результаты её осуществления. Стратегия является основой для разработки и реализации государственных программ Республики Таджикистан по совместному развитию науки, технологий и инноваций, а также разработки и применения новых технологий и инновационных проектов в экономике страны. В этом документе указывается на важность и своевременность инновационной деятельности с учетом современного «перестроения» всего законодательства на рельсы инновационного развития.

В своем Послание Президент Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемый Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» в 2006 году отметил: Поэтапно закладывать и укреплять уже сегодня основу для будущего – таковы требования времени и веление нового века. Ибо мировое сообщество и цивилизованные страны мира в век научно-технической революции движутся вперед с космической скоростью[281].

Для большего улучшения качества обучения в 2019 году в Послании Маджлиси Оли, Президент объявил 2020-2040 годы «Годами изучения и развития математических, точных и естественных наук в сфере науки и образования», для реализации этой инициативы Правительством страны был принят план мероприятий на 2020-2025 годы. Министерствам финансов, образования и науки, Национальной академии наук, комитетам,

[281] Более подробно см. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» в 2006 году. [Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/874 ] Дата обращения: 01.12.2024

в структурах которых имеются образовательные учреждения, поручается совместно с руководителями областей, городов и районов принять оперативные меры для недопущения поверхностного отношения в реализации упомянутого постановления и оснащения кабинетов точных, математических и естественных наук, о результатах проделанных работ представить информацию Правительству страны.

Наряду с этим с целью привлечения большего числа подростков и молодежи, ученых, исследователей, наставников и преподавателей к изучению и развитию математических, точных и естественных наук считаю необходимым ежегодное проведение республиканского конкурса под названием «Наука – светоч просвещения»[282].

При поддержке Правительства страны с 2001 по 2019 год в структуре Национальной академии наук путём реорганизации были созданы новые научно-исследовательские учреждения – институты по водным вопросам, гидроэнергетике и экологии, экономике и демографии, философии, политологии и праву, Агентство по ядерной и радиационной безопасности, научный центр Хатлона, Центр изучения Абуали ибн Сино при Институте философии, политологии и права.

В 2019 году в научно-исследовательских учреждениях, учреждениях высшего профессионального образования, подготовляющих аспирантов и докторантов PhD, количество аспирантов по 40 специальностям составлял 758 человек, из которых 43 традиционных докторантов и 1091 докторант PhD, а также 393 человека окончили аспирантуру, 13 человек – традиционную докторантуру и 106 человек – докторантуру (PhD).

В своем выступлением на встрече с деятелями науки и образования страны от 30 мая 2024 года Основатель мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмона отметил: В стране работают около 5900 кадров со степенями и учеными званиями, из которых 886 человек, или 15,5 %, являются докторами наук (из них 146, или 16 % — женщины), 4800 — кандидатами наук и 158 — докторами наук по специальности. До обретения независимости в стране работало 3300 кадров со степенями и учеными званиями, в том числе 229 докторов наук и 3074 кандидата наук.

Иными словами, за период независимости количество кадров со степенями и учеными званиями увеличилось в 1,8 раза, в том числе докторов наук – почти в четыре раза и кандидатов наук – в 1,6 раза[283].

Правовая политика в сфере научной деятельности в Республике Таджикистан прошла несколько ключевых этапов, начиная с периода становления после обретения независимости до современного этапа активного реформирования. Каждый из этих этапов сопровождался разработкой стратегических и программных документов, направленных на

---

[282] Более подробно см. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 26 декабря 2019 году. [Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/21977] Дата обращения: 27.11.2024

[283] Выступление на встрече с деятелями науки и образования страны от 30 мая 2024 года. [Электронный ресурс: https://president.tj/event/speeches/37702] Дата обращения: 06.12.2024

создание условий для научного прогресса, укрепления материально-технической базы и интеграции науки в социально-экономическое развитие страны.

Анализ показал, что современная правовая политика отражает необходимость синергии между государством, научным сообществом и бизнес-сектором. Развитие нормативно-правовой базы, в том числе принятие Закона Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно-технической политике» и «Стратегии Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года», позволило обозначить приоритетные направления развития науки и инноваций, а также сформировать механизмы для их реализации.

Несмотря на достигнутые успехи, остаются проблемы, такие как слабая интеграция науки и производства, а также ограниченные возможности международного сотрудничества. Решение этих вопросов требует повышения государственной поддержки научных исследований, создания прозрачных механизмов финансирования и внедрения инновационных подходов в управление научными учреждениями.

Таким образом, дальнейшее совершенствование правовой политики в сфере науки должно базироваться на комплексном подходе, включающем укрепление кадрового потенциала, модернизацию инфраструктуры, расширение международного сотрудничества и активное вовлечение молодежи в научно-исследовательскую деятельность. Только такие меры позволят Республике Таджикистан использовать потенциал науки для устойчивого социально-экономического развития и укрепления ее международного научного авторитета.

**Литература:**

1. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 26 декабря 2019 году. [Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/21977] Дата обращения: 27.11.2024.
2. Закон Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной научно – технической политике» № 1197 от 18 марта 2015 года.
3. «Стратегия Республики Таджикистан в сферах науки, технологии и инновации на период до 2030 года» №263 от 30 июня 2021 года.
4. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 2006 года. [Электронный ресурс: http://www.president.tj/ru/node/874] Дата обращения: 01.12.2024.
5. Выступление на встрече с деятелями науки и образования страны от 30 мая 2024 года. [Электронный ресурс: https://president.tj/event/speeches/37702] Дата обращения: 06.12.2024.

# КАФОЛАТҲОИ ҚОНУНИЯТ

**Сайдалиев Алиҷон Тураевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
**Тел.:** (+992) 902046000
**Email:** ubaydullo_azizov@inbox.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои кафолатҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, намудҳои кафолати ҳуқуқӣ ва роҳу воситаҳои таъмин намудани он, принсипҳои таъмин намудани кафолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки қонуният танҳо тавассути рафтори қонунии одамон, тавассути фаъолияти амалии онҳо, ҷомеа ва давлат дар ҳаёт таҷассум мегардад. На танҳо аз ҷиҳати назариявӣ кор карда баромадани қонунҳои ҳуқуқӣ, балки ба вуҷуд овардани низоми кафолатҳое, ки ба таъмини воқеии иҷрои талаботҳое, аз онҳо баромеоянд, аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст. Ба андешаи муаллиф кафолатҳои қонуният хусусияти объективӣ ва субъективӣ доранд. Кафолатҳои умумӣ ба кафолатҳои умумии объективӣ ва кафолатҳои умумии субъективӣ ҷудо карда мешаванд. Шароитҳои объективии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ кафолатҳои умумии объективиро ташкил медиҳанд. Кафолатҳои идеологӣ, ташкилӣ, ҷамъиятӣ, ки аз омилҳои субъективӣ сарчашма мегиранд, кафолатҳои умумии субъективӣ мебошанд. Кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ аз воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ, чораҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои ҳуқуқӣ иборатанд.

**Калидвожаҳо:** кафолат, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, қонуни ҳуқуқӣ, кафолати ҳуқуқӣ, кафолатҳои иқтисодӣ, кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ, субъекти кафолати қонуният, объекти кафолати қонуният, воситаҳои таъмини қонуният.

# ГАРАНТИЯ ЗАКОННОСТИ

**Сайдалиев Алиҷон Тураевич,**
Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета
**Тел.:** (+992) 902046000
**Email:** ubaydullo_azizov@inbox.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с законностью, правопорядком, видами правовой гарантии и способами и средствами ее предоставления, принципами обеспечения законности и правопорядка.

Автор отмечает, что законность воплощается в жизнь только через правовое поведение людей, через их практическую деятельность, общество и государство. Необходимо придать серьезное значение не только развитию юридических законов с теоретической точки зрения, но и созданию системы гарантий, которая обеспечит фактическое выполнение вытекающих из них требований. По мнению автора, гарантии законности имеют объективную и субъективную природу. Общие гарантии делятся на объективные и субъективные, общие гарантии. Объективные экономические, социальные, политические и культурные условия представляют собой общие объективные гарантии. Идеологические, организационные, социальные гарантии, вытекающие из субъективных факторов, являются общими субъективными гарантиями. Специальные правовые гарантии состоят из специальных правовых средств, правовых мер.

**Ключевые слова:** гарантия, законность, правопорядок, законодательство, правовой закон, правовая гарантия, экономические гарантии, специальные правовые гарантии, предмет обеспечения законности, объект обеспечения законности, методы обеспечения законности.

## GUARANTEES OF LEGALITY

**Saidaliev Alijon Turaevich,**
Tajik national university, faculty of law, doctor PhD of department of human rights and comparative law
**Tel.:** (+992) 902046000
**Email:** ubaydullo_azizov@inbox.ru

**Abstract:** This article examines issues related to legality, law and order, types of legal guarantees and methods and means of providing them, principles of ensuring legality and law and order.

The author notes that legality is realized only through the legal behavior of people, through their practical activities, society and the state. It is necessary to attach serious importance not only to the development of legal laws from a theoretical point of view, but also to the creation of a system of guarantees that will ensure the actual fulfillment of the requirements arising from them. According to the author, guarantees of legality have an objective and subjective nature. General guarantees are divided into objective and subjective general guarantees. Objective economic, social, political and cultural conditions are general objective guarantees. Ideological, organizational, social guarantees arising from subjective factors are general subjective guarantees. Special legal

guarantees consist of special legal means, legal measures.

**Key words:** Guarantee, legality, law and order, legislation, legal law, legal guarantee, economic guarantees, special legal guarantees, subject of ensuring legality, object of ensuring legality, methods of ensuring legality.

Мафҳуми қонуният танҳо тавассути рафтори қонунии одамон, тавассути фаъолияти амалии одамон, ҷомеа ва давлат дар ҳаёт таҷассум мегардад. Аз ин рӯ, на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ кор карда баромадани қонунҳои ҳуқуқӣ, балки ба вуҷуд овардани низоми кафолатҳое, ки ба таъмини воқеии иҷрои талаботи аз онҳо баромада, аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст.

Кафолатҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ – шароитҳои объективӣ, омилҳои субъективӣ ва воситаҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро таъмин мекунанд[284]. Санаи 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки меъёрҳои байналмилалии умумиэътирофшударо дар худ таҷассум намуда, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд афзалият дода, онҳоро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи давлат кафолат дод[285].

Ба андешаи В.В.Фролов «Зери мафҳуми кафолати қонуният бояд шартҳо, усулҳо ва воситаҳои муайянкардаи қонунҳои рушди ҷомеа дарк карда шавад, ки иҷрои талаботҳои қонунҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, имконоти онҳоро ба раванди эҷоди қонун ва иҷрои он таъсир расонидан ва ҳамзамон ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намудан таъмин мекунад, фаҳмида шавад»[286].

Мувофиқ ба мафҳуми зикршуда кафолатҳои қонуният хусусияти объективӣ ва субъективӣ доранд ва аз ин хотир онҳо ба кафолатҳои умумӣ ва кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Кафолатҳои умумӣ ба кафолатҳои умумии объективӣ ва кафолатҳои умумии субъективӣ ҷудо карда мешаванд. Шароитҳои объективии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ кафолатҳои умумии объективиро ташкил медиҳанд. Кафолатҳои идеологӣ, ташкилӣ, ҷамъиятӣ, ки аз омилҳои субъективӣ сарчашма мегиранд, кафолатҳои умумии субъективӣ мебошанд. Кафолатҳои махсуси ҳуқуқӣ аз воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ, чораҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои ҳуқуқӣ иборатанд.

Кафолати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, ба монанди низоми иқтисодӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, гуногуншаклии моликият, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва даромади миллӣ, низоми пулӣ, нзоми андозу гумрк, музди меҳнат ва м.и. иборат мебошад,

---

[284] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои мкассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, «Империал-Групп», 2017. – С. 640.

[285] Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014 – С. 4.; Диноршоев А.М., Сафарзода Б.А. Государственно–правовая политика в области прав человека: проблемы формирования и основные направления в Республике Таджикистан // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2016. – №3(03). – С. 8-13.

[286] Фролов В.В. Механизм обеспечения правозаконности в современной России (теоретико - прикладные аспекты): Монография. – СПб, 2002. – 189 с.

ки ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Шароити воқеии соҳаи иктисодии ҷомеа барои татбиқи қонуният аҳамияти бузург дорад. Дар шароити имрӯзаи ҷомеа иқтисодиёт аломати асосии дараҷаи демократикунонии ҷомеа ва низоми сиёсию ҳуқуқии он дониста мешавад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани иқтисодиёти воқеан ҳам озод ва самаранок амалкунанда дар кишвар ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шахсро таъмин кардан мумкин аст. «Кафолатҳои иқтисодии қонуният ин имконоти кофии иқтисодӣ фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ бахри татбиқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар санади меъёрии муайян, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дарҷ гардидаанд, мебошанд»[287].

Чуноне, ки профессор Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд «Пешрафти иқтисодӣ, таъмини озодии фаъолияти иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ, гуногуншаклии моликият боиси афзудани фаъолияти иқтисодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гашта, ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Буҳрони иқтисодӣ, баръакс, қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро заиф мекунад»[288].

Моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки: «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад»[289]. Кафолати асосии иқтисодии қонуният ин таъмини баробарии шаклҳои гуногуни моликият, аз он ҷумла моликияти хусусӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ танҳо моликияти хусусӣ ба соҳибмулки худ ҳуқуқҳои васеи ихтиёрдориро медиҳад ва аз ин лиҳоз ба ӯ, ба ирода ва манфиатҳои ӯ таъсир расонда метавонад. Озодии моликиятдорӣ ва фаъолияти иқтисодӣ ба шахс неруи фаъоли эҷодӣ медиҳад, ки он боиси истифодаи самараноки моликият ба манфиати худи шахс ва ҳам ба тамоми ҷомеа мегардад.

Кафолати дигари иқтисодии қонуният ин аст, ки шахс барои ба даст овардани имконияти соҳиб шудан ба моликияти хусусӣ кӯшиш менамояд, то дар фаъолияти озоди иқтисодӣ ва рақобат бошад. Озодии фаъолияти иқтисодӣ ва рақобат аслан баҳснοктарин кафолати иқтисодии қонуният мебошад. Гап дар сари он аст, ки кафолати мазкури қонуният бевосита ба имконоти дахолати давлат ба иқтисодиёт алоқаманд буда, ҳудуд ва оқибатҳои он маъмулан мавзуи баҳси шидади ҷонибдорони консепсияҳои давлати либералӣ ва давлатдорӣ гардидааст.

Кафолатҳои иқтисодии қонуният дахолати давлатро ба соҳаи иқтисодиёт то ҳадди ақали функсияҳои давлатӣ коҳиш медиҳад. Тибқи талаботи принсипи озодии фаъолияти иқтисодӣ барои риояи қонуният танҳо бозори озод имкон медиҳад, ки манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии ба

[287] Ефремов А.Ф. Принципы и гарантии законности. – Самара, 1999. – С. 46.
[288] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 140-141.
[289] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душабе: Нашриёти Ганҷ. 2016.

ҷомеа самаранок ва фоидаовар муқаррар карда шавад.

Сеюмин кафолати иқтисодии қонуният дар таъмини принсипи масъулияти давлат дар назди шахс асос ёфтааст, ногузирии масъулияти моддии давлат мебошад. Давлат масъулияти ҷуброн намудани зараре, ки дар натиҷаи амалиёти ғайриқонунии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин ашхоси мансабдор ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба шаҳрвандон расонида шударо бар душ дорад. Ҳамзамон давлат масъулияти кафолати бехатарии фаъолияти молиявии муассисаҳои давлатиро дар робита бо пардохти ҷубронпулӣ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои шахс аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, мақомоти суғуртавии давлатӣ, пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.и. доро мебошад. Кафолатҳои мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[290], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»[291] аз 25 апрели соли 2023 ва дигар қонунҳои амалкунандаи кишвар муқаррар карда шудаанд.

Инчунин, дар асоси моддаи 21-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҷабрдида тахти ҳифзи қонун қарор гирифта, давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат додааст[292]. Муфассирони Конститутсияи ҶТ ба моддаи мазкур (моддаи 21) таваҷҷуҳ намуда, қайд кардаанд, ки дар ин муқаррароти конститутсионӣ се ҳуқуқи ҳаётан муҳимми ҷабрдида пешбинӣ гардидааст, яъне дар асоси қонун ҳифз намудани ҳуқуқи ҷабрдида, кафолати ҳифзи судии ҷабрдида ва кафолати ҷуброни зарари ба ӯ расонидашуда. Ҳифз намудани ҳуқуқҳои ҷабрдида ва товон намудани зарари ба ӯ расонидашуда аз моҳияти ҳуқуқбунёдии давлат шаҳодат медиҳад, ки ҶТ баҳри расидан ба ин мақсад саъю талош менамояд[293].

Бо инкишоф ёфтани қонунгузории ҷиноятӣ ва тағйиру иловаҳои ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда[294] дар ҳолати содир намудани ҷиноят дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, агар шахси ҷиноят содиркарда то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра барқарор карда бошад, нисбати ӯ ҷазо дар шакли ҷарима ё дигар ҷазое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест, таъин карда мешавад. Инчунин, баъд аз баровардани ҳукми суд барқарор кардани зарари расонидашуда, ҷазои таъиншуда дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст, ё ин ки аз ҷониби суди маҳалли иҷроиши ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазо дар шакли ҷарима (қ. 6, 7, 8 м. 49 КҶ

---

[290] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 18 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ “Адлия”. Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).

[291] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ». (АМОҶТ с. 2011, №7-8, мод. 612; с. 2015, №11, мод. 973).

[292] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душабе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С. 14.

[293] Тафсири илмӣ–оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 272-275.

[294] Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010 № 617, аз 25.03.2011 № 694, аз 14.11.2016 № 1359, аз 24.02.2017 № 1379, аз 2.01.2018 № 1472.

ҶТ ) ва ивази қисмати адонашудаи ҷазо дар шакли нисбатан сабуктари ҷазо (қ. 7 м. 77 КҶ ҶТ) иваз карда мешавад[295].

Ҷуброни зиён дар моддаи 14 Кодекси маданӣ чунин муқаррар шудааст: «Шахси ҳуқуқаш вайрон гардида метавонад ҷуброни пурраи зиёни ба он расондашударо талаб намояд, агар дар қонун ё шартнома ҷуброни зиён ба андозаи камтар пешбинӣ нашуда бошад»[296]. Муҳаққиқон зиёни дар қонунгузорӣ дарҷшударо ҳамчун оқибатҳои манфии молумулкӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ё молумулкӣ ба миён омадааст, шарҳ додаанд. Муқаррароти мазкур дар шакли умумӣ дарҷ гардидааст ва ҳолатҳои мушаххасе, ки дар асоси онҳо ҳуқуқи шахс ба талаб намудани рӯёнидани зиёнро ба даст меорад, дар боб ва моддаҳои алоҳидаи қонунгузорӣ муқарррар шудаанд[297].

Доир ба масъулият, махсусан оид ба ҷавобгарӣ дар ҳолати расонидани зарари моддию маънавие, ки барои қабули санади «ҳуқуқвайронкунӣ», амали зиддиҳуқуқӣ, махсусан ҷиноят ва кирдори маъмурӣ ва ё шахсони татбиққунандаи он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва ё шахсони дигар расонида мешаванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои илмии заминавӣ гузаронида шудаанд[298]. Вале мутаассифона, дар илми ҳуқуқи ватанӣ равишҳо ба баррасии ин масъала ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд ва таҳқиқоти минбаъдаи назариявию амалиро талаб мекунанд. Танзими ҳуқуқии ин масъалаҳоро дигар қонунҳо, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»[299] низ муқаррар ва танзим менамонд.

Чорум, кафолати иқтисодии қонуниятро ба андешаи мо, ин таъмини моддии фаъолияти мақомоти суд ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ташкил медиҳад. Таъмини моддии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти судӣ, Мақомоти корҳои дохилӣ, мулдофиа ва мақомоти ҳифзи сарҳадоту амният дар низоми кафолатҳои иқтисодии қонуният аҳамияти бузург дорад, зеро яке аз ҷузъҳои муҳими мустаъқилӣ ва самаранокии фаъолияти онҳоро ташкил медиҳад.

Кафолати панҷуми иқтисодии қонуният, ин экспертизаи иқтисодии қонунҳо мебошад. Ҳангоми коркард бояд ба шакл ва мундариҷаи қонун, ҳатмӣ будани моҳияти қонунҳои «ҳуқуқӣ», замина ва асоси иқтисодии қонунҳо аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад. Барои ба талаботи қонуният ҷавобгӯ будани қонунҳо меъёрҳои онҳо на танҳо ҳамчун «шиори расмӣ» ва

---

[295] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 12.02.2022).

[296] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 18 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).

[297] Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, «Эр–граф», 2010. – С. 59-61.

[298] Чунончи ниг.: Мирзоев П.З. Внедоговорная ответственность государства за ущерб, причиненный предпринимателю: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мирзоев Парвона Зайналобуддинович. – Душанбе, 2012. – 187 с., Мирбобоева Р.В. Правовое регулирование приобретения, использования и правовой охраны товарных знаков в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мирбобоева Рухсора Валиджоновна. Душанбе, 2012. – 189 с. ва диг.

[299] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008, № 3, мод. 192; 2010, № 7. Мод 543; 2012, № 7, мод. 717.

«эъломияву ваъдаҳои зебо» дар қонун инъикос ёбанд, балки бо гузаронидани экспертизаи иқтисодӣ ва молиявии онҳо сатҳи амалишавиашон муқаррар карда мешаванд.

Таҳлил накардани лоиҳаи қонун бо шароитҳои иқтисодиёт метавонад ҳангоми татбиқсозии онҳо мушкилотро пеш орад. Муайян кардани «арзиш»-и қонун, яъне хароҷоти таҳия ва қабули он, иҷрои воқеии он, пешаки муқаррар кардани фоида ва зарари молиявию иқтисодии он ниҳоят муҳим аст[300].

Бояд иқрор шуд, ки нишондодҳои санадҳои зикршудаи ҳуқуқӣ бинобар сабаби пурра ва саривақту воқеии экспертизаи иқтисодӣ нагардиданашон на ҳама вақт пурра ва самаранок амалӣ мешаванд. Махсусан агар иҷроиши ин қонунҳо ва сарчашмаи молиявии онҳо ба буҷаи маҳаллӣ вогузор гардида бошад.

Аз ин рӯ, кафолатҳои иқтисодии қонуният талаб мекунанд, ки қонунгузор танҳо қонуни аз ҷиҳати иқтисодӣ қатъиян асоснокро бояд қабул намояд. Вале агар қонун қабул шуда бошаду аллакай эътибор пайдо карда бошад, барои татбиқи он зарур аст, ки тамоми имкониятҳо дарёфт карда шаванд.

Кафолати иқтисодӣ асоси заминавии ҳаёти осоишта ва таъминоти иҷтимоии одамон мебошад. Аз ин хотир кафолатҳои иҷтимоӣ низ дар таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бисёр муҳим мебошад. Низоми омилҳои иҷтимоӣ, ба монанди, шароити зиндагии арзанда, низоми хизмати иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоии нафақахӯрон, маъюбон, ятимон, рушди соҳаи маориф, тандурустӣ, нақлиёт, алоқа, созиши иҷтимоӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, таркиби иҷтимоии аҳолӣ, муносибати байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ[301] ва м.и. ба таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

Ноустувории вазъи иҷтимоӣ, нодорию камбизоатӣ, бекорӣ, паст будани шароити иҷтимоӣ ва маорифу хизматрасонии тиббӣ ва ғ. боиси зиёд гардидани ҳуқуқвайронкунӣ ва қонуншиканӣ гардида, сабабгори халалдоршавии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мешаванд.

Кафолатҳои сиёсии қонуният пеш аз ҳама аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Ба он асосҳои демократии ташкил ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, режими сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ, низоми сиёсӣ ва режими сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва сатҳи иштироки халқ дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, шуури сиёсӣ ва дигар омилҳоеанд, ки ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа таъсир мерасонанд[302].

Асоси кафолати сиёсии қонуният эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ мебошад. Мазмуни кафолати сиёсии қонуният эътироф

---

[300] Техникаи ҳуқуқӣ: воситаи таълимӣ / Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, У.А. Азиззода, А.З. Куканов, С.Ш. Шарифзода, Д.Қ. Иброҳимзода // Зери таҳрири Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2023. – С.118-119.

[301] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 641.

[302] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 641.

ва таҳкими ҳуқуқи инсон дар қонунгузории миллӣ мебошад. Ҳамзамон, кафолати сиёсии қонуният, ки аз эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ бармеояд, дар принсипи масъулияти давлат дар назди шахс ифода меёбад. Ин масъулият дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ муқаррар карда шуда, унсурҳои эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз ҷониби давлат, риояи ин ҳуқуқ ва озодиҳо, риояи онҳо ва кафолатнокии онҳоро дар бар мегирад.

Агар дар доираи консепсияи қонуният майл маҳз ба кафолати масъулияти шаҳрванд дар назди давлат карда шавад, пас қонунияти ҳуқуқӣ тағйири тамоил ва афзалият ва муқаррар намудани масъулияти давлатро дар назди шахс талаб мекунад. Аммо дар соҳаи назарияи ватании давлат ва ҳуқуқ, илмҳои соҳавии ҳуқуқии масъалаи масъулият дар назди шахс ба таври возеҳ нокифоя коркард шудааст, мисли пешин мактаби масъулияти шаҳрванд аз ҷиҳати назариявӣ нисбатан хубтар тарҳрезӣ карда шудааст ва дар амал хеле фаъол истифода бурда мешавад.

Ҳамзамон баъзе муҳаққиқон зарурати муқаррар намудани масъулияти якҷояи субъектҳо ва объектҳои ҳукуматро қайд мекунанд[303]. Мисли оне, ки В.Е. Чиркин се шакли масъулияти ҳукумати давлатӣ ва ашхоси мансабдорро ҷудо мекунад: 1) сиёсӣ (истеъфои ҳукумат, импичмент ба президент ва ғ.); 2) ҷиноятӣ (барои ғайриқонунӣ истифода бурдани ҳокимияти давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва ғайра ба суд кашидан); 3) маданӣ (ҷуброни зараре, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳангоми истифодаи ғайриқонунии ҳокимияти давлатӣ ва ғайра расонида шудааст)[304]. Аммо мафҳуми ягонаи илмие, ки ба воқеияти ҳуқуқии замон мувофиқат намуда, кафолати масъулияти давлатро дар назди шахсият дар давлати ҳуқуқбунёд муқаррар намояд, то ҳол вуҷуд надорад.

Кафолати сиёсии қонуният ин пеш аз ҳама қонунӣ будани ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ин маврид донистани фарқият миёни мафҳумҳои «ҳуқуқӣ» ва «қонунӣ»-и ҳокимияти давлатӣ муҳим аст. «Ҳуқуқӣ» – ин танҳо қонунӣ буда, расман ба қонун мувофиқат мекунад, дар ҳоле ки истилоҳи «қонуният» маънои амиқтар дошта, на мувофиқати ҳокимиятро ба қонун, балки мувофиқатии ҳокимиятро ба ҳуқуқ дорад.

Агар аз нигоҳи ифодаёбии шакли зоҳирии қонунияти ҳокимияти давлатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гап занем, дар шароити муайян «конунигардонӣ»-и берунии ҳокимияти давлатӣ метавонад ҳокимияти зиддихалқӣ, зиддидемократӣ ва ҳатто террористиро қонунан муқаррар ва мустаҳкам намояд. Чунончи, қонунгузории Олмон дар солҳои 30-юми асри гузашта ҳокимияти гитлериро мустаҳкам намуда буд, ки вай ҳокимияти тақсимнашавандаи фюрерро эълон мекард. Ё Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, ки низоми апартеидиро муқаррар мекарданд, чунин хислатро доро буданд. Чунин ҳолатҳоро дар таърихи муосири

---

[303] Савин В.Н. Ответственность государственной власти перед обществом // Государство и право. – 2000. – №12. – С.64; Бобылев А.И. Общество, гражданское общество, личность, государство, право. Их взаимодействие на современном этапе // Право и политика. – 2001. – №3. – С. 70.

[304] Чиркин В.Е. Государственное управление. Элементарный курс. – М.: Юристь, 2002. – С. 47-48.

давлатдории ҷаҳон низ дидан мумкин аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намоем, ки кафолати қонунияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ на танҳо аломатҳои берунии ташкил намудани ҳокимияти давлатиро фарогир аст (чунончи, қабули конститутсия бо роҳи раъйпурсӣ, интихоби Президент, интихоб намудани вакилони парлумон ва м.и.), инчунин он бояд мувофиқ будани санадҳои ҳуқуқии қабулнамудаи ҳокимияти давлатӣ ва мувофиқ будани принсипҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти онро ба арзишҳои умумибашарӣ низ ба назар гирифта бошанд. Дар ин хусус В.Е.Чиркин чунин менависад: «… қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ ин равандҳо ва падидаҳоест, ки тавассути онҳо вай хусусияти қонунӣ пайдо карда, асоснокӣ, дурустӣ, адолат ва қонунияти ҳуқуқиро ифода мекунад»[305].

Татбиқи воқеии қонунияти сиёсӣ мавҷудияти механизми воқеӣ ва самараноки тақсимоти қудратҳоро талаб мекунад. Механизми тақсимоти қудратҳоро аз нуқтаи назари таърихӣ таҳлил намуда, метавон ба хулосае омад, ки маъмулан ду роҳи асосии таъмини ҳамкории шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мавҷуд буд: низоми назорат ва мувозинат ва усули имконпазири «болобардорӣ», ки ба яке аз шохаҳои Ҳукумат афзалият дода мешавад.

Аз нуқтаи назари қонунияти ҳуқуқӣ кафолати асосӣ бояд чунин тақсимоти қудратҳо бошад, ки метавонад маҳдудиятҳои озодиҳои ҳуқуқиро дар ҷомеа истисно ва пешгирӣ намояд. Аз нуқтаи назари қонуният чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми мақбули тақсимоти ваколатҳо бо афзалияти ҳокимияти судӣ, бо пайдоиши мақомоти назорати конститутсионӣ мебошад, вақте ки судҳо салоҳияти назорати шохаҳои дигари ҳокимиятро ба даст овардаанд ва аз рӯи шикоятҳо аз болои амалиёти онҳо қарорҳои ниҳоӣ қабул мекунанд.

Г.И. Никеров чунин мешуморад: «… дар кишварҳои муосири мутарақии хориҷӣ ҳокимияти судӣ ҳам ба таври расмӣ ва ҳам таври воқеӣ ба ҳокимияти олии давлатӣ табдил ёфтааст»[306]. Ин мавқеъ бо он асоснок карда мешавад, ки назорати судӣ ва ваколатҳои ба он алоқаманд ба ҳокимияти судӣ имкон медиҳанд, ба таври аён ва ноаён дигар шохаҳои ҳокимиятро роҳбарӣ намоянд.

Дар таъмини қонунияти сиёсӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар шароити мутлақият (абсолютизм) ба вуҷуд омада, ба давлати мутлақи «полис» мухолиф аст нақши сазовор дорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯшиш менамояд то мустақилияти ҷомеаро аз давлат таъкид намояд.

Ба андешаи муҳаққиқон ҷамъияти ҷомеаи шаҳрвандӣ озод ва худтанзимшаванда буда, институтҳои маркизии таъминкунандаи қонунияти ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи Ф. Хайек «Шояд ҳеч чиз дар бораи хусусиятҳои ҳаёт дар мамлакатҳои озод, ки онҳоро аз мамлакатҳои низоми авторитарӣ фарқ мекунонад, аз риояи принсипҳои бузурги

[305] Чиркин В Е. Легализация и легитимация государственной власти //Государство и право. – 2000. – №10. – С. 66.

[306] Никеров Г.И. Судебная власть в правовом государстве (Опыт сравнительного исследования) // Государство и право. – 2001, – №3. – С. 16.

қонунияти ҳуқуқӣ равшантар шаҳодат намедиҳад»[307].

В.С. Нерсесянс масъалаи ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро баррасӣ намуда, чунин мешуморад, ки ду амсилаи муносибатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат вуҷуд дорад: 1) либерализм ва 2) этатизм[308]. Аз мавқеи либерализм, ҳар қадар дахолати ҳукумат ба соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ камтар бошад, ҳамон қадар барои ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳтар аст. Этатизм сари ин масъала мавқеи мухолифро ишғол мекунад: ҳар қадаре дахолати Ҳукумат бештар бошад, ҳамон қадар барои ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳтар аст.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан муносибатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар заминаи либерализм бунёд шаванд. Барои ин қонунияти ҳуқуқӣ бояд асос ва заминаи ҳуқуқӣ гузорад.

Дар маҷмуъ ба сифати кафолатҳои сиёсии қонуният эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ, масъулияти тарафайни шахс ва давлат, қонунӣ будани ҳокимияти давлатӣ, низоми тақсимоти ваколатҳо дар низоми сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва м.и. баромад мекунанд.

Кафолати фарҳангӣ тавассути омилҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ, ки хусусияти миллии фарҳангӣ ва тамаддунӣ доранд бо анъанаҳои миллӣ, осори таърихӣ, дастовардҳои тамаддунӣ, маданияти моддӣ ва маънавӣ, санъати меъморӣ, мусиқӣ ва театр ва м.и. ба ваҳдати миллӣ, худшиносӣ ва ватандӯстию худогоҳӣ таъсири мусбат расонида, барои таъмини қонуният ва заминаҳои воқеӣ мегузорад.

Дар баробари ин омилҳои идеологӣ ва мафкуравию илмӣ низ барои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсири калон мерасонад. Кафолати идеологии таъмини қонуният аз гуногунии мафкуравӣ ва озодии баёни андеша, шуури ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, илм ва таҳқиқоти илмӣ, ҷаҳонбинӣ ва дарки воқеият, тарбияи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ, оилавии шаҳрвандонро ташкил медиҳад.

Яке аз роҳҳои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ин тавассути воситаҳо ва усулҳои иттилоотонӣ баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ олимон кафолати иттилоототиро мегузоранд. Чунончи профессор Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд: «… озодии иттилоот, низоми иттилоот, амнияти иттилоотӣ, воситаҳои ахбори омма, технологияи иттилоотӣ ва диг. Омилҳои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошанд. Чунончи, нашри мақолаҳо ва маводи дигари марбут ба ҳолатҳои ҷудогонаи ҳуқуқвайронкунӣ, барномаҳои телевизионӣ, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, тафсири қонунҳо ва шаклу воситаҳои дигари паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ барои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аҳамияти муҳим доранд»[309].

Кафолати дигари қонуният кафолати ташкилӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд, ки тавассути таъсис ва ташкили фаъолияти дурусти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

---

[307] Хайек Ф. Дорога к рабству// Вопросы философии. – 1990. – №11. – С. 123.

[308] Проблемы общей теории права и государства Учебник для вузов / Под общ. ред. В.С.Нерсесянца. – М Издательская группа НОРМА-ИНФРА – М., 1999. – С. 632.

[309] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 641.

ва мақомоти дигари давлатӣ, ташкили низоми тарбияи кадрҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, таъмини моддию техникӣ ва иттиллотию кадрии мақомоти давлатӣ ва ғ. ба амал бароварда мешавад, барои таъмини кафолати қонуният ниҳоят муҳим мебошанд. Дар баробари ин ҷалби аҳли ҷомеа барои пешгирии ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва дигар амалҳои номатлуби фаромиллию дохилидавлатӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурию интизомӣ ва маданӣ дар таъмини кафолати қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ниҳоят муҳим мебошанд.

Чи гунае, ки қайд кардем кафолатҳои ҳуқуқӣ аз воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ, чораҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои ҳуқуқӣ иборат мебошанд. Кафолатҳои махсуси ҳуқуқии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ки воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро пешбинӣ мекунанд, намудҳои гуногун доранд, ки чунинанд: 1) кафолатҳои умумии ҳуқуқӣ; 2) кафолатҳои махсуси соҳаи пешгирсозии ҳуқуқвайронкунӣ; 3) кафолатҳои ташкилии ҳуқуқӣ[310].

Чораҳои ҳуқуқие, ки самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқро таъмин мекунанд кафолатҳои умумии ҳуқуқро ташкил менамоянд. Ба кафолатҳои умумии ҳуқуқ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мувофиқ ба замон ва танзимкунандаи фарогири кулли муносибатҳои нави ҳуқуқӣ, бартараф намудани нуқсонҳо дар қонунгузорӣ, иттилоотонии аҳолӣ аз қонунгузорӣ, воситаҳои таъмини қонуният дар мақомоти давлатӣ, ба монанди, қабули арзу шикояти шаҳрвандон, назорат аз болои иҷроиши қонунҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, кафолати ҳифзи ҳуқуқи судӣ, муқаррар ва таъин намудани чораҳои самараноки ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки риоя ва иҷрои якхела ва саривақтии қонунҳо ва санадҳои зериқонуниро таъмин, назорат ва тафтиш менамоянд дохил мешаванд.

Профессор Р.Ш. Шарофзода кафолатҳои махсуси соҳаи пешгирии ҳуқуқвайронкуниро ба намудҳои кафолати ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, кафолатҳои мурофиавӣ (чораҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки дар робита бо мурофиаи ҷиноятӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, конститутсионӣ, ва ғ. пешбинӣ мешаванд) ва адолатӣ судӣ ҷудо менамояд[311].

Дар давлати ҳуқуқбунёд, аз як тараф, ба ҳамаи субъектҳои ҳаёти ҷамъиятӣ уҳдадориҳои иҷрои талаботҳои қонунҳои ҳуқуқӣ гузошта мешаванд, аз тарафи дигар, онҳо ҳуқуқҳое доранд, ки воқеан ҳам бояд таъмин карда шаванд – талаб намудани рафтори дахлдори қонунӣ аз дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла аз ашхоси мансабдори намояндагии давлат, ки умуман ба таҳкими волоияти қонун таъсири мусбӣ мерасонад ва мавҷудияти робитаи мустақиму мутақобилаи байни давлати ҳуқуқбунёд ва низоми қонуниятро нишон медиҳад[312]. Кафолатҳои ҳуқуқии

---

[310] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 642.
[311] Ҳамон ҷо. – С. 642-643.
[312] Проблемы общей теории права и государства Учебник для вузов / Под общ. ред. В.С.Нерсесянпа - М Издательская группа НОРМА-ИНФРА – М., 1999. – С. 632-633.

қонуният, ки ба баланд бардоштани сифати қонунҳо ва таҷассуми ғояҳои қонуният дар онҳо нигаронида шудаанд, ҷудо кардан зарур аст.

Ба кафолатҳои ташкилии ҳуқуқии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ «... тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиноси касбӣ, таъсиси муассисаҳои таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, омодасозии касбии ҳуқуқшиносион дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва аз рӯйи ихтисосҳои махсус (барои муассисаҳои адои ҷазо, мақомотҳои гумрук, андоз, фаъолияти бонкӣ ва диг.), такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, омодасозии такрории ҳуқуқшиносони касбӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, ташкили низоми иттилооти ҳуқуқӣ, чораҳои ташкилӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъминоти моддӣ, техникӣ, иттилоотии онҳо» дохил мешавад[313].

А.С. Шабуров низ барои таснифи кафолатҳои ҳуқуқӣ, марҳилаҳои алоҳидаи раванди танзими ҳуқуқиро истифода мебарад. Ба андешаи ӯ «... вобаста ба марҳилаи танзими ҳуқуқӣ кафолатҳои зерини ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст: воситаҳои муайян ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкунӣ; воситаҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ; воситаҳои рафъи ҳуқуқвайронкунӣ; чораҳои ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ; масъулияти ҳуқуқӣ; кафолатҳои мурофиавӣ; адолат» [314].

И.Я. Дурягин бошад кафолати қонуниятро маҳдудтар баён намуда, ҳамчун асоси таснифот ӯ танҳо як марҳилаи танзими ҳуқуқӣ, бевосита марҳилаи татбиқи ҳуқуқро иброз медорад. Ба ақидаи муаллиф, «Ба кафолатҳои ҳуқуқии қонуният инҳо мансубанд: 1) муқаррар намудани ҳақиқати воқеӣ оид ба ҳолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳими корҳо; 2) интихоби дурусти меъёри ҳуқуқӣ ва таснифи мувофиқи ҳуқуқии далелҳо; 3) дурустии қарори иҷрои қонун аз ҷиҳати мазмун ва шакли он»[315].

**Адабиёт:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008, № 3, мод. 192; 2010, № 7. Мод 543; 2012, № 7, мод. 717.
2. Бобылев А.И. Общество, гражданское общество, личность, государство, право. Их взаимодействие на современном этапе//Право и политика. – 2001. – №3. – С. 70-79.
3. Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014 – С. 4 -11.
4. Диноршоев А.М., Сафарзода Б.А. Государственно–правовая политика в области прав человека: проблемы формирования и основные направления в Республике Таджикистан // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2016. – №3(03). – С. 8-13.
5. Дюрягин И.Я. Применение норм советского права. Свердловск,


[313] Сотиволдиев Р.Ш. Асари зикршуда. – С. 643.

[314] Шабуров А.С. Законность и правопорядок // Теория государства и права. Учебник для юридических вузов и факультетов / Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. – М.: Издательская группа НОРМА-ИНФА-М., 1999. – С. 453-454.

[315] Дюрягин И.Я. Применение норм советского права. – С.214-222.

1973. – С. 247 с.
6. Ефремов А.Ф. Принципы и гарантии законности. Самара, 1999. – 147 с.
7. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 18 // Махзани муттамарказии иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ "Адлия". Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.08 соли 2023).
8. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 12.02.2022).
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душабе: Нашриёти Ганҷ. 2016.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ». (АМОҶТ с. 2011, №7-8, мод. 612; с. 2015, №11, мод. 973)
11. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010 № 617, аз 25.03.2011 № 694, аз 14.11.2016 № 1359, аз 24.02.2017 № 1379, аз 2.01.2018 № 1472.
12. Мирбобоева Р.В. Правовое регулирование приобретения, использования и правовой охраны товарных знаков в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мирбобоева Рухсора Валиджоновна. – Душанбе, 2012. – 189 с.
13. Мирзоев П.З. Внедоговорная ответственность государства за ущерб, причиненный предпринимателю: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мирзоев Парвона Зайналобуддинович – Душанбе, 2012. – 187 с.
14. Никеров Г.И. Судебная власть в правовом государстве (Опыт сравнительного исследования) // Государство и право. – 2001, – №3. – С. 16-20.
15. Проблемы общей теории права и государства. Учебник для вузов / Под общ. ред. В.С.Нерсесянца. – М Издательская группа НОРМА-ИНФРА – М., 1999. – 659 с.
16. Савин В.Н. Ответственность государственной власти перед обществом // Государство и право. – 2000. – №12. – С. 64-72.
17. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои мкассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе, «Империал-Групп», 2017. – С. 640.
18. Тафсири илмӣ–оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А. Маҳмудов. – Душанбе, Шарқи озод, 2009. – 520 с.
19. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, «Эр-граф», 2010. – 415 с.
20. Техникаи ҳуқуқӣ: воситаи таълимӣ / Р.Ш. Шарофзода, Э.С. Насриддинзода, У.А. Азиззода, А.З. Куканов, С.Ш. Шарифзода, Д.Қ. Иброҳимзода // Зери таҳрири Р.Ш. Шарофзода. – Душанбе, 2023. – 192 с.
21. Фролов В.В. Механизм обеспечения правозаконности в современной России (теоретико-прикладные аспекты): Монография. - СПб, 2002. - 189 с.
22. Хайек, Фридрих Август фон. Дорога к рабству// Вопросы философии. М.: – 1990. – №11. – С. 264 с.
23. Чиркин В Е. Легализация и легитимация государственной власти

//Государство и право. – 2000. – №10. – С.65-73.
24. Чиркин В.Е. Государственное управление. Элементарный курс. - М.: Юристь, 2002. – 320 с.
25. Шабуров А.С. Законность и правопорядок // Теория государства и права. Учебник для юридических вузов и факультетов / Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. – М.: Издательская группа НОРМА-ИНФА-М., 1999. – 656 с.

## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

# УНСУРҲОИ ТАЪРИХИИ АҲАММИЯТИ ПАДИДАИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ МУОСИР

**Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии, н.и.ҳ., дотсент
**Тел**.: (+992) 904238888
**Email:** sulaymonzoda.m@gmail.com

**Муқарриз:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Дар баробари ин дар адабиёти ҳуқуқӣ ин равиш аз ҷониби як қатор олимон мавриди интиқод қарор гирифтааст. Аз ҷумла, онҳо қайд мекунанд, ки «вақте таъриф ба ибораи «вазъияти амният» таъкид мекунад, ин маънои онро дорад, ки чунин давлат эътимоднок нахоҳад буд. Аммо давлат бояд устувор бошад ва амнияти он танҳо дар сурати мавҷуд будани низоми устувор имконпазир аст. Ба мафҳуми амнияти экологӣ ворид намудани ибораи «вазъияти амният» ба ташаккули чунин устуворӣ мусоидат намекунад»[354]. Дар идома зикр мегардад, ки «барои давлат муҳим он аст, ки сарфи назар аз мавҷудияти таҳдиду хатарҳое, ки ҳанӯз ҳам усулан ногузиранд, мавҷудият ва фаъолияти он, инчунин дар маҷмӯъ ҷомеа ва ҳар як шахс дар алоҳидагӣ идома дошта бошад, ки ба туфайли худи давлат просессҳо, институтҳо ва муносибатҳо ба даст оварда мешавад. Илова бар ин, ин мафҳуми амният чунин моликияти давлатро ҳамчун муқовимат ба таъсироти беруна ва дохилӣ нишон медиҳад, бар хилофи фаҳмиши он аз мавқеъи «вазъияти амният» – моликияти бештар нозук, тағйирёбанда»[355].

Дар асоси ин, масалан, Н.В. Жукова аз призмаи ҳуқуқи конститутсионӣ ин категорияро ҳамчун «низоми хосиятҳои давлат, ки ба фаъолият ва рушди устувори он, ҷомеа ва ҳар як шахс дар ҳолати мавҷуд будани таҳдиду хатарҳои экологӣ, ки дар натиҷаи равандҳои экологӣ, муассисаҳо ва муносибатҳо бармеояд муаррифӣ менамояд. Аз ин таъриф бармеояд, ки агар ин низоми хосиятҳо ба фаъолият ва рушди инсон ва ҷомеа мусоидат кунанд, онҳо ҳақ доранд дар шароити ин низом, ки бунёди онро давлат таъмин мекунад, вуҷуд дошта бошад, яъне ба амнияти экологӣ ҳуқуқ доранд»[356]. Ба ибораи дигар, ин муаллиф мафҳуми «бехатарии

[352] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 // www.mmk.tj (санаи мурочиат: 25.10.2024).
[353] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» аз 26 декабри соли 2011 // www.mmk.tj (санаи мурочиат: 25.10.2024).
[354] Жукова Н.В. Экологическая безопасность как одно из экологических прав граждан: понятие, соотношение с правом на благоприятную окружающую среду// Общество и право. 2022. № 3 (81) – С.98-104.
[355] Жукова Н.В. Экологическая безопасность как одно из экологических прав граждан: понятие, соотношение с правом на благоприятную окружающую среду// Общество и право. 2022. № 3 (81) – С.98-104.
[356] Жукова Н.В. Экологическая безопасность как одно из экологических прав граждан: понятие, соотношение с правом на благоприятную окружающую среду// Общество и право. 2022. № 3 (81) – С. 30-42.

экологиро» ба категорияи ҳуқуқи экологии инсон, яъне ба он мақоми ҳуқуқи субъективии инсон медиҳад ва савол медиҳад, ки ин ҳуқуқ дар кадом шароит пайдо мешавад. Охир, дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин ё он ҳуқуқ пеш аз инкишоф ва мустаҳкам намудани он чизе буд.

Воқеан, таҳкими ҳуқуқӣ ва таъмини манфиатҳои экологии инсон, тавре ки дар боло қайд кардем, натиҷаи рушди ҳам системаи умумии ҳуқуқ ва ҳам ҳуқуқи инсон, ҳамчун ҷузъи низомсози он мебошад. Воқеияти муосир нишон медиҳад, ки масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла ташаккули категорияи ҳуқуқҳои экологӣ, аз ҷумла ҳамчун ҷанбаи таъмини амнияти экологӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардаанд. Аммо бар хилофи дигар ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои экологӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, яъне дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ то ҳол консепсияи ягонаи муттаҳидсозӣ ва татбиқи онҳо ташаккул наёфтааст. Набудани шарҳи ягонаи ҳуқуқи боиси ташаккули ақидаҳо ва равишҳои гуногун дар илм оид ба мафҳум, мазмун ва моҳияти ин категорияи ҳуқуқҳо гардид.

Пеш аз ҳама, муҳокимаи масъалаи ташаккули ин категорияи ҳуқуқҳо вусъат ёфт. Инак, В.А. Сучкова қайд мекунад, ки «агар мо кӯшиш кунем, ки стандартҳои ҳуқуқи инсонро ба механизмҳои мавҷудаи ҳифзи муҳити зист татбиқ кунем, мо метавонем 3 равиши асосиро ҷудо кунем: пеш аз ҳама, ин истифодаи ҳуқуқҳои мавҷуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои экологӣ мебошад, пас он метавонад аз нав дида баромадани ҳуқуқҳои мавҷуда бошад аз нигохи ҳифзи муҳити зист ва баъдан – ба вуҷуд овардани ҳуқуқҳои нав, махсусан хусусияти экологӣ дошта»[357].

Дар назари аввал (онро метавон консервативӣ тавсиф кард) аз он ақида мебарояд, ки феҳристи мавҷудаи ҳуқуқи инсон, ки дар санадҳои байналмилалӣ сабт шудаанд, мукаммал аст ва зарурати ташаккули категорияи нави ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои экологӣ нест. Татбиқи пурраи ҳуқуқҳои мавҷуда ба татбиқи ҳуқуқҳои экологии инсон мусоидат мекунад, зеро ин ҳуқуқҳо асосан аз ҳуқуқҳои мавҷудаи инсон бармеоянд (масалан, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломатӣ ва ғ.). ММ. Бринчук мавқеи мавҷударо дар доираи ин равиш чунин хулоса кардааст: «...ҳуқуқи гражданӣ (шахсӣ) ҳифзи инсон, саломатӣ ва молу мулки ӯро аз ҳама гуна дахолати ғайриқонунӣ (масалан, аз таъсири зараровари муҳити зист) муайян мекунад. Ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон қобилияти иштироки шахсро дар амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ (тавассути гузаронидани раъйпурсӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, иштирок дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои аз ҷиҳати экологӣ муҳим ва ғ.), муқаррар намудани назорат аз болои ҳокимият (ба воситаи муроҷиатҳо нисбати қарорҳо ва амалиётҳои мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор, инчунин беамалии онҳо, ки ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро поймол мекунанд, ифода мекунанд). Ҳуқуқҳои фарҳангӣ имкон медиҳанд, ки сатҳи

[357] Сучкова В.А. К вопросу о классификации экологических прав человека // Московский журнал международного права. – 2006. № 2. – С.146-157.

фарҳанги экологии инсон таъмин карда шавад. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои таъмини сатҳи муносиби зиндагӣ бо назардошти омилҳои экологӣ, ҳуқуқи меҳнат дар шароити аз ҷиҳати экологӣ бехатар, ҳифзи саломатӣ аз таъсири зараровари муҳити зист ва ҳуқуқ ба таҳсилоти экологӣ пешбинӣ шудаанд»[358].

Дар назари дуввум, ки онро метавон ҳамчун муваққатӣ муайян кард, муаллифон зарурати аз нав дида баромадани стандартҳои мавҷудаи байналмиллалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз тариқи призмаи ҳуқуқи экологӣ қайд мекунанд, зеро дар замони ташаккули онҳо ин ҷиҳатро фаро нагирифтаанд.

Аз ҷумла, мавқеи умумии олимон дар он аст, ки эътирофи байналмилалии ҳуқуқҳои экологӣ дар рушди онҳо дар сатҳи миллӣ нақши асосӣ дошта, ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи экология мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи ӯ, эътирофи байналмилалии ҳуқуқҳои экологӣ ба таъсири эътирофи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ тавассути муттаҳидсозии стандартҳои байналмилалие, ки дар санадҳои асосии байналмилалӣ (масалан, Конвенсияи Орхус) сабт шудаанд, мусоидат хоҳад кард, ки давлатҳои иштирокчӣ вазифадоранд, ки онро амалӣ намоянд дар системаҳои ҳуқуқии миллии онҳо. Ҳамин тариқ, ин стандартҳо ӯҳдадориҳои умумии давлатҳоро оид ба мутобиқ кардани қонунгузории ватанӣ ба стандартҳои байналмилалӣ мураттаб хоҳанд кард, ки ҳифзи ҳуқуқҳои муҳити зистро дар сатҳи миллӣ пурзӯр намуда, ба ягонагии муносибатҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Ҳамчунин, ташаккули стандартҳои байналмилалӣ кишварҳоро ба иқдомоти муштарак барои ҳалли мушкилоти экологии фаромарзӣ, аз қабили тағирёбии иқлим, ифлосшавии об ва талафоти гуногунии биологӣ ташвиқ мекунад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи аксари муаллифон, эътироф ва таҳкими ҳуқуқи экологии байналмилалӣ дар созишномаҳои байналмилалӣ ҳамчун катализатор барои рушди онҳо дар сатҳи миллӣ хизмат карда, ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад[359].

Назари сеюм, ки мо онро ҳамчун ислоҳотӣ таъин мекунем, ташкили категорияи мустақили ҳуқуқҳои экологии инсонро дар назар дорад. Тарафдорони ин назар қайд мекунанд, ки ҳуқуқҳои мавҷуда наметавонанд пурра моҳият ва мундариҷаи ҳуқуқҳои экологии инсонро ошкор намоянд. Ин қисман ба он вобаста аст, ки ҳуқуқҳои экологӣ дар нимаи дуввуми асри XX ба вуҷуд омаданд, ҳамчун натиҷаи дарки оқибатҳои манфии пешрафти илмӣ-техникии инсоният ва феҳристи мавҷудаи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои ҳимоя наметавонанд ин мушкилотро ҳал кунанд. Дар робита ба ин, ташкили категорияи мустақили ҳуқуқҳои экологии инсон зарур аст.

---

[358] Бринчук М.М. Теоретические основы экологических прав человека // Государство и право. 2004. № 5. – С. 8.

[359] Васильева М.И. Проблемы защиты общественного интереса в экологическом праве // Государство и право. 1999. – № 8. – С. 49-62.

Хулоса карда, В.А. Сучков ба чунин натиҷа мерасад, ки "зарурати ҷудо кардани ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқҳои инсон вуҷуд дорад. Ин ҳуқуқҳо на танҳо ҳамчун воситаи қонеъ кардани манфиатҳои шахсии экологии соҳибони онҳо баррасӣ мешаванд, балки, ки ин хеле муҳим аст, инчунин воситаи ҳифз ва барқарорсозии ҳолати мусоиди муҳити зист ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ хизмат мекунанд»[360].

Ман низ ба ин мавқеъ розӣ ҳастам ва чунин мешуморам, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи экология дар маҷмуъ ва бахусус ҳифзи муҳити зист бояд стандартҳои ягонаи байналмилалие ташаккул дода шаванд, ки ба тамоюлҳои замон ҷавобгӯ бошанд ва бояд консепсияи универсалиро танзим, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳити зистро ташаккул диҳанд.

Ҷанбаи дуюм, ки ба асосҳои доктриналии категорияи «ҳуқуқи экологии инсон» таъсир мерасонад, муайян кардани мундариҷаи он мебошад. Дар ин замина дар илм ду мавкеъ пайдо шудааст: васеътар ва тангтар. Ҳамин тариқ, Н.Р. Кобетская ва М.И. Васильева қайд мекунанд, ки ду категорияро ҷудо кардан лозим аст – «ҳуқуқи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои экологӣ» ва "ҳуқуқи экологии шаҳрвандон". Категорияи якум васеътар буда, тамоми ваколатҳои шаҳрвандонро дар бар мегирад, ки бо ин ё он шакл ба муҳити зист ва захираҳои табиии алоқаманданд, яъне «маҷмӯи ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар соҳаи идоракунии муҳити зист ва ҳифзи муҳити зист»[361].

Категорияи дуввум, тангтар, ин «гурӯҳи сифатан нави ҳуқуқҳои шаҳрвандон аст, ки аз ҳуқуқҳои қаблан мавҷудбудаи истифодабарии табиат пеш аз ҳама бо равона буданашон ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти экологӣ, моддӣ, маънавӣ ё эстетикӣ яъне ҳуқуқ ба муҳити зисти бехатар фарқ мекунанд»[362]. Тавре Д.С. Велиева, қайд мекунад, «ҳуқуқҳои экологӣ ҳудуди амалӣ шудани ҳуқуқҳои сарватҳои табиӣ ва моликиятро муайян мекунанд; субъектҳои ғайрирасмӣ (халқҳо, миллатҳо, ақаллиятҳо) ҳуқуқдорони асосии ҳуқуқҳои экологӣ мебошанд, вале онҳо ваколатҳои худро тавассути ташкили субъекти расмӣ амалӣ мекунанд; вазифаи муҳими татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии экологӣ таъмини муҳити зисти бехатар мебошад»[363].

Хулоса карда, метавон гуфт, ки ҳангоми сухан дар бораи ҳуқуқҳои экологӣ, дар маънои васеъ бештар сухан дар бораи ҷузъи истифодабарӣ, яъне дастрасӣ ба захираҳои табиӣ меравад. Дар маънои тангтар, бештар ба

---

[360] Сучкова В.А. К вопросу о классификации экологических прав человека // Московский журнал международного права. 2006. – № 2. – С. 146-157.

[361] Кобецкая Н.Р. Экологические права граждан Украины: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – К., 1998. – 20 с.; ВелиеваДж.С. Конституционно-правовые основы экологической безопасности в Российской Федерации: диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.02 / Велиева Джамила Сейфаддинкызы; [Место защиты: Сарат. гос. ун-т]. – Саратов, 2011. – С. 49-62.

[362] Кобецкая Н.Р. Экологические права граждан Украины: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – К., 1998. – С. 8.; ВелиеваДж.С. Конституционно-правовые основы экологической безопасности в Российской Федерации: диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.02 / Велиева Джамила Сейфаддинкызы; [Место защиты: Сарат. гос. ун-т]. – Саратов, 2011. – С. 49-62.

[363]

ҷанбаи ҳифзиву муҳофизатӣ ишора мешавад, яъне пешгирии хатарҳои экологӣ ва дар натиҷа таъмини бехатарии экологӣ.

Ба ибораи дигар, категорияҳои «бехатарии экологӣ» ва «ҳуқуқҳои экологӣ» ба ҳам вобастаанд ва дар айни замон мухтавоан якдигарро пурра мекунанд. Татбиқи ҳуқуқҳои экологӣ бидуни таъмини бехатарии экологӣ ғайриимкон аст, зеро он муҳити бехатарро таъмин мекунад. Ҳамзамон, ҳуқуқҳои экологӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои амнияти экологиро ташаккул медиҳанд, яъне самти фаъолияти давлатро барои ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони худ муайян мекунанд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти экологӣ бидуни кафолати ҳуқуқҳои экологии ҳар як инсон ғайриимкон аст. Ин категорияи ҳуқуқҳо ба таври мустақим бо консепсияи таъмини амнияти экологӣ ҳамчун қисми таркибии низоми фарогири амнияти байналмилалӣ ва миллӣ алоқаманд мебошад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23.12.2022 с. [манбаи электронӣ] // www.president.tj (санаи муроҷиат: 10.08.2024).
2. Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал.
3. Организация объединенных наций, Генеральная Ассамблея 59 сессия, (доклад генерального секретаря) [манбаи электронӣ] // UN Doc. /59/2005 P. 6 (санаи муроҷиат: 06.09.2024).
4. Донченко В.Ю. Взаимосвязь экологической безопасности, устойчивого развития и прав человека в области международной охраны окружающей среды // Актуальные проблемы российского права. № 1. 2008. – С. 326-333.
5. Грачкова Ю.Л. Экологическая безопасность и роль права в решении экологических проблем в Российской Федерации // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2022. № 5. – С. 166-178.
6. Ивакин В.И. Судебная защита прав граждан на благоприятную окружающую среду и проблемы ее реализации // Современное право. – С. 45-50. [Манбаи электронӣ] https://www.sovremennoepravo.ru/.
7. Колбасов О.С. Концепция экологической безопасности (юридический аспект) // Советское государство и право. – 1988. – № 12. – С. 48.
8. Кочеткова Н. В. Экологические аспекты безопасности жизнедеятельности / Н. В. Кочеткова // Экология России: на пути к инновациям. – 2013. – № 8. – С. 107-109.
9. Лопатин, В.Н. Экологическая безопасность: проблемы конституционной законности / В. Н. Лопатин // Государство и право. – 2004. – № 2. – С. 21-31.
10. Боголюбов, С.Л. Экологические права и обязанности граждан в государствах Европы / С.Л. Боголюбов // Вестник Оренбургского государственного университета. – 2004. – № 3 (28). – С. 91-95.

11. Коломийцева О.В. Экологическая безопасность как фактор устойчивого развития общества // Вестник Брестского государственного технического университета. 2003. №3 – С. 145-147.
12. Петров В.В. Экологическое право России. – М., 1995.
13. Тарасова О.С., Дудина Т.Н. О комплексном подходе к формированию экологической грамотности и культуры в регионах Российской Федерации // Успехи современного естествознания. – 2023. – № 12. – С. 155-161.
14. Копылов М.Н. Право на развитие и экологическая безопасность развивающихся государств: Международно-правовые вопросы. диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.10. – М. 2001. – 395 с.
15. Жукова Н.В. Экологическая безопасность как одно из экологических прав граждан: понятие, соотношение с правом на благоприятную окружающую среду// Общество и право. 2022. № 3 (81) – С.98-104.
16. Диноршоев А.М., Обидова М.Н. Экологическая безопасность как основной фактор стабильности государства//Материалы Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы защиты экологии и климата», посвященной Всемирному дню ледников» (18-21 марта 2023 года), Душанбе. – 2023. – С. 53-58.
17. Бадалов Ш.К. Экологические права граждан в современном обществе и политике государства//Мир политики и социологии. 2012. № 9. – С. 93-95.
18. Лукашева Е.А. Права человека как фактор устойчивого развития // Права человека как фактор устойчивого развития. – М., 2000. – С. 19-20.
19. Велиева Д.С. Понятие, содержание и конституционно-правовая сущность экологической безопасности // Современное общество и право. 2011. № 3-4(4-5). – С. 30-42.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ» аз 25 марти соли 2011 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.10.2024).
21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.10.2024).
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» аз 26 декабри соли 2011 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 25.10.2024).
23. Сучкова В.А. К вопросу о классификации экологических прав человека //Московский журнал международного права. 2006. № 2. - С.146-157.
24. Бринчук М.М. Теоретические основы экологических прав человека // Государство и право. 2004. № 5. – С. 8.
25. Васильева М.И. Проблемы защиты общественного интереса в экологическом праве // Государство и право. 1999. – № 8. – С. 49-62.,
26. Кобецкая Н.Р. Экологические права граждан Украины: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – К., 1998. – 20 с.
27. Велиева Дж.С. Конституционно-правовые основы экологической безопасности в Российской Федерации: диссертация ... доктора юридических наук: 12.00.02 / Велиева Джамила Сейфаддинкызы; [Место защиты: Сарат. гос. ун-т]. – Саратов, 2011. – 457 с.

## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

# МАСОИЛИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДОРОИ УНСУРИ ХОРИҶӢ

**Одинаев Убайдулло Саймаҳмудович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**Тел.:** (+992) 981022020
**Email:** odinaev_0220@mail.ru

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур бо дастрасии аз адабиёти илмӣ ва қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мадании дорои унсури хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин масъалаи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ дар қонунгузории ҶТ ва тартиботи ҳуқуқии дигар кишвар баррасӣ шудааст. Дар партави масъалаҳои баррасишаванда вобаста мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ муаллиф назару андешаҳои худро перомуни такмили қонунгузорӣ баён намудааст.

**Калидвожаҳо:** қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ, шахсони воқеӣ, муносибатҳои молу мулкӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, ҳуқуқи субъективӣ, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ.

# К ВОПРОСУ ПРАВСПОСОБНОСТИ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ В ГРАЖДАНСКИХ ОТНОШЕНИЯХ С ИНОСТРАННЫМ ЭЛЕМЕНТОМ

**Одинаев Убайдулло Саймахмудович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 981022020
**Email:** odinaev_0220@mail.ru

**Аннотация:** В данной статье на основе научной литературы и гражданского законодательства Республики Таджикистан анализируются категория физических лиц в гражданских отношений с иностранным элементом. В связи с этим рассматривается вопросы гражданская

правоспособность физических лиц согласно личного закона на основе законодательства РТ и правопорядок других стран. На основе рассмотренных проблем автором предлагается предложение по совершенствованию законодательства РТ.

**Ключевые слова:** правоспособность, дееспособность, физическое лицо, имущественные отношения, субъективное право, иностранные граждане, лиц без гражданства, субъективное право, содержание правоспособнось физических лиц.

## ON THE QUESTION OF THE LEGAL CAPACITY OF NATURAL PERSONS IN CIVIL RELATIONS WITH A FOREIGN ELEMENT

**Odinaev Ubaydullo Saymahmudovich,**
Tajik national university, law faculty, assistant department of international law
**Тел.:** (+992) 981022020
**Email:** odinaev_0220@mail.ru

**The summary:** In this article, based on scientific literature and civil legislation of the Republic of Tajikistan, the category of natural persons in civil relations with a foreign element is analyzed. In connection with this, the issues of civil legal capacity of natural persons according to the personal law based on the legislation of the Republic of Tajikistan and the legal order of other countries are considered. Based on the considered problems, the author proposes a proposal to improve the legislation of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** legal capacity, legal capacity, physical person, property relations, subjective law, foreign citizens, stateless persons, subjective law, maintenance of legal capacity of physical persons.

Яке аз категорияҳои муҳим дар илми ҳуқуқшиносӣ ин мафҳуми ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ мебошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ ба сифати унсури асосии қобилияти соҳибҳуқуқии шахс маҳсуб меёбад. Воқеан, ин категорияҳо муқарраркунандаи ҳаҷми ҳуқуқ ва уҳдадориҳое мебошанд, ки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои молумулкӣ истифода бурда метавонанд.

Тибқи қисми 1 моддаи 1316 Кодекси мадании ҶТ қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад. Зимнан шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қобилияти ҳуқуқдорӣ истифода мекунанд, ба истиснои ҳолатҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст.

Ин мазмуни онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ мутобиқи қонуни шахсии он муайян карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ шахси воқеӣ тибқи ҳуқуқи давлате, ки он

муқарраркунандаи қонуни шахсии ин шахс маҳсуб мебошад, муайян карда мешавад.

Бояд гуфт, ки қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ – дар қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ ба андозаи баробар нисбати ҳамаи шаҳрвандон эътироф карда мешавад. Зеро қобилияти ҳуқуқдорӣ аз тарафи давлат эътироф ва дар ҳаҷми баробар, новобаста аз синну сол, баромади иҷтимоӣ, миллат, вазъи саломатӣ, доғи судӣ ва дигар омилҳо қонунгузории маданӣ муқаррар менамояд[364]. Дар ин ҷода, қобилияти ҳуқуқдорӣ чун қобилияти муайяни аз ҷониби давлат муқаррар ва эътирофгардидае мебошад, ки ба шахс имконияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро медиҳад. Тавре профессор Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд, қобилияти ҳуқуқдорӣ вазъи фитрӣ-ҳуқуқӣ ва давлатии инсонро дар назар дорад[365]. Ин нуқтаро дастгирӣ намуда, қайд менамоям, ки гарчанде ки қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ аз тарафи давлат муайян ва эътироф мегардад, аммо мантиқан ба ҳеҷ ваҷҳ онро танҳо чун категорияи ҷамъиятӣ-ҳуқуқии инсон баҳогузорӣ намудану ҷанбаҳои табиии онро инкор кардан хулосаи дуруст нест. Мусаллам аст, ки пайдоиш ва қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуд оғоз ва бо вафот қатъ мегардад, ки чунин ҳолат аз омили табиӣ ва мавҷудияти инсон вобаста аст.Чунончи, тибқи банди 2 моддаи 18 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози қобилияти ҳуқуқдории маданӣ аз лаҳзаи таваллуд ва қатъгардии онро вафоти инсон муқаррар кардааст, ки чунин факт аз истисно набудани мавҷудияти биологии инсон гӯвоҳ аст.

Бо чунин назардошт моҳияти категорияи қобилияти ҳуқуқдорӣ дорои сифати табиию биологӣ ва ҳамзамон ҷамъиятӣ-ҳуқуқии инсон мебошад, ки дар мавҷудияти инсон ва эътирофи он аз ҷониби давлат ба воситаи ҳуқуқ ифода меёбад. Ин ҷо қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ сифати ҷудоношавандаи табиӣ ва ҷамъятӣ-ҳуқуқии инсон маҳсуб меёбад, ки онро қонунгузорӣ ба ҳамаи шахсон баробар ва бегонанашаванда муқаррар намудааст. Бояд гуфт, ки таърихан он на дар ҳама даври ҷомеаи инсонӣ аз тарафи давлат баробар муайян гардида будааст. Гарчи дар замони сохти ғуломдорӣ ғулом қобилият ҳуқуқдорӣ надошт ва чун объекти ҳуқуқ баҳогузорӣ мешуд, вале ин маънои онро надорад, он замон ҳамаи инсонҳо аз ин падида маҳрум буданд.

Бо мурури замон ҷомеаи инсонӣ пайваста саъю талош дорад, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ пазируфта шаванд. Чунончи, мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф шудааст. Воқеан бе дарку эътироф кардани инсон, ҳуқуқу озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ аз ҷониби давлат ва таъмини волоияти қадру манзалати инсон имконнопазир аст.

---

[364] Ниг.: Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор, Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, "Эр-граф", 2013. – С. 71.
[365] Ниг.: Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, "Сино", 2023. – С. 540.

Сарфи назар аз оне, ки оид ба масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ тадқиқотҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол дар байни муҳаққиқон роҷеъ ба ин масъала баҳси доманадор вуҷуд надорад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории гражданӣ зуҳур меёбад, ки бо ҳуқуқи субъективӣ вобастагӣ дорад, вале фарқ менамояд. Зеро қобилияти ҳуқуқдорӣ чун заминаи умумӣ барои татбиқи ҳуқуқи субъективӣ хизмат менамояд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ хусусияти ҷудонашаванда бо инсон дорад, вале ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ аз чунин сифат маҳрум аст. Баъдан пайдоиши ҳуқуқи субъективӣ аз иродаи субъект вобаста аст, ки ба қобилияти ҳуқуқдорӣ чунин вобастағӣ истисно аст ва он аз ҷониби қонун эътироф мегардад. Ба ҳуқуқу уҳдадории субъективӣ падидаи ҳуқуққабулкунӣ татбиқ мегардад, вале дар қобилияти ҳуқуқдорӣ чунин ҳолат паҳн намегардад. Умумияти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқи субъективӣ дар он аст, ки ҳарду чун унсури вазъи гражданӣ-ҳуқуқӣ инсон ифода мегарданд.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба шахс тибқи қонунгузорӣ қобилияти доштани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро пешбинӣ месозад, вале татбиқи ин ҳуқуқҳо аз имконият вобастагӣ дорад, ки на ҳама чунин имконияти амали гардонидани ин ҳуқуқҳоро доранд. Аз ин нигоҳ, категорияи ҳуқуқи субъективӣ истифода мешавад.

Вобаста ба ин Е.А. Суханов, қайд намуд, “арзиши каегорияи қобилияти ҳуқуқдорӣ дар он инъикос меёбад, ки он воситаи ҳуқуқии ифодаёбии озодии шахсият дар муносибатҳои молумулкӣ ва ғайри молумулкӣ мебошад”[366].

Бояд қайд кард, ки дар низоми ҳуқуқии яқ қатор давлатҳо қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадории маданӣ дар алоҳидагӣ аз амалӣ кардани ҳуқуқу уҳдадории маданӣ баррасӣ намешавад. Масалан, дар Фаронса қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар истиллоҳи «қобилият» муттаҳид шудааст, ки дар амалияи судӣ ва таълимотҳо байни категорияҳо (қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ) фарқият гузошта мешавад. Вобаста ба ин дар Кодекси мадании Иордания мафҳуми «қобилият» истифода мешавад, ки фарогири қобилияти ҳуқуқдорӣ ба амалкунӣ аст.

Дар низоми ҳуқуқи Англия ва ШМА категорияи қобилияти субъект ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ ҷудо нашудааст ва онҳо дар мафҳуми «қобилияти ҳуқуқдорӣ» шомил карда шудаанд. Дар тартиботи ҳуқуқи Португалия қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қобилияти субъекти дилхоҳ муносибати ҳуқуқӣ будан баҳогузорӣ мешавад. Дар кодекси мадании Испания бошад мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ истифода ва баррасӣ нашудааст.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии маданӣ васеъ истифода мешавад. Зеро қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар қонун дар ҳаҷми баробар пешниҳод гардад,

---

[366] Ниг.: Гражданское право: В 2 т. Т.1: Учебник // Отв. ред. Е.А. Суханов. – М, 2000. – С. 96

вале мавриди зикр аст, ки воқеан дар як давраи муайян амали кардани баъзе аз ҳуқуқу ва уҳдадориҳои маданӣ бо фаророасии омилҳои синну солӣ, сифатҳои муайян ва ғайра имконпазир мегарданд. Аз ин нигоҳ, қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи қобилияти ҳуқуқдорӣ қобилияти амалкуниро пешбинӣ месозад. Тавре дар боло ишора намудем, қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад.

Мувофиқан ба ин, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ – тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири чунин ҳуқуқҳо мебошад:

1. Ҳуқуқи ба молу мулк;
2. Ҳуқуқи мерос гирифтан ва васият;
3. Ҳуқуқи озодона ҳаракат кардан, интихоби озоди маҳалли истиқомат;
4. Ҳуқуқи озодона тарк кардан ҳудуди ҷумҳурӣ ва ба он баргаштан,
5. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти манънакардаи қонун;
6. Ҳуқуқи мустақилона ё якҷоя бо дигар шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дигар таъсис додани шахси ҳуқуқӣ;
7. Ҳуқуқи анҷом додани ҳар гуна аҳдҳо, ки хилофи қонунгузорӣ намебошад ва иштирок дар ӯҳдадориҳо;
8. Доштани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, яъне ҳуқуқи муаллифии асарҳои илмӣ, бадеӣ, санъат, ихтироъ, дигар натиҷаҳои қонунан ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ;
9. Ҳуқуқи талаби ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ;
10. дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсӣ.

Ҳамин тариқ, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ (м. 19 КМ ҶТ) танҳо аз ҳуқуқҳо иборат аст, ҳоло он ки дар моддаи 18 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти ҳуқуқдорӣ фарогири ҳуқуқу ӯҳдадории маданӣ буд, ки чунин ҳолат набояд дар мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ истисно гардад. Дар ин маврид, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ дар моддаи 19 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири ҳуқуқҳои маданӣ аст, ки бо саҳви таҳрирӣ ӯҳдадориҳои маданӣ дар он зикр нашудаанд.

**Адабиёт:**

1. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор, Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, “Эр-граф”, 2013. – С. 71.
2. Шарофзода Р.Ш. (Сотиволдиев Р.Ш.) Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, “Сино”, 2023.– С.540.
3. Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. – Рига: Зинатне, 1976. – С.40.

4. Тагайназаров Ш. Правоспособность граждан // Актуальные вопросы теории и истории права и применения советского законодательства. – Душанбе, 1975. – С.106.
5. Гражданское право: В 2 т. Т.1: Учебник// Отв. ред. Е.А. Суханов. – М, 2000. – С. 96.

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ ДАР АСОСИ ШАРТНОМА БАРОИ АСАРҲОИ МУСИҚӢ

**Сайдамиров Ҷамшед Ҳайдаралиевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳукуки маданӣ
**E-mail:** saidamirov95@mail.ru
**Тел:** (+992) 900-93-80-50

**Муқарриз:** Қурбонализода Н.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Фишурда:** Дар баробари рушди имконоти техникии радио, инчунин бо пайдо шудани усулҳои нави сабту танзими иттилоот дар радио, ки асосан дар заминаи фаъолияти театр, кино ва адабиёт ташаккул меёбад, жанрҳои муосир арзи ҳастӣ намуданд. Ҳоло воситаҳои ахбори омма, пеш аз ҳама, радио ва телевизион, дар соҳаи мусиқӣ таъсири бештар расонида, дар ин самт ҳамкориҳои мутақобила вусъат пайдо менамояд, ки танзимоти ҳуқуқии ин раванд муҳим ба шумор меравад.

Телевизион имрӯз як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо гардидааст. Дар телевизион масоили мансуб ба шахсият, субъекти идрок ва проблемаи объекти таъсиррасонӣ – тамошобинон ба миён меояд. Дар ин ҷода сухан дар бораи таъсиргузории мусбат ба тамошобин тавассути эҷодкорӣ меравад. Намоишҳои телевизионӣ на танҳо суханронӣ, балки оҳангнокӣ, ритм, тембр ва корбурди бамавриди асбобҳои мусиқиро акс менамояд. Дар фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ ва радио ба масъалаҳои ҳуқуқии пахши барномаҳои мусиқӣ ва риояи ҳуқуқи муаллифӣ дар ин раванд то ҳол чандон эътибор дода нашудааст. Дар мақола танзимоти ҳуқуқии пахши барномаҳои мусиқӣ ва риояи ҳуқуқи муаллифӣ дар ин раванд ба таври мухтасар баррасӣ шуда, роҳҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқи муаллиф вобаста ба хусусиятҳои ВАО арзёбӣ шудааст.

Ҷорӣ намудани чораҳои нави махсус имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои бастакор ба дахлнопазирии асарҳои мусиқӣ самараноктар ҳифз карда шаванд. Дар баробари муқаррароти умумии қонуни ҳуқуқи муаллиф қоидаҳои махсусе, ки ба асарҳои мусиқӣ бахшида шудаанд, низ заруранд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам барои ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ дар телевизион ва радио бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯиҳои мушаххас амалӣ гарданд, ки дар ин самт такмил додани қонунгузор муҳим мебошад. Барои самарабхш гардидани маҳсули эҷодкорӣ дар соҳаи санъат ва мусиқӣ танзими ҳуқуқи муаллифон шарти асосӣ ба шумор рафта, дар ин замина сатҳу сифати барнома ва намоишномаҳои фарҳангӣ дар шабакаҳои телевизионӣ ва радио тавсеа меёбанд. Барои такмил додани ин раванди ҳуқуқӣ омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуии ин мафҳум муҳим ба шумор рафта, андешаву пешниҳоди

мутахассисони соҳа дар коркарди меъёрҳои муайян замина ба вуҷуд меоранд.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, жанр, мусиқӣ, танзимоти ҳуқуқи, тамошобин, эҷодкорӣ, намоишҳои телевизионӣ, оҳангнокӣ, ритм, тембр, санъат.

## ДОГОВОРНОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ АВТОРСКИХ ПРАВ НА МУЗЫКАЛЬНЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ

**Сайдамиров Джамшед Хайдаралиевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант Ph.D кафедры гражданского права
E-mail: saidamirov95@mail.ru
**Тел:** (+992) 900-93-80-50

**Рецензент:** Курбонализода Н.Ш., доктор юридических наук

**Аннотция:** Вместе с развитием технических возможностей радио, а также с появлением новых способов записи и корректировки информации на радио, которая в основном формируется на основе театра, кино и литературы, возникли современные жанры. Сейчас средства массовой информации, прежде всего радио и телевидение, имеют большее влияние в сфере музыки, расширяется взаимное сотрудничество в этой сфере, важным является правовое регулирование этого процесса.

Сегодня телевидение стало неотъемлемой частью нашей жизни. На телевидении существуют проблемы, связанные с личностью, субъектом восприятия и проблемой объекта воздействия – аудитории. Речь идет о положительном влиянии на аудиторию посредством творчества. Телепередачи отражают не только речь, но и мелодию, ритм, тембр и правильное использование музыкальных инструментов. В деятельности теле- и радиоканалов правовым вопросам трансляции музыкальных программ и соблюдению авторских прав в этом процессе не уделялось большого внимания.

В статье кратко рассматриваются правовые механизмы трансляции музыкальных программ и соблюдение авторских прав в этом процессе, а также оцениваются эффективные способы защиты авторских прав в зависимости от особенностей СМИ.

Введение новых специальных мер позволит более эффективно защитить права композитора на неприкосновенность музыкальных произведений. Наряду с общими положениями закона об авторском праве существуют и специальные правила, посвященные музыкальным произведениям.

Таким образом, исходя из опыта развитых стран мира, в Республике Таджикистан должны быть реализованы конкретные меры по защите авторских прав на телевидении и радио, а также важно совершенствовать законодательство в этой области. Для эффективности творческой

продукции в области искусства и музыки регулирование авторских прав является главным условием, и в этом контексте расширяются уровень и качество культурных программ и выступлений на теле- и радиоканалах. Для совершенствования этого юридического процесса важно изучить правовые аспекты данного понятия, а мнения и предложения специалистов в данной области создают основу для разработки определенных стандартов.

**Ключевые слова:** информация, жанр, музыка, авторское право, зритель, творчество, телепередачи, мелодия, ритм, тембр, искусство.

## CONTRACTUAL REGULATION OF COPYRIGHTS FOR MUSICAL WORKS

**Saidamirov Jamshed Haidaralievich,**
Tajik National University, Faculty of Law, doctor of Ph.D of the Department of civil rights
**E-mail:** saidamirov95@mail.ru
**Тел:** (+992) 900-93-80-50

**Reviewer:** Qurbonalizoda N.SH., Doctor of Law

**Annotation:** Along with the development of the technical capabilities of radio, as well as with the advent of new ways of recording and correcting information on radio, which is mainly formed on the basis of theater, cinema and literature, modern genres arose. Now the media, primarily radio and television, have greater influence in the field of music, mutual cooperation in this area is expanding, and legal regulation of this process is important.

Today television has become an integral part of our lives. On television there are problems associated with the individual, the subject of perception and the problem of the object of influence - the audience. It's about having a positive impact on your audience through creativity.

TV shows reflect not only speech, but also melody, rhythm, timbre and the correct use of musical instruments. In the activities of television and radio channels, little attention was paid to the legal issues of broadcasting music programs and compliance with copyright in this process.

The article briefly examines the legal mechanisms for broadcasting music programs and compliance with copyright in this process, and also evaluates effective ways to protect copyright depending on the characteristics of the media.

The introduction of new special measures will make it possible to more effectively protect the composer's rights to the integrity of musical works. Along with the general provisions of copyright law, there are also special rules dedicated to musical works.

Thus, based on the experience of developed countries of the world, specific measures should be implemented in the Republic of Tajikistan to protect

copyright on television and radio, and it is also important to improve legislation in this area.

For the effectiveness of creative production in the fields of art and music, the regulation of copyright is a fundamental condition, and in this context the level and quality of cultural programs and performances on television and radio channels are expanding.

To implement this legal process, it is important to study the legal aspects of these concepts, opinions and proposals of specialists in the field, creating the basis for the development of certain standards.

**Keywords:** information, genre, music, copyright, viewer, creativity, TV shows, melody, rhythm, timbre, art.

Дар замони муосир воситаҳои ахбори омма, пеш аз ҳама, радио ва телевизион, дар соҳаи мусиқӣ таъсири бештар расонида, дар ин самт ҳамкориҳои мутақобила вусъат пайдо менамояд, ки танзимоти ҳуқуқии ин раванд муҳим ба шумор меравад.

Дар такмили барномаҳои телевизион тамошобин мавқеи аввалиндараҷа дошта, фикру мулоҳизаи онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. телевизион имрӯз як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти мо гардидааст. Дар телевизион масоили мансуб ба шахсият, субъекти идрок ва проблемаи объекти таъсиррасонӣ – тамошобинон ба миён меоянд.

Дар ин ҷода сухан дар бораи таъсиргузории мусбат ба тамошобин тавассути эҷодкорӣ меравад. Намоишҳои телевизионӣ на танҳо суханронӣ, балки оҳангнокӣ, ритм, тембр ва корбурди бамавриди асбобҳои мусиқиро акс менамояд.

Дар радио ин ҳолатро наметавон мушоҳида намуд. Радио дар тарғиби дастовардҳои инсон дар бахши мусиқӣ аз мактабҳои аввалин ба шумор меравад.

Ин хусусияти радио то имрӯз устувор боқӣ мондааст. Телевизион дар кишвари мо дар заминаи коргузории радиои давлатӣ ба миён омадааст.

Таърихи садсолаи радиоро метавон ба се давра тақсим кард: Аввалин зинаи он кашфи радио ва таҷрибаи истифодаи он мебошад.

Зинаи дуюм, тавлиди иттилооти радиоӣ ва интиқоли он бо истифода аз садоҳои воқеӣ, сухан ва садо мебошад. Иттилоот дар радио дорои як қатор хусусиятҳои техникиву эҷодкорӣ мебошад.

Дар баробари рушди имконоти техникии радио, инчунин бо пайдо шудани усулҳои нави сабту танзими иттилоот дар радио, ки асосан дар заминаи фаъолияти театр, кино ва адабиёт ташаккул меёбад, жанрҳои муосир арзи ҳастӣ намуданд.

Иттилоот дар радио хусусияти оммавӣ дорад. Ба вуҷуд омадани санъати сабту танзими эҷодкориҳо ва доираи васеи шунавандагон давраи сеюм, яъне тавлиди фаъолияти радиошунавониро муайян кард.

Дар радио ба масъалаҳои ҳуқуқии пахши барномаҳои мусиқӣ ва риояи ҳуқуқи муаллифи дар ин раванд то ҳол чандон эътибор дода нашудааст.

Воқеан, мусиқӣ муҳтавои аслии барномаҳои радиоӣ маҳсуб ёфта, он

тавассути радио ба зеҳни мардум ворид гардида, дар ҷодаи эҷодкориҳои бахши санъат мавқеи муҳимро касб менамояд.

Радио на танҳо воситаи ахбор, балки ба як шакли санъат ҳам табдил ёфтааст. Телевизион дар баробари вазифаҳои марбут ба васоити ахбори омма дар тарғиби асарҳои бадеии мансуб ба соҳаи санъат саҳмгузорӣ менамояд.

Радиошунавоӣ ҳамчун телевизион дар таҳияи намудҳо ва жанрҳои гуногун нақши калон дошта, дар ташаккули касбҳои созандае чун овозхонӣ, барандагӣ ва ғайра мусоидат кардааст.

Вобаста ба хусусиятҳои худ телевизион дар шуури шунавандагону бинандагон таасуроти гуногунро ба миён меоранд. Телевизион дар асоси фаъолияти радиошунавоӣ корбарии худро такмил дода буд.

Телевизион ва радио дар сабти барномаҳои мусиқӣ рақобат мекунанд ва дар ин ҷода радио афзалияти худро нигоҳ дошта, доираи фарогирии он васеътар мебошад. Баъди тавсиа ёфтани фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ дар корбарии радиошунавоӣ ба барномаҳои мусиқӣ диққати бештар равона мегардид. Бо пешрафти имконоти технологӣ ин ду воситаи ахбори омма аз таҷрибаи якдигар баҳрабардорӣ менамоянд.

Ба андешаи В.В. Егоров, «дар телевизион пахши барномаҳои мусиқӣ ва консерту намоишномаҳои бадеӣ бо истифода аз оҳангҳои махсус ҳодисаи маъмулӣ буда, дар ояндаи наздик ин раванд боз тавсеа хоҳад ёфт»[367].

Барномаҳои телевизионӣ мусиқиро аз рӯи хусусиятҳои жанрӣ ба чор намуди асосӣ тақсим мекунанд: барномаҳои мусиқӣ, пахши мустақим, намоишҳои консертӣ ва саҳнавӣ.

Телевизион имкони ба шунавандагон ба таври мунтазам расонидани дастоварҳои бахши санъатро дорад. Дар тарғиби барномаҳои мусиқӣ аз усули сода ба мураккаб гузаштан мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд.

Ба шарофати телевизион тамошобинон аз дастовардҳои илмиву фарҳангӣ огоҳии бештар пайдо намуда, сатҳи ҷаҳонбинии онҳо баланд меравад. Ин вазифаи телевизион дар ҳамаи давру замон арзишманд боқӣ хоҳад монд.

Сарнавишт ва сатҳи рушди санъат низ ба ҳамин омил вобастагӣ дорад, зеро онҳо мисли ҷузъҳои он – санъат ва бинанда, талаботу пешниҳод, эҳтиёҷот ва қаноатмандии маънавӣ бо ҳам алоқамандӣ доранд.

Телевизион на танҳо завқи эстетикиро бедор менамояд, балки он ба инсон барои дарки ҳодисаҳои олам, ҳаёти воқеӣ ёрӣ мерасонад ва тарғибгари дастовардҳои соҳаи санъат мебошад.

Он ба ҷараёни пешрафтҳои бузург дар соҳаи санъат мусоидат намуда, мусиқӣ самтҳои арзишманди ҷомеаро ба таври хос ташаккул медиҳад, барои аз зебоӣ баҳрабардории одамон мусоидат намуда, ба инсоният ғизои маънавӣ мебахшад.

Хусусияти телевизион дар доираи имкониятҳои прогрессивии

---

[367] Егоров В.В. Телевидение: теория и практика. – М., 1992. – С. 90.

технологияи навин ҳамчун раванди доимии зиндаи рушди эҷодии анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ зоҳир мегардад.

Дар ин ҷараёни низоми мураккаб ташаккули воситаҳои бадеӣ ва намунаҳои эстетикии санъати телевизион ба амал меояд. Ин анъанаи асосӣ ва устувори мусиқӣ ҳамчун яке аз намудҳои маданияти бадеии пеш аз телевизион мебошад. Намоиши оммавии асарҳои мусиқӣ дар барномаи телевизионӣ худ далели тарғиби арзишҳои эстетикӣ ва иҷтимоӣ мебошад[368].

Мусиқӣ вобаста ба мавқеи корбаст ва шаклҳои намоишномаҳои телевизионӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Барои ин заминаҳои объективӣ мавҷуданд, ки аз табиати умумии эстетикии навъҳои номбаршудаи эҷодиёти бадеӣ сарчашма мегиранд.

Дар ин замина баъзан қонунҳои инкишофи мусиқии кино ва мусиқии филмҳои телевизиониро метавон ҳамнавъ шумурд. Бо вуҷуди ин, истифодаи унсури мусиқӣ дар шаклҳои бадеии телевизион низ раванди махсус буда, он аз вижагиҳои худ, принсипи офаридани образи бадеӣ, ба истилоҳ силсилавӣ, васеъ истифода бурдани тасвири ҳамнавъ, усули дарки намоишӣ ва ғайра иборат мебошад.

Телевизион ба рушди санъати мусиқӣ таъсири калон расонд ва доираи тамошобинони онро васеъ сохт. Ба барномаи телевизионӣ ворид намудани жанрҳои гуногуни мусиқӣ, шиносоӣ бо онҳо барои табақаҳои гуногуни ҷомеа, ки дар ин навъи намоишномаҳои ҳунарӣ ширкат наварзидаанд ва аз эҷодикориҳои бахши санъат: операвӣ ва симфонӣ камтар огоҳӣ доранд, муҳим ба шумор меравад.

Чунин тарзи фаъолияти мусиқӣ талаботи эстетикии одамонеро, ки дар соҳаи густариши алоқаи аудиовизуалӣ иштирок мекунанд, инъикос мекунад.

Мутахассиси ин соҳа Э.М. Ефимов дуруст кайд мекунад, ки «агар ба тамоми намоишҳои телевизионӣ аз нуктаи назари маърифатӣ назар андозем, онро ҳамчун қомуси бузурги телевизион, ташаккулёбанда ва бархӯрдори навовариҳо тасаввур метавон кард, ки он дар фарогирии тамоми аҳолии мамлакат буда, дар гирифтани маълумоти гуногуни аудиовизуалӣ замина фароҳам меорад»[369].

Воқеан, телевизион дар таъмини дастрасии мардум ба ҳама намуди иттилоот нақши бузург мебозад. Дар васоити ахбори омма вазифаҳои муайян намудани принсипҳо ва усулҳои мақомоти давлатӣ оид ба ташкил ва таъмини ҳуқуқии фаъолияти радио ва телевизион бояд муайян карда шаванд. Маҷмуи тадбирҳо бояд масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолият (бастани шартномаҳои ҳуқуқи муаллифӣ, аз ҷумла бо бастакорон) дохил карда шаванд.

Дар шароити муосир шартнома ҳамчун мафҳуми мураккаб ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ арзишманд баррасӣ мешавад. Ин истилоҳи ҳуқуқӣ фарогири чунин мафҳумҳо мебошад: 1) шартнома, 2) муомила, 3) уҳдадорӣ, 4) далели

---

[368] См.: Стеркин Т.А. Становление профессии. – М., 1980. – С. 102.
[369] Ефимов Э.М. Телевидение вчера, сегодня, завтра. Вып. 1. – М., 1981. – С. 65.

ҳуқуқӣ. Ифодаҳои зиёди ин мафҳум дар қонунгузории граждании маъмул мебошад.

Н.Л. Клик ба шарҳи шартномаи муаллифӣ дахл намуда, ба андешаи ӯ ин навъи шартнома дорои шакли асосии ҳуқуқие мебошад, ки муаллиф дар доираи он имкони фаъолияти эҷодкориро дошта, бо бастани шартномаи муаллифӣ имкони гирифтани пешпардохт ба миён меояд.

Дар баробари ин муаллиф метавонад ин ё он асарро дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ бо ташкилоте, ки ба фаъолияти он ниёз дорад, эҷод кунад. Дар ин мавридҳо шакли ҳуқуқие, ки барои истифодаи асарҳои муаллиф миёнаравӣ мекунад, шартномаи меҳнатӣ мебошад.

Н.Л. Фанг бар он андеша аст, ки асарҳои соҳаи санъатро тибқи шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи муаллифӣ метавон ба танзим даровард. Мазмуни ин шартномаҳо ягон умумият надорад: дар як маврид онро қонуни меҳнат, дар мавриди дигар қонуни маданӣ танзим мекунад. Дар баробари ин, худи муаллиф шакли муносибатро бо ин ё он ташкилот интихоб мекунад[370].

Интихоби шакли шартнома ба муаллиф вобаста аст, вале дар баъзе мавридҳо шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Ҳангоми бастани шартнома тарафҳо бояд хусусияти кори бастакорро муайян кунанд, зеро ин хусусияти фаъолият – эҷодӣ ё иҷрокунандагии онро муайян мекунад. Оҳангсоз ҳуқуқ дорад намуди шартномаро интихоб кунад. «Ҳуқуқи моликияти соҳаи мусиқӣ дорои меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ буда, дар заминаи он ҳуқуқи композитор ҳифз карда мешавад»[371].

Дар даврони шуравӣ чунин ҳуқуқи муаллифиро кормандон дар Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи бастакорон, Иттифоқи синамогарон ва ғайра доштанд. Ҳуқуқи муаллифӣ дар доираи маҳдуд татбиқ карда мешуд ва тибқи моддаи 484 – Асосҳои қонунгузории шаҳрвандӣ, ки доираи ваколатҳоро муайян мекунанд, он бояд вусъат бахшида мешуд.

Асари мусиқӣ метавонад бидуни шартнома бо муаллиф, бо пардохти музд ё бе пардохти музд ба ӯ иҷро карда шавад. Агар муаллиф бо шахси ҳуқуқие, ки кобилияти махсуси ҳуқуқиаш истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллифиро дар бар гирад, шартномаи меҳнати баста бошад, пас ин асари офаридашуда ба шабакаҳои телевизионӣ ва радио тааллуқ дорад ва моликияти он мебошад.

Аз ин рӯ, номгӯи шахсони ҳуқуқӣ, ки муаллифии онҳо эътироф карда мешавад, мунтазам васеъ мешавад, зеро дар заминаи моддии шахси ҳуқуқӣ объектҳои нави ҳуқуқи муаллиф ба вуҷуд меоянд.

В.А. Дозорсев мафҳуми «шартномаи муаллифӣ»-ро ҳамчун шартномае арзёбӣ менамояд, ки дорои категорияи умумӣ буда, яке аз навъҳои он ба шумор меравад.

Ба гуфтаи И.Б. Новиский ва Л.А. Лунс, «шартномаро метавон ҳамчун созишномаи байни ду ё зиёда (шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ) дар бораи муқаррар, тағйир додан ё қатъ кардани ҳама гуна ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо

---

[370] См.: Клык Н.Л. Охрана интересов сторон по авторскому договору. Красноярск, 1987. – С. 16-18.
[371] Миллер П. Указ. соч. – С. 57.

муайян кард»[372].

Мувофиқи моддаи 482-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ мебошад» (банди 1). Мафҳуми шартнома, ки дар ин мақола оварда шудааст, равиши анъанавии муайян кардани шартнома тавассути шартномаро инъикос мекунад, ки аз ҳуқуқи хусусии Рум сарчашма мегирад. Дар соҳаи ҳуқуқӣ мафҳумҳои «қарордод» ва «шартнома» як маънои ҳуқуқӣ доранд.

Шартномаҳои мансуб ба офаридан ва истифодаи асарҳои дорои хусусияти эҷодӣ гурӯҳи мустақили шартномаҳои ҳуқуқи маданиро ташкил медиҳанд. Шартномаҳо оид ба истифодаи асарҳои эҷодӣ дар телевизион як намуди шартномаи ҳуқуқи муаллифӣ буда, муносибатҳои эҷод ва истифодаи осори бахши адабиёт, илм ва санъатро танзим менамояд.

Дар телевизион аз соли 1963 то соли 1990 якчанд шартномаи намунавӣ амал мекарданд: барои асарҳои адабӣ ва мусиқӣ дар телевизион (бо додани пешпардохт ва ё надодани он); навиштани сенарияи филми бадеии телевизионӣ (бо дарназаодошти ҳаққи заҳмат ё ройгон); барои филмҳои ҳуҷҷатӣ ва илмӣ-оммавии телевизионӣ навиштани сенария; навиштани сенария барои барномаҳои телевизионӣ ва ғ.

Барои ташаккули қонунгузорӣ дар бахши телевизион қарорҳои ҳукумат, ки тартиби пардохт ва андозаи музди муаллифӣ, истеҳсолӣ ва музди иловагиро барои истифодаи асарҳо дар телевизион муқаррар намуданд, аҳамияти калон доштанд.

Консепсияи шартномаи ҳуқуқи муаллиф тадриҷан ташаккул ёфт. Шартномаи муаллифиро метавон ҳамчун шартномаи байни муаллиф ва ташкилоти истифодабаранда оид ба эҷод ё истифодаи асари бастакор муайян кард.

Барои ба расмият даровардани муносибатҳои ҳуқуқӣ бо муаллифон ё бастакорон шартномаҳои истеҳсолӣ ва шартномаҳои умумӣ истифода мешуданд.

Шартномаҳои мансуб ба сенариянависӣ дар телевизион ва радио татбиқ мешаванд. Дар вақти эҷоди мусиқӣ барои намоишномаҳои радио ва телевизион бо бастакор шартнома баста мешавад.

Ин шартнома як намуди шартномаи ҳуқуқи муаллиф барои истифода мебошад, гарчанде ки табиатан он ба шартномаи иҷозатномадиҳӣ (литсензионӣ) шабоҳат дорад. Тибқи ин шартнома ҳуқуқи истифодаи асарҳо тағйир дода мешавад. Он ҳамчун шакли таъмини ҳуқуқҳои амволии муаллиф амал мекунад, ҳифзи ҳуқуқи эҷоди асар дар ин навъи шартнома аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Шартномаи истеҳсолӣ истифодаи асарҳои мусиқӣ ва ё мусиқӣ-драмавии бастакоронро (опера, консерт, балет, симфония ва ғайра) қонун аз 13 ноябри соли 1998 ба расмият медарорад. Аз ин бармеояд, ки шартномаи истеҳсолӣ танҳо ҳамчун шакли ҳифзи ҳуқуқҳои маънавии

[372] См.: Дозорцев В.А. Авторский договор и его типы // Сов. гос. и право. 1977. № 2. – С. 43.

бастакор аҳаммият дорад.

Дар моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» шартномаи фармоиишии муаллифӣ муайян гардида, дар он муаллиф ӯҳдадор мешавад, ки мутобиқи шартҳои шартнома асар офарад ва онро ба фармоишгар супорад.

Фармоишгар ӯҳдадор аст, ки ба ҳисоби ҳаққи қалами муаллифии дар шартнома зикршуда ба муаллиф пешпардохт диҳад. Андоза, тартиб ва мӯҳлати додани пешпардохт дар шартнома бо ризоияти тарафайн муқаррар карда мешавад.

Агар муаллиф асари фармоиширо тибқи шартҳои шартномаи фармоишӣ пешниҳод накунад, вазифадор аст, ки зарари воқеии ба фармоишгар расидаро ҷуброн намояд.

Аммо меъёри дар Қонуни мазкур муқарраршудаи шартномаи муаллифӣ имкони ба таври мустақилона ба студияҳо, телевизиону радио ва театрҳо муроҷиат карда, асари худро пешниход кардани композиторро истисно намекунад.

Дар ин ҳолат муаллиф маҳсули эҷодии худро ба хатар мегузорад, зеро ташкилот уҳдадор нест, ки муҳлати баррасии ин санад ва иҷрои қарори онро риоя кунад. Дар сурати ба миён омадани масъалаҳои баҳсталаб оид ба қабули асари мусиқӣ ҳуқуқҳои бастакорон поймол карда мешуд. [373]

Бо дахлнопазирии асарҳои мусиқӣ инчуни масъалаи асолати асари мусиқӣ ва мазмуни аслии он алоқаманд аст. Ҳангоми иҷрои асари мусиқӣ навозандагон бояд маҳсули эҷодии бастакорро (темп, қувваи садо, оҳангнокӣ, зарб ва ғ.) дақиқ такрор кунанд.

Ҳама гуна тағйирот ба мазмуну мундариҷаи асари эҷодшуда ғайри қобили қабул буда, розигии бастакор бояд ба инобат гирифта шавад. Ин раванд дар амал аксаран риоя карда намешавад.

Бо дарназардошти ин раванд ба инобат гирифтани андешаи М.В. Дозорсева шоёни таваҷҷуҳ аст: ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар дар он аст, ки шакли ба шунавандагон расонидани асарро худи муаллиф муайян мекунад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки бидуни иҷозати муаллиф асари мусиқиро ихтисор ё пурра кунад ва ё ба он тағйирот ворид кунад[374].

Дар ин раванд қисмҳои асарҳои инструменталӣ, арияҳо аз операҳо иҷро карда мешаванд, аранжировкаҳои гуногун, мутобиқсозӣ, оркестрҳо ва монтажҳо таҳия мешаванд. Дар сурати бе ризоияти бастакор ба таври умумӣ иҷро шудани асарҳои мусиқӣ барои иловаи ҷузъҳо музд муқаррар карда мешаванд.

Оҳангсоз ҳуқуқ дорад истифодаи асари мусиқии худро дар шакли тағйирёфта манъ кунад, агар хусусиятҳои бадеии худи асари мусиқӣ вайрон карда шавад.

Намунаи ин сабти рақамӣ мебошад, ки бо ёрии он комилан дақиқ инъикос намудани оҳангнокӣ ғайриимкон аст, зеро ин пеш аз ҳама

---

[373] См.: ***Миллер П.*** Указ. соч. – С. 65.

[374] См.: ***Дозорцева М.В.*** Право на неприкосновенность музыкального произведения // Сов. гос. и право. 1987. № 9. – С. 63.

коркарди босуръати миқдори зиёди маълумот вобаста мебошад.

Дар ин самт технологияи нав кори бастакоронро осон карда бошад ҳам, ин раванд дар танзими ҳуқуқи муаллифӣ як қатор мушкилиҳоро пеш меорад.

Дар ин ҷода хусусияти эҷодкорӣ заъф дида, зарурати танзими ин раванд пеш меояд. Ҳангоми сабти асари эҷодгардида ба таври маъмулӣ тағйиротҳои барзиёд ба амал меояд.

Ба радио ва телевизион ҳуқуқ дода мешавад, ки бе ризоияти муаллиф ва бе пардохти музд танҳо асарҳои пештар мавриди истифода қарордодашударо пахш кунанд. М.В. Дозорсева чунин мешуморад, ки «ҳангоми дар шакли тағйирёфта пахши маҳсули эҷодии муаллиф ҳуқуқи муаллифӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳамин тариқ, вайрон кардани дахлнопазирии асар метавонад боиси ситонидани ҳаққи қалам гардад».[375]

Ҷорӣ намудани чораҳои нави махсус имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои бастакор ба дахлнопазирии асарҳои мусиқӣ самараноктар ҳифз карда шаванд. Дар баробари муқаррароти умумии қонуни ҳуқуқи муаллиф қоидаҳои махсусе, ки ба асарҳои мусиқӣ бахшида шудаанд, низ заруранд.

Аз ҷумла, ҳангоми ба шакли рақамӣ гузаштани пахши барномаҳо бояд меъёрҳои қобили сабт ва оҳангсозӣ ҳангоми транскрипсияи мусиқӣ таҳия карда шаванд, то ки дар заминаи он таҳрифи асари мусиқӣ пешгирӣ карда шавад ва дар ин маврид розигии худи бастакор низ бояд ба назар гирифта шавад.

Агар шабакаҳои телевизионӣ ва радиои давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда шаванд, киностудияҳо, аз ҳисоби худмаблағгузории пурра ё қисман фаъолият мекунанд.

Тағйироти иқтисодӣ ва гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ба радиошунавонӣ ва сабти овоз таъсири ҷиддӣ расонид.

Хусусияти истифодаи асарҳои мусиқӣ дар радио ва телевизион гуногун аст, гарчанде ки шакли шартномаи истифодаи он умумият дорад.

Сарфи назар аз намуд, шартномаи муаллифӣ бояд дар шакли хаттӣ ё шакли дигари пешбининамудаи қонун баста шавад (банди 2, моддаи 1243-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Созишномаи хаттӣ метавонад бо роҳи тартиб додани санад ва имзои тарафҳо баста шавад. Агар оҳангсоз бо пешниҳод розӣ бошад, пас барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо муаллиф бояд ба гуфтушунид ворид шуда, шартҳоро дар шартнома муайян намоянд.

Дар шартнома ном ва мушаххасоти тарафҳо, номи жанри асар, зикри шакл ва муҳлати истифода, маблағи подош, инчунин нишон додани муҳлат дарҷ карда шавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи розигӣ ё рад кардани пешниҳоди худ хабар диҳад.

Шартнома аз лаҳзаи имзо басташуда ҳисоб меёбад. Аз ҳамин лаҳза муаллиф ҳуқуқ дорад пешпардохтро талаб намояд, агар пардохти он дар шартнома пешбинӣ шуда бошад. Агар муаллиф пешниҳодро қабул

[375] Кунафин Р. Цифровая музыка: шаг вперед и два назад // Музыкальная жизнь. 1999. № 2. – С. 38, 39.

накунад, байни тарафҳо муносибатҳои шартномавӣ ба вуҷуд намеоянд.

Чунин нави қоидаҳо ба шартномаҳои фармоишӣ ва истифодаи асарҳои тайёри мусиқӣ дахл доранд. Агар муассиса асари анҷомёфтаро дар муҳлати муайян ба бастакор пешниҳод кунад, розигии муаллиф бояд дар шакли пешбинишуда ба даст оварда шавад.

Шартнома танҳо аз дар муҳлати муқарраршуда супурдани кор басташуда хисоб мешавад. Бо қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаи фармоиши муаллифӣ тағйирот ба амал омад, дар он оид ба пардохти ҳаққи муаллиф ва пешпардохти он иловаҳо ворид карда шуд.

Ҳуқуқҳои дар шартнома барои фармоишгар ва иҷрокунанда пешбинишуда вобаста ба ҳолати корӣ тағйир меёбанд. Фармоишгар метавонад аз шартнома даст кашад, агар иҷрокунанда ухдадориҳои худро саривақт иҷро накунад.

Масъалаи муҳлати шартномаи муаллифӣ ҳангоми бастани он бо ворисони муаллифи фавтида аҳаммияти махсус дорад. Тартиби умумии бастани аҳдҳо нисбат ба ворисон низ вучуд дорад – ин гуна шартномаҳо дар давоми 50 сол аз рӯзи вафоти муаллиф, шуруъ аз моҳи январ баста мешаванд.

Албатта, ҳангоми бастани шартнома дар давоми 50 соли муқарраршуда душвориҳо ба миён меоянд, аммо асар дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома истифода намешавад, дар ҳоле ки муҳлати ҳуқуқи муаллиф ба охир мерасад.

Дар ин маврид шартнома катъ намегардад, зеро чунин асосҳои катъи шартнома дар қонун зикр нашудаанд. Вобаста ба арзиши асари мусиқӣ имкони идомаи шартнома ба миён омада, дар ин маврид меъёрҳои қонунгузории амалкунанда муҳим мебошанд.

Мушкилот дар он аст, ки то ба охир расидани муҳлати ҳуқуқи муаллиф ворисон аллакай ваколатҳои ба он додашударо амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ба итмом расидани мухлати ҳуқуқи муаллиф боиси қатъ гардидани ҳуқуқи муаллифӣ намегардад.

Муҳлати амали шартномаи ҳуқуқи муаллифиро бо мавҷудияти ҳолатҳое тағйир додан мумкин нест, ки дар онҳо истифодаи асари дар шартнома пешниҳодшуда имконнопазир мегардад.

Дар хусуси бастакор ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳар як шартнома бо ӯ дар бораи эҷод намудани асари мусиқӣ ҳамчун заминаи шартномаи ҳуқуқи муаллиф буда, бастани шартномаи байни муаллиф ва ташкилот натиҷаи мувофиқа дар бораи шартҳое хоҳад буд, ки тарафҳо барои ин шартнома муҳим мешуморанд.

Мазмуни шартномаҳо аз ҳамдигар, пеш аз ҳама бо хусусияти худи муносибатҳо оид ба истифодаи асари мусиқӣ фарқ мекунад.

Вобаста ба мазмуни шартномаҳо ва тарзи истифода бурдани асарҳо дараҷаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифон як хел нест.

Аз ҷумла, ин нисбат ба шартномаҳое, ки дар шабакаҳои давлатии телевизион ва радио баста шуда буданд, масалан, сенарияҳои филм, ба

таври ягона истифода мешаванд.

Баръакси ин ҳолат, дар мавриди истифодаи асарҳо дар телевизион ва радио ҳамон як созишномаҳои стандартӣ татбиқ мешаванд, гарчанде ки хусусияти истифодаи онҳо метавонад фарқ мекунад.

Дар бораи дараҷаи ҳифзи ҳуқуқи муаллифон низ ҳаминро бояд гуфт, ки он набояд тобеи муассисаву ташкилот, балки вобаста бо хусусият ва усули истифодаи асар муайян карда шавад

Мувофиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» соҳибмулки моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳниро бо тарзу шакли дилхоҳ амалӣ намояд, иҷозат диҳад ва манъ кунад, агар чунин амалҳоро қонунгузорӣ манъ накарда бошад.

Ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба объекти моликияти зеҳнӣ метавонанд ба як шахс ё ба таври муштарак ба якчанд шахс тааллуқ дошта бошанд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқҳои молумулкӣ нисбат ба ҳамон як объекти моликияти зеҳнӣ метавонанд ба шахсони гуногун тааллуқ дошта бошанд ва аз тарафи онҳо новобаста ба ҳамдигар амалӣ карда шаванд.

Тартиби бо муаллиф бастани шартнома аз рӯи дараҷаи тайёр будани асар муайян карда мешавад. Ин омил инчунин хусусиятҳои ин ё он намуди шартномаи ҳуқуқи муаллифиро шарҳ медиҳад.

Мутобиқи шартномаи ҳуқуқи муаллифӣ муаллиф метавонад асари тайёрро диҳад ё ухдадории офаридани асарро ба дӯш гирад. Дар ҳолати аввал сухан дар бораи шартномаи кори анҷомдода, дар ҳолати дуюм оид ба шартномаи фармоишӣ меравад.

Кори анҷомдодашуда, ки ба телевизион ё радио пешниҳод шудааст, пеш аз бастани шартнома бо муаллиф мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ташкилотҳое, ки ба истифодаи асар машғуланд, дар бораи интишори он қарор қабул мекунанд, ки ин барои бастани шартнома бо муаллиф асос мегардад. Дар матни шартнома кори мавриди назар пурра оварда мешавад.

Дар вақти бастани шартномаи–фармоиш (асари адабию бадеӣ, мусиқӣ ва ғайра) ҳанӯз офарида нашудааст. Муаллифи асари оянда бояд ариза, нақша ё лоиҳа пешниҳод намояд, ки дар он консепсияи эҷодӣ ва шакли татбиқи онро тавсиф менамояд.

Ширкатҳои телевизионӣ ва радио, дар навбати худ, талаботи худро нисбат ба ариза муқаррар мекунанд. Дар вақти бастани шартнома бо шабакаҳои телевизион ва радио бастакор аризаи эҷод ё порчае аз асари мусиқии ояндаро пешниҳод мекунад, ки он ба аризаи эҷодӣ баробар дониста мешавад.

Ӯ ба бастакор дар офаридани асар ёрии эҷодӣ расонда, аз рӯи мавзуи асар тавсияҳо медиҳад. Бо ризоияти бастакор шаклҳои пешакии офаридани асари мусиқӣ муҳокима карда мешаванд.

Дар аризаи эҷодие, ки ба киностудия пешниҳод карда мешавад, бояд

идеяи асосӣ, консепсияи сюжет ифода гашта, хусусиятҳои асосии сенарияи ояндаро ифода намояд, он фарогири тавсифи мукаммал ва пайгиронаи амалиёт, инчунин муколама мебошад.

Дар ин сурат композитор бояд нишондиҳандаҳои иқтисодии эҷодкориҳоро ба назар гирад: микдори объектҳои банаворгирифташаванда, саҳнаҳои наворбардорӣ дар маҳал ва ғайра.

Бахши мусиқӣ бо муаллиф пайваста ҳамкориро ба роҳ мемонад: мусоҳиба ва таҳқиқ, баҳодиҳии нақша, таҳияи мазмуни умумии асар ва зерфаслҳои он ба ин навъи фаъолият шомиланд.

Дар сурати мусбат будани баҳогузорӣ аризаи муаллиф қабул гардида, он ба нақшаи кории шабакаҳои телевизион ва радиошунавон дохил карда мешавад.

Хусусияти махсуси бастани шартномаи фармоишии муаллифӣ кори пеш аз шартнома бо муаллиф мебошад, ки боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамаи телевизион ва радио ба гирифтани асари мусиқии бадеӣ мувофиқи шартнома манфиатдор мебошанд.

Аз ин рӯ, ҳангоми омӯхтан ва баррасии аризаи муаллиф, пеш аз ҳама, паҳлуҳои мухталифи асари мусиқӣ муайян карда мешаванд. Тасдиқи аризаи эҷодӣ маънои мувофиқа кардани муаллиф ва ташкилот дар бораи тамоми талабот ба асари ояндаи мусиқӣ мебошад.

Барои ҳар як истифодабаранда (ташкилот, шахс), ки бо муаллифон шартнома мебандад, дараҷаи муайяни таваккал вуҷуд дорад. Ҳеҷ кас ба комёбии муаллиф кафолат намедиҳад. Дар ин маврид ба ташкилот (шахси алоҳида) зарари моддӣ мебинад ва бо дарназардошти ин омил вазифадор аст, ки ба композитор пешпардохт диҳад.

Нақшаи дархост уҳдадории асосии шартномавии муаллиф – мувофиқи шартҳои шартнома эҷод кардани асарро ба вуҷуд меорад. Аз ҷониби муаллиф риоя накардани талабот ба асари офаридашаванда, ки дар нақшаи дархост зикр шудааст, боиси вайрон шудани шартҳои шартнома ва масъулияти муаллиф мегардад. Масъулият тибқи шартномаи ҳуқуқи муаллиф уҳдадории мадани мебошад. Ҳама қоидаҳои марбут ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои мадани нисбат ба он татбиқ мешаванд.

Аз амалияи судӣ ин навъи шартномаҳо оқибатҳои гуногунро ба миён овардаанд, ки таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Ба таври мисол, Ҷамъияти саҳҳомии «Телекомпания» ба суди арбитраж даъво пешнидод кард, ки телевизион ва радиои давлатиро барои иҷрои уҳдадориҳои худ дар пахши 8 барномаи телевизионӣ ба ҷавобгари кашад.

Даъвоҳо бо истинод ба шартҳои шартнома, ки ухдадории даъвогарро дар бобати тайёр кардани ҳашт барномаи телевизионии муайян ва интишори онҳо аз ҷониби ҷавобгар қабул кардан ва пардохти маблағи ин барномаҳои телевизиониро дар муҳлати мувофиқашуда пешбинӣ мекард, асоснок дониста шуданд.

Ҷавобгар ба ин даъво эътироз баён кардааст, ки даъвогар тибқи шартҳои шартномаи ҳуқуқи муаллифӣ ба ӯ ҳуқуқи истисноии истифодаи

асар, аз ҷумла, паҳнкунӣ, пахш ва ғайраро додааст, аммо тарафҳо уҳдадории корбарро дар намоиши барнома пешбинӣ накардаанд. Бо сабаби тағйир додани консепсияи пахши барнома, ҷавобгар имкони пахши онҳоро надорад.

Суди марҳилаи якум дар ҳалномаи худ далели ҷавобгарро рад намуда, ӯро вазифадор кардааст, ки барномаҳои телевизионии зикршударо пахш намояд, зеро ҳангоми ба даст овардани ҳуқуқи истисноӣ ба ин асарҳо ширкати телевизион ва радио ҳам уҳдадор мешавад, ки онҳоро ба таври муайян истифода баранд.

Суди кассатсионӣ қарори судро бо асосҳои зерин бекор кард: Мувофиқи моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» мавзуи шартномаи муаллифӣ интиқоли ҳуқуқи моликият мебошад.

Дар ин ҳолат тарафҳо метавонанд дар бораи интиқоли ҳуқуқҳои комил ва ғайрикомил ба созиш оянд. Дар моддаи 26-и қонуни мазкур қоидаҳои иловагӣ оид ба шартномаҳои ҳуқуқи муаллифӣ омадааст.

Тибқи банди 1, моддаи 26 шартномаи ҳуқуқи муаллифӣ бояд инҳоро пешбинӣ намояд: усули истифода, макони истифода, андозаи подош ё тартиби муайян кардани он барои ҳар як усули истифода; муҳлати пардохти подош; шартҳои дигаре, ки тарафҳо барои ин шартнома зарур мешуморанд.

Суд муайян кардааст, ки дар шартномаи ҳуқуқи муаллифии байни тарафҳо муқаррарот оид ба уҳдадории воқеии истифодаи асарҳое, ки ҳуқуқи истисноӣ ба онҳо ба ширкати телевизион ва радио гузаштааст, пешбинӣ нашудааст. Дар ин ҳолат суди марҳилаи аввал ягон асос барои қонеъ гардондани даъво надошт.

Ҳангоми бастани шартнома бояд ба инобат гирифт, ки аз ҷониби кӣ ва бо чӣ мақсад он баста шудааст. Ҳамчун шахси ваколатдори ташкилот метавонад директор ё шахси мансабдори дигар шартнома бандад.

Дар оинномаи ташкилот, аз чумлаи ҳуқуқҳои директор, ҳуқуқи ӯ барои бастани шартнома муайян карда шудааст.

Дар ҳолатҳое, ки ӯ шахсан ин корро карда наметавонад, имзои шартнома ба зиммаи шахси дигари ваколатдор гузошта мешавад, ки ба ӯ ваколатнома ё фармон барои ташкилот дода мешавад.

Тарафи дигари шартнома муаллиф – шахси воқеие мебошад, ки бо ташкилот шартнома мебандад. Дар вақти бастани шартнома шартҳои мувофиқшударо бояд аниқ ва дуруст ба расмият даровард.

Таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии шартномаҳои баррасишаванда нишон медиҳад, ки дар онҳо кафолатҳои ҳуқуқӣ ва риояи ҳуқуқҳо ҳангоми истифодаи натиҷаҳои меҳнати кормандони эҷодкор мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, дар айни замон системаи ягонаи тасдиқи меъёр ва тартиби пардохти ҳаққи заҳмат ба муаллиф вуҷуд надорад.

Хусусияти истифодаи асарҳои мусиқӣ дар радио ва телевизион гуногун аст, гарчанде ки шакли шартномаи истифода як хел аст.

Хусусияти намоишномаҳо дар он аст, ки як асари мусиқии бастакор

ҳангоми намоиши филм ва порчаҳои махсус метавон истифода бурд.

Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси хеле васеъ шудани имкониятҳои ҳуқуқии ба муаллифони асарҳои мусиқӣ додашуда гардид, ки дар он бастакор ҳамчун категорияи ягонаи гирандагони подош ба таври возеҳ муайян карда шудааст.

Аммо дар айни замон, чи тавре ки дар боло зикр гардид, системаи ягонаи пардохти меъёрӣ барои муаллифон вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, бояд эътироф кард, ки рушди технологияҳои нави сабти асарҳои мусиқӣ ба тарзи мавҷудият ва қабули мусиқӣ таъсир расонида, он боиси афзоиши доимии низоъҳо дар соҳаи мултимедия мегардад ва дар ин замина муаллифони асарҳои мусиқӣ зарари моддӣ ва маънавӣ мебинанд.

Намудҳо ва шартҳои бастани шартномаҳо ҳамчун шакли асосии ҳуқуқии эҷодиёти мушаххаси композитор баррасӣ шуданд, ки онҳо хусусияти фаъолияти ӯро муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам барои ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ дар телевизион ва радио бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯиҳои мушаххас амалӣ гарданд, ки дар ин самт такмил додани қонунгузор муҳим мебошад.

Барои самарабхш гардидани маҳсули эҷодкорӣ дар соҳаи санъат ва мусиқӣ танзими ҳуқуқи муаллифон шарти асосӣ ба шумор рафта, дар ин замина сатҳу сифати барнома ва намоишномаҳои фарҳангӣ дар шабакаҳои телевизионӣ ва радио тавсеа меёбанд.

Барои такмил додани ин раванди ҳуқуқӣ омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии ин мафҳум муҳим ба шумор рафта, андешаву пешниҳоди мутахассисони соҳа дар коркарди меъёрҳои муайян замина ба вуҷуд меоранд.

**Адабиёт:**


1. Егоров В.В. Телевидение: теория и практика. – М., 1992. – С. 90.
2. Стеркин Т.А. Становление профессии. – М., 1980. – С. 102.
3. Ефимов Э.М. Телевидение вчера, сегодня, завтра. Вып. 1. – М., 1981. – С. 65.
4. Клык Н.Л. Охрана интересов сторон по авторскому договору. Красноярск, 1987. – С. 16-18.
5. Миллер П. Указ. соч. – С. 57.
6. Дозорцев В.А. Авторский договор и его типы // Сов. гос. и право. 1977. № 2. – С. 43.
7. Дозорцева М.В. Право на неприкосновенность музыкального произведения // Сов. гос. и право. 1987. № 9. – С. 63.
8. Кунафин Р. Цифровая музыка: шаг вперед и два назад // Музыкальная жизнь. 1999. № 2. – С. 38, 39.

## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

# УМУМИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ МЕҲНАТИ ХОНАКОРОН ВА КОРМАНДОНИ ФОСИЛАВӢ

**Шонасридинов Назридин,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, н.и.ҳ. дотсент
**Тел.:** (+992) 935140448
**Email:** Nazriddin0101@gmail.com

**Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, н.и.ҳ. дотсент
**Тел.:** (+992) 500000909
**Email:** omavlonazarov@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (ихтисос: 12.00.05)

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур мафҳуми хонакор, номгӯи шахсони барои бастани шартномаи меҳнатӣ ҷиҳати иҷрои кор ҳамчун хонакор бартарӣ дошта, шароитҳои меҳнати кормандони хонакор, реҷаи вақти кор ва истироҳати хонакорон ва дигар масалаҳои марбут ба кору фаъолияти хонакорон, инчунин мафҳуми кормандони бо кори фосилавӣ шуғулманд, шароити меҳнат, баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати онҳо таҳқиқу таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** хонакор, ҳуқуқу уҳдадориҳои хонакор, реҷаи вақти кории хонакор, вақти истироҳати хонакор, бехатарии меҳнати хонакор, кори фосилавӣ, ҳуқуқҳои корманди ба кори фосилавӣ машғулбуда, реҷаи вақти кори корманди фосилавӣ, реҷаи вақти истироҳати корманди фосилавӣ.

# ОБЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ТРУДА ДОМАШНЫХ И ДИСТАНЦИОННЫХ РАБОТНИКОВ

**Шонасридинов Назридин,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет,

доцент кафедры предпринимательского
и коммерческого права, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 935140448
**Email:** Nazriddin0101@gmail.com

**Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведуюший кафедрой предпринимательского и коммерческого права, к.ю.н. доцент
**Тел:** (+992) 500000909
**Email:** omavlonazarov@mail. ru

**Научная специальность:** Трудовое право; право социального обеспечения (специальность: 12.00.05)

**Аннотация:** В данной статье исследованы и анализированы понятие надомного работника, перечень лиц, имеюших преимущества при заключении трудового договора в качестве надомного работника, условия труда надомных работников, режим работы и отдыха надомных работников и другие вопросы, связанные с работой и деятельностью надомных работников, а также понятия работников, занятых в дистанционных работах, условия труда, учёт рабочего времени и времени отдыха, условия обеспечения безопасности и охраны их труда.

**Ключевие слова:** домашний работник, работадатель-физичиское лицо, неявляющийся индивидуальным предпринимателем, работодатель-индивидуальный предприниматель, форма заключения трудового договора с домашним работником, регистрация заключённого с домашних работником трудового договора, надомний работник режим работчего времени и времени отдыха надомного работника.

## COMMONALITY AND CHARACTERISTICS OF THE WORK OF HOME AND REMOTE WORKERS

**Shonasridinov Nazridin,**
Tajik National University, Faculty of law, associate professor of the department of entrepreneurial and commercial law, candidate legal sciences
**Phone:** (+992) 935140448
**Email:** Nazriddin0101@gmail.com

**Mavlonazarzoda Odilbek Abdulnazar ,**
Tajik National University, Faculty of law, head of the department of entrepreneurial

and commercial law, candidate legal sciences, associate professor
**Phone:** (+992) 500000909
**Email:** omavlonazarov@mail.ru

**Scientific specialty:** Labour Law; Social Insurance Law (specialty: 12.00.05)

**Annotation:** This article research and analyze the concept of a home worker, list of persons who have advantages when concluding an employment contract as a home worker, working conditions for a home worker, work and rest schedule for home workers and other issues, related to the work and activities of homeworkers, as well as the understanding of workers engaged in remote work, working conditions, recording of working time and rest time, conditions for ensuring safety and protection of their labor.

**Keywords:** home worker, employer individual, not being an individual entrepreneur, employer-individual entrepreneur, form of concluding an employment contract with a domestic worker, registration of an employment contract concluded with a domestic worker, home worker, working hours and rest hours of a home worker.

Хонакорон ва кормандони ба кори фосилавӣ шуғлиманд, аз зумраи кормандоне мебошанд, ки меҳнаташон дорои хусусияти хос буда, танзими махсусӣ ҳуқуқиро тақазо мекунад.

Тибқи банд и) Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат, кори хонагӣ чунин корест, ки онро шахси хонакор дар ҷойи истиқомат худ ё дар дигар биноҳои интихобнамудаи ӯ, лекин на дар биноҳои истеҳсолии корфармо иҷро мекунад[376].

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи духелаи корманди хонакор дода шудааст. Дар сархати 34 моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун корманди хонакор шахсе омадааст, ки корро дар хонаи худ ё ҷои барои иҷрои кор мувофиқ бо меҳнати шахсии худ иҷро мекунад. Моддаи 252 Кодекси мазкур бошад, ҳамчун хонакор шахсеро меҳисобад, ки бо корфармо оид ба иҷрои кор дар хона бо меҳнати шахсӣ, бо истифода аз мавод, таҷҳизот, асбобу олотҳои худ ё бо олоту воситаҳои аз ҷониби корфармо ҷудокардашуда, ё ин ки бо маблағи корфармо харидорӣ шуда, барои иҷрои корҳо дар бинои шахсии худ ё ҷои барои иҷрои кор мувофиқ, шартномаи меҳнатӣ бастааст[377].

Қисми 1 моддаи 310 Кодекси меҳнати Федератсияи Россия, хонакор шахсеро меҳисобад, ки оид ба иҷрои кор дар хона бо маводҳо ва бо

[376] Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат аз 20 июни соли 1996. №177 “Дар бораи хонакорон”// “Консултат Плюс”.
[377] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2023, №1329 // Маъхази мутамаркази иттилооти-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 6. О / [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: URL: http www.adllia.tj (санаи муроҷиат 20.01.2025с.).

истифода аз асбобу анҷоми ҷудонамудаи корфармо ё аз ҳисоби худ харидорӣ намуда, шартномаи меҳнатӣ бастааст[378].

Тибқи қисми 1 моддаи 304 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Беларус, кормандон- хонакорон шахсоне ҳисобида мешаванд, ки оид ба иҷрои кор дар хона бо меҳнати шахсӣ бо истифода аз таҷҳизот, асбобу олот, анҷом, механизм ва таҷҳизоти аз ҷониби кирокунанда ҷудо шуда ё аз ҳисоби ӯ харидоришуда, шартномаи меҳнатӣ бастаанд[379].

Қисми 1 моддаи 533 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Қирғизистон, хонакорон гуфта шахсонеро мефаҳмад, ки бо коркунанда оид ба иҷрои кор бо меҳнати шахсӣ дар хона аз маводҳо ва бо истифода аз таҳҷизоту асбобу анҷоми ҷудонамуда ё аз ҳисоби кирокунанда харидорӣ шуда, шартномаи меҳнатӣ бастаанд[380].

Ҳамин тариқ, корманди хонакор гуфта, чунин шахси воқеиро меноманд, ки, якум, тибқи шартномаи меҳнатӣ бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад, дуюм, корро бо меҳнати шахсӣ дар хона иҷро мекунад, сеюм, зимни иҷрои кор аз мавод, таҷҳизот, олот ва асбобҳои худ ё аз мавод ва олоту воситаҳое, ки корфармо барои ӯ ҷудо ё харидорӣ намудааст, истифода мебарад. Агар корманд дар ҷараёни кор аз таҷҳизот, олот ва асбобу анҷоми худ истифода кунад, корфармо уҳдадор аст, ки арзиши истифодаи онҳоро ба корманди хонакор ҷуброн намояд. Корфармо, инчунин уҳдадор аст, ки дигар масрафҳои ба иҷрои кори корманди хонакор алоқамандро ҷуброн намояд, масалан, маблағҳои барои истифодаи нерӯи барқ, гармӣ, тармиму таъмири таҷҳизот, олоту воситаҳои кории алоқамандро ҷуброн намояд.

Қисми 2 моддаи 252 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани хонакориро чӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ва чӣ дар давраи амали он имконпазир медонад. Дар мавриди дуюм, бояд дар шартномаи меҳнатӣ дар хусуси муқаррар намудани иҷрои кор дар хона, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд.

Низомнома дар бораи шароитҳои меҳнати хонакорон, ки бо Қарори Кумитаи давлатии ИҶШС ва Котиботи ВИСПС аз 29 сентябри соли 1981 №275/17 -99[381] тасдиқ шудааст, рӯйхати шахсонеро муқаррар намудааст, ки барояшон дар бастани шартномаи меҳнатӣ барои иҷрои кор ба сифати хонакор, бартарӣ дода мешавад:

1) занони тифли то 15 сола дошта;

2) маъюбон ва нафақахурон новобаста аз намуди нафақаи барояшон таъйиншуда;

3) шахсони ба синни нафақа расида, вале нафақаро намегирифта;

---

378 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2023,1329 // Маъхази мутамаркази иттилоотиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия”. Шакли 6. О / [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: URL: http www.adllia.tj (санаи муроҷиат 20.01.2025с.).

379 Трудовой кодекс Республики Беларусь . – Мн: Национальный центр правовой информации Республики Беларусь, 1999. – 192 с.

380 Трудовой Кодекс Кыргызской Республики. – Бишкек:, Раритег. Инфо, 199. – 223с.

381 Комментарий к трудовому законодательству Российской Федерации / М.О. Буянова, К.Н.Гусов [и др.] под. ред. К.Н. Гусова-8-е изд., перераб. и доп. – М: Проспект, 2009. – 992 с.

4) шахсони қобилияти меҳнатиашон заиф, ки барояшон бо тартиби муқарраршуда иҷрои кор дар дар шароити хона тавсия шудааст;

5) шахсони машғул ба нигоҳубини маъюбон ва аъзои оилаи муддати тӯлони мариз, ки ниёзмад ба нигоҳубин мебошанд;

6) шахсони дар муассисаҳои таҳсилоти шакли рӯзона таҳсилкунанда.

Рӯихати шахсонеро, ки дар масъалаи бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба иҷрои кор ба сифати хонакор бартарӣ дода мешавад, инчунин дар Кодексҳои меҳнати Ҷумҳурии Беларус ва Қирғизистон низ муқаррар намудаанд.

Ба андешаи мо, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани доираи шахсоне, ки барояшон дар бастани шартномаи меҳнатӣ ба ҳайси хонакор бартарӣ дода мешавад, аз манфиат холӣ нест.

Ба ҳайси корманди хонакор шахсоне ба кор қабул карда мешаванд, ки агар иҷрои чунин кор ба саломатии онҳо таъсири манфӣ нарасонад. Корманди хонакор бояд бо тамоми шароитҳои бехатар ва солими корӣ таъмин бошад, ки ин аз ҳар лиҳоз, ба шароитҳои созгори манзилӣ-маишии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ҳайси корманди хонакор танҳо шахсонеро қабул кардан мумкин аст, ки шароити созгори манзилӣ-маишӣ доранд. Шароити маишӣ-манзилии шахсонеро, ки хоҳишманди корманди хонакор буданро доранд, корфармо бо иштироки намояндагони мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ва агар зарурат бошад, бо иштироки намояндагони мақомоти назорати санитарӣ-беҳдоштӣ ва зидди сухтор, месанҷад[382].

Дар шартномаи меҳнатии байни корманди хонакор ва корфармо басташуда, бояд чунин шартҳо муайян шаванд: а) тартиб ва муҳлати бо тамоми маводҳо, ашёи хом, таҷҳизот, олоту асбобҳои барои иҷрои кор зарурӣ таъмин намудани корманди хонакор; б) тартиб ва муҳлатҳои ҳисоббаробаркунӣ барои молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи корманди хонакор; в) тартиб ва муҳлатҳои пардохти арзиши маводу масолеҳи ба корманд тааллуқдошта, ки дар ҷараёни кор истифода шудаанд; г) тартиб ва муҳлати аз корманди хонакор қабул намудани молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ӯ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, нисбати кормандони хонакор бо дарназардошти хусусиятҳои тибқи Кодекси меҳнат муқарраршуда, татбиқ мешавад. Аз ин рӯ, зимни дар шартномаи меҳнатии бо корманди хонакор басташаванда муайян намудани меъёри вақти кор, набояд аз ҳадди меъёрҳои дар Кодекси меҳнат муайяншуда баромад, яъне меъёри вақти корро аз ҳадди муайяннамудаи Кодекси меҳнат зиёд, давомнокии вақти истироҳатро бошад, аз давомнокии тибқи Кодекси меҳнат муқарраршуда, камтар намояд[383].

Музди меҳнати кормандони хонакор корбайъ ё вақтбайъ буда метавонад, лекин дар ҳар сурат аз ҳадди ақали муайаннамудаи қонун набояд камтар бошад.

---

[382] Бюллетени Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба меҳнат ва масъалаҳои иҷтимоӣ. 1982, №1.

[383] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюми тасҳеҳ ва иловашуда. – Душанбе: Нашриёти «Сино», 2020. – С. 470.

Кори фосилавӣ низ яке аз шаклҳои хоси ташкили меҳнат маҳсуб ёфта, нахустин бор ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст. Кори фосилавӣ бо як қатор хусусиятҳои худ аз дигар шаклҳои муқаррарии ташкили меҳнат тафовут дорад:

1) он аз тарафи корманд берун аз ҷойи (маҳалли) воқеъшавии корфармо, иҷро карда мешавад;

2) зимни иҷрои он, корманд зери назорати бевоситаи корфармо қарор намегирад ва аз ин лиҳоз, зери назорат гирифтани риояи интизом ва қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи кор аз тарафи корманд мушкил ва ғайриимкон мегардад.

Бархе аз муаллифон хусусияти асосии кори фосилавиро дар истифода бурдани таҷҳизоти компютерӣ зимни иҷрои он мебинанд ва дар иртибот ба ин, аз ибораи «хонакории компютерӣ» истифода мебаранд. Дар асл бошад, тавассути таҷҳизоти компютерӣ иҷро намудани кори фосилавӣ танҳо яке аз хусусиятҳои ба чунин кор хос, маҳсуб меёбад.

Кори фосилавӣ аз хонакорӣ боз бо чунин аломатҳо фарқ мекунад: 1) он на танҳо дар хона, инчунин дар ҳама ҷойи воқеъ набудани корфармо иҷро мешавад;

2) ҳадаф аз иҷрои кори фосилавӣ, расонидани хизматҳои гуногуни иттилоотӣ, барномасозӣ дар самтҳои гуногун ва дигар хизматрасониҳои ғайримоддӣ мебошад.

Кори фосилавӣ басо мавридҳо бо истифода аз таҷҳизоти корфармо иҷро карда мешавад, ки ин аслан дуруст аст. Бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани корманди фосилавӣ, вазифаи корфармо маҳсуб меёбад. Лекин, зимни иҷрои чунин кор, корманд метавонад аз таҷҳизоти худ истифода барад. Дар ҳар сурат, масъалаи дар хусуси бо таҷҳизоти кадоме аз тарафҳо иҷро намудани кори фосилавиро онҳо бояд пешакӣ муҳокима намуда, дар шартномаи меҳнатии байнашон басташуда, инъикос намоянд. Агар корманд зимни иҷрои кори фосилавӣ аз таҷҳизоти худӣ истифода барад, он гоҳ корфармо уҳдадор аст, ки онро ҷуброн намояд. Корфармо, инчунин вазифадор аст, ки ба корманд дигар хароҷотҳои вобаста ба иҷрои кори фосилавиро (маблағи истифодаи нерӯи барқ, об ва дигар малағҳоро) ҷуброн намояд. Дар шартномаи меҳнатии байни корманди фосилавӣ ва корфармо басташаванда, дигар шартҳо низ пешбинӣ шуданашон мумкин аст, масалан, шарт оид ба гузоштани таҷҳизот ҷиҳати беосеб нигоҳ доштани маълумотҳое, ки онҳоро корфармо ба корманди фосилавӣ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти касбии ӯ додааст; шарт оид ба ҷалб намудани корманди фосилавӣ ба раванди таълими истеҳсолӣ, такомули ихтисос ва ғайра.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам, нисбати кормандони фосилавӣ татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат ба шумор меравад, ки ифодагари он қисми 1 моддаи 257 мебошад, ки дар он ишора шудааст, ки ки давомнокии вақти кори кормандони фосилавӣ, аз давомнокии вақти кори бо Кодекси мазкур муқаррарнамуда зиёд ва давомнокии вақти истироҳати онҳо бошад, аз давомнокии вақти истироҳати тибқи Кодекси мазкур, ки барои дигар кормандон муқаррар шудааст, набояд камтар бошад. Бо

дарназардошти хусусиятҳои хоси кори фосилавӣ, қисми 2 моддаи мазкур имконият ва зарурати тавассути шартномаи меҳнатӣ муайян намудани масъалаҳои вобаста ба таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандони фосилавиро муқаррар намудааст. Масалан, тарафхо метавонанд дар шартномаи меҳнатии байни онҳо басташуда, шарт оид ба гузоштани таҷҳизот ҷиҳати наззорат намудани фаъолияти корманди фосилавиро инъикос намоянд.

**Адабиёт:**


1. Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат аз 20 июни соли 1996. №177 "Дар бораи хонакорон"// "Консултат Плюс".
2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2023,1329// Маъхази мутамаркази иттилооти-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия". Шакли 6. О / [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: URL:http www.adllia.tj (санаи мурочиат 20.01.2025с.).
3. Кодекси меҳнати Федератсияи Россия аз 30.12.2001 таҳти рақами 197. Шакли 5. О / [Захираи электронӣ]: Манбаи дастрасӣ: URL:http www.consultant.ru (санаи мурочиат 20.01.2025с.).
4. Трудовой кодекс Республики Беларусь – Мн: Национальный центр правовой информации Республики Беларусь, 1999. – 192 с.
5. Трудовой Кодекс Кыргызской Республики. – Бишкек:, Раритег. Инфо, 1999. – 223с.
6. Комментарий к трудовому законодательству Российской Федерации / М.О. Буянова, К.Н. Гусов [и др.] под. ред. К.Н. Гусова-8-е изд., перераб. и доп. – М: Проспект, 2009. – 992 с.
7. Бюллетени Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба меҳнат ва масълаҳои иҷтимоӣ. 1982, №1.
8. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюми тасҳеҳ ва иловашуда. – Душанбе: Нашриёти «Сино», 2020. – 503 с.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

# К ВОПРОСУ О ВНЕСЕНИИ НЕКОТОРЫХ ИЗМЕНЕНИЙ И ДОПОЛНЕНИЙ В УГОЛОВНЫЙ КОДЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЦЕЛЯХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ТЕРРОРИЗМ

**Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел.:** (+992) 919533611
**E-mail:** mfa2@yandex.ru

**Научная специальность:** 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право
**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В статье изучаются некоторые вопросы совершенствования уголовной ответственности за терроризм по Уголовному кодексу Республики Таджикистан. В результате изучения теории уголовного права по исследуемой теме и Уголовного кодекса Ресублики Таджикистан, а также с учетом зарубежного опыта, автор приходит к выводу о необходимости внесения некоторых изменений и дополнений в ст. 179 Уголовного кодекса Республики Республики Таджикистан, пресуматривающей ответственность за терроризм.

**Ключевые слова:** уголовная ответственность за терроризм, борьба с терроризмом, противодействие терроризму, терроризм, террор, понятие терроризма, акт терроризма, террористический акт.

# МАСОИЛИ ВОРИД НАМУДАНИ БАЪЗЕ ТАҒЙИРОТ ВА ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҚСАДИ ТАКМИЛДИҲИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТЕРРОРИЗМ

**Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел.:** (+992) 919533611
**Email:** mfa2@yandex.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
**Муқарриз:** Сафарзода А.И. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Дар мақола баъзе масъалаҳои такмилдиҳии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиши назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавзуи таҳқиқшаванда ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ, муаллиф ба хулосае меояд, ки ба моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои терроризм муқаррар мекунад, баъзе тағйиру иловаҳо ворид намудан лозим аст.

**Калидвожаҳо:** ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм, мубориза бар зидди терроризм, муқовимат ба терроризм, терорроризм, мафҳуми терроризм, террор, амали террористӣ, акти террористӣ.

## ON THE ISSUE OF MAKING SOME AMENDMENTS AND ADDITIONS TO THE CRIMINAL CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN ORDER TO IMPROVE CRIMINAL LIABILITY FOR TERRORISM

**Mirzoakhmedov Firdavs Akhmadovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, associate Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption Law
**Phone:** (+992) 919533611
**E-mail:** mfa2@yandex.ru

**Scientific specialty:** 12.00.08 – criminal law and criminology; penal law
**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article examines some issues of improving criminal liability for terrorism under the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. As a result of studying the theory of criminal law on the topic under study and the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, as well as taking into account foreign experience, the author comes to the conclusion that it is necessary to make some changes and additions to Article 179 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, which suppresses responsibility for terrorism.

**Keywords:** criminal liability for terrorism, combating terrorism, countering terrorism, terrorism, terror, the concept of terrorism, an act of terrorism, a terrorist act.

В этой статье, мы хотели бы остановиться на некоторых вопросах, касательно совершенствования уголовной ответственности за терроризм и с этой целью внести предложения о внесении изменений в Уголовный

кодекс Республики Таджикистан (далее – УК РТ). Думаем, что борьба как непосредственно с терроризмом, так и с преступлениями террористического характера может дать эффект только при успешном законодательном закреплении их составных признаков.

Итак, в начале XXI века многие государства мира ощутили и к сожалению, ощущают до сих пор на себе всю тяжесть террористических проявлений, которые унесли и уносят до сих пор жизни тысяч ни в чем не повинных людей. Мировое сообщество отчетливо осознало, что терроризм – это не внутренняя проблема отдельных государств, а глобальная угроза. Борьба с ним стала важнейшей частью обеспечения национальной и международной безопасности. Терроризм современности характеризуется сложностью и многоаспектностью, олицетворяя собой крайне отрицательное социально-правовое явление и выйдя за пределы внутреннего правового воздействия, он приобрел международный облик и стал одной из наиболее опасных угроз всему миру.

Более того, одним из приоритетных направлений уголовно-правовой политики как Республики Таджикистан, так и всего мирового сообщества в деле обеспечения безопасности, является борьба с терроризмом.

Как известно терроризм стал одним из важнейших угроз, существующих на сегодняшние дни[384], представляющий собой одну из самых опасных вызовов международной безопасности[385]. Не зря некоторые ученые в своих работах связывают борьбу с терроризмом со «столетней войной», на пороге которого стоит человечество[386]. Более того, терроризм ставится в один ряд с организованной преступностью и наркоманией, и называется одной из основных угроз национальной безопасности России, его суверенитету и территориальной целостности[387].

Одним из условий успешного сотрудничества стран мирового сообщества, в частности стран СНГ в борьбе с терроризмом является совершенствование национального уголовного законодательства с учетом международных стандартов и передового зарубежного опыта. В этом направлении в Республике Таджикистан ведется очень активная работа.

В действующем УК РТ, принятом Маджлиси Оли Республики Таджикистан 21 мая 1998 года и вступившем в силу 1 сентября того же года, «терроризм» выделен в самостоятельную статью УК РТ с формированием в ней самостоятельного состава – ст. 179 УК. Данное

---

[384] См.: Дегтярёв А.В., Киселёв А.К. Проблемы правового регулирования преступлений террористической направленности // Юридическая наука. – 2014. - № 1. – С. 72.

[385] См.: Винов Д.Д. Размышление о современном терроризме // Система ценностей современного общества. – 2014. – № 34. – С. 110.

[386] См.: Малков В.Д. Уголовно-правовые и криминологические характеристики терроризма и его предупреждение в системе обеспечения национальной безопасности России // Общество и право. – 2012. – № 4 (41). – С. 164.

[387] См.: Агапов П.В., Михайлов К.В. Уголовная ответственность за содействие террористической деятельности: тенденции современной уголовной политики: монография [Электронный ресурс]. – Саратов: Саратовский юридический институт МВД России, 2007. Режим доступа: URL: http://www.consultant.ru/ (Дата обращения: 27.04.2015 г.); Журавель В.П. Борьба с терроризмом – фактор укрепления национальной безопасности России // Научно-аналитический журнал Обозреватель-Observer. – 2014. – № 3(290). – С. 87; Хачидогов Р.А. Терроризм как угроза национальной безопасности России // Наука и общество. – 2015. - №; 1 (20). – С. 103.

преступление помещено в главу 21 «Преступления против общественной безопасности» раздела VIII УК РТ «Преступления против общественной безопасности и здоровья населения».

В разные годы в Уголовный кодекс Республики Таджикистан дополнительно к ст. 179 «Терроризм» включены новые уголовно-правовые нормы антитеррористического характера, такие как – ст. $179^1$ «Вовлечение в совершение преступлений террористического характера или иное содействие их совершению» (Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г.), ст. $179^2$ «Финансирование преступлений террористического характера» и ст. $179^3$ «Публичные призывы к совершению преступлений террористического характера» (Закон Республики Таджикистан от 18 июня 2008 г.). Причем процесс реформирования уголовно-правовых основ ответственности за преступления террористического характера далек от завершения, так как в этом плане УК РТ имеет значительный потенциал для совершенствования.

Необходимо заметить, что в ст. 179 УК РТ, законодатель, давая понятие терроризма, в то же время в примечании к данной статье оперирует словосочетанием «акт терроризма», устанавливая знак равенства между терминами «терроризм» и «акт терроризма», что при таком раскладе вызывает некоторые трудности. Как известно, терроризм – это социально-правовое явление, и уже только поэтому, на наш взгляд, не следует ставить знак равенства между терроризмом и конкретными террористическими актами. Но Уголовный кодекс, в силу своих специфических свойств, может определить понятие терроризма только через описание его конкретных проявлений, выражающихся в совершении определенного действия, то есть конкретного террористического акта. Исходя из этого, по нашему мнению, деяния, которые предусмотрены статьей 179 УК РТ, подобает называть именно террористическим актом. В защиту данного взгляда можно привести несколько доводов. Прежде всего, необходимо отметить, что, предполагаемые некоторыми учеными термины «акции терроризма»[388] или «террористическая акция»[389] для обозначения данного преступления обладают более широким смыслом, и поэтому они в антитеррористическом законе страны указаны как непосредственное совершение преступления террористического характера. А во-вторых, следует использовать и опыт зарубежных государств, например опыт российского законодателя в этой области, так как российский законодатель через 10 с лишним лет, а точнее 27 июля 2006 года с принятием Федерального закона №153-ФЗ, пришел к такому же выводу и переименовал ст. 205 УК РФ - «Терроризм» на «Террористический акт»[390],

[388] См.: Петрищев В.Е. Российское законодательство: профилактика терроризма // Современный терроризм: состояние и перспективы / под ред. Е.И. Степанова. – М.: Эдиториал УРСС, 2000. - С. 205.

[389] См.: Кириллов И. Проблемы современного терроризма в социально-правовом, криминологическом и уголовно-правовом аспектах // Профессионал. – 1999. – № 1. – С. 33.

[390] Федеральный закон от 27.07.2006 № 153-ФЗ «О внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации в связи с принятием Федерального закона «О ратификации Конвенции Совета Европы о предупреждении терроризма» и Федерального закона «О противодействии терроризму» (с изм. и доп.)» [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://base.garant.ru/12148566/ (Дата обращения: 26.11.2015 г.).

что, на наш взгляд, является более правильным и корректным. Более того, проведенный нами опрос специалистов показал, что большинство из них (70 % опрошенных) тоже поддерживают наше мнение о переименовании ст. 179 УК РТ «Терроризм» на «Террористический акт». В то же время, в данном контексте, следует заметить, что термин «террористический акт» уже использован законодателем при конструировании диспозиции ст. 310 УК РТ «Посягательство на жизнь государственного или общественного деятеля Республики Таджикистан» раздела XIII «Преступления против государственной власти»[391]. Поэтому, во избежание путаницы, предлагаем: во-первых, переименовать ст. 179 УК РТ «Терроризм» на «Террористический акт», во-вторых, в примечании к ст. 179 УК РТ заменить слова «акт терроризма» на «террористический акт», а в-третьих исключить из диспозиции ст. 310 УК РТ слова «террористический акт».

**Литература:**


1. Астахова, Е. А. Правовые основы борьбы с транснациональной преступностью / Е. А. Астахова // Правовая политика и правовая жизнь. – 2024. – № 2. – С. 68-76.
2. Валеев Д. М. Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности 2000 года: теоретический анализ. Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения: научный журнал, 2015, – № 3. – С. 473-479.
3. Михайлов В0 Палермская Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности // Российская юстиция, 2223, – № 9.
4. Максимов С. В. Транснациональная организованная преступность в Содружестве Независимых государств и уголовно-правовые аспекты борьбы с ней // Прокурорская и следственная практика. Орган генеральных прокуроров стран СНГ. 2000. – № 1-2. – С. 147–153. URL: http://lawlibrary.ru/article1098525.html (дата обращения: 14.10.2024).
5. Овчинский В. С. XXI век против мафии. Криминальная глобализация 523 и Конвенция ООН против транснациональной организованной преступности. Москва: ИНФРА-М, 2001. – 148 с.
6. Пихов, А. Х-А. Транснациональная преступность: система понятий / А. Х.-А. Пихов. -Текст: непосредственный // Вестник Московского университета МВД России. – 2017. – № 6. – С. 109-113.
7. Президент Интерпола назвал транснациональную преступность пандемией современности // Информационное агентство ТАСС.

[Электронный ресурс]. – Режим доступа: – URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/19395575 (дата обращения: 26.05.2024).
8. Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее, дополняющий Конвенцию Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: un.org. (дата обращения: 14.10.2024).
9. Протокол о предупреждении и пресечении торговли людьми, особенно женщинами и детьми, и наказании за нее, дополняющий Конвенцию Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: un.org. (дата обращения: 14.10.2024).
10. Руководство для законодательных органов по осуществлению Протокола против незаконного ввоза мигрантов по суше, морю и воздуху, дополняющего Конвенцию ООН против транснациональной организованной преступности. П. 30. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.un.org/documents/ (дата обращения: 14.10.2024).
11. Конвенция Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности: принята резолюцией 55/25 Генеральной Ассамблеи от 15.11.2000 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un.org/(дата обращения: 21.09.2024).
12. United Nations. Doc.A/AC/254/4/Add.1/Rev.6. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.un.org./documents/ (дата обращения: 13.09.2024).
13. United Nations. Doc.E/CN.15/1996/2/Add.I. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.un.org./documents/ (дата обращения: 13.09.2024).
14. United Nations. Doc.E/CN.15/1997/7/Add.2/ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.un.org./documents/ (дата обращения: 13.09.2024).
15. United Nations. Doc.A/RES/53/111/ [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://www.un.org/ru/ga/third/53/third_res. shtml (дата обращения: 13.09.2024).
16. United Nations. Doc.A/RES/56/119. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.un.org/ru/ga/5/docs/56res3.shtml (дата обращения: 13.09.2024).
17. Цзинь, Ц. Б. Улучшение образования и подготовка кадров для международного полицейского сотрудничества. Повышение эффективности сотрудничества правоохранительных органов в борьбе с транснациональной преступностью / Ц. Б. Цзинь, Б. Я. Ван // Деятельность правоохранительных органов в современных условиях : Сборник материалов XXIX международной научно-практической конференции. – Иркутск, 23–24 мая 2024 года. – Иркутск: Восточно-Сибирский институт МВД РФ, 2024. – С. 183-187.

# ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ БАНДУБАСТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ МАШҒУЛ ШУДАН БА ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ ХУСУСИИ ТИББӢ Ё ФАЪОЛИЯТИ ХУСУСИИ ФАРМАСЕВТӢ

**Гулова Хуршеда Дилшодовна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия
**Тел.:** (+992) 929155500
**Email:** Lawyer290798@mail.ru

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
**Роҳбари илмӣ:** Сафарзода А.И., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хоси бандубасти ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ (м. 210 КҶ ҶТ) мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷудо кардани ҷинояти мазкур аз дигар ҷиноятҳо ба монанди м. 259 (Соҳибкории ғайриқонунӣ), м. 123 (Исқоти ғайриқонунии ҳамл), м. 209 (Истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад), м. 247 (Қаллобӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст.

Калидвожаҳо: бандубаст, ғайриқонунӣ, фаъолияти амалии хусусии тиббӣ, фаъолияти хусусии фармасевтӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, таркибҳои ҳаммонанд, расонидани зарар, қонунгузорӣ, ҷудо кардан.

# ОСОБЕННОСТИ КВАЛИФИКАЦИИ НЕЗАКОННОГО ЗАНЯТИЯ ЧАСТНОЙ МЕДИЦИНСКОЙ ПРАКТИКОЙ ИЛИ ЧАСТНОЙ ФАРМАЦЕВТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ

**Гулова Хуршеда Дилшодовна,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант PhD кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел**: (+992) 929155500
**Email:** lawyer290798@mail.ru.

**Научная специальность:** 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право
**Научный руководитель:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье рассматривается особенности квалификации незаконного занятия частной медицинской практикой или частной фармацевтической деятельностью (ст. 210 УК РТ) и отграничивать данное преступление от других преступлений, таких как ст. 259 (Незаконное предпринимательство), ст. 123 (Незаконный аборт), ст. 209 (Производство, хранение, перевозка или передача чужому имуществу товаров или продуктов, выполнение работ или оказание услуг, не отвечающих требованиям безопасности), ст. 247 (Мошенничество) Уголовного кодекса Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** квалификация, незаконный, частная медицинская практическая деятельность, частная фармацевтическая деятельность, уголовная ответственность, смежные составы, причинение вреда, законодательство, отграничение.

## FEATURES OF THE QUALIFICATION OF ILLEGAL PRIVATE MEDICAL PRACTICE OR PRIVATE PHARMACEUTICAL ACTIVITY

**Gulova Khursheda Dilshodovna,**
Tajik National University, Faculty of Law, PhD doctoral student of the Department of Criminal law and combating corruption
**Tel:** (+992) 929155500
**Email:** lawyer290798@mail.ru

**Supervisor:** Safarzoda A.I. – Doctor of Law Sciences, professor
**Scientific Specialty:** 12.00.08 – Criminal law and criminology; penal enforcement law

**Annotation:** This article examines the specifics of the qualification of illegal private medical practice or private pharmaceutical activity (Article 210 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan) and distinguishes this crime from other crimes, such as Article 259 (Illegal entrepreneurship), Article 123 (Illegal abortion), Article 209 (Production, storage, transportation or transfer of goods or products to someone else's property, performance of works or provision of services that do not meet safety requirements), art. 247 (Fraud) The Criminal Code of the Republic of Tajikistan.
**Keywords:** qualification, illegal, private medical practice, private pharmaceutical activity, criminal liability, related compounds, causing harm, legislation, delineation.

Бо мақсади таъмини қонуният ва асоснокии қарорҳои қабулшуда ба намояндагони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва суд ҳангоми бандубасти ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасефтӣ ҳамчун кирдори ҷиноятӣ, дуруст

фаҳмидани маҷмӯи аломатҳои субъективӣ ва объективии таркиби ҷиноятро, ки дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, лозим аст. Ҳолати мазукр имкон медиҳад, ки ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ аз дигар таркибҳои ҳаммонанд ҷудо карда шаванд.

Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ ба мо имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки масъала ҳангоми ҷудо кардани моддаи 210 ва моддаҳои 259 (Соҳибкории ғайриқонунӣ), 123 (Исқоти ғайриқонунии ҳамл), 209 (Истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад), 247 (Қаллобӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд.

Масъалаи ҷудо кардани соҳибкории ғайриқонунӣ аз ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ дар банди 18 Қарори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ” аз 25 июни соли 2004 пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи муқаррароти қарори баррасишаванда омили ҷудокунандаи моддаҳои 259 ва 210 Кодекси ҷиноятии ҶТ хусусияти оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок мебошад.

Ҳамин тавр, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои соҳибкории ғайриқонунӣ бояд муқаррар карда шавад, ки ҳаракатҳое, ки дар диспозитсияи моддаи 259 Кодекси ҷиноятии ҶТ нишон дода шудаанд, ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ва давлат зарари калон расониданд. Барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ ба сифати омили ҷиноятӣ оқибатҳои дар натиҷаи баамалбарории чунин фаъолият дар шакли расонидани зарар аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон ё марг баромад менамояд.

Ҳамин тариқ, Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти оқибатҳоро махсус барои муайян кардани объекти таҷовуз таъкид кард, ки аз он ба таркиби мушаххаси ҷиноят дохил кардани кирдори содиршуда вобаста аст.

Дар баробари ин, ҳамчун як навъи соҳибкории ғайриқонунӣ баромад кардан, ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ, инчунин, метавонад фоидаи ғайриқонуниро аз тарафи шахсоне, ки онро амалӣ мекунанд ба бор орад.

Мавриди қайд аст, ки дар Қарори Пленуми суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ аз 25 июни соли 2004 (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011 №4 ворид карда шудаанд)” вобаста ба масъалаи бандубасти оқибатҳои дар натиҷаи содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ ба вуҷудомада пешбинӣ гардидааст, ки азбаски машғул шудан

ба фаъолияти амалии тиббӣ ё хусусии дорусозӣ яке аз намудҳои соҳибкорӣ буда, барои ба даст овардани фоида равона гардидааст, дар ин маврид машғул шудан ба ин фаъолият бидуни бақайдгирии давлатӣ ва бидуни иҷозатнома, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё миқдори махсусан калон ё ин ки расонидани зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат, иртибот дорад, дар сурати вуҷуд надоштани зарар расонидан ба саломатии одам ё фаворасии марг аз беэҳтиётӣ, бояд бо моддаи 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад. Агар дар натиҷаи фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ аз беэҳтиётӣ ба саломатии ду ё бештар ҷабрдидагон зарар расонида шуда бошад, ҳамчунин дар ҳолатҳои ба амал омадани марг, ҳамаи кирдор бояд бо моддаи 210 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ) пешбинигардида, дар ҳолати ба амал омадани оқибатҳои дар диспозитсияи моддаи 210 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бошад, барои маҷмӯи ҷиноятҳо, яъне бо моддаҳои 210 ва 259 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шавад[415].

Дар ин маврид, ба андешаи мо зарур аст, ки чунин кирдорҳоро аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, ки дар моддаҳои 259 ва 210 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст намуд, зеро ҳангоми фаро расидани оқибатҳо дар шакли ба даст овардани даромад ба андозаи калон ё махсусан калон (расонидани зарар ба миқдори калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат) ва аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ ё марги шахс, зарар ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ оварда мерасонад.

Дар ҳолати аввал, ба сифати ин муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибатҳое баромад менамоянд, ки ба принсипи амалишавии фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, муносибатҳои моликиятӣ (дар сурати расонидани зарари калон ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат) ё муносибатҳои амалӣ намудани манфиатҳои молиявии давлатҳо (гирифтани даромад дар ҳаҷми калон ё махсусан калон) асос ёфтаанд. Дар ҳолати дуюм, ҳангоми ғайриқонунӣ амалӣ намудани тибби хусусӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ пеш аз ҳама, муносибатҳои ҷамъиятие зарар мебинанд, ки ба гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ва фармасевтӣ дар доираи шахсони номуайяни соҳибихтисос, ки аз тарафи системаи хусусии тандурустӣ пешниҳод карда мешаванд ва инчунин саломатӣ ё ҳаёти шахси муайян вобаста бо шарти зарурии фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро расидани оқибатҳо дар шакли расонидани зарар ба саломатии одам ё марг аст.

Ин ба мо имкон медиҳад, ки ҳангоми фаро расидани оқибатҳои дар моддаҳои 259 ва 210 КҶ ҶТ зикршуда якчанд гурӯҳ муносибатҳои ҷамъиятие зарар мебинанд, ки ҳамчун объекти таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда ва бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда баромад мекунанд.

---

[415] Қарори Пленуми суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ аз 25 июни соли 2004. – № 6.

Далели мазкур дар мисоли мавриди назар қарордошта ба мавҷудияти маҷмӯи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 259 ва 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора мекунад.

Ҳангоми ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ва фаро расидани оқибатҳои дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, масъалаи бандубасти чунин ҳаракатҳо, дар баробари моддаи 210 КҶ ҶТ, инчунин, моддаи 292 (Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ) ва моддаи 293 (Саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо) Кодекси ҷиноятии ҶТ ба миён меояд.

Моддаи 123 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои исқоти ғайриқонунии ҳамл аз тарафи шахсе пешбинӣ менамояд, ки таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор надорад.

Мувофиқи моддаи 18 Конститутсияи ҶТ ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад.

Давлат ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро аз лаҳзаи таваллуд ҳифз мекунад. Бояд зикр кард, ки дар моддаи 87 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 № 1413 пешбинӣ гардидааст, ки “ба зан ҳуқуқ дода мешавад, ки масъалаи модар шуданашро худаш ҳал кунад, бо хоҳиши зан ба ӯ усулу воситаҳои зидди ҳомиладорӣ тавсия карда мешавад, ки онҳо ҳомиладоршавии номатлуби ӯро пешгирӣ менамоянд. Тартиби расонидани усулу воситаҳои зидди ҳомиладоршавиро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муайян менамояд. Усули ҷарроҳии пешгирии ҳамл ҳамчун мудохилаи махсус бо мақсади маҳрум сохтани одам аз наслдиҳӣ ва ё усули бебозгашти пешгирии ҳамл танҳо бо розигии хаттии ҳамсарон, барои заноне, ки ақди никоҳ надоранд, ихтиёрӣ дар асоси забонхат, барои ноболиғон бо розигии падару модар ва ё намояндаи қонунии онҳо сурат мегирад. Усули ҷарроҳии пешгирии ҳамл бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешавад”[416].

Ҳамин тариқ, давлат исқоти ҳамлро (қатъи бармаҳали ҳомиладорӣ) тавассути ба зан додани ҳуқуқи “бо хоҳиши худ ҳал кардани модарӣ” қонунӣ кард ва ин равандро мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дод.

Таҳлили моддаи 123 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки тарафи объективии исқоти ғайриқонунии ҳамлро ҳаракатҳои шахс, ки мақсади қатъ кардани ҳомиладориро ташкил медиҳанд ва ҷиноят пас аз гузаронидани амалиёти ихроҷи эмбрион (ҷанин) хотимаёфта ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, расидан ё нарасидани зарар ба саломатии зан, дигар ягон аҳамияте надорад[417].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 210 Кодекси ҷиноятии ҶТ, баръакс, танҳо ба шарте ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи исқоти

[416] Кодекси тандурустии Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017. – № 1413.

[417] Киселева М. Уголовная ответственность за незаконное прерывание беременности / М. Киселева // Уголовное право. – 2008. – № 4. – С. 67.

ғайриқонунии ҳамл ҳадди ақал ба саломатии инсон зарари сабук расонида шавад. Аммо, боз як шарти дигари ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи меъёри мазкур ин нияти субъект ба мунтазам ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии амалии тиббӣ маҳсуб меёбад[418].

Маҳз мунтазам ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии тиббӣ (ё ин ки нияти машғул шудан ба ин фаъолият) ҳамчун зуҳуроти тарафи объективии ҷиноятҳо ба мо имкон медиҳад, ки объектҳои таркиби ҷиноятҳо, ки дар моддаҳои 123 ва 210 КҶ ҶТ дарҷ шудаанд, ҷудо карда шаванд. Ба ибораи дигар, агар исқоти ғайриқонунии ҳамл хусусияти мунтазам дошта бошад, исқоти ҳамл мунтазам аст, ё шахс тасмим бигирад, то ин ки ба ин фаъолият ба таври доимӣ машғул шавад, пас дар навбати аввал, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи саломатии аҳолӣ таҳдид ба вуҷуд меояд, ё ин ки зарар расонида мешавад, яъне, ба доираи номуайяни шахсон - онҳое, ки барои хизматрасонии тиббӣ муроҷиат мекунанд. Ва баръакс, агар шахс исқоти ғайриқонунии ҳамлро як маротиба амалӣ карда бошад ва бидуни нияти амалӣ кардани чунин фаъолият ба таври доимӣ, бояд масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ тибқи моддаи 123 КҶ ҶТ баррасӣ карда шавад, зеро дар ин ҳолат саломатии зани ҳомиладорро, ки мехоҳад ҳомиладории худро қатъ кунад, зери хатар мегузорад.

Инчунин бояд таъкид кард, ки тибқи КҶ ҶТ исқоти ғайриқонунии ҳамл танҳо дар ҳолатҳое ҷазо дода мешавад, ки агар он аз тарафи шахси таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор надошта амалӣ карда шавад. Субъекти моддаи 123 Кодекси ҷиноятии ҶТ аз рӯйи таърифи қонунгузорӣ бояд танҳо шахсе, ки таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор надорад, ҳисоб карда шавад.

Ба бемантиқии шакли меъёри қонунгузорӣ, ки дар моддаи 123 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, мутахассисон якчанд маротиба ишора намудаанд. Масалан, Т. Волкова қайд мекунад, ки дар ҳолатҳои исқоти ҳамл аз тарафи шахси дорои таҳсилот, аммо дар шароити номуносиб ё вайрон кардани нишондодҳои тиббӣ ва талаботҳо – ин ҳаракатҳоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҷиноят эътироф кардан мумкин нест[419].

Дар асоси камбудиҳои мавҷуда дар қонунгузорӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои исқоти ғайриқонунии ҳамл, дар адабиёти илмӣ ақидаҳо дар бораи аз Кодекси ҷиноятӣ хориҷ намудани моддаи 123 баён карда шудаанд[420].

Диспозитсияи моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки субъекти ҷинояти мазкур шахсе мебошад, ки барои намуди фаъолияти интихобшуда иҷозатнома надорад. Ҳамин тариқ, шахси гунаҳгор метавонад, дар фарқият аз моддаи 123 КҶ ҶТ, тибқи моддаи 210

[418] *Шарапов, Р.Д.* Уголовный кодекс России не беспомощен перед криминальными абортами / Р.'Д. Шарапов // Медицинское право. – 2006. – №. 2. – С. 35.

[419] *Волкова, Т.* Правовая защита права на жизнь новорожденного / Т. Волкова // Законность. 2004. – № 4. – С. 7-8.

[420] *Панкратов, В.* Проблемы установления уголовной ответственности за незаконное производство абортов / В. Панкратов // Уголовное право. – 2001. – № 3. – С. 42.

КҶ ҶТ ҳангоми мавҷудияти таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, аммо ба шарте ки фаъолияти тиббии амалии хусусиро бе иҷозатнома амалӣ намояд.

Дар баробари ин, ба таври мунтазам машғул шудан ба исқоти ҳамл аз тарафи шахсе, ки системаи хусусии тандурустиро намояндагӣ мекунад ва ба намуди фаъолияти таҳлилшаванда иҷозатнома дорад, гарчанде ки дар шароити номуносиб ё дар вайрон кардани нишондодҳо ва талаботҳои тиббӣ низ ба мо имкон намедиҳад, то гунаҳгор тибқи моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Вобаста ба ин аз тарафи қонунгузор ҳамчун аломати ғайриқонунӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти тиббии хусусӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ танҳо "набудани иҷозатнома барои фаъолияти интихобшуда" ишора гардидааст. Дар ин ҳолат, ишораҳо ба вайронкунии шартҳои иҷозатномадиҳӣ, ки ба сифати шароити номуносиб ва вайрон кардани нишондодҳои тиббӣ барои исқоти ҳамл баромад менамоянд, дар меъёри қонуни ҷиноятӣ, ки мо баррасӣ мекунем, вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли масъалаи бандубасти исқоти ғайриқонунии ҳамл тибқи моддаҳои 123 ё 210 КҶ ҶТ, бояд ҳолатҳое таҳқиқ карда шавад, ки ҳамчун аломатҳои объективӣ (ба таври мунтазам содир намудани ҳаракатҳо, ба амал омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, объекти таҷовуз), инчунин аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят (мавҷудияти таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор, мавҷудияти иҷозатнома барои фаъолияти интихобшуда) баромад мекунанд.

Аксар вақт дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ хатогиҳо дар фарқияти таркиби таҳлилшаванда ва таркиби ҷинояти дар моддаи 209 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбиншуда ба амал меоянд.

Моддаи 209 КҶ ҶТ истеҳсол, нигоҳ доштан ё интиқол додан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ё ин ки ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки ба талаботи бехатарӣ барои ҳаёт ё саломатии истеъмолкунандагон ҷавоб намедиҳад, ҳамчунин ғайриқонунӣ додани санади расмӣ ё истифодаи чунин санад, ки мутобиқи ин мол, кор ё хизматрасониро ба талаботи бехатарӣ тасдиқ мекунад, пешбинӣ менамояд.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар, молҳо, хизматрасониҳо ва кор бо мақсади таъмини бехатарии истифодаи онҳо дар муомилоти маданӣ бояд назорати ҳатмии давлатӣ дошта бошад. Мутобиқати мол (кор, хизматрасонӣ)-и дар модда зикргардида бо талаботи бехатарӣ бо ҳуҷҷати расмии додашудаи мақомоти ҳокимияти иҷроия тасдиқ карда мешавад.

Тарафи объективии таркиби ҷинояти дар моддаи 209 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидаро баррасӣ намуда, мафҳумҳои "хизматрасонӣ"-ро муайян намудан лозим аст. Бояд қайд кард, ки дар КҶ ҶТ ин мафҳум зикр нагардидааст.

Ба ақидаи А. В. Агафонов, таҳти мафҳуми "хизматҳо" бояд чунин фаҳмида шавад: "барои пардохти амали муайян ё амалӣ намудани фаъолияти муайян бо супориши шаҳрванд барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсӣ (маишӣ)"[421].

С. А. Пискунов чунин мешуморад, ки хизматрасонӣ ҳамчун шакли меҳнати бесамар маънои содир кардани ҳаракатҳоеро дорад, ки ба истеъмолкунандагон намудҳои гуногуни фоида меоранд[422].

Бо назардошти мафҳумҳои "хизматрасонӣ", ки зуҳури алтернативии тарафи объективии таркиби ҷиноят, ки дар моддаи 209 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, метавон хулоса кард, ки тибби хусусии амалӣ яке аз намудҳои хизматрасониҳое мебошад, ки ба истеъмолкунанда аз ҷониби системаи хусусии тандурустӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҳолат, ҳаракатҳои марбут ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол барои фурӯши маҳсулоти доруворӣ моҳияти фаъолияти фармасевтиро ташкил медиҳанд.

Фаро расидани оқибатҳои ҳатмӣ дар шакли аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатии инсон ё марг, ки дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, ба сифати хизматрасониҳои пешниҳодкардаи системаи хусусии тандурустӣ ишора мекунанд, яъне ба ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда хавфнок.

Кафили сифати амалишавии тибби хусусӣ ё фаъолияти хусусии дорусозӣ иҷозатнома барои намуди фаъолияти интихобшуда мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шудааст. Мувофиқи муқаррароти банди 12 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 22 июни соли 2023, № 1968 намуди фаъолияти иҷозатномашаванда – фаъолият ё амали махсусе, ки барои амалисозии он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни мазкур бояд иҷозатнома гирифта шавад[423]. Маҳз дар гунаҳгор мавҷуд набудани ин ҳуҷҷати расмӣ, нишон медиҳад, ки фаъолияти амалишаванда ғайриқонунӣ аст ва ин маънои онро дорад, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ хатар таҳдид менамояд.

Ҳамин тариқ, ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ меъёри махсус нисбат ба умумӣ аст, ки (моддаи 209 КҶ ҶТ) ҷавобгариро барои истеҳсол, нигоҳ доштан, интиқол ё ба соҳибияти каси дигар додани мол ё маҳсулот, иҷрои кор ё хизматрасоние, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавоб намедиҳад, пешбинӣ мекунад.

Махсусгардонии меъёре, ки дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, аз рӯи намуди хизматрасонӣ ба

[421]Агафонов А.В. Ответственность за посягательства на безопасность жизни или^здоровья потребителей (историко-правовой анализ) // Под общ. ред. д.ю.н., проф. С.Н. Сабанина / А.В. Агафонов. – СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2004. – С. 117.

[422] Пискунов С.А. Производство, хранение, перевозка либо сбыт товаров и продукции, выполнение работ или оказание услуг, не отвечающих требованиям безопасности / С.А. Пискунов // Российский следователь. – 2008. – № 14. – С. 75.

[423] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 22 июни соли 2023, – № 1968.

аҳолӣ амалӣ карда мешавад. Хусусияти муайяни фаъолияти ғайриқонунии амалишаванда, ки ба аҳолӣ таҳдид менамояд, хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо меъёрҳои таҳлилшаванда ҳифз карда мешаванд, муайян мекунад. Ҳамин тавр, агар дар моддаи 209 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти бевосита муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба таъмини ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба хариди молҳо (корҳо, хизматҳо), ки барои ҳаёт ва саломатӣ бехатар мебошанд, асосӣ бошад[424], пас дар моддаи 210 КҶ ҶТ – ин муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба аз ҷониби доираи номуайяни шахсон гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ ва фармасевтии безарар, ки аз тарафи системаи хусусии тандурустӣ пешниҳод карда мешаванд, маҳсуб меёбад.

Таҳлили муқоисавии объектҳои бевоситаи таркибҳои таҳлилшаванда ба мо имкон медиҳад, то хулоса барорем, ки объекти таркиби ҷиноятҳои муқаррарнамудаи моддаи 210 КҶ ҶТ қисми таркибии объекти умумии моддаи 209 КҶ ҶТ мебошад, ки инчунин, ба таносуби ин меъёрҳо ҳамчун махсус ва умумӣ ишора менамояд.

Дар баробари ин, агар ҷинояти дар қисми 1 моддаи 209 КҶ ҶТ пешбинишуда аз рӯйи конструксияи қонунгузорӣ бо таркиби расмӣ тавсиф карда шавад, пас, тавре аллакай зикр гардид, барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 210 КҶ ҶТ зарур аст, ки дар натиҷаи амалӣ намудани ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии дорусозӣ аз ҷониби шахси гунаҳгор ҳадди аққал бояд ба саломатии инсон зарар расонида шавад.

Тавре ки В.Н. Кудрявсев, дар ин бора дуруст қайд мекунад, “раванди ташаккули меъёрҳои махсус на танҳо бо он алоқаманд аст, ки аз кадом меъёрҳои умумӣ ҳолатҳои мушаххасро ҷудо мекунанд. Он метавонад, бештар мушкилтар бошад. Аксар вақт меъёри нави махсус аломатҳои иловагиро ба даст меорад, ки ин намуди ҷиноятро хеле мукаммалтар аз меъёри умумӣ тавсиф мекунанд, бинобар ин, ин таркиби нав ба таври назаррас аз сарҳади он берун меравад. Аз ин рӯ, меъёри махсус ҳамчун пайдоиши ҳамаҷониба баромад мекунад ва аллакай метавонад, аз меъёри умумии пештара аз рӯи як қатор аломатҳо ба монанди ҳаммонанд бо он ҷудо карда шавад”[425].

Ҳамин тариқ, қонунгузор дар қонуни ҷиноятӣ меъёри махсуси дар моддаи 210 КҶ ҶТ инъикосшударо муқаррар намуда, шартҳои муайяни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгор ва фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриқонунӣ низ пешбинӣ кардааст. Чӣ ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии таҷовузи ҷиноятии мавриди баррасӣ қарордошта пурра ҷавобгӯ аст ва мантиқи қонунгузории сохтори таркибро аз рӯи намуди моддӣ таъкид мекунад.

---

[424] Агафонов А.В. Указ. соч. – С. 86.

[425] Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. – 2-е изд., перераб. и дополи / В.Н. Кудрявцев. – М, «Юристь», 2004. – С. 224.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррарот дар бораи қоидаҳои умумии бандубасти ҷиноятҳо мустаҳкам шудааст, ки моҳияти он дар он ифода меёбад, ки ҳангоми рақобати меъёрҳои умумӣ ва махсус бояд меъёри махсус татбиқ карда шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки ҳангоми рақобати меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки бо моддаҳои 209 ва 210 КҶ ҶТ танзим карда шудаанд, моддаи 210 КҶ ҶТ бояд ҳамчун меъёри махсус нисбат ба меъёри умумӣ (моддаи 209 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) татбиқ карда шавад.

Вақте ки ғайриқонуни машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ оқибатҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 210 КҶ ҶТ зикршударо ба бор намеорад, аммо фаъолияти амалишаванда ҷавобгӯи талаботи бехатарии ҳаёт ё саломатии истеъмолкунандагони ин хизматрасонӣ нест, пас чунин ҳаракатҳо бояд тибқи моддаи 209 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шаванд.

Таҳлили ҷудо кардани моддаҳои 210 ва 209 КҶ ҶТ ба мо имкон медиҳад, ки нуқтаҳои дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудбуда рад карда шаванд, ки мувофиқи он ҳангоми амалӣ намудани ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтӣ, ки ҷавобгӯи талаботи бехатарии ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандагон нестанд, чунин кирдорҳо бояд аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳои баррасишаванда бандубаст карда шаванд[426].

Агар шахси гунаҳгор худро корманди тиб ё дорусоз нишон диҳад, дар ҳоле ки дарк мекунад, ки дониши зарурии дахлдор надорад ва барои амалишавии ҳаракатҳояш мақсади ба даст овардани фоидаи моддиро дорад, пас чунин кирдорҳо бояд аз рӯи моддаи 247 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд, зеро дар ин ҳолат, сухан дар бораи тасарруф бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ меравад. Агар қаллоб найрангҳои муайянро анҷом диҳад, ки зуҳуроти гуногуни хизматрасонии тиббӣ ё дорусозиро ҳамчун фаъолият нишон медиҳанд, яъне мунтазам ба таври доимӣ, ки дар натиҷа аз фаъолияти он аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарар мерасад, пас чунин кирдорҳо аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 247 ва 210 КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Чунин бандубастро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки дар натиҷаи машғул шудан ба тибби хусусӣ ё дорусозии хусусӣ дар шакли фаъолият, шахсе, ки худро мутахассис меҳисобад, вале иҷозатнома надорад, аз як тараф, ба муносибатҳои молумулкӣ зарар мерасонад, зеро тавассути фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ тасарруфи молу мулки шахси бегонаро содир мекунад, аз тарафи дигар, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бо аз ҷониби доираи шахсони номуайян гирифтани хизматрасонии тиббӣ ва дорусозии

---

[426] Шарапов Р.Д. Преступления против здоровья населения и общественной нравственности: Научно-практическое пособие / Р.Д. Шарапов. – Тюменский юридический институт МВД России, 2002. – С. 39.

безарар, ки аз тарафи системаи хусусии тандурустӣ пешниҳод карда мешавад, алоқаманд аст, зарар мерасонад. Ва ҳангоми расидани зарар ба саломатии инсон ё марг ҳангоми амалӣ кардани чунин фаъолият, бояд дар бораи таркиби хотимаёфтаи ҷиноят сухан ронем, ки дар моддаи 210 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст[427].

Дар баробари ин, истифодаи тарз ва усулҳое, ки ба таври объективӣ наметавонанд, ба пешгирӣ ё солимгардонии намудҳои гуногуни бемориҳо (шаманӣ, фолбинӣ, ҷодугарӣ ва ғайра) оварда расонанд, тибби амалии хусусӣ ҳисобида намешаванд. Дар сурати мавҷуд будани қасди гунаҳгор ба фиреби дағалонаи шаҳрвандони нодон бо мақсади аз онҳо ба даст овардани фоидаи моддӣ чунин ҳаракатҳо бояд танҳо тибқи моддаи 247 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд[428].

Хусусиятҳои бандубасти ҳаракатҳои шахсоне, ки ба тибби амалии хусусӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ дар асоси иҷозатномаи қалбакӣ фаъолият мекунанд, аҳамияти муҳими амалӣ дорад. Далели истифодаи иҷозатномаи қалбакӣ ба ғайриқонунӣ машғул шудан ба чунин фаъолият ишора мекунад ва дар сурати фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок дар шакли расонидани зарар ба саломатӣ ё марги инсон, чунин кирдорҳо бояд тибқи моддаи 210 Кодекси ҷиноятии ҶТ бандубаст карда шаванд.

Дар айни замон, моддаи 340 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ пешбинӣ менамояд. Предмети ин таркиби ҷиноятҳо дар баробари шаҳодатнома, мукофотҳои давлатӣ, штампҳо, мӯҳрҳо ва варақаҳо – ҳуҷҷати расмӣ низ мебошад, ки ҳуқуқ медиҳад ё аз уҳдадорӣ озод мекунад. Ба ибораи дигар, барои он ки ҳуҷҷат расмӣ эътироф карда шавад, он бояд ягон факти ҳуқуқиро муқаррар ё тасдиқ намояд.

Тавре ки Е. Лвова ва А. Макаров дуруст қайд мекунанд, "таҳти фактҳои ҳуқуқӣ чунин ҳолатҳои воқеӣ фаҳмида мешаванд, ки қонун пайдоиш, мавҷудият, тағйирот ва қатъи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро бо он алоқаманд мекунад"[429].

Ҳамин тавр, иҷозатнома барои машғул шудан ба намуди муайяни фаъолият аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия дода мешавад ва далели имконияти иҷрои иҷозатномаи ҳамаи талаботҳо ва шартҳои зарурие, ки аз тарафи довталаб пешниҳод карда мешаванд барои бехатарӣ ва қонунӣ будани амалишавии он муқаррар мекунад. Ва инчунин ба иҷозатномадор ҳуқуқ медиҳад, ки чунин фаъолиятро амалӣ намояд. Аз

---

[427] Глушков А.В. Ответственность за преступления в области здравоохранения / А.В. Глушков. – Киев. Изд. «Высш.школа», 1987. – С. 149; Уголовное право. Часть Особенная (Гришанин П.Ф. – Глава XI). – М. «Юрид. лит-ра», 1968. – С. 510.

[428] Шарапов Р.Д. Указ. соч. – С. 36.

[429] Львова Е. Официальный документ как предмет преступления / Е. Львова, А. Макаров // Российская юстиция. – 2000. – № 10. – С. 19.

ин рӯ, иҷозатнома ҳуҷҷати расмие аст, ки ҳуқуқҳои муайян ва уҳдадориҳои муайяни вогузоршударо медиҳад.

Ба гуфтаи А.В. Кузнецов моҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ дар он ифода меёбад, ки дар он рӯйдодҳо ва далелҳое тасдиқ гардидаанд, ки вуҷуд надоштанд ва воқеан низ вуҷуд надоранд, яъне дурӯғ[430].

Ҳамин тариқ, дидаю дониста истифода бурдани иҷозатномаи қалбакӣ дар амалӣ намудани тибби хусусии ғайриқонунӣ ё фаъолияти хусусии дорусозӣ бояд тибқи қисми 1 моддаи 340 КҶ ҶТ, ки дар диспозитсияи худ инчунин истифодаи ҳуҷҷати қалбакиро низ дарҷ намудааст, бандубаст карда шавад. Ин аз он сабаб аст, ки ҳангоми истифодаи иҷозатномаи қалбакӣ, зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки тартиби муқарраргардидаи шаҳодатномаи расмии ҳуқуқ ва озод кардан аз ӯҳдадориҳои шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқиро таъмин мекунанд низ расонида мешавад. Ин муносибатҳои ҷамъиятӣ объекти асосии бевоситаи таркиби ҷинояти дар қисми 1 моддаи 340 КҶ ҶТ пешбинигардидаро ташкил медиҳанд[431].

Бояд қайд кард, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳти бо истифода аз ҳуҷҷати қалбакӣ ин пешниҳод кардани он ба муассисаҳои дахлдор ё шахсони мансабдор ё ба шахсони дигар фаҳмидан маъмул аст . Истифодаи ҳуҷҷати қалбакӣ бо мақсадҳои ғаразнок бояд роҳи фиреб ҳисобида шавад ва тибқи моддаи 247 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад[432].

Дар ҳолатҳое, ки шахс бо мақсади амалӣ намудани тибби амалии хусусии ғайриқонунӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ худаш сохтакорӣ намояд (яъне қисми предмети аслиро бо предмети қалбакӣ иваз кард ё ин ки пурра ҳуҷҷати қалбакиро сохтааст) ва дар дар натиҷаи чунин фаъолият ба саломатии инсон зарар расонида шавад, ин кирдорҳо бояд тибқи маҷмӯи ҷиноятҳои қисми 1 моддаи 210 ва қисми 1 моддаи 340 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд. Дар ин ҳолат, мувофиқи қоидаҳои таҷрибаи судӣ, қалбакӣ кардани ҳуҷҷат ва истифодаи минбаъдаи он аз ҷониби ҳамон як шахс танҳо, мувофиқи қисми 1 моддаи 340 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб кардан мумкин аст[433].

Агар иҷозатнома дар ҷараёни амалӣ намудани тибби хусусии ғайриқонунӣ ё фаъолияти хусусии фармасевтӣ сохта нашуда бошад ва аллакай, баъд аз анҷом додани чунин ҳаракатҳо аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарар расида бошад ё марги шахс ба миён омада бошад ва бо мақсади пинҳон кардани ғайриқонунӣ будани чунин фаъолият, пас ин кирдорҳо бояд тибқи моддаҳои 210 ва 327 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд.

Таҳлили гузаронидаи мо дар соҳаи ҷудо кардани ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти амалии хусусии тиббӣ ё фаъолияти хусусии

---

430 Цит. по: Бродпевская Я.В. Значение предмета преступления при квалификации деяний по статье 327 УК РФ / Я.В. Бродневская // Журнал российского права, 2009. – № 2. – С. 48

431 Завидов Б.Д. Отдельные преступления против порядка управления (ст. 324-327.1 УК РФ) (Комментарии уголовного законодательства)/ Б.Д. Завидов // СПС «КонсультантПлюс».

432 Наумов А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: Комментарий судебной практики и доктринальное толкование / А.В. Наумов. – М., 2005. – С. 350.

433 Бюллетень Верховного Суда РСФСР. – 1988. – № 6. – С. 4.

фармасевтӣ аз таркибҳои ҳаммонанд, имкон медиҳад, ки баъзе қоидаҳои бандубаст ҷудо карда шавад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи моддаи 210 КҶ ҶТ ё моддаи 259 КҶ ҶТ бояд дар назар дошт, ки оқибатҳои ба вуҷудомада аҳамияти муайянкунандаро барои татбиқи меъёри мушаххас дар натиҷаи амалигардонии фаъолияти ғайриқонунӣ доро мебошанд. Дар ҳолатҳои фаро расидани оқибатҳои дар моддаҳои 210 ва 259 КҶ ҶТ ишорашуда, бояд ин фаъолият аз рӯи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад.

Барои ҳалли масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки дар моддаҳои 123 ё 210 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидаанд, бояд ҳолатҳое таҳқиқ карда шаванд, ки ба аломатҳои объективӣ (ба таври мунтазам содир кардани ҳаракат, фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, объекти таҷовуз) ва инчунин, аломатҳои махсуси субъекти ҷиноят (мавҷудияти таҳсилоти олии тиббии риштаи дахлдор, доштани иҷозатнома барои фаъолияти интихобшуда) дахл доранд.

Бо ҷудо кардани таркиби ҷиноятҳои муқаррарнамудаи қонунгузор дар моддаҳои 209 ва моддаи 210 КҶ ҶТ бояд қоидаҳои умумии бандубаст ҳангоми рақобати меъёрҳои умумӣ ва махсус татбиқ карда шаванд. Агар истифодаи тарзҳо ва усулҳое, ки тибби амалии хусусӣ нестанд ва ба таври объективӣ наметавонанд ба пешгирӣ ё солимгардонии бемориҳои гуногун оварда расонанд ва ба фиреби дағалонаи шаҳрвандони нодон бо мақсади ба даст овардани фоидаи моддӣ аз онҳо равона карда шуда бошанд, пас чунин кирдорҳо бояд тибқи моддаи 247 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шаванд.

Ҳангоми аз ҷониби гунаҳгор истифода бурдани иҷозатномаи қалбакӣ бо мақсади “пинҳон кардан”-и тибби ғайриқонунии амалии хусусӣ ё фаъолияти хусусии дорусозӣ, ки оқибати он зарар расонидан ба саломатии шахс ё марг гаштааст, дар баробари татбиқи моддаи 210 КҶ ҶТ, бояд масъалаи татбиқи муқаррароти моддаи 340 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда шавад.

**Адабиёт:**

1. Агафонов А.В. Ответственность за посягательства на безопасность жизни или здоровья потребителей (историко-правовой анализ) // Под общ. ред. д.ю.н., проф. С.Н. Сабанина / А.В. Агафонов. – СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2004. – С. 117.
2. Бюллетень Верховного Суда РСФСР. – 1988. – № 6. – С. 4.
3. Волкова Т. Правовая защита права на жизнь новорожденного / Т. Волкова // Законность. – 2004. – № 4. – С. 7-8.
4. Глушков А.В. Ответственность за преступления в области здравоохранения/ А.В. Глушков. – Киев. Изд. «Высш.школа», 1987. – С. 149; Уголовное право. Часть Особенная (Гришанин П.Ф. – Глава XI). – М. «Юрид. лит-ра», 1968. – С. 510.

5. Завидов Б.Д. Отдельные преступления против порядка управления (ст. 324-327.1 УК РФ) (Комментарии уголовного законодательства) / Б.Д. Завидов // СПС «КонсультантПлюс».
6. Киселева М Уголовная ответственность за незаконное прерывание беременности / М. Киселева // Уголовное право. – 2008. – № 4. – С. 67.
7. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017. – № 1413.
8. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. – 2-е изд., перераб. и дополи / В.Н. Кудрявцев. – М, «Юристь», 2004. – С. 224.
9. Қарори Пленуми суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба соҳибкории ғайриқонунӣ аз 25 июни соли 2004 № 6.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 22 июни соли 2023, № 1968.
11. Львова Е. Официальный документ как предмет преступления / Е. Львова, А. Макаров // Российская юстиция. – 2000. – № 10. – С. 19.
12. Наумов А. В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: Комментарий судебной практики и доктринальное толкование / А.В. Наумов. – М., 2005. – С. 350.
13. Панкратов В. Проблемы установления уголовной ответственности за незаконноепроизводство абортов / В. Панкратов // Уголовное право. – 2001. – № 3. – С. 42.
14. Пискунов С.А. Производство, хранение, перевозка либо сбыт товаров и продукции, выполнение работ или оказание услуг, не отвечающих требованиям безопасности / С.А. Пискунов // Российский следователь. – 2008. – № 14. – С. 75.
15. Цит. по: Бродпевская, Я.В. Значение предмета преступления при квалификации деяний по статье 327 УК РФ / Я.В. Бродневская // Журнал российского права, 2009. – № 2. – С. 48.
16. Шарапов Р.Д. Преступления против здоровья населения и общественной нравственности: Научно-практическое пособие / Р.Д. Шарапов. —
Тюменский юридический институт МВД России, 2002. – С. 39.
17. Шарапов, Р.Д. Уголовный кодекс России не беспомощен перед криминальными абортами / Р.Д. Шарапов // Медицинское право. – 2006. – №. 2. – С. 35.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

**Раҳмонов Шоҳрух Саидович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи
**Тел.:** (992) 887981717
**Email:** shohrukh.rahmonov.1998@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Аззизода У.А.

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои тарафи объективии ҷиноят мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур андешаҳои олимони ватанию хориҷиро ба инобат гирифта, муҳимтарин масъалаҳои тарафи объективии ҷиноятро таҳқиқ намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулосабарорӣ кардааст, ки аломатҳои тарафи объективӣ дақиқан дар моддаҳои мушаххаси Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ нишон дода мешаванд. Тавассути он сарҳади байни ҷиноятҳо, инчунин байни рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми таъини ҷазо аломатҳои тарафи объективӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳамин тавр, мазмуни тарафи объективӣ аз инҳо ташаккул меёбад: кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок; оқибати барои ҷамъият хавфнок; робитаи сабабӣ байни амал ва оқибат; усул, воситаҳо, асбобҳо, ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят.

Муаллиф ба масъалаи тарафи объективии ҷинояти додани пора таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд кардааст, ки додани пора агар як ҷиноят маҳсуб шавад, пас аз рӯйи оқибати худ вай метавонад дар содир шудани якчанд ҷинояти дигар боис гардад. Аз ҷумла, гирифтани пора, истифодаи ваколатҳои мансабӣ ва дигар ҷиноятҳое, ки шахси мансабдор ба манфиати порадиҳанда содир менамояд. Бинобар ин, таҳқиқу омӯзиши масъалаи мазкур ҳам барои илми ҳуқуқ ва ҳам барои амалияи татбиқи ҳуқуқ мубрам ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** баъзе масъалаҳо, ҷанбаҳои муҳим, тарафи объективӣ, ҷиноят, таркиби ҷиноят, предмети пора, кирдори хавфноки ҷамъиятӣ, ҳаракат ва беҳаракатӣ, додани пора, миёнарав, шахси мансабдор, қонунгузории ҷиноятӣ.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОБЪЕКТИВНОЙ СТОРОНЫ ПРЕСТУПЛЕНИЯ

**Рахмонов Шохрух Саидович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет,

соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции
**Тел.:** (+992) 887981717
**Email:** shokhrukh.rakhmonov.95@mail.ru

**Научный руководитель:** доктор юридических наук, профессор Аззизода У.А.

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются некоторые вопросы объективной стороны преступления. Автор при исследовании данного вопроса учел мнения отечественных и зарубежных ученых и исследовал важнейшие вопросы объективной стороны преступления. В результате исследования автор пришел к выводу, что признаки объективной стороны проявляются преимущественно в конкретных статьях Особенной части УК. Он определяет границу между преступлениями, а также между преступным и непреступным поведением. При определении наказания учитываются признаки объективной стороны. Таким образом, содержание объективной стороны формируют: общественно опасное деяние; опасные последствия для общества; причинно-следственная связь между действием и следствием; способ, средства, орудия, место и время совершения преступления.

Автор уделил внимание вопросу объективной стороны преступления дача взятка и отметил, что если взяточничество считать преступлением, то после его последствий оно может привести к совершению ряда других преступлений. В частности, взяточничество, использование служебных полномочий и иные преступления, совершенные должностным лицом в пользу взяткодателя. Поэтому исследование и изучение данного вопроса считается важным как для юридической науки, так и для правоприменительной практики.

**Ключевые слова:** некоторые вопросы, важные аспекты, объективная сторона, преступление, состав преступления, предмет взяточничества, опасное публичное действие, действие и бездействие, дача взятки, посредник, должностное лицо, уголовное законодательство.

## SOME QUESTIONS OF THE OBJECTIVE SIDE OF THE CRIME

**Rakhmonov Shokhrukh Saidovich,**
Tajik national university, faculty of law, researcher at the department of criminal law and combating corruption,
**Tel.:** (+992)887981717
**Email:** shokhrukh.rahmonov.95@mail.ru

**Scientific adviser:** doctor of law, professor Azzizoda U.A.

**Annotation:** This article examines some issues of the objective side of a crime. When studying this issue, the author took into account the opinions of domestic and foreign scientists and examined the most important issues of the objective side of a crime. As a result of the study, the author came to the conclusion that the signs of the objective side are manifested mainly in specific articles of the Special Part of the Criminal Code. It defines the boundary between crimes, as well as between criminal and non-criminal behavior. When determining punishment, the signs of the objective side are taken into account. Thus, the content of the objective side is formed by: a socially dangerous act; dangerous consequences for society; a causal relationship between the action and the consequence; the method, means, tools, place and time of committing the crime.

The author paid attention to the issue of the objective side of the crime of giving a bribe and noted that if bribery is considered a crime, then after its consequences it can lead to the commission of a number of other crimes. In particular, bribery, abuse of official powers and other crimes committed by an official in favor of the bribe giver. Therefore, the research and study of this issue is considered important both for legal science and for law enforcement practice.

**Key words:** some issues, important aspects, objective side, crime, elements of crime, subject of bribery, dangerous public action, action and inaction, giving a bribe, intermediary, official, criminal legislation.

Дар қонуни ҷиноятӣ таркиби ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда мебозад, зеро он ба муайян кардани модели амали мушаххаси ғайриқонунӣ асос ёфтааст. Тавассути унсурҳои таркибии ҷиноятҳо аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Таркиби ҷиноят имкон медиҳад, ки кирдори муайяни ҷиноятӣ ҳаракат (беҳаракатӣ) дуруст бандубаст карда шавад. Яке аз унсурҳои пурмазмуни таркиби ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ тарафи объективии ҷиноят мебошад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки тарафи объективии ҷиноят ифодаи берунии аз ҷониби шахси гунаҳкор вайрон кардани манъкардаҳои қонуни ҷиноятӣ мебошад, ки шумораи бештари аломатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ доштаро дар бар мегирад. Аммо на ҳамаи ҷиноятҳо тарафи объективии худро дар қонуни ҷиноятӣ бо дараҷаи пурра инъикос мекунанд.

Тарафи объективии ҷиноят дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, дар муайян кардани таркиби ҷинояти содиршуда, додани баҳои ҳуқуқӣ ва бандубасти ҷиноят нақши калон мебозад. Дар адабиёти ватанӣ қайд мегардад, ки аҳаммияти тарафи объективии ҷиноятро як қатор ҳолатҳо муайян мекунад:

1) тарафи объективии ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят ба ҳисоб рафта, бе мавҷудияти он таркиби ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад;

2) аломатҳои таркиби ҷиноят меъёрест, ки тавассути онҳо бештари ҷиноятҳо аз якдигар ҷудо карда мешаванд;

3) тарафи объективӣ имконият медиҳад, ки дар диспозитсия унсурҳо ва аломатҳои ҷойнадоштаро муқаррар намуд;

4) ба дараҷаи барои ҷамъият хавфнокӣ ва чун натиҷа ба намуд ва андозаи ҷазо таъсир расонида метавонад;

5) дар баъзе ҳолатҳо тавассути он кирдори ҷиноятӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ҷудо карда мешавад[434].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи тарафи объективии ҷиноят андешаҳои мухталиф ҷой дошта, мазмуни умумии онҳо ифодакунандаи тарафи берунии ҷиноят мебошад, ки дар шакли ҳаракат ва беҳаракатӣ содир мегардад. Дар ин хусус дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба тарафи объективии ҷиноят таърифҳои зиёде мавҷуданд. Аммо тибқи ақидаи аз ҳама маъмултарин тарафи объективии ҷиноят ифодаи берунии рафтори ҷиноятӣ мебошад[435]. Олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки тарафи объективии ҷиноят ин тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад. Ин амалест, ки дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ба объекти аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад ё чунин таҳдиди зарарро ба миён меорад[436]. Моҳияти андешаҳои зикршуда се ҷиҳатро ифода месозанд. Аввалан, тарафи берунии кирдор; дуюм, кирдори барои ҷамъият хавфнок; сеюм, зарар расонидан ё таҳдиди зарар ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда.

Дар робита ба мафҳуми тарафи объективии ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ амалан ҳеҷ гуна ихтилофи назар вуҷуд надорад. В.Н. Кудрявтсев, муаллифи таҳқиқоти нисбатан мукаммал дар бораи унсурҳои таркиби ҷиноят тарафи объективии ҷиноятро ҳамчун механизми ҷамъиятии хавфноки зиддиқонунии сӯиқасду таҷовуз муайян менамояд, ки аз дидгоҳи шаклҳои берунии инкишоф ва таъсири манфӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии тавассути қонун ҳифзшаванда қобили таҳлилу омӯзиш аст[437]. Тарафи объективии таркиби ҷиноят – ин маҷмуи бо қонуни ҷиноятӣ муқарраркардашудаи аломатҳои ҷиноят буда, тавсифдиҳандаи ҷараёни берунаи таҷовузи ҷинояткорона мебошад[438]. Азбаски ҷиноят дорои аломатҳои муайян мебошад ва ҳамаи онҳоро ба мафҳуми тарафи объективии ҷиноят шомил кардан мумкин нест, бинобар ин, андешаи охир мафҳуми тарафи объективии ҷиноятро мушаххасан зери ибораи "аломатҳои ҷиноят, ки тавсифдиҳандаи ҷараёни берунаи таҷовузи ҷинояткорона мебошанд" ифода кардааст.

Андешаи монанд дар адабиёти хориҷӣ қайд гардидааст, ки тарафи объективии ҷиноят маҷмӯи аломатҳои бо қонун муқарраршуда мебошад,

---

[434] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: "Ашӯриён", 2024. – С. 144.

[435] Парфенов А.Ф. Объективная сторона преступления / А.Ф. Парфенов. – СПб., 2004.

[436] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери. таҳ. Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С.134.

[437] Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 11.

[438] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: "Ашӯриён", 2024. – С. 143.

ки тарафи берунии қасди барои ҷамъият хавфнокро тавсиф мекунанд[439]. Ба андешаи олимони ватанӣ, тарафи объективии ҷиноят – ин ҷониби берунии таҷовуз, ки дар шакли ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок ба амал бароварда шудааст. Дар таркибҳои бо ном моддӣ дар қатори кирдор, инчунин оқибати барои ҷамъият хавфнок дар шакли оқибати ҷинояткорона робитаи сабаби миёни кирдор ва оқибат дохил мешавад. Дар таркиби умумии ҷиноят ба сифати аломати факултативии (иловагии) тарафи объекти ҷиноят тарз, олот, восита, ҷой, вақт ва вазъи содиршавии ҷиноят баромад менамоянд[440]. Ба андешаи мо, мафҳуми мазкур нисбатан пурра мебошад. Зеро аломатҳои муҳимтарини тарафи объективии ҷиноятро нишон додааст. Аз ҷумла, ҳаракат ё беҳаракатӣ, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, робитаи сababӣ, аломатҳои факултативӣ дақиқи ифодаи худро ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки тарафи объективии ҷиноят аз маҷмуи аломатҳои муайян иборат мебошад. Баъзе муаллифон ба сифати аломати асосии тарафи объективии ҷиноят чунин унсурҳои таркиби ҷиноятро дохил мекунанд: кирдори ба ҷамъият хатарнок ва аломати иловагӣ, оқибат, усул, ҷой, муҳит, робитаи сабабӣ, олатҳо ва воситаҳои содир намудани ҷиноят[441]. В.В. Векленко ва М.В. Бавсун ба аломатҳои асосии тарафи объективии ҷиноят кирдори ба ҷамъият хавфнок, оқибатҳо, робитаи сабабиро шомил дониста, ба аломатҳои иловагӣ ҷой, тарз, воситаҳо ва олоти содир намудани ҷиноятро мансуб медонанд[442]. Аз мафҳуми зикршуда бармеояд, ки аломатҳои тарафи объективии ҷиноят ба ду гурӯҳ: асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд. Ба аломатҳои асосӣ – кирдори ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок, оқибатҳо ва робитаи сабабӣ дохил мешаванд. Дар ин хусус андешаи мо он аст, ки аломатҳои асосӣ нисбатан маҳдуд арзёбӣ гардидаанд. Ҳол он ки шумораи онҳо зиёд буда метавонад.

Н.А. Қудратов мафҳуми тарафи объективии ҷиноятро аз ҷиҳати мазмун каме васеъ қайд намудааст. Аз ҷумла, ба андешаи муаллиф, тарафи объективии ҷиноят маҷмуи аломат ва ҳолатҳои воқеиро дар бар мегирад, ки амали берунии таҷовузи мушаххаси ҷамъиятии хавфнокро ба манфиати қонун ҳифзшаванда, арзишҳое, ки объекти ҷиноят эътироф шудааст, тавсиф мекунад[443]. Васеъ ба он хотир, ки дар муқоиса бо дигар мафҳумҳо иборაю калимаҳои нав дар мафҳуми мазкур мушоҳида мегардад, аз ҷумла, маҷуми ҳолатҳои воқеӣ, амали берунаи таҷовуз. Дар бисёр мафҳумҳо ҷанбаи берунаи ҷиноят ифода шудааст, вале дар мафҳуми зикршуда амали берунаи ҷиноят дарҷ гардидааст. Ҳамзамон, аксари муаллифон тарафи объективии ҷиноятро маҷмуи аломатҳо медонанд, вале муаллиф онро на

---

[439] Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник. Краткий курс. – М., 2009. – С. 53.
[440] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: “Ашуриён”, 2023. – С. 124.
[441] Сабанин С.Н. Теоретические основы квалификации преступлений / С.Н. Сабанин, М.Б. Фаткуллина. – Екатеринбург, 2005. – С. 33-36.
[442] Векленко В.В. Объективная сторона преступления / В.В.Векленко, М.В. Бавсун. – Омск, 2008. – С. 3-8.
[443] Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – С. 124.

танҳо маҷмуи аломатҳо, балки маҷмуи ҳолатҳо низ шуморидааст. Пас, дар ин ҷо кадом ҳолатҳоро муаллиф дар назар дорад?

Аломатҳои тарафи объективӣ асосан дар моддаҳои мушаххаси Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ нишон дода мешаванд. Тавассути он сарҳади байни ҷиноятҳо, инчунин байни рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми таъини ҷазо аломатҳои тарафи объективӣ ба назар гирифта мешаванд. Ҳамин тавр, мазмуни тарафи объективиро инҳо ташкил медиҳанд: кирдори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок; оқибати барои ҷамъият хавфнок; робитаи сабабӣ байни кирдор ва оқибат; усул, воситаҳо, асбобҳо, ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят.

Тарафи объективии ҷиноят заминаи муҳими бавуҷудоии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Кирдори барои ҷамъият хавфнок аломати ҳатмии ҳамагуна таркибҳо мебошад. Дар нақши аломатҳои факултативии тарафи объективии тарз, олот, восита, ҷой, вақт ва шароити (вазъият) содиршавии ҷиноят баромад мекунанд. Дар ҳолатҳое, ки аломатҳои мазкурро меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, онҳо ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷинояти мушаххас баромад мекунанд[444]. Яке аз аломатҳои тарафи объективии ҷиноят ин кирдор ба ҳисоб меравад. Кирдор рафтори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ғайриқонунӣ, бошуурона, ихтиёрӣ, хос ва мураккаби хусусияти фаъол ё ғайрифаъолест, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар расонида ё таҳдиди зарар расонидааст[445]. Ба андешаи Н.А. Қудратов, истилоҳи «кирдор», ки қонунгузор ҳангоми муайян кардани мафҳуми ҷиноят истифода кардааст, ҳам амали фаъоли шахс ва ҳам ҳаракат (беҳаракатии) ғайрифаъоли ӯро дар бар мегирад[446]. Кирдор ягона аломати ҳатмии тарафи объективии ҷиноят ва ҷузъи муҳимтарини он мебошад. Он хусусиятҳои боқимондаи як унсури таркибро пайваст ва муайян мекунад. Маҳз кирдоре боиси оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мегардад, ки бо роҳи муайян, дар ҷои муайян бо истифода аз асбобу воситаҳои ҷиноят содир карда шавад. Кирдор ин рафтори шахс аст. Барои он ки рафтори шахс характери ҳуқуқии ҷиноятӣ пайдо кунад, он бояд дорои як қатор хусусиятҳо бошад – ғайриқонунӣ, аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, бошуурона ва ихтиёрӣ бошад.

Кирдори (амали) барои ҷамъият хавфнок дар ду шакл зоҳир мегардад: ҳаракат ва беҳаракатӣ. Ҳаракат шакли фаъоли рафтори ҷиноятӣ мебошад, ки мазмуни он метавонад гуногун бошад – аз ҳаракати оддии бадан (масалан, дуздии ғайриқонунӣ) то системаи мураккаб (масалан, ҳама таркибҳои марбут ба муфлисшавии ҷиноятӣ ва ғ.). Шакли фаъоли кирдори (амали) ҷиноятӣ барои 90 фоизи ҷиноятҳое, ки ба Қисми махсуси КҶ ҶТ

[444] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – С. 143.
[445] Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник. Краткий курс. – М., 2009. – С. 53.
[446] Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – С. 124.

дохил карда шудаанд, хос аст[447]. Ҳаракати барои ҷамъият хавфнок ин шакли фаъоли дарк кардашудаю иродавии рафтори ҷиноятиест, ки намудҳои гуногуни фаъолияти зиддиқонуниро дар бар мегирад. Тавсифи асосии ҳаракати ҷиноятиро на хислати физикии он, балки тавсифи иҷтимоии он, ки ба сифати чунин тавсиф ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат баромад мекунад, ташкил медиҳад. Ба ҷамъият хавфнокии кирдор ҳаракате мебошад, ки тавассути он ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар ворид карда мешавад ва ё чунин объект таҳти хатари расонидани зарар қарор мегирад. Агар кирдор барои ҷамъият хавфнок набошад, пас онро наметавон ҷиноят донист ва боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ низ шуда наметавонад. Ба чунин аломати (нишонаи) ҳаракати ҷиноятӣ бевосита қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ ишора намудааст.

Ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок унсури асосӣ, дар ҳама ҳолатҳо зарурии тарафи объективии ҷиноят мебошад. Аммо ҳаракат (беҳаракатии) метавонад дар шаклҳои гуногуни таъсири мутақобила бо муҳити зист ифода ёбад ва дар шароити муайяни макон ва замон ба амал меояд[448]. Мазмуни тарафи объективии ҷиноятро ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, инчунин ҳама омилҳо ва ҳолатҳои беруние, ки кирдори (рафтори) инсонро тавсиф мекунанд, ташкил медиҳанд. Тарафи объективии ҷиноят маҷмӯи аломатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим мебошад, ки тарафи берунии кирдори ҷиноятиро тавсиф мекунанд.

Ҳаракати барои ҷамъият хавфнок метавонад як қатор намудҳои гуногунро дошта бошад:

а) таъсири ҷисмонӣ расонидан ба ашё (дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ); ба ҳайвонот (шикори ғайриқонунӣ); ба одамон (одамкушӣ, таҷовуз ба номус);

б) ҳаракати шифоҳӣ дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ (таҳқир, туҳмат, таҳдид);

в) ҳаракат бо имову ишора (таҳқире, ки бо имову ишора сурат мегирад).

Вобаста ба дараҷаи мураккабии ҳаракатҳо ҷудо мешаванд:

а) амали ягона (иваз кардани тифл);

б) маҷмуи амалҳо (ғоратгарии зӯроварона);

в) фаъолияти мунтазам (таёр кардани барномаҳои зараровар барои МЭҲ)[449].

Беҳаракатӣ рафтори ғайрифаъолонаи шахс дар вазъияте мебошад, ки ӯ бояд фаъолона амал мекард, масалан, духтур ба бемор ёрӣ намедиҳад, беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315) ва ғайра[450]. Таҳти мафҳуми беҳаракатии ҷиноятӣ рафтори ғайрифаъолонаи дарккардашудаи иродавии барои ҷамъият хавфноке фаҳмида мешавад ва ин аз ҷониби шахс иҷро

---

[447] Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – С. 126.

[448] Кудратов Н.А. Асари зикршуда. – С. 124.

[449] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – С. 147.

[450] Кудратов Н.А. Асари зикршуда. – С. 126.

накардани ҳаракатҳоеро дар назар дорад, ки шахс бо сабаби уҳдадор буданаш мебоист ва метавонист онро иҷро кунад. Вобаста ба хусусияти рафтор ду намуди беҳаракатии ҷинояткорона аз якдигар фарқ мекунанд: соф ва омехта. Беҳаракатии соф рафтори пурраи ғайрифаъоли субъектро дар назар дорад (м. 127, 128, 343, 368 КҶ ҶТ). Беҳаракатии омехта ин аз ҷониби субъект иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташудаест, ки бо роҳи содир кардани ҳаракатҳои муайян сурат гирифтааст (м. 352, 364 КҶ ҶТ). Беҳаракатии омехта аз рӯи моҳияти худ ҷиноятест, ки ба вайрон кардани қоидаҳои гуногун марбут мебошад (м. 211, 212, 213, 217, 218 КҶ ҶТ).

Меъёри объективии беҳаракатии ҷиноятӣ метавонад аз ҳолатҳои зерин ба миён ояд:

а) нишондоди бевоситаи диспозитсияи меъёри Қисми махсуси КҶ;

б) талаботи қонун ё санади меъёрии дигар;

в) мавқеи касбӣ ё мансабии шахс;

г) рафтори пештараи шахс, ки дар натиҷаи он ба ҳаёт ё саломатии шахси дигар хавф ба миён меояд;

д) мавқеи шахс дар системаи робитаҳои иҷтимоӣ – муносибатҳои оилавӣ, инчунин зарурати риояи меъёрҳои одоб ва ахлоқӣ[451].

Тарафи объективии ҷиноят дорои як қатаор аломату хусусиятҳо мебошад, ки онҳоро муҳаққиқон ба таври мухталиф зикр намудаанд. Аз ҷумла, олимони ватанӣ қайд мекунанд, ки ба тарафи объективии таркиби ҷиноят мутааллиқ дониста мешаванд:

1) кирдори барои ҷамъият хавфнок, яъне ҳаракат ё беҳаркатӣ;

2) оқибати барои ҷамъият хавфнок ё натиҷаи кирдори ҷиноятӣ;

3) робитаи сабабӣ миёни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок;

4) аломатҳои факултативӣ: тарз, олот, восита, ҷой, вақт ва шароити (вазъияти) содиршавии ҷиноят[452].

Н.А. Қудратов аломатҳои тарафи объективии ҷиноятро чунин муайян кардааст:

1) ҳатмӣ – бидуни истисно дар ҳама ҷиноятҳои Кодекси ҷиноятӣ дида мешавад (аз ҷумла кирдори барои ҷамъият хавфнок);

2) асосӣ – аксар вақт, вале на ҳамеша ба диспозитсияи меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дохил карда мешаванд (ба инҳо оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ва робитаи сабабӣ дохил мешаванд);

3) аломатҳои факултативӣ, ки танҳо барои баъзе ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошанд (ба инҳо вақт, ҷой, усул, шароит, асбобҳо ва воситаҳои содир кардани ҷиноят дохил мешаванд)[453].

---

[451] Ҳамон ҷо. – С. 127.

[452] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – С. 143.

[453] Кудратов Н.А. Асари зикршуда. – С. 125.

Дар адабиёти хориҷӣ аломатҳое, ки тарафи объективии ҳама гуна ҷиноятро тавсиф мекунанд, чунин зикр шудаанд:

– кирдор ва оқибатҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок;

– робитаи сабабӣ байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок;

– вақт, ҷой, усул ва муҳити содир намудани ҷиноят;

– олоти ҷиноят;

– воситаи содир намудани ҷиноят[454].

Аломатҳои факултативӣ – ин аломатҳои иловагие мебошад, ки ҳолатҳои берунаи содиршавии ҷиноятро тавсиф дода (вақт, ҷой, тарз, олот, восита ва шароити (вазъияти) содиршавии кирдори барои ҷамъият хавфнок) ва қонунгузор онҳоро танҳо дар диспозитсияи алоҳидаи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил кардааст. Тарзи содиркунии ҷиноят тарзу усулеро тавсиф медиҳанд, ки муайянкунандаи шакли кирдори ҷиноятианд. Ба сифати тарзи содиркунии ҷиноят фиреб, сӯиистифодаи боварӣ, сӯиистифодаи ҳолати мансабӣ баромад мекунанд[455]. Барои тавсифи тарафи объективӣ чунин ҳолатҳо, ба монанди усул, ҷой, вақт, шароит, олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят муҳиманд. Ин аломатҳо ба ҳар гуна ҷиноят хос аст, зеро он ҳамеша бо тарзи муайян, дар макони муайян, дар вақти муайян, бо истифода аз асбобу воситаҳои мушаххас, бо истифода аз усулҳои муайяне, ки ба характер ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии содир шудани ҷиноят таъсир мерасонад. Чунин ҳолатҳо мувофиқан аз ҷониби суд ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот аломатҳои муҳими тарафи объективии ҷиноятро ба таври зайл номбар кардан мумкин аст:

– ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок;

– оқибатҳои зарароваре, ки дар қонуни ҷиноятӣ пешбини шудаанд;

– робитаи сабабӣ байни ҳаракат (беҳаракатии) ва оқибатҳои зараровар;

– тарзи амал, восита, макон, вакт, таъиноти содир намудани ҷиноят дар ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд.

Ба андешаи С.Д. Муқимов, тарафи объективии ҷинояти содиршаванда, ки дорои хусусияти инъикос дар ҷаҳони объективист, маҳз дар раванди таҳқиқу тафтиш тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор мегирад. Он як қатор аломатҳои ҳатмӣ ва факултативиеро дар бар мегирад, ки муайян ва муқаррар кардани онҳо дар дуруст арзёбӣ шудани кирдори содиршуда ва ошкор сохтани ангезаву мақсад ва сабабҳои содиршавии ҷиноят нақши принсипиалии муҳим

---

[454] Алтухова И.А. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / И.А. Алтухова, М.В. Потупина // Уголовное право в эволюционирующем обществе: проблемы и перспективы: Сборник научных статей в рамках проведенного симпозиума с международным участием, Курск, 27–28 мая 2021 года / Редколлегия: А.А. Горохов (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 21.

[455] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – С. 156.

мебозад. Ба аломатҳои ҳатмӣ дохил мегарданд: кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибатҳои ҷамъиятии хавфноке, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят фаро мерасанд ва робитаи сабабӣ дар миёни кирдор ва оқибатҳои он; аломатҳои факултативӣ иборатанд аз: вақт, ҷой, тарз, вазъият, олот, воситаи содиршавии ҷиноят[456]. Аз андешаи мазкур бори дигар маълум мегардад, ки тарафи объективии ҷиноят ҷониби берунии ҷиноят буда, дорои ти аломатҳои асосӣ ва иловагӣ мебошад.

Яке аз ҷиноятҳое, ки тарафи объективии он бояд мавриди омӯзиш қарор дода шавад ин додани пора (м. 320 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад. Додани пора ҷиноятест, ки ба содир намудани ҷинояти коррупсионӣ, аз қабили гирифтани пора мусоидат мекунад. Додани пора ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ ба манфиатҳои давлату ҷамъият таҷовуз намуда, оқибатҳои хавфноки ҷамъиятиро ба миён меоварад. Дар хусуси ҷинояти мазкур андешаҳо зиёд ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Б.В. Волженкин қайд мекунад, ки додани пора ҷинояте мебошад, ки ба муқобили манфиатҳои давлат, инчунин мақомоти давлатӣ нигаронида шудааст, ки умуман ба фаъолияти муътадили дастгоҳи давлатӣ халал мерасонад[457]. Дар хусуси оқибатҳои додани пора В.И. Шугулёва дуруст қайд намудааст, ки дар натиҷаи порахӯрӣ эътибори мақомоти идораи давлатӣ аз даст рафта, боварии ҷамъият ба фаъолияти мақомоти давлатӣ гум мешавад[458]. Тавре муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд, оқибати барои ҷамъият хавфнок оқибати кирдори ҷиноятқоронаест, ки дар шакли зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта расонида шудааст ё метавонист расонида шавад[459]. Маврид ба зикр аст, ки додани пора агар як ҷиноят маҳсуб шавад, пас аз рӯйи оқибати худ вай метавонад дар содир шудани якчанд ҷинояти дигар боис гардад. Аз ҷумла, гирифтани пора, истифодаи ваколатҳои мансабӣ ва дигар ҷиноятҳое, ки шахси мансабдор ба манфиати порадиҳанда содир менамояд. Бинобар ин, таҳқиқу омӯзиши масъалаи мазкур ҳам барои илми ҳуқуқ ва ҳам барои амалияи татбиқи ҳуқуқ мубрам ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи Т.В. Большакова, додани пора мисли дигар ҷиноятҳои коррупсионӣ бо омилҳое, аз қабили сатҳи ахлоқӣ, тарбияи шахс муайян карда мешавад, ки ҷилавгирӣ мекунад ва ё баръакс, ба тасмими додани пора мусоидат мекунад. Сабаби дигари паҳншавии порахӯрӣ ин номукаммалии қонунгузорӣ ва ташкили ҳамкории давлат аз тарафи мақомот бо аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, мавҷудияти расмиёти мураккаби

[456] Муқимов С.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – С. 91.

[457] Волженкин Б.В. Служебные преступления: комментарий законодательства и судебной практики. – СПб.: Юридический центр пресс, 2005. – С. 166.

[458] Шугулёва В.И. Объективные признаки дачи взятки // Актуальные проблемы правотворчества и правоприменения: сборник статей международной научно-практической конференции (1 апреля 2023 г., г. Тюмень). – Уфа: Аэтерна, 2023. – С. 93.

[459] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – С. 149.

маъмурӣ, аксаран иҷозатномадиҳӣ мебошад, ки ба онҳо ғолиб шудан хеле душвор аст[460]. Додани пора дорои сабабу шароитҳои мухталиф мебошад, ки аз нуқтаи назари илмҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, сабабҳои додани пора гуногун шуда метавонанд. Аз ҷумла, риоя нашудани тартиботу низом дар соҳаҳои алоҳида (ҳангоми қабули муроҷиаткунандагон, низоми иҷозатномадиҳӣ ва ғайра), мавҷуд набудани хусусияти таҳаммулпазирӣ дар баъзе шахсон, риоя накардани талаботи муқарраршуда ва ҷустуҷӯи роҳи осони ҳалли масъалаҳо ва монанди инҳо.

**Адабиёт:**


1. Алтухова И.А. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / И.А. Алтухова, М.В. Потупина // Уголовное право в эволюционирующем обществе: проблемы и перспективы: Сборник научных статей в рамках проведенного симпозиума с международным участием, Курск, 27–28 мая 2021 года / Редколлегия: А.А. Горохов (отв. ред.). – Курск: Юго-Западный государственный университет, 2021. – С. 18-23.
2. Большакова Т.В. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / Т.В. Большакова // Современный взгляд на развитие общества, науки и образования: сборник статей Международной научно-практической конференции, Пенза, 27 марта 2023 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 52-54.
3. Векленко В.В. Объективная сторона преступления / В.В. Векленко, М.В. Бавсун. – Омск, 2008. – С. 3-8.
4. Волженкин Б.В. Служебные преступления: комментарий законодательства и судебной практики. – СПб.: Юридический центр пресс, 2005. – 369 с.
5. Кочои С.М. Уголовное право. Общая и Особенная части: Учебник. Краткий курс. – М., 2009. – 447 с.
6. Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – 366 с.
7. Кудрявцев В.Н. Объективная сторона преступления. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 11.
8. Муқимов С.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – 206 с.
9. Парфенов А.Ф. Объективная сторона преступления / А.Ф. Парфенов. – СПб., 2004.
10. Сабанин С.Н. Теоретические основы квалификации преступлений / С.Н. Сабанин, М.Б. Фаткуллина. – Екатеринбург, 2005. – С. 33-36.
11. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери. таҳ. Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – С. 134.


[460] Большакова Т.В. Уголовно-правовая характеристика дачи взятки / Т.В. Большакова // Современный взгляд на развитие общества, науки и образования: сборник статей Международной научно-практической конференции, Пенза, 27 марта 2023 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 52.

12. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент М.Н. Раҷабзода. – Душанбе: “Ашуриён”, 2023. – 320 с.

13. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Раҷабзода М.Н., Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: нашри аввал / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.И. Сафарзода, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент З.Х. Зокирзода. – Душанбе: “Ашӯриён”, 2024. – 496 с.

14. Шугулёва В.И. Объективные признаки дачи взятки // Актуальные проблемы правотворчества и правоприменения: сборник статей международной научно-практической конференции (1 апреля 2023 г., г. Тюмень). – Уфа: Аэтерна, 2023. – С. 92-95.

## ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

# ҲИМОЯИ СУДИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ВА АҲАММИЯТИ ОН ДАР ПЕШБУРДИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

**Искандаров Зайниддин Ҳомидович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
**Тел.:** (+992) 931739356
**Email:** ziskan@mail.ru

**Авезова Зайнура Бахриддиновна,**
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
**Тел.:** (+992) 939949990
**Email** avezova_79@mail.ru

**Муқарриз:** Раҳматулоев А.Э., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола раванди ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ радифи таъмини кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ, бо назардошти амалияи тафтишотию судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифон, бо мақсади таъмин шудани мутобиқати меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалишавии бевоситаи ҳуқуқи инсон дар амалияи тафтишотию судӣ, бартараф карда шудани ихтилофу норасоии мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ ва ниҳоят таъмини воқеии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амалия ва тақвияти салоҳияти назоратии суд дар марҳилаҳои тосудӣ пешниҳодҳои худро асоснок мекунад. Аз ҷумла, асоснок мешавад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита дар ҳама марҳилаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ воқеан риоя, иҷро ва татбиқ шаванд ва ҳимояи онҳо аз амал ва санадҳои ғайриқонунӣ ва беасос аз тарафи мақомоти ҳокимияти судӣ тавассути такмил дода шудани мақоми назоратии суд таъмин гардад.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳимоя, озодӣ, инсон, шаҳрванд, парвандаи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, марҳилаҳои тосудӣ, қонун, эъломия, кафолат, ҳифзи судӣ, имконият, тадбиқ, асос, дастгир кардан, асоснок, тараф, суд.

# JUDICIAL PROTECTION OF HUMAN AND CITIZEN RIGHTS AND ITS IMPORTANCE IN CRIMINAL PROCEEDINGS

**Iskandarov Zainiddin Khamidovich,**
Tajik National University, faculty of law, doctor of law, Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision
**Phone:** (+992) 931739356
**Email:** ziskan@mail.ru

**Avezova Zainura Bahriddinovna,**
Tajik State University of Law, Business and Politics, Senior Lecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision
**Phone:** (+992) 939949990
**Email:** avezova-79@mail.ru

**Research supervisor:** Rakhmatuloev A.E., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** The article analyzes the form of protection of human and civil rights and freedoms in criminal cases, aimed at ensuring the constitutional guarantee of judicial protection, taking into account investigative and judicial practice. The authors substantiate their position on the need to ensure compliance of criminal procedural norms with the Constitution of the Republic of Tajikistan, on the direct implementation of human rights in investigative and judicial practice and strengthening the supervisory powers of the court at the pre-trial stages of criminal proceedings. Among other things, it is substantiated that the rights and freedoms of man and citizen must be implemented directly at all stages of criminal proceedings, and protection from illegal and unfounded procedural actions and acts must be ensured by improving the supervisory powers of the court.

**Key words:** right, protection, freedom, person, citizen, criminal case, criminal process, pre-trial stages, law, declaration, guarantee, judicial protection, possibility, application, basis, detention, justified, party, court.

# СУДЕБНАЯ ЗАЩИТА ПРАВ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ

**Искандаров Зайниддин Хамидович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, доктор юридических наук, профессор

кафедры судебного права и прокурорского надзора
**Тел.:** (+992) 931739356
**Email** ziskan@mail.ru

**Авезова Зайнура Бахриддиновна,**
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, юридический факультет, старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора
**Тел.:** (+992) 939949990
**Email:** avezova_79@mail.ru

**Рецензент:** Рахматулоев А.Э. кандидат юридических наук, дотсент

**Аннотация:** В статье анализируется форма защиты прав и свобод человека и гражданина при производстве уголовных дел, направленная на обеспечение конституционной гарантии судебной защиты, с учетом следственной и судебной практики. Авторы обосновывают свои позицию необходимости обеспечения соответствия уголовно-процессуальных норм Конституцию Республики Таджикистан, о непосредственной реализации прав человека в следственной и судебной практике и укрепление надзорного полномочия суда на досудебных стадиях уголовного процесса. Среди прочего обосновано, что права и свободы человека и гражданина должны быть реализованы непосредственно на всех стадиях уголовного судопроизводства, а защита от незаконных и необоснованных процессуальных действий и актов должна обеспечивается путем совершенствования надзорных полномочий суда.

**Ключевые слова:** право, защита, свобода, человек, гражданин, уголовное дело, уголовный процесс, досудебные стадии, закон, деклорация, гарантия, судебная защита, возможность, применения, основание, задержание, обоснованный, сторона, суд.

Ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ҷараёни мураккаб ва серҷабҳаи иҷтимоӣ аст. Сарфи назар аз тағйироти мусбие, ки дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи адолати судӣ ба амал омадаанд, ҳоло ҳам мушкилоти таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Заифтарин ҳалқаи ин занҷир соҳаи риоя ва татбиқи воситаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, мебошанд. Барои муайян кардани дурнамои рушд ва татбиқи самараноки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии он ва амалияи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ мубрам гаштааст.

Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 1) асоси ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд[461].

Дар назарияи ҳуқуқ оид ба таърифи "ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд" дар пайвастагӣ бо "кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ" нуқтаи назари гуногун баён шудааст.

Ба андешаи мо, кафолати ҳифзи судиро дар радифи *ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд* ба сифати принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил кардан мувофиқ ба мақсади тадқиқоти мазкур аст. Ба назари мо, принсипи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз *кафолати конститутсионии ҳифзи судӣ* асос ёфтааст, *моҳияти* ҳифзи судиро дар заминаи таъмини ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ба адолати судӣ ва ошкоро баррасӣ шудани парванда дар муҳокимаи судӣ, аз ҷумла таҳти ҳимояи давлат қарор гирифтани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дақиқ мегардонад.

Зимнан, дар эҷодиёти муаллифони ватанӣ қайд мешавад, ки мазмун ва моҳияти ҳуқуқи инсон ҳамчун нишондиҳанда ва ифодкунандаи ҷузъи ҳаёти иҷтимоӣ, бо табиати инсон, вазъи шахс дар ҳаёти ҷомеа алоқамандӣ дорад[462]. Мавриди зикр аст, ки кафолати ҳифзи судӣ маҳз ба барпо карда шудани шароити мусоид ва дастрас, воқеан амалӣ шудани ҳимояи ҳуқуқи инсон нигаронида шудааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳуқуқи инсон ҳамчун имконият барои қонеъ гардонидани талаботи табиӣ, моддӣ ва маънавии ҳар шахс зарур аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ин масоил ақидаҳои дигарро вохӯрдан мумкин аст, ки тибқи онҳо ҳадду ҳудуди ин имкониятҳои табиӣ ва иҷтимоии ҳар фард бо меъёр аз ҷониби давлат муқаррар мешавад ё шакли расмию ҳатмӣ мегирад[463].

Мо низ тарафдори он мебошем, ки ҳуқуқи инсон ифодакунанди ҳадди имкониятҳои фитрӣ ва иҷтимоии инсон аст, ки давлат онҳоро эътироф мекунад, меъёри риоя, иҷро ва умуман амалӣ ва *ҳимояи онро кафолат* додааст, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ дар шакли кафолати ҳифзи судӣ (расмӣ, давлатӣ) муқаррар шудааст.

Инсон, фарди озод, шахс дорандаи ҳуқуқ аст, яъне сарчашмаи табиии ҳуқуқро ташкил медиҳад. Инсон тамоми анъанаҳои нек, арзишҳои иҷтимоию динӣ, маънавию ахлоқиро дар шакли ҷамъ ҳуқуқ медонад. Бо мурури замон, ҳуқуқи инсон ченаки арзишҳои иҷтимоӣ, худшиносӣ ва шакли даркнамоӣ, инъикоси воқеа, ҳодиса ва зуҳуроти иҷтимоию табиӣ гаштааст. Аз ҳамин нуқтаи назар, назарияи "давлати

---

[461]Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3-юми декабри соли 2009 № 564, (бо тағйиру иловаҳои то 19.07. 2022 № 1900).

[462]Ниг.: Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.; Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: Дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 258с.

[463]Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.

ҳуқуқбунёд", яъне давлате, ки пеш аз ҳама барои амалишавии ҳуқуқи инсон хизмат мекунад, пешбарӣ ва асоснок шудааст[464].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи инсон арзишҳои беҳтарини умумибашариро фаро гирифта, моҳияти иҷтимоӣ ва башардӯстона дорад, ба таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунад, баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва инкишофи озоди шахсият фазои мусоиди сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангиро фароҳам меорад.

Кафолат, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун низоми восита ва имконоти ҳуқуқии тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар гардида, ба таври дахлдор иҷро намудани вазифа (ҳуқуқу уҳдадорӣ)-ро муайян менамоянд, аз руи соҳаҳои ҳуқуқӣ (кафолати конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва ғ.) ва ба кафолатхои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ ҷудо шудааст[465].

Муаллифон онро институти қонуни конститутсионӣ, як намуди ҳифзи давлат, воситаи таъмини ҳуқуқу озодиҳо[466] меноманд, дигарон онро бо адолат ё дастрасӣ ба он муаррифӣ мекунанд[467], сеюм, нисбат ба мурофиаи ҷиноятӣ, онро ҳамчун маҷмуи қоидаҳои ташкилӣ ва мурофиавӣ ифода мекунад, ки ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ҷабрдида барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо дода мешавад[468], чорум онро ҳамчун ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд, мешуморад[469].

Ақидаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст, ақидаи Қудратов Н.А., мебошад, ки кафолатҳои мурофиавии ҷиноятиро чун восита ва тарзҳои махсус донистааст, ки баҳри таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, равона карда мешаванд[470]. Дар навбати худ, баъзе аз муҳақиқони хориҷӣ кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ гуфта, ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси иштирокчиёни мурофиаро номбар мекунанд[471]. Ба андешаи муҳаққиқони дигар, ба доираи кафолатҳо, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ[472], принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ[473] ва шакли мурофиавӣ[474] дохил мешаванд. Яқин аст, ки ин масоили ҳалталаб аз

---

[464]Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. – 200 с.; Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в РТ. – Душанбе, 2013. – 140 с.; Раҳматулоев А.Э., Мухторов К.Т., Қаҳоров Н.М. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Хуросон, – 2019. – С. 16-17.

[465]Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ.Нашри дуюм // Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – С. 177.

[466] Ниг.: Шварц О.Л. Организационные и процессуальные гарантии прав человека и гражданина на судебную защиту (сравнительно-правовой анализ). Автореф. дисс.... к.ю.н. – М., 1999. – С. 9.

[467] Ниг.: Гафуров Х. М. Актуальные проблемы реформирования судебной системы. – М., 2005. – С. 4.

[468] Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: Учебник // Отв.ред. П.А. Лупинская. – М., 2004. – С. 65.

[469] Конституции государств-участников СНГ. – М., 2001. – С. 26.

[470] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С.16.

[471] Ниг.: Куцова Э.Ф. Гарантии прав личности в уголовном процессе. – М.: Норма, 1993. – С. 127.

[472] Ниг.: Цыпкин А.Л. Право на защиту в советском уголовном процессе. – Саратов. 1959. – С. 21-22.

[473] Ниг.: Полянский Н.Н. Вопросы теории советского уголовного процесса. – М.: Гос.издат., 1956. – С. 203.

[474] Ниг.: Рахунов Р.Д. Участники уголовно-процессуальной деятельности. – М.: Гос. издат., 1961. – С. 3.

ҷониби муҳаққиқону олимон ба таври мухталиф ҳаллу фасл карда мешавад. Лекин, мутассифона мазмуни “кафолатҳои мурофиавӣ” омехта ва ё вобаста кардани имконияти иштирокчиёни мурофиа, меъёрҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои мурофиавӣ ё шакли мурофиавӣ арзёбӣ мешавад, ки фаҳмиши саҳеҳи онро коҳиш медиҳад ва садди роҳи дар амал таъмин гаштани он мегардад.

Самаранокии амалишавии “ҳуқуқ ба ҳимоя” ё таъмини “кафолати ҳифзи судӣ” на танҳо аз худи шахс, балки аз суд, судя, аз ҷумла прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вобаста аст, ки онҳо вазифадоранд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ҳимоя намуда, ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оваранд, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ сари вақт чораҳо андешанд.

Аз ин ру, бо мақсади муқоиса ва равшани андохтан ба моҳияти ҳуқуқии ҳифзи судӣ, ба санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалие, ки онро муқаррар кардаанд, муроҷиат мекунем.

Дар низоми санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҷойи марказиро ишғол мекунад, ки дар он гуфта шудааст: “Ҳар кас ҳақ дорад бо баробарии комил ба муҳокимаи одилона ва ошкоро аз ҷониби суди мустақил ва беғараз барои муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати у бархурдор бошад”.

Эъломия ҳифзи судиро ҳамчун ҳуқуқи инсон ба мурофиаи одилона ва ошкорои судӣ муайян кардааст[475].

Санади дигари ҳуқуқии байналмилалие, ки ҳуқуқҳои инсонро бо кафолатҳои ҷадиди мурофиавии риояи он муҷаҳҳаз мекунад, ин Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) мебошад, ки тибқи он «ҳар кас, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ва ё нисбати ӯ айб эълон шудааст ё барои муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар ҳама гуна мурофиа ҳуқуқ дорад, ки парвандаи у аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис дода шудааст, одилона ва ошкоро муҳокима карда шавад» (м. 14.1)[476].

Дар матни моддаи 10-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[477], ибораи «ҳимояи судӣ» вуҷуд надорад. Аниқтараш, ин ҳуқуқ ба муҳокимаи одилона ва ошкорои суди салоҳиятдор, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис дода шудааст, дахл дорад.Онро аксар вақт "ҳуқуқ ба муҳокимаи судӣ"[478], ё

[475] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст) //Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Контраст, 2023. – С. 21.

[476] Международный пакт о гражданских и политических правах (1966г.) //Сборник международных актов по правам человека – Душанбе, 2002.

[477] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст) // Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Контраст, – 2023. – С. 20.

[478] Международная амнистия: Руководство по справедливому судопроизводству. - М., 2003.- С.80.

ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқ ба мурофиаи одилона меноманд. Истифодаи анъанавии ибораи «ҳимояи судӣ» бо он асоснок карда мешавад, ки моҳияти муроҷиати шахс ба суд ин талаби ҳимоя аз суд мебошад ва бинобар бартариятҳои муайяни мурофиавӣ, вобаста ба мақом ва салоҳияти суд онро «ҳимояи судӣ» меноманд. Маҳз, дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ иштирокчиёни он бештар ба ҳифзи судӣ ниёз доранд.

Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (моддаи 14) ҳимояи судиро ҳамчун "ҳуқуқи фардии ҳар як шахсро ба баррасии одилона ва оммавии парванда аз ҷониби суд пешбинӣ кардааст"[479]. Саволе ба миён меояд, ки дар амалияи татбиқи он то кадом андоза таъмин шуда истодааст?

Аммо тадқиқот нишон дод, ки бар хилофи м.10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон м.1 КМҶ ҶТ, ки тибқи онҳо "санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки пешбурди мурофиаи ҷиноятиро танзим менамоянд ва агар тибқи ин санадҳо нисбат ба муқаррароти Кодекси мазкур тартиби дигаре пешбинӣ гардида бошад, он гоҳ муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал мекунанд", дар амалияи тафтишотию судӣ татбиқи бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ то ҳол хеле маҳдуд ва солҳои охир умуман мавҷуд нест. Омузиши амалия нишон дод, ки дар таҷрибаи судҳои ноҳия ва шаҳрҳои вилояти Суғд дар давоми солҳои 2020-2024 ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ягон маротиба татбиқи бевоситаи меъёрҳои конститусионӣ ҷой надоранд[480].

Дар амалияи тафтишотӣ низ чунин камбудиҳо ҷой доранд, масалан, шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят, тибқи м.92 КМҶ ҶТ дар асоси гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, маҷбуран ва дарҳол ба мақомоти судӣ, балки ба мақомоти корҳои дохилӣ ҳозир карда шуда, бе қабули қарори мурофиавӣ ё иҷозати суд, дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда мешавад, ки дар натиҷа озодии у бо асосҳои нокифоя маҳдуд карда мешавад. Ин тартиб бар хилофи натанҳо талаботи м.11 КМҶ ҶТ, балки мухолифи санадҳои баналхалқӣ ва кафолати конститутсионии дахлнопазирии озодӣ аст.

Чунки, таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ нишон дод, ки муқаррароти зерини мурофиавӣ мукаммал ва пурра мутобиқ ба меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои байналхалқӣ нестанд, чунки:

А) Асоси пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ) мавҷуд нест, лекин бо татбиқи дастгир карда шудани шахс танҳо бо гумонбарӣ таъқиби ҷиноятӣ оғоз мешавад (м.26 КМҶ ҶТ);

---

[479] Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст) // Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, – 2023. – С. 24.

[480] Бойгонии суди вилояти Суғд барои солҳои 2020-2024.

Б) Протокли дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, ҷараён ва натиҷаи татбиқи чораи маҷбурии мурофиавиро инъикос мекунад, на *қарори* мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва асосҳои қонунии дастгир карданро (м.94 КМҶ ҶТ).

В) Қарори дахлдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, ки хулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятиро оид ба ҳалли *асоснок ва қонунии* масъалаи дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят нишон медиҳад, қабул нашудааст ва ҳатто зарурати қабул шудани чунин қарорро қонунгузор муқаррар накардааст (м.9 КМҶ ҶТ);

Г) Масъалаи дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштани шахс на аз ҷониби суд, балки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё прокурор ва дар натиҷаи амали ҷабрдида ҳал мешавад (м.м.25, 91, 92 КМҶ ҶТ), ки ба доираи салоҳияти онҳо ба амалбарории адолати судӣ дохил намешавад. Онҳо дар ба амалбароии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок ва мусоидат мекунанд;

Д) Дархости мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ба суд танҳо дар сурати зарурати татбиқи чораи пешгирии ба ҳабс гирифтани гумонбаршавандае, ки дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир шудааст, на фавран, балки на дертар аз 8 соат то ба охир расидани мӯҳлати дастгиркунӣ (72 соат) ирсол мешавад. Дар мавридҳои дигар, суд дар бораи дар тавқифгоҳ нигоҳ доштани гумонбашуда ҳатто хабардор намешавад ва бе иҷозати суд озодии шахс маҳдуд карда мешавад (м.м. 92, 94 КМҶ ҶТ), ки мухолифи санадҳои ҳуқуқии байналхалқие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мебошад.

Д) Ҳангоми баррасии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд бо таҳқиқи мавод вобаста ба қонунӣ будани дастгиркунӣ ва мувофиқи мақсад будан ё набудани татбиқи чораи пешгирӣ, бо назардошти талаботи *дар моддаи 102 КМҶ ҶТ* нишондодашуда маҳдуд мегардад (қ.4 м.111 КМҶ ҶТ). Лекин, дар м.102 КМҶ ҶТ асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии дастгир карда шудани гумонбаршаванда пешбинӣ нашудааст, яъне ки суд ҳангоми таҳқиқи мавод вобаста ба қонунӣ будани дастгиркунӣ вазифадор нашудааст, ки мувофиқи *мақсад, ногузир* будани татбиқи ин чораи маҷбурӣ ва ниҳоят *асосҳои* дастгир шудани гумонбаршавандаро мавриди санҷиш ва баррасии судӣ қарор диҳад, ки хилофи санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ мебошанд.

Бинобар ин, бо мақсади таъмин карда шудани мутобиқати меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалишавии бевоситаи ҳуқуқи инсон дар амалияи тафтишотию судӣ, ва ниҳоят таъмини воқеии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амалия ва *тақвияти салоҳияти назоратии суд* дар марҳилаҳои тосудӣ пешниҳод мекунем, ки:

1) Ба андешаи мо, дар амалияи мурофиавии ҷиноятӣ, дар мавридҳои ғайриқрнунӣ махдуд карда шудани ҳуқуқу озодии инсон, хусусан ҳангоми дастгир карда шудани шахс ва дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ доштани ӯ, суд бояд меъёри конститутсионии (м.10) “агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд” ва қисми 3 м.1 КМҶ ҶТ-

ро ба роҳбарӣ гирифта, аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ риояи онро, новобаста аз арзу шикоят, лекин дар доираи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ талаб намояд. Бинобар ин, дар м.111 КМҶ ҶТ) пешбинӣ гадад, ки суд қонунӣ будани дастгиркунӣ ва мувофиқи мақсад будан ё набудани татбиқи онро, дар муҳлати кутоҳтарин (қобили қабул аст фавран, лекин на дертар аз 3 соат аз лаҳзаи боздошти воқеӣ) бо назардошти талаботи дар моддаи 92,94 КМҶ ҶТ баррасӣ намояд.

2) Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуририро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, *амалишавии* (*на танҳо татбиқ, аз ҷумла риоя, иҷро ва ҳимояи онҳо*) *бевоситаи* меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон воқеан дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ тавассути қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад;

3) Дар сархати 3, қисми 5 м.111 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки баъди баррасии дархости мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оид ба татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан судя " қарор дар бораи ба таъхир гузоштани қабули қарори дархост ба мӯҳлати на зиёда аз 72 соат барои пешниҳоди далелҳои асосноки дастгиркуниро қабул мекунад. Дар ин маврид судя дар қарор муқаррар менамояд, ки мӯҳлати дастгиркуниро то чанд *рӯзу* соат дароз мекунад." Ин муқарраротӣ мурофиавӣ ба меъёри конститутсионии дахлнопазирии озодии шахс (м.19) ва м.92 КМҶ ҶТ мутобиқ нест. Чунки ин муқаррарот пас аз гузаштани 72 соати маҳдуд карда шудани озодии шахси дастгиршуда, боз ба муҳлати 72 соати дигар ё *рузҳои* ноаниқ, дароз карда шудани муҳлати нигоҳдории шахсро дар тавқивгоҳи муваққатӣ раво донистааст, ҳол он ки тибқи қонун (қисми 3 м.92 КМҶ ҶТ) аз лаҳзаи боздошт зиёда аз 72 соат, шахси ноболиғро бошад, зиёда аз 48 соат дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштан мумкин нест.

Бо назардошти арзиши олӣ эътироф шудани озодии шахс, дар сурати ба суд пешниҳод *нашудани* далелҳои асосноки дастгиркунӣ, суд бояд тибқи м.99 КМҶ ҶТ амал намуда, бо қарори худ шахси дастгиршударо аз тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ озод намояд.

Ҳамин тариқ, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳифзи судӣ ба ҳар кас кафолат дода мешавад» ва бо ҳамин мақом онро давлат ҳамчун ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ҳимоя менамояд (моддаи 19).Дар ҳама маврид ҳифзи судӣ барои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона мешавад. Аз ин хулосаи баровардан мумкин аст, ки ҳар як шахс дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳифзи судиро дорад ва ин ҳуқуқи заминавӣ ё бунёдии ҳар як шахс, ки тақвияти татбиқи он дар амалия боиси нигаронӣ аст.

**Адабиёт:**


1. Гафуров Х. М. Актуальные проблемы реформирования судебной системы. – М., 2005. – 190с.
2. Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли. – Душанбе, 2013. –200с.; Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в РТ. – Душанбе, 2013. – 140 с.
3. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: история и современность. – Волгоград, 2014. – 295с.
4. Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосӣ – Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.
5. Конституции государств-участников СНГ. – М., 2001.
6. Куцова Э.Ф. Гарантии прав личности в уголовном процессе. – М.: Норма, 1993. – 210с.
7. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3-юми декабри соли 2009 № 564, (бо тағйиру иловаҳои то 19.07. 2022 № 1900.
8. Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: Дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 258с.
9. М.А. Маҳмудов Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ.Нашри дуюм // Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2009. – 539с.
10. Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Контраст – 2023.
11. Международный пакт о гражданских и политических правах (1966г.)
12. Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Контраст, – 2023.
13. Международная амнистия: Руководство по справедливому судопроизводству. – М., 2003.
14. Маводи бойгонии суди вилояти Суғд. Солҳои 2020-2024.
15. Н.А. Қудратов. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – 562с.
16. Полянский Н.Н. Вопросы теории советского уголовного процесса. – М.: Гос. издат., 1956. – 240с.
17. П.А. Лупинская. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: Учебник // Отв.ред. П.А. Лупинская. – М., 2004. – 465.
18. Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (бо қатъномаи 2200 A (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст) // Маҷмуаи санадҳои байналмиллалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, – 2023.
19. Раҳматулоев А.Э., Мухторов К.Т., Қаҳоров Н.М. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Хуросон, – 2019. – 280с.
20. Рахунов Р.Д. Участники уголовно-процессуальной деятельности. – М.: Гос. издат., 1961.

21. Шварц О.Л. Организационные и процессуальные гарантии прав человека и гражданина на судебную защиту (сравнительно - правовой анализ). Автореф. дисс.... к.ю.н. – М., 1999. – 20с.

22. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 10 декабри соли 1948 қабул шудааст) //Сборник международных актов по правам человека – Душанбе, 2002.

23. Цыпкин А.Л. Право на защиту в советском уголовном процессе. – Саратов. 1959. – 190с.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОФИЯТ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Зиёваддинов Исломҷон Искандарович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ
**Тел.:** +992 905950905
**Email:** islom_iskandar@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Искандаров З.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Маҳмудов И.Т., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти офият дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки яке аз падидаҳои асосӣ ва бунёдии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф бо баинобатгирии андешаҳои олимони ватаниву хориҷӣ бо диди худ, кушиш намудааст, ки мафҳуми офият дар мурофиаи ҷиноятиро пешкаш созад. Доир ба ин муаллиф паҳлуҳои масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, бахри такмил додани қонунгузории ҷории кишвар, баъзе таклифҳои худро пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** офият, ҳуқуқ, манфиат, қонуният, ваколат, таъқибот, маҳдуднамоӣ, суд, назорати прокурорӣ, ҳудуди маҳдуднамоӣ, парвандаи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва ғ.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ РЕАБИЛИТАЦИИ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

**Зиёваддинов Ислом Искандарович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры судебного права и прокурорского надзора
**Тел.:** +992 905950905
**Email:** islom_iskandar@mail.ru

**Научный руководитель:** Искандаров З.Ҳ., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Маҳмудов И.Т., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье рассматривается понятие и сущность реабилитации в уголовном судопроизводстве, которое считается одним из основных и фундаментальных явлений уголовного судопроизводства. Автор, опираясь на мнения отечественных и зарубежных ученых со своим

видением, попытался представить понятие реабилитации в уголовном процессе. В связи с этим автор проанализировал аспекты данного вопроса и представил некоторые предложения по совершенствованию действующего законодательства страны.
**Ключевые слова:** реабилитация, право, интерес, законность, полномочия, преследование, ограничение, суд, прокурорский надзор, пределы ограничения, уголовное дело, уголовный процесс и т.п.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF REHABILITATION IN CRIMINAL PROCEEDINGS

**Ziyovaddinov Islom Iskandarovich,**
Tajik national University, faculty of law, assistant of the Department judicial law and prosecutorial supervision
**Phone:** +992 905950905
**Email:** islom_iskandar@mail.ru

**Research supervisor:** Iskandarov Z.H., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Mahmudov I.T., Candidate of Law, Associate Professor

**Annotation:** This article examines the concept and essence of rehabilitation in criminal proceedings, which is considered one of the main and fundamental phenomena of criminal proceedings. The author, based on the opinions of domestic and foreign scientists with his own vision, tried to present the concept of rehabilitation in criminal proceedings. In this regard, the author analyzed aspects of this issue and presented some suggestions for improving the current legislation of the country.
**Key words:** rehabilitation, right, interest, legality, powers, prosecution, restriction, court, prosecutorial supervision, limits of restriction, criminal case, criminal procedure, etc.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатиро – мубориза бурдан бо ҷиноят ҷинояткорӣ ташкил медиҳад, ки он аз ҷониби ниҳодҳои махсуси созмондодаи давлат роҳандозӣ карда мешавад ва бешак дар ин самти фаъолият имкони аз меъёр бештар маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вуҷуд дорад. Бо мақсади мубориза аз байни бурдани ҷиноят ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки кирдорҳои манъ намудаи қонунро содир менамоянд, давлат дар қатори дигар чораҳо аз фаъолияти мурофиавӣ-ҷиноятӣ низ истифода менамояд. Вале пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо маҳдуд намудани ҳуқуқу озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ низ вобастагӣ доранд. Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо дахолат ба соҳаи манфиатҳои хусусии шахсони алоҳида алоқаманд буда, бо эҳтимоли расонидани зарар ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

шахсони мавриди таъқибот қарордошта аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷуброни зарари расондаи онҳо дар шароити муосир бисёр мубрам ва аҳамиятнок маҳсуб меёбад[481].

Имрӯз дар амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар як қатор ҳолатҳои ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс вуҷуд дорад, ки сабаби асосии он – ҳаматарафа, пурра, холисона ва объективона тафтиш нагардидани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар суханронии худ бо кормандони мақомоти прокуратура Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳолати мазкур чунин баён доштанд: «Вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои таҳқиқу тафтиш ба талабот пурра ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд»[482]. Оқибатҳои ҳуқуқии ин ҳолатҳо пеш аз ҳама дар нақзи ҳуқуқҳои шахс ифода ёфта, боиси ба вуҷуд омадани ҳеҷангории ҳуқуқӣ (нигилизм) дар ҷомеа мегардад ва дар охир мақому манзалати давлатро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ паст хоҳанд намуд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин доир ба пайомадҳои манфии ҳолати мазкур ҳангоми ифтитоҳи муассисаи давлатии таълимӣ барои низомиён чунин таъкид намуданд, ки: "ба фаъолияти давлат аз рӯи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баҳо медиҳанд"[483]. Ҳанӯз 250 сол муқаддам сиёсатмадор ва ходими барҷастаи рус Екатеринаи II-и Бузург низ баён дошт буд, ки: "Аз айбдор намудани як бегуноҳ, даҳ гунаҳгорро сафед намудан беҳтар аст"[484]. Ё олими машҳури соҳаи криминалистика Ганс Гросс, бошад оид ба хатогиҳои мурофиавӣ чунин қайд намудааст: "дар ягон ҷо хатоии содиршуда ва ислоҳнашуда ин қадар зараровар нест, ки дар мавриди тафтиши ҷиноятҳо ва ошкор намудани шахсони гунаҳкор расонда шудааст"[485].

Азбаски фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар асоси меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, алалхусус принсипҳои бунёдии он амалӣ карда мешавад, новобаста аз кафолатҳои

---

[481] Зиёвадинов И.И. Моҳияти уҳдадории давлат оид ба ҷуброни зарари ба шахс расондашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ. // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 686. – 685-696

[482] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти прокуратура. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/defense_and_litigation/15793 (санаи муроҷиат: 21.11.2024).

[483] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Муассисиаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/48486 (санаи муроҷиат: 21.11.2024).

[484] Цитаты Екатерина II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.procitaty.ru/blog/citaty-ekaterina-ii (санаи муроҷиат: 14.12.2023).

[485] Гросс Г. Руководство для судебных следователей как система криминалистики. — Новое изд., перепеч. с изд. 1908 г. – М.: ЛексЭст, 2002. – С. 24.

муқаррарнамуда, эҳтимол аст, ки зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба хатогиҳо роҳ дода мешавад, ки онро хатогиҳои тафтишотӣ – судӣ низ меноманд. Ҳангоми роҳ додан ба хатогиҳои мазкур имкон ҷой дорад, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои шахсони иштирокчии парванда зарар расонида шавад.

Дар воқеъ шахсоне, ки бо давлат дар муносибатҳои ҳуқуқӣ қарор доранд, бешубҳа мумкин аст, ки дар муносибатҳои мазкур имкони ҳуқуқвайронкуниву қонуншиканӣ, сӯистифода намудан аз ваколатҳои мансабӣ ва ё роҳ додан ба хатогиҳои тафтишотӣ-судӣ аз ҷониби субъектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ вуҷуд дорад. Зеро мо комилан гуфта наметавонем, ки мурофиаи ҷиноятӣ аз хатогиву камбудиҳо пурра орӣ бошанд ва бо мақсади бартараф намудани ҳолатҳои мазкур ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайронгардида аз кафолатҳои мурофиавӣ истифода карда мешавад. Ҳуқуқшиноси варзидаи ватанӣ дотсент И.Т. Маҳмудов, баён медорад, ки дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи таҳқиқию тафтишӣ эҳтимолияти дахолат кардан ба ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ҷой доранд[486] ва мо онро комилан истисно намуда наметавонем.

Профессор З.Ҳ. Искандаров, фаҳмиши нави мурофиаи ҷиноятиро баён намуда, ки дар ин замина таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат оид ба ҳимояи ҳаққи ҷабрдидагон аз аъмоли ҷинояткорона ва ҳуқуқ ва манфиати таъқибшавандагон аз амалу қарори ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ матраҳ, намудаанд. Мурофиаи ҷиноятӣ масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва инсон аст, ки чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ бояд риоя ва иҷро карда шавад. Дар ҳолати мухолиф давлат дар назди шахс вазифаашро иҷро нокарда маҳсуб ёфта, бояд дар назди қонун ва суд ҷавоб диҳад. Дар сурати аз ҷониби давлат сарфи назар шудани чунин масъулияти тарафайн одамон низ бемасъулият хоҳанд гардид[487].

Аз гуфтаҳои мазкур бевосита аён мегардад, ки давлат новобаста аз хатогиҳои содирнамудаи мақомот ва шахсони мансабдори худ уҳдадории ҷуброни зарари ба шахс расондашударо ба зиммаи худ гирифтааст. Ҳоло он, ки бештари содир гардидани чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ, аз қабили беасос ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс аз ҷониби субъектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор) ва ё суд сурат мегирад, на ин ки аз ҷониби худи давлат. Аз ин рӯ новобаста, аз оне, ки ин кирдорро субъектони пешбарандаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ содир менамоянд, бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои худ, давлат дар назди шаҳрвандон кафолати ҷуброн намудани зарари расондашударо ба зиммаи худ гирифтааст. Мутобиқи қ.2

[486] Маҳмудов И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ) – 2020 – №9 – С. 334-339.
[487] Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. - № 1 (25). – С. 224.

м. 12 КМҶ ҶТ товони зараре, ки ба шахс ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ расонда шудааст, бояд тибқи қонунгузории ҶТ рӯёнида дода шавад. Дар қ. 8 м. 42 КМҶ ҶТ бошад дарҷ гардидааст, ки давлат ба ҷабрдида дастрас будани адолати судӣ ва ҷуброни зарари расондашударо кафолат медиҳад. Боби 47 КМҶ ҶТ бошад тартиби пешбурд оид ба рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии суд ва мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ расидааст, пешбинӣ намудааст. Муқарраротҳои мазкур бевосита маншаи худро аз қ. 3 м. 32 Конститутсияи ҶТ гирифтаанд, ки меъёри конститутсионии мазкур дар асоси баинобатгирии як қатор меъёру принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ коркард ва таҳия гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро бевосита пайравӣ менамояд. Чунончӣ, дар асоси м. 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (минбаъд – ЭУҲИ) ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад[488]. Дар қ. 5 м. 9 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (минбаъд – ПБҲШС) бошад муқаррар карда шудааст, ки ҳар касе, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ё дар ҳабс нигоҳ доштан ҷабр дидааст, ба ҷуброне, ки дорои эътибори даъво мебошад, ҳақ дорад[489]. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф (минбаъд Конвенсия зидди шиканҷа) [490] низ дар қ. 1 м. 14 вобаста ба масъалаи мазкур меъёре муқаррар намудааст, ҳар як давлати узв дар низоми ҳуқуқии худ таъмин мекунад, ки ҷабрдидаи шиканҷа ҷуброн гирад ва ба талофии одилона ва муносиби қонунан муқарраршуда ҳақ дошта бошад, аз ҷумла маблағ барои офияти (реабилитатсияи) пурратар. Дар сурати марги ҷабрдида дар натиҷаи шиканҷа ҳуқуқ ба талофи ба нонхӯрони ӯ дода мешавад. Дар қ. 2 моддаи мазкур бошад муқаррар менамояд, ки ҳеҷ чиз дар ин модда ба ягон ҳуқуқи ҷабрдида ё дигар шахсон ба талофӣ, ки метавонад мутобиқи қонунгузории миллӣ вуҷуд дошта бошад, халал намерасонад.

Дар Конвенсияи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (минбаъд Конвенсияи ИДМ) дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аз 26 майи 1995 сол, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро 1 июли соли 1997 ба тавсиб расонидааст, дар қ. 5 м. 5 Конвенсияи мазкур дарҷ карда шудааст, ки шахсоне, ки ғайриқонуни

[488] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/Elomiyai-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).
[489] Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/%D0%9F%D0%B0%D0%BA%D1%82.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).
[490] Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/uploads/main/2020/12/9-Konvensiyai-ziddi-shikanja-va-digar-namudi-munosibati-berahmona.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).

ҳабс ё боздошт карда шудаанд, мувофиқи қонунгузории миллӣ ҳуқуқ ба ҷуброни зарарро доранд[491].

Дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии болозикр ва муқарраротҳои м.м. 10, 32 Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ашхосе, ки аз таъқиботи ғайриқонунӣ зарар дидааст, ҳуқуқ ба ҷуброни онро дорад.

Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба товони зарари расондашуда аз амал (беамалӣ) ғайриқонунии мақомоти анҷомдиҳандаи тафтишоти пешакӣ ва суд зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ на танҳо бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ (боби 47 КМҶ ҶТ), балки он бо қонунгузории мадании ҶТ (м. 15, м. 16, м. 1196, м. 1225, м. 1226 Кодекси мадании ҶТ) низ танзим карда мешавад. Меъёрҳои дарҷшуда асос, шарт ва тартиби ҳалли масъалаҳоро вобаста ба тартиби рӯёнидани зарари расондашуда зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ ва судӣ, ки ба шахс расонда шудааст, мавриди танзимнамоии ҳуқуқӣ қарор медиҳанд.

Дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ кафолатҳои конститутсионӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои шахс аз амалҳои ғайриқонунии субъектҳои оммавӣ аз ҷониби падидаи (институти) **«реабилитатсия»** таъмин карда мешаванд[492].

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии як қатор давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон вобаста ба масъалаи мазкур боби алоҳида бахшида шудааст. Чунончӣ боби 18 КМҶ Федератсияи Россия бо номи «**Реабилитация»**[493] ва дар боби 4 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон бошад – «**Реабилитация. Возмещение вреда, причиненного незаконными действиями органа, ведущего уголовный процесс»**[494] номгузорӣ карда шудааст. Саволе ба миён меояд, ки худ тарҷумаи истилоҳи «**Реабилитация»** бо забони тоҷикӣ чи гунааст?

Дар фарҳангӣ забони русӣ – тоҷикӣ истилоҳи русии реабилитатия дар забони тоҷикӣ бо ду маъно омадааст, якум ба маънои **ҳуқуқӣ** – сафедкунӣ ва дуюм ба маънои **тиббӣ** – офият[495]. Дар баъзе сарчашмаҳои дигар бошад, истилоҳи русии реабилитатсия бо забони тоҷикӣ ба маънои барқароркунӣ низ тарҷума шудааст[496].

Мафҳуми сафедкунӣ бевосита дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар м. 85 Кодекси ҷиноятии ҶТ (минбаъд КҶ ҶТ) дода шудааст[497]. Мутобиқи қ. 1 моддаи мазкур шахсе, ки ҷиноят содир накарда, беасос ба ҷавобгарии

---

[491] Конвенция Содружества Независимых Государств «О права и основных свободах человека». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/1900703 (санаи муроҷиат: 01.03.2023).

[492] Кузнецова А.Д. Особенности реабилитации в уголовном судопроизводстве Российской федерации при рассмотрении дел судом первой инстанции: дис. … канд. юрид. наук. - Екатеринбург, 2022. – С. 14.

[493] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakonrf.info/upk/ (санаи муроҷиат: 24.02.2023).

[494] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852&pos=4;-106#pos=4;-106 (санаи муроҷиат: 24.02.2023).

[495] Большой русского словара. – С. 961.

[496] Раҳимзода М.З. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе: «Бухоро», 2015. – С. 260.

[497] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/tj._0.pdf (санаи муроҷиат: 24.02.2023).

ҷиноятӣ кашида шудааст ё ғайриқонунӣ маҳкум гардидааст, бояд сафед карда шавад, яъне суд далели беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ғайриқонунӣ маҳкум шудани ӯро эътироф менамояд.

Дар тафсири КҶ ҶТ зери таҳрири Ҳ.Ҳ. Шарипов, оварда шудааст, ки сафедкунӣ – ин беасос, нодуруст ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро дар назар дорад. Ин чунин маъно дорад, ки шахсе, ки ҷиноят содир накардааст, ӯро, ба ин нигоҳ накарда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидаанд[498]. Ҳоло он, ки яке аз асосҳо ва шартҳои бавуҷуд омадани ҳуқуқ барои рӯёнидани товони зарар ин қабул намудани ҳукми сафедкунанда аз ҷониби суд мебошад. Инчунин бевосита дар тафсири мазкур қайд карда шудааст, ки сафедкунӣ ҳама вақт боиси пурра барқарор намудани номи нек, шаъну шарафи шахси беасос айбдоркардашуда гардида, ҳамчун асоси барқарор намудани ҳамаи ҳуқуқҳои пешинаи ӯ баромад мекунад. Дар ин ҳолат, нисбати чунин шахс аз ҷониби суд парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда мешавад ва ӯ бегуноҳ дониста мешавад[499].

Дар КҶ Федератсияи Россия вобаста ба сафедкунӣ ягон меъёри мушаххас вуҷуд надорад. Чӣ гунае, ки дар боло зикр намудем боби 18 КМҶ Федератсияи Россия «**Реабилитация»** номгузорӣ карда шудааст, ки он тартиби рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии суд ва мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ, ки доир ба парвандаи ҷиноятӣ ба шахс расонда шудааст, мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор медиҳад. Дар матни русии КҶ ҶТ назар афканем, м. 85 - «**Сафедкунӣ»** ҳамчун **(Реабилитация)** номгузорӣ карда шудааст, ҳоло он, ки дар луғатҳо истилоҳи сафедкунӣ ба забони русӣ **(оправдание)**[500] тарҷума гардидааст.

Мо агар чун мисли тартиби муқаррарнамудаи яккатор давлатҳои пасошуравӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тартиби рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии суд ва мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ, ки доир ба парвандаи ҷиноятӣ ба шахс расонда шудааст, онро бо номи «**Реабилитация»** қабул намоем, пас саволе ба миён меояд, ки дар чунин ҳолат, байни номҳои м. 85 КҶ ҶТ ва боби 47 КМҶ ҶТ дар матни русии он, духурагиро ба вуҷуд намеоранд? Барои ҷавоб додан ба ин савол мо бояд, ки аввалан муродифи калимаи русии реабилитатсияро бо забони тоҷикӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дарёфт намоем.

Истилоҳи мазкур аз ҷониби як қатор ҳуқуқшиносон мавриди омӯзиш ва корбурд қарор дода шудааст. Н.И. Миролюбов иброз медорад, ки истилоҳи «реабилитатсия»-ро барои аввал ҳуқуқшиноси асримиёнагии фаронсавӣ Блейнианус (Bleynianus) барои истинод ба қадимтарин институти афви маҳкумшуда бо барқарор кардани тамоми ҳуқуқҳои

---

[498] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. – С. 277.

[499] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе. Глобус. 2006. – С. 277.

[500] Раҳимзода М.З. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. Душанбе: «Бухоро», 2015. – С. 168.

қаблии ӯ истифода бурдааст[501]. Аммо пештар аз ин ҳам дида, истилоҳи мазкур дар ҳуқуқи римӣ пайдо шудааст, ки дар он замон чунин падидаи ҳуқуқӣ ба мисли «restitutio in integrum» вуҷуд дошт, ки маънои барқарор намудани мақоми ҳуқуқии қаблиро дошт. Истилоҳи «restitutio in integrum» на танҳо маданӣ буд, ки ба барқарор кардани мақоми моликияти қаблӣ ишора мекард, балки он инчунин маънои бозгашт ба ҳама гуна мақоми ҳуқуқӣ, масалан, сабаби авф кардани ҷинояти содиршударо низ дошт[502], ки маънои барқарор кардани ҳуқуқҳои қаблӣ, барқарорсозӣ ба ҳолати пешинаро доро буд. Вале агар ба истилоҳи худи «реабилитатсия» назар афканем, истилоҳи мазкур аз калимаи лотинии «**rehabilitatio**» гирифта шуда, маънояш барқароркунӣ мебошад[503], ки (re – ҷузъи калимае, ки ифодакунандаи навсозӣ ва habilitas – бошад ин мувофиқат, қобилият мебошад)[504], яъне habilis – «қобилият», rehabilis — «барқароршавии қобилият» мебошад[505].

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ барқароркунӣ – ба маънои аз нав барқарор намудани ҳолат, шакл ва ё ҳодисаи аввала ба воситаи ҷузъҳои алоҳида омадааст[506].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ масъалаи истилоҳи реабилитатсия то ба ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Зеро падидаи мазкур на танҳо аз ҷониби илми ҳуқуқ, балки аз ҷониби илмҳои дигар низ мавриди омӯзиш ва корбурд қарор дода мешавад. Аз ҷумла Г.З. Калимова қайд менамояд, ки мафҳуми реабилитатсия дар худ, намудҳои зерини реабилитатсияро дарбар мегирад: тиббӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ[507].

Мо агар ба қ. 1 м. 14 Конвенсияи зидди шиканҷа (матни тоҷикии он)[508] назар афканем, меъёри мазкур бевосита ба масъалаи ҷуброн намудани зараре, ки ба ҷабрдида расонда шудааст, бахшида шудааст. Дар меъёри мазкур истилоҳи офият ҳамчун муродифи истилоҳи «реабилитатсия» истифода гардидааст. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ

[501] Миролюбов Н.И. Реабилитация как специальный правовой институт. К.: Типо-лит. ун-та, 1902. – С. 17.

[502] Зарубин, А.В. Restitutio in integrum: общие положения и её действие по устранению последствий недействительности сделок / А.В. Зарубин // Власть закона. – 2013. – N 1 (13). – С. 88.; Яшина А.А. Конституционно-правовые основы реабилитации в Российской Федерации: дисс. … канд. юрид. наук. – Пенза, 2015. – С. 16.

[503] Большой энциклопедический словарь. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gufo.me/dict/bes/%D0%A0%D0%95%D0%90%D0%91%D0%98%D0%9B%D0%98%D0%A2%D0%90%D0%A6%D0%98%D0%AF (санаи муроҷиат: 24.02.2023).

[504] Большая советская энциклопедия. 2-е изд. М., 1955. Т. 36. – С. 138.

[505] Физическая реабилитация: Учебник для студентов высших учебных заведений, обучающихся по Государственному образовательному стандарту 022500 «Физическая культура для лиц с отклонениями в состоянии здоровья» (Адаптивная физическая культура) / Под общей ред. проф. С. Н. Попова. Изд. 3-е. — Ростов н/Д: Феникс, 2005. – С. 5.

[506] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – С. 73.

[507] Климова Г.З., Сенякин И.Н. Реабилитация как правовой институт (вопросы теории и практики). Саратов: Изд-во ГОУ ВПО "Саратовская государственная академия права", 2005. – С. 115.

[508] Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/uploads/main/2020/12/9-Konvensiyai-ziddi-shikanja-va-digar-namudi-munosibati-berahmona.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).

истилоҳи офият ба ду маъно омадааст: 1) тандурустӣ, саломатӣ, сиҳатии комил; офият ёфтан – сиҳат шудан, халос шудан аз беморӣ; 2) оромӣ, амонӣ, осудагӣ[509]. Аслан офият худ калимаи арабӣ буда (**офият – عافيت**), дар забони тоҷикӣ бо се маъно омадааст: 1) тандурустӣ, саломатӣ, сиҳат; 2) осудаҳолӣ, оромӣ, амонӣ; 3) дурустшавӣ, ислоҳшавӣ[510].

Бо маънои сеюм қабул намудани истилоҳи офият дар мурофиаи ҷиноятӣ қобили дастгирист. Зеро дар соҳаи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ – мафҳуми реабилитатсияе, ки бевосита дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ вобаста ба рӯёнидани зараре, ки ба шахс дар натиҷаи амал (беамалиии) ғайриқонунии шахсони пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ ва суд расонда шудааст, яъне ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шудаанд, ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ қабул намудани истилоҳи офият, ба маънои барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои шахсон ва рӯёнидани зараре, ки ба онҳо дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, расонда шудааст, ба манфиати кор ва оммафаҳм хоҳад буд. Зеро, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардида ва рӯёнидани зарарҳои расондашуда ба шахс, дар мурофиаи ҷиноятӣ офият бахшида, яке аз вазифаҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ ҳисоб шуда, маҳз бо мақсади дуруст намудани мурофиаи вайронгардида, яъне ба ҳолати аввала баргардондан ва ислоҳи хатогиҳое, ки зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ содиршудаанд, равона карда шудааст, иборат мебошад.

Пешбурд оид ба рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ ва судӣ доир ба парвандаи ҷиноятиро метавон, пешбурд оид ба офиятбахшӣ ва ё офият дар мурофиаи ҷиноятӣ низ номид. Вобаста ба мафҳум ва моҳияти офият дар мурофиаи ҷиноятӣ дар байни олимон ягонафикрӣ ҷой надорад ва то ба ҳол масъалаи мазкур баҳснок мебошад.

Мафҳуми офият дар қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмии як қатор давлатҳои хориҷӣ бевосита дарҷ гардидаанд. Аз ҷумла дар қ. 34 м. 5 КМҶ Федератсияи Россия мафҳуми офият дода шудааст, ки офият – ин тартиби барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои шахсе, ки ғайриқонунӣ ё беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ва ҷуброни зарари ба ӯ расондашуда мебошад[511].

Доир ба мафҳуми офият С.А. Рогачев баён медорад, ки офият - ин аз ҷониби давлат эътироф намудани таъқиботи ҷиноятӣ дар шахсияти

---

[509] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ // Зери таҳрири С.Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди II (О – Я). Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – С. 43.

[510] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://vazhaju.tj/search/%D0%BE%D1%84%D0%B8%D1%8F%D1%82 (санаи муроҷиат: 25.02.2023).

[511] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakonrf.info/upk/ (санаи муроҷиат: 27.02.2023).

таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё суд бо роҳи баровардани қарор, таъинот ё ҳукми ғайриқонуниву беасос ва фароҳам овардани имконият ба шахси бегуноҳ барои барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайронгардида ва ҷуброни зарари ба ӯ расондашуда (ҳам маънавӣ ва ҳам моддӣ), яъне сухан дар бораи тартиби махсуси мурофиавӣ меравад, фаҳмида мешавад[512]. Дар пайванди ба ин масъала олими дигари рус Г.С. Заровнева, менависад, ки офият дар мурофиаи ҷиноятӣ – ин ҷуброни зарари ба шахси бегуноҳ дар натиҷаи таъқиботи ҷиноятӣ ва маҳкум намудан расонда шудааст, мебошад[513].

Яке аз олимони соҳаи мазкур М.И. Пастухов, меафзояд, ки офият дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин факти таассуфоварро инъикос менамояд, ки сарфи назар аз кафолатҳои мурофиавии дар қонун пешбинигардида, ҳодисаҳои беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандонро комилан истисно кардан мумкин нест. Мақсади он ислоҳи хатоҳои дағалонаи тафтишотиву судӣ ва ҷуброни товони зарари расондашуда ба шаҳрвандоне мебошад, ки бо тартиби муқарраргардида гунаҳгор дониста шудаанд[514]. Г.З. Калимова, бошад чунин иброз менамояд, ки барқарор намудани вазъи ҳуқуқӣ ва обрӯи шахсе, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шудааст, бо ҷуброни зарари ба ӯ расондашуда, ҳамчун офият ба ҳисоб меравад[515].

Олимони дигари рус А.Д. Гуляков ва А.А. Яшина, бар он ақидаанд, ки ҷуброни зараре, ки аз ҷониби давлат расонда шудааст, унсури офият мебошад ва худи офият - ин аз ҷониби давлат барқарор намудани вазъи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, молу мулкӣ ва маънавии шахс ва шаҳрванд вобаста ба эътирофи амали (беамалии) мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, ғайриқонунӣ ё беасос ба таъқиботи ҷиноятӣ кашидан, мебошад[516].

Ба андешаи олими дигар А.Г. Эдилян, бошад, офият дар мурофиаи ҷиноятӣ – ин қарори мақомоти ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар санади мурофиавӣ-ҷиноятии пешбининамудаи қонун ифода ёфта, дар бораи вуҷуд надоштани (муайян накардани) ҳодиса ё таркиби ҷиноят ё исбот нагардидани иштирок дар содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси ғайриқонунӣ ва беасос айбдор ва ё маҳкумкардашуда мебошад. Офият бо мақсади ислоҳи хатогиҳои тафтишотӣ ё судӣ, рад кардани айб ва барқарор намудани тамоми ҳуқуқҳо, номи нек, обрӯ ва бекор кардани оқибатҳои дигари нодуруст айбдоркунӣ ва ё маҳкумнамоии шахс мебошад[517]. Андешаҳои мазкурро муҳаққиқи ӯзбек Т.Т. Тоҷиев, ки дар самти мазкур

---

[512] Рогачев С.А. Реабилитация в уголовном процессе: дисс. … канд. юрид. наук. – Москва, 2009. – С. 21.

[513] Заровнева Г.С. Понятие и сущность реабилитации. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sworld.education/konfer30/356.pdf (санаи муроҷиат: 04.03.2023).

[514] Пастухов М.И. Реабилитация невиновных. Основы правового института: Автореф. дис. … докт. юрид. наук. - Минск, 1993. – С. 3-4.

[515] Климова Г.З., Сенякин И.Н. Реабилитация как правовой институт (вопросы теории и практики). Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Саратовская государственная академия права», 2005. – С. 138.

[516] Гуляков А.Д., Яшина А.А. Конституционно-правовые основы реабилитации человека и гражданина // Российская юстиция. – М.: Юрист, 2013. № 8. – С. 31.

[517] Эдилян А.Г. Реабилитация в советском уголовном процессе: автореф. дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 1978. – С. 8-9.

корҳои зиёди илмиро ба сомон расондааст, дастгирӣ намуда, баён медорад, ки офият – ин қарори мақомоти салоҳиятдори ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар санади мурофиавии муқарраршуда пешбинӣ шудааст ва дар он зикр мегардад, ки ҳодиса ё аломатҳои ҷиноят муқаррар карда нашудаанд ё тамоман вуҷуд надоранд ё иштирок дар содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахси мазкур исбот нагардидааст[518]. Ба андешаҳои мазкур метавон қисман розӣ гашт, зеро, ҳоло он, ки офият дар мурофиаи ҷиноятӣ ин падидаи мурофиавӣ мебошад, на ин ки қарори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ маҳз бо қабул намудани қарор аз ҷониби субъектони ваколатдор дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо барои офиятнамоӣ, ҳуқуқу озодиҳои ӯ барқарор ва зарари расондашуда талофӣ карда мешавад.

Офият на қарор, балки тарзи маъруфи барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда дар асоси мавҷуд будани ҳолатҳое, ки қонунгузор муқаррар намудааст, мебошад. Доир ба ҳолати мазкур мавқеи олимону ихтисосмандонро ба назар гирифтан зарур мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур олим М.И. Пастухов баён медорад, ки офият – ин як навъ истеҳсолоти иҷро оид ба ҳукми сафедкунанда мебошад, ки мазмуни онро андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва номи неки шахси сафедшуда мебошад[519]. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки офият на фақат ба сафедкунии судшаванда маҳдуд карда мешавад. Ҳукми сафедкунанда ҳамаи оқибатҳои номатлуби ба судшаванда расондашударо бартараф карда наметавонад. Сафедкунии судшаванда танҳо лаҳзаи ибтидоии ислоҳ намудани хато, асоси ҳуқуқии он буда, офият идомаи ҳуқуқии сафедкунӣ мебошад.

Дар воқеъ, мо агар ба падидаи мазкур амиқтар назар намоем, дар воқеъ ба таври мушаххас маълум мегардад, ки дар сурати мавҷуд будани асос ва шартҳо қарор дар бораи офиятнамоии шахс қабул карда шуда, шахс офият меёбад. Дар қ. 2 м. 461 КМҶ ҶТ ҳолатҳое муқаррар карда шудаанд, ки асоси пайдоиши ҳуқуқ ба рӯёнидани товони зарар мегарданд, ки яке аз чунин ҳолатҳо ин қабули ҳукми сафедкунанда маҳсуб меёбад. Он оқибатҳои ҳуқуқии худро доро мебошад ва он бо як қатор соҳаҳои дигари ҳуқуқ дар пайвандӣ қарор дошта, якдигарро пурра месозанд ва маҳз бо воситаи онҳо ҳамаҷониба таъмин карда мешаванд.

Дар асоси таҳлили андешаҳои болозикр ба чунин хулоса омада, пешкаш месозем, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ мафҳуми нав «офият дар мурофиаи ҷиноятӣ» дар м. 6 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Офият дар мурофиаи ҷиноятӣ – ин тарзи маъруфи пешбурд оид ба эътироф ва рӯёнидани товони зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ ва суд ба шахс расонда шудааст».

---

[518] Таджиев Т.Т. Проблемы реабилитации в советском уголовном процессе: автореф. дис. ... докт. юрид. наук. – Ташкент, 1991. – С.15.

[519] Пастухов М. И. Процессуально-правовые аспекты оправдания подсудимого: дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1983. – С. 104-105.

**Адабиёт:**


1. Большая советская энциклопедия. 2-е изд. М., 1955. Т. 36. – 672 с.
2. Большой русского словара. – С. 998.
3. Большой энциклопедический словарь. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gufo.me/dict/bes/%D0%A0%D0%95%D0%90%D0%91%D0%98%D0%9B%D0%98%D0%A2%D0%90%D0%A6%D0%98%D0%AF (санаи муроҷиат: 24.02.2023).
4. Гросс Г. Руководство для судебных следователей как система криминалистики. — Новое изд., перепеч. с изд. 1908 г. – М.: ЛексЭст, 2002.– 1088 с.
5. Гуляков А.Д., Яшина А.А. Конституционно-правовые основы реабилитации человека и гражданина // Российская юстиция. – М.: Юрист, 2013. № 8. – С. 30-32.
6. Заровнева Г.С. Понятие и сущность реабилитации. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sworld.education/konfer30/356.pdf (санаи муроҷиат: 04.03.2023).
7. Зарубин, А.В. Restitutio in integrum: общие положения и её действие по устранению последствий недействительности сделок / А.В. Зарубин // Власть закона. – 2013. – N 1 (13). –86-99 с.
8. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://vazhaju.tj/search/%D0%BE%D1%84%D0%B8%D1%8F%D1%82 (санаи муроҷиат: 25.02.2023).
9. Зиёвадинов И.И. Моҳияти уҳдадории давлат оид ба ҷуброни зарари ба шахс расондашуда дар мурофиаи ҷиноятӣ. // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023.– 685-696
10. Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. –2022. - № 1 (25). – С. 221-230.
11. Климова Г.З., Сенякин И.Н. Реабилитация как правовой институт (вопросы теории и практики). Саратов: Изд-во ГОУ ВПО “Саратовская государственная академия права”, 2005. – 344 с.
12. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/tj._0.pdf (санаи муроҷиат: 24.02.2023).
13. Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/uploads/main/2020/12/9-Konvensiyai-ziddi-shikanja-va-digar-namudi-munosibati-berahmona.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).

14. Конвенция Содружества Независимых Государств «О права и основных свободах человека». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/1900703 (санаи муроҷиат: 01.03.2023).
15. Кузнецова А.Д. Особенности реабилитации в уголовном судопроизводстве Российской федерации при рассмотрении дел судом первой инстанции: дис. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2022. – 176 с.
16. Маҳмудов И.Т. Функсияҳои прокурор дар давраи тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ) – 2020 – №9 – С. 334-339.
17. Миролюбов Н.И. Реабилитация как специальный правовой институт. К.: Типо-лит. ун-та, 1902. – 66 с.
18. Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/%D0%9F%D0%B0%D0%BA%D1%82.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).
19. Пастухов М.И. Процессуально-правовые аспекты оправдания подсудимого: дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1983. – 184 с.
20. Пастухов М.И. Реабилитация невиновных. Основы правового института: автореф. дис. … докт. юрид. наук. – Минск, 1993. – 50 с.
21. Раҳимзода М.З. Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ. – Душанбе: «Бухоро», 2015, 328 саҳ.
22. Рогачев С.А. Реабилитация в уголовном процессе: дисс. … канд. юрид. наук. – Москва, 2009. – 182 с.
23. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти прокуратура. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/defense_and_litigation/15793 (санаи муроҷиат: 21.11.2024).
24. Суханронии Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Муассисиаи давлатии омодасозии кадрҳои баландихтисос. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/48486 (санаи муроҷиат: 21.11.2024).
25. Таджиев Т.Т. Проблемы реабилитации в советском уголовном процессе: автореф. дис. ... докт. юрид. наук. Ташкент, 1991. –37 с.
26. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе. Глобус. 2006. - 880с.
27. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575852&pos=4;-106#pos=4;-106 (санаи муроҷиат: 24.02.2023).
28. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.zakonrf.info/upk/ (санаи муроҷиат: 24.02.2023).

29. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ // Зери таҳрири С.Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди II (О – Я). Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – 945 с.

30. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2009.

31. Физическая реабилитация: Учебник для студентов высших учебных заведений, обучающихся по Государственному образовательному стандарту 022500 «Физическая культура для лиц с отклонениями в состоянии здоровья» (Адаптивная физическая культура) / Под общей ред. проф. С. Н. Попова. Изд. 3-е. — Ростов н/Д: Феникс, 2005. — 608 с.

32. Цитаты Екатерина II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.procitaty.ru/blog/citaty-ekaterina-ii (санаи муроҷиат: 14.12.2023).

33. Эдилян А.Г. Реабилитация в советском уголовном процессе: автореф. дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 1978. – 22 с.

34. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/Elomiyai-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат: 23.02.2023).

35. Яшина А.А. Конституционно-правовые основы реабилитации в Российской Федерации: дисс. … канд. юрид. наук. – Пенза, 2015. – 233 с.

# ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (ИХТИСОС: 12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

## ИМПЛЕМЕНТАТСИЯ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

**Қодиров Некруз Абдулмаҷидович,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 905-80-86-86
**Email:** master.nek@mail.ru

**Қурбонова Муниса Хуршедовна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**Тел.:** (+992) 883-33-28-08
**Email:** munisaqurbonova21@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои нақши санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон андешаи олимон оид ба истилоҳҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартономаҳои байналмилалӣ мавриди назар қарор дода шуда, масъалаи баррасишаванда, инчунин, бо эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати қисми таркибии нсзоми қонунгузории кишавр таҳлил гардидааст.

**Калидвожаҳо:** санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, эътирофи санадҳои байналмилалӣ қисми таркибии қонунгузорӣ.

## ИМПЛЕМЕНТАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫХ НОРМ В ПРАВОВУЮ СИСТЕМУ ТАДЖИКИСТАНА

**Кодиров Некруз Абдулмаджидович,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, заведующий кафедрой международного права, кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 905-80-86-86
**Email:** master.nek@mail.ru

**Курбонова Муниса Хуршедовна**,
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант (PhD) кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 883-33-28-08
**Email:** munisaqurbonova21@gmail.com

**Аннотация:** В данной статье обсуждаются вопросы роли международно-правовых актов в национальной законодательной системе. При этом обсуждались мнения ученых о положениях международно-правовых документов и международных соглашений, а также анализировался рассматриваемый вопрос с признанием международно-правовых документов неотъемлемой частью законодательной системы страны.

**Ключевые слова:** международно-правовые документы, международные договоры, национальное законодательство, признание международных документов неотъемлемой частью законодательства.

## IMPLEMENTATION OF INTERNATIONAL LEGAL NORMS IN THE LEGAL SYSTEM OF TAJIKISTAN

**Qodiov Nekruz Abdulmajidovich,**
Tajik National University, Faculty of Law, Head of the Department of International Law, Candidate of Legal Sciences, docent
**Phone:** (+992) 905-80-86-86
**Email:** master.nek@mail.ru

**Qurbonova Munisa Khurshedovna,**
Tajik National University, Faculty of Law PhD student at the Department of International Law
**Phone:** (+992) 883-33-28-08
**Email:** munisaqurbonova21@gmail.com

**The summary:** This article discusses the role of international legal acts in the national legislative system. At the same time, the opinions of scientists on the provisions of international legal documents and international agreements were discussed, and the issue under consideration with the recognition of international legal documents as an integral part of the country's legislative system was analyzed.

**Keywords:** international legal documents, international treaties, national legislation, recognition of international documents as an integral part of legislation.

Дар адабиёти ҳуқуқии муосир мафҳуми «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» васеъ паҳн нашудааст. Чунин ҳолат метавонад бо ду сабаб асоснок карда шавад:

1. зери мафҳуми «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешаванд. Чунин тарзи масъалагузорӣ аз он бармеояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ин шакли асосии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Бинобар ин ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ»-ро мавриди истифода васеъ қарор намедиҳад. Чунин асос баҳри гузоштани фарқият байни ду низоми баррасишаванда – ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ метавонад истифода шавад. Зеро, дар низоми ҳуқуқии миллӣ мафҳуми «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар шаклҳои гуногун истифода мешавад. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми васеъ истифода намуда, вобаста ба он қонуни алоҳида – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шудааст. Албатта, дар низоми ҳуқуқии миллӣ мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ» васеъ истифода мешавад, аммо ин мафҳум бештар категорияи илмӣ-назариявӣ буда, бо он олимон ҳангоми таҳияи асарҳои худ васеъ истифода мебаранд. Баръакс, қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мафҳуми «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва намудҳои он, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ карда мешавад, истифода мебарад;

2. мафҳуми «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ аз қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, минбаъд дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ васеъ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, категория ва ё мафҳуми мазкур хусусияти миллӣ дошта аз нуқтаи назари илми ҳуқуқшиносии миллии кишвар бояд баҳо дода шавад[520]. Азбаски, мо дар ин ҷо ду мафҳум ва ё категорияи гуногун ва ба ҳам монанд – сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро мавриди истифода қарор додем, фикр мекунем, ки дар таҳлили моҳияти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва муқаррар намудани мавқеи онҳо дар низоми миллии кишвар бояд ин ду мафҳум ба таври пурра мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирад.

Дар адабиёти хуқуқии ватанӣ мафҳуми категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дар рисолаҳои Ш. Менглиев, З.Ҳ. Искандаров ва М.Н. Раҷабов Ф.С. Судаймонов. мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, З.Ҳ. Искандаров дар он нуқтаи назар мебошанд, ки зери мафҳуми категорияи «санади ҳуқуқии байналмилалӣ – ин ҳуҷҷати хаттии ба таври дахлдор ба расмият даровардашуда мебошад, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардида, дарбаргирандаи меъёрҳои

[520] Оид ба ин масъала дар адабиёти хуқуқии ватанӣ пештар низ диққат дода шуда буд. Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. С.3.

ҳуқуқӣ байналмилалӣ мебошад»[521]. Чунин хулосабарории муаллиф аз мазмуни этимологияи калимаи «санад» (акт – ҳуҷҷат) сарчашма мегирад[522]. Аз ин нуқтаи назар, муаллиф бар он ақида мебошанд, ки принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва одатҳои байналмилалӣ, ки дар шакли хаттӣ ба расмият даровардa нашудаанд, ба сифати санади ҳуқуқии байналмилалӣ баромад карда наметавонанд[523]. Инчунин, дар асари худ муаллиф қайд менамоянд, ки категорияи «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» аз категорияи «шартномаи байналмилалӣ» васеътар буда, дуюмин қисми таркибии якумин эътироф карда мешавад.

Чи тавре ки қайд намудем, вобаста ба масъалаи муқаррар намудани мафҳуми «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» Ш. Менглиев ва М.Н. Раҷабов Ф.С. Сулаймонов низ як қатор фикру ақидаи худро пешниҳод намудаанд[524]. Асосан, муаллифони мазкур аз он нуқтаи назар бармеоянд, ки категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дорои мазмуни васеъ буда, бо он шартномаҳои байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ, принсипҳои хуқуқи байналмилалӣ ва ҳатто санадҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дохил мешаванд. Фикр мекунем, ки чунин ба таври васеъ баҳо додани мазмуни категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» бе назардошти мазмун ва моҳияти муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ки дар кисми 3-юми модддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон эътироф карда шудааст, мебошад.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати санадҳои хусусияти умумидошта эътироф карда шудаанд, яъне онҳо ба ҳамаи давлатҳо ва гурӯҳи давлатҳо таъин шудаанд.[525] Чунин таъриф низ пурра набуда, моҳияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро то ба охир равшан намекунад. Зеро, дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ тақсимоти санадҳо ба хусусияти умумидошта ва хусусияти махсусдошта эътироф карда намешавад.

Пас, «санади хуқуқии байналмилалӣ» чист? Он дорои кадом хусусиятҳо мебошад?

Қайд намудан зарур аст, ки ба тамоми он ақидаҳое, ки баҳри пешниҳод намудани мафҳуми «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» ва баҳри муқаррар намудани мазмуни ин категория равона карда шуда буданд, як хусусияти умумӣ хос мебошад – дар ин ақидаҳо муқаррароти меъёри конститутсионӣ-

[521] Искандаров З.Ҳ. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан.С.11.

[522] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан.С.9. Тазаккур намудан зарур мебошад, ки ҳарчанде аз лиҳози этимология калимаи «actus» инчунин маънои «ҳаракат»-ро низ дошта бошад, вале фикр мекунем, ки ба ҳар ҳол он маҳз ба сифати натиҷа ва шакл, яъне «ҳуҷҷат» баромад намояд

[523] Искандаров З.Ҳ. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан.С.10.

[524] Ниг.: Менглиев Ш.М. Прокурорский надзор за исполнением международных актов – условия обеспечения верховенство законов // Законность, №1, 2005. Д., 2005. С.60-61.; Менглиев Ш.М., Раджабов М.Н. Рецензия на книгу Искандарова З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. Душанбе. 2009. 142с. // Государство и право. № 1, 2009. Д.. 2009. С.148-150.

[525] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ. – Д..2013. – С. 443. (Муаллиф – Диноршоев А.М.)

ҳуқуқӣ, ки дар қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст, дуруст ва чуқур ба назар гирифта нашудаанд. Муқарраротн даpҷшудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша хусусияти аввалиндараҷа дошта, он баҳри муқаррар намудани мазмун ва моҳияти ҳамин гуна меъёрҳо, ки дар дигар санадҳои хуқуқии кишвар дарҷ карда шудаанд, саҳми бағоят муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, ба таври дахлдор баҳо додан ба ҳар як унсури ин меъёри конститутсионӣ-ҳуқуқӣ баҳри дуруст муқаррар намудани моҳият ва мазмуни категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» зарур мебошад.

Дар меъёри дарҷгардида бояд диққат ба се унсури зерин дода шавад: ин санад бояд санади ҳуқуқии байналмилалӣ бошад;[526] он аз ҷониби Тоҷикистон эътироф карда шавад; он хусусияти ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ баромад намуданро доро бошад. Мафҳуми «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» бояд ҳар се ин унсурро дар бар гирад ва ин қоидаи ҳатмӣ мебошад. Пас, чунин хулоса бармеояд, ки ҳолатҳое низ ҷой доштанашон мумкин аст, ки аз ин се унсур яке метавонад вуҷуд надошта бошад. Аз ин бармеояд, ки санадҳои хуқуқии байналмилалие арзи вуҷуд доранд, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф карда мешаванд, аммо онҳо ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии он баромад карда наметавонад, зеро дорои чунин хусусият намебошанд. Пас, одатҳои байналмилалӣ, ҳарчанде ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф карда шаванд ҳам, аммо ба сифати унсури низоми ҳуқуқии давлатро ташкил карда наметавонанд. Зеро, онҳо имкони ба танзим даровардан ва ё ин ки бо ин ё он васила дар танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ва умуман инкишофи ҳуқуқи кишвар саҳме надоранд. Масалан, дар замони муосир бештар одатҳо дар муносибатҳои дипломатӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла пешвоз намудани дипломатҳо, тартиби мулоқоти онҳо бо мақомоти дахлдори давлати будубош ва ғайраҳо. Аммо, ин одатҳои байналмилалӣ, ҳарчанде ки муносибатҳои байни давлатҳоро ба танзим дароранд ҳам, аммо ба сифати «ҳиссагузор» дар инкишофи низоми ҳуқуқии давлат баромад карда наметавонанд;

Вобаста аз хулосабарориҳои боло чунин қайд намудан мумкин мебошад, ки на принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, на одатҳои байналмилалӣ ба сифати санади хуқуқии байналмилалӣ эътироф карда намешаванд, зеро ҷавобгуйи муқарарроти меъёри конститутсионӣ-ҳуқуқии дар кисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда нестанд.

Аз ин ҷо, танҳо шартномаҳои байналмилалӣ ба маънои том ба сифати санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар маънои муқаррароти қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд. Зеро онҳо ҳам ба сифати сарчашмаи хуқуқи байналмилалӣ

[526] Дар ин асно ибораи «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» бо назардошти «сарчашмаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ», ки мутобиқи моддаи 38-и Статути Суди байналмилалии СММ ба ин сифат принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ ва ғайра эътироф шудаанд, баррасӣ карда мешавад.

баромад менамоянд, ки бо эътирофи он, нисбати Тоҷикистон ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро ба миён меоранд ва ҳам ба сифати унсури қисми таркибии низоми ҳуқуқии давлат баромад намуда, баҳри инкишофи ҳуқуқ ҳиссаи дахлдори худро мегузоранд.

Хулосаи мазкур, яъне эътироф танҳо шартномаҳои байналмилалӣ ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, маънои онро надорад, ки моҳият ва мазмуни дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ коста шаванд. Албатта, чунин нест, зеро «рӯҳияи» муқаррароти дар қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо «рӯҳияи» муқаррароти моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд омехта карда шаванд. Дигар сарчашмаҳои хуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла принсипҳои хуқуқи байналмилалӣ ва одатҳои байналмилалӣ маҳз ба сифати он асосҳое, ки Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро бо дастрасӣ ба онҳо амалӣ мегардонад, эътироф карда мешаванд.

Аз ин ҷо хулосаи дигар бармеояд, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзи вуҷуд доранд, ки дар асоси онҳо Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро дар асоси моддаи 11-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, аммо онҳо ба сифати санади ҳуқуқии байналмилалӣ дар маънои муқаррароти қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда намешаванд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, чунин мафҳуми категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» пешниҳод карда мешавад: санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ гуфта шартномаҳои байналмилалиро меноманд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати онҳо ризоияти худро дар шакли муқаррарнамуда изҳор намудааст.

Оид ба он, ки мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар чӣ гуна мебошад, бояд қайд намуд, ки алоқамандии ду низоми мустақили ҳуқуқӣ маҳз дар алоқамандии унсурҳои ҳаммазмун ва баробарарзиши онҳо таҷассум мегардад. Аз ин лиҳоз, азбаски мо санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии чунин унсури низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ба монанди ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф намудем, пас бо сабаби он, ки ин унсури низоми мазкур бо чунин унсури низоми ҳуқуқии миллӣ – ҳуқуқи позитивӣ ҳаммазмун ва баробарзиш мебошад, аз ин бармеояд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба сифати зерунсури ҳуқуқи позитивӣ чун унсури низоми ҳуқуқии миллӣ баромад менамоянд.

Бо эътирофи шартномаҳои байналмилалӣ ба сифати санади ҳуқуқии байналмилалӣ ва қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар, чунин саволҳо ба миён меоянд, ки аз лиҳози назариявию таҷрибавӣ бояд баррасӣ карда шаванд, аз ҷумла: оё ба тамоми намудҳои шартномаҳои байналмилалӣ муқаррароти қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн гардида, онҳо ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ баромад менамоянд? Ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ то кадом андоза дуруст мебошад?

Муқаррароти қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф менамояд, ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эътироф карда мешаванд. Пас, тамоми он шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудаст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар мебошанд, зеро меъёри дарҷгардидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истисноро муқаррар накардааст. Аз ин лиҳоз, ақидаи З.Ҳ.Искандаров оид ба эътироф накардани шартномаҳои байналмилалии байниидоравӣ ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар баҳснок мебошад.[527]

Дар ҳақиқат ҳам шартномаҳои байналмилалӣ, вобаста аз мазмун ва моҳияти худ, ба шартномаҳои байнидавлатӣ, шартномаҳои байниҳукуматӣ ва шартномаҳои байниидоравӣ тақсим карда мешаванд. Аммо, ҳангоми баррасӣ намудани мавқеи ин шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар, бояд масъалаи мазкур аз лиҳози қувваи ҳуқуқии ин шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Доро будани қувваи баландтари ҳуқуқӣ аз тарафи як намудани шартномаҳои байналмилалӣ нисбати ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ, ва ё баръакс, ҳоло маънои ба сифати қисми таркибии низоми хуқуқии кишвар эътироф накардани ин шартномаҳои байналмилалӣ надорад.

Масъалаи дигар ин ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Мусаллам аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад (м.7 ва м.8).

Ҳангоми таҳлили санадҳои хуқуқии байналмилалӣ чунин бармеояд, ки он ба яке аз хусусиятҳои асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мутобиқи Қонуни дарҷгардида муқаррар карда шудааст, яъне бо роҳи раъйпурсии умумимилалӣ ё аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахси мансабдори ваколатдори давлатӣ қабул гардидани онҳо, ҷавобгӯй нест. Зеро, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, яъне шартномаҳои байналмилалӣ, новобаста аз намуд, ҳамеша аз ҷониби давлатҳо қабул карда мешаванд, пас барои қабули шартномаи байналмилалӣ ҳадди ақал иродаи ду давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ зарур мебошад. Дар ин асно, бояд дарҷ намуд, ки агар масъалаи мазкур дурусттар омӯхта шавад, пас мутобиқи Қонуни баррасишаванда санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳз қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шакли он шартномаҳои байналмилалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия)[528] карда мешаванд, бояд эътироф карда шавад.

---

[527] Ниг.: Искандаров З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. – С. 36.

[528] Фикр мекунем, ки истифодаи ибораи «тасдиқ (ратификатсия)» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз муқаррароти моддаи 57-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, баҳснок мебошад, зеро бо як ибора дарҷ намудани ду шакли гуногуни изҳори иродаи давлат нисбати ҳатмӣ будани шартномаҳои байналмилалӣ

Вобаста ба масъалаи мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Точикистон қайд намудан лозим аст, ки масъалаи мазкур бо масъалаи мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии зич дорад. Азбаски, дар Конститутсияҳои давлатҳои гуногун масъалаи равобити ду низоми мустақил – низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба таври гуногун баррасӣ карда мешаванд, пас вобаста ба эътирофи санадҳои хуқуқии байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ фикру ақидаҳо бисёранд.

Аз ин бармеояд, ки ақида оид ба он, ки дар байни сарчашмаҳои ҳуқуқ боз «сарчашмаҳое» (дар маънои ҳуқуқӣ – шакли хуқуқ) арзи вуҷуд доранд, ки онҳоро давлат муқаррар накардааст, бaҳснок мебошад. Зеро, танҳо дар ҳолати аз ҷониби давлат эътирофи ин сарчашмаҳо онҳо ба сифати сарчашмаи хуқуқ, яъне шакли берунии ҳуқуқи амалкунандаи давлат, пазируфта мешаванд.

Вобаста ба масъалаи ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қайд намудан зарур аст, ки дар бештари адабиёти ватанӣ масъалаи мазкур мавриди барррасӣ қарор дода шуда бошад хам, аммо он ҳамеша хусусияти умумӣ ва аз нуқтаи назари ин ё он сохаи ҳуқуқи алоҳида ва махсусиятҳои он бармеояд. Масалан, А. Имомов қайд менамоянд, ки «баъзе аз санадҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ, хусусан, санадҳое, ки дар онҳо усули сиёсати берунаи давлатҳо муайян карда шудаанд, санадҳое, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро муқаррар мекунанда ва ҳифзи онҳоро кафолат медиҳанд, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи констутсионии Тоҷикистон шинохта шудаанд»[529].

Муаллифи дигари ватанӣ Х. Ойев низ тарафдори эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар кардаанд.[530] Хусусияти ақидаи муаллифи мазкур дар он мебошад, ки худи муаллиф таърифи «сарчашмаи ҳуқуқи маъмурӣ»-ро ба сифати «шакли зоҳиршавии меъёрҳои маъмурӣ, ки онҳо дар асл санади ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, ки ифодагари манфиатҳои сиёсию-ҳуқуқӣ ва дорои характери меъёрианд» баҳо медиҳанд[531].

Муаллифи дигар Х. Ҳамидов муътақид бар он буданд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионии

---

(тасдиқ ва ратификатсия) шояд ба оқибатҳои ҳуқуқии ногувор оварда расонад (масалан, як тасдиқ (ратификатсия)-ро бо дигар намуди тасдиқ (утверждение) омехта намудан). Инчунин, бо истифодаи ибораи «тасдиқ» ҳам дар маънои «утверждение» ва ҳам дар маънои «ратификация», матни Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо забони тоҷикӣ бо матни ин қонун бо забони русӣ мутобиқат наменамояд. Зеро, дар матни тоҷикии қонун (м.3) 3 намуди тарзҳои изҳори ризоияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ, ки аз тарафи намояндаи ваколатдори он ба имзо расидааст - тасдиқ, қабул ва ҳамроҳшавӣ муқаррар шудааст, аммо дар матни қонун бо забони русӣ 4 намуди чунин тарзи изҳор (ратификация, утверждение, принятие и присоединение) дарҷ карда шудаанд.

[529] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон. – С.46-47.

[530] Ниг.: Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 1. – Д., 2013.С.90-91.; Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чун сарчашмаи ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ низ аз ҷониби Х.Ойев эътироф карда шудаанд (Ниг.: Ойев Х. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д., 2013. – С. 68-69.)

[531] Ниг.: Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С.90-91.

мамлакатҳои хориҷӣ эътироф карда мешавад. Аммо, муаллиф масъалаи мазкурро аз лиҳози ба сифати сарчашма баромад намудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва баъдтар ба сифати чунин сарчашмаи эътироф шудани шартномаҳои байналмилалӣ баррасӣ намудаанд[532]. И.И. Камолов низ шартномаҳои байналмилалиро ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи кишвар эътироф менамоянд[533].

Дар илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ низ масъалаи мазкур то андозае баррасии худро ёфтааст[534]. Яке аз муаллифони Федератсияи Россия, ки ба масъалаи мазкур диққати хоса додааст, С.Ю.Марочкин мебошад. Муаллифи мазкур дар асоси таҳлили адабиётҳо ва фикру ақидаҳои гуногун ба чунин хулоса меояд, ки шартномаҳои байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ эътироф карда намешавад ва дар баробари дигар сарчашмаҳои хуқуқи миллӣ дар низоми ҳуқуқии давлат мавқеи худро доро мебошад[535]. Чунин ақида дар дигар маъхазҳо низ дарҷ шудааст[536].

Бинобар ин, фикр мекунем, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ маҳз ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ, яъне ба сифати он асосе, ки минбаъд самти инкишоф ва рушди ҳуқуқи позитивии давлатро дарҷ меанмояд ва муқаррар мекунад, баромад менамоянд.

Масъалаи баррасишаванда, инчунин, бо масъалаи эътироф намудан ва накардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла он муносибатҳое, ки дар қаламрави давлати муайян ба вуҷуд меоянд, алоқаманд мебошад. Қайд намудан бомаврид аст, ки ҳарчанде санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба сифати шакли ҳуқуқ, яъне шакли берунии ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ баромад накунад ҳам, аммо онҳо ба сифати танзимгари муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ баромад намуда метавонанд. Хусусияти танзими доштани санадҳои хуқуқии байналмилалӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии хуқуқии дахлдор муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Яъне, хусусияти ба сифати танзимгари ин ё он муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намудани санадҳои хуқуқии байналмилалӣ аз он иборат мебошад, ки то чанде чунин имкониятро ба ин санадҳо қонунгузории миллӣ пешниҳод менамояд. Пас, хусусияти қонунгузории миллӣ оид ба «агар дар шартномаҳои байналмилалӣ дигар қоида муқаррар карда нашуда бошад», маҳз дарҷкунандаи ҳамин ҳолат мебошад.

---

[532] Ниг.: Ҳамидов Х. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷӣ. Қисми умумӣ. Ҷилди 1. – Д., Эр-граф, 2013. – С. 43,48.

[533] Ниг.: Камолов И.И. Источники права. – С. 168.

[534] Масалан ниг.: Марченко М.Н. Источники права. – М., Проспект, 2008. – С. 312-330. Аммо, ба фикри мо, муаллифи мазкур масъалаи ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ эътироф намудани шартномаҳои байналмилалиро бо воситаи муқоисаи намудани эътибори ҳуқуқии онҳо бо санадҳои дохилидавлатӣ баррасӣ намудааст, ки ин баҳснок мебошад. Зеро, масъалаи мазкур, бо равобити ин ду сарчашмаҳои ҳуқуқӣ низомҳои гуногун ягон алоқамандӣ надорад.

[535] Ниг.: Марочкин С.Ю. Действие норм международного права в правовой системе Российской Федерации. – С.79-82.

[536] Ниг.: Тиунов О.И., Кашарина А.А., Морозов А.Н. Выполнение международноых договоров Российской Федерации. М., Норма,2011. – С.79.

**Адабиёт:**

1. Ҳуқуқи байналмилалӣ. Китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш. Д., Эр-граф, 2010.;

2. Сулаймонов Ф.С. Мавқеи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили ҳуқуқи граждании ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Монография. Душанбе, Матбааи ДМТ, 2014.;

3. Азимов Н.Б., Шулепов Н.А. Имплементация норм международного права в национальное уголовное законодательство. Душанбе: «Ирфон», 2013.;

4. Искандаров З.Х. Применение международно-правовых актов в уголовном процессе Республики Таджикистан. Д., 2009.;

5. Левин Д.Б. Актуальные проблемы теории международного права. М., Наука, 1974.;

6. Лукашук И.И. Нормы международного права в правовой системе России. М., 1997.;

7. Лукашук И.И. Источники международного права. Киев, 1966.;

8. Марочкин С.Ю. Действие и реализация норм международного права в правовой системе Российской Федерации. М., Норма, 2011.;

9. Мюллерсон Р.А. Соотношение международного и национального права. М., 1982.;

10. Раджабов Р.М. Проблемы формирования правовой системы Республики Таджикистан: теоретико-методологический аспект. Д., 2001.

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ СММ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Хуҷамардова Моҳру Талбаковна,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.
**Тел.:** : (+992) 000047674
**Email:** mohru/khujamardova.mail.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи зерин вазъи ҳуқуқии мақомоти СММ оид ба ҳуқуқи инсон, самтҳои фаъолият, тартиб ва роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои рузмара дар самти ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон дар арсаи байналмилалӣ ва инчунин тарзи шикоят ва ҳал намудани онҳо барраси гардидааст.

**Калидвожаҳо:** инсон, ҳуқуқ, ҳифз, мақомот, СММ, кумита, протокол, паймон.

# ПРАВОВОЙ СТАТУС ОРГАНОВ ООН ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА

**Худжамардова Мохру Талбаковна,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 00004767
**Email:** mohru/khujamardova.mail.ru

**Аннотация:** В данной статье определяется прововой статус органов ООН по правам человека, направление деятельности, процедуры и способы решения проблем о защите прав человека на международной арене, а также проанализированы способы их рассмотрения и разрешения.

**Ключевые слова:** человек, право, защита, власть, ООН, комитет, протокол, пакт.

# LEGAL STATUS OF UN BODIES ON HUMAN RIGHTS

**Khujamardova Mohru Talbakovna,**
Tajik national university, law faculty, assistant department of international law
**Тел.:** (+992) 000047674
**Email:** mohru/khujamardova.mail.ru

**Annotation :** This article determines the legal status of UN bodies on human righs , direction of activity, procedures and means of solving problems of

protection of human rights on international arena, also analyses their means of consideration and resolving.

**Keywords:** human, rights, protection, bodies, UN, comitee, protocol, covenant.

Дар замони муосир масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд рӯз то рӯз мубрамияти бештарро касб намуда, аз ҷомеаи башари тақозо менамояд, ки дар ин самт амалҳои неку судмандро роҳандози ва татбик намояд[537].

Омӯзиши проблемаҳои ҳуқуқи инсон дар фаъолияти СММ дар солҳои 90-уми асри 20 бинобар як катор ҳолатҳои таърихию сиёсӣ аҳаммияти хоса пайдо намуд. Дар даҳаи охири асри бистум дар чаҳон дигаргуниҳои назарраси ичтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омаданд, ки ба фаъолияти созмонҳои байналмилали оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, пеш аз ҳама Созмони Миллали Муттаҳид, ки ҳамчун ташкилоти фарогир дар ин самт мебошад, таъсир расонид.

Аҳаммияти масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир равшан нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ тасдиқ гардида, бо мурури замон ба унсури муҳимми сиёсати ҷаҳон табдил ёфтааст[538].

Бо масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба андозаи муайян ҳамаи мақомот ва муассисаҳои СММ машғуланд. Ғайр аз ин, СММ мақомоту кумитаҳое дорад, ки вазифаи асосиашон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои эътирофгардидаи байналмилалии инсон мебошад. Инҳо Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон, Комисари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Идораи Комиссари Олии СММ оид ба корҳои гурезаҳо, Кумита оид ба ҳуқуқи кудак ва дигар кумитаҳои гуногун мебошанд[539].

Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ин мақомоти СММ соли 1997 таъсис ёфта, ба амалишавии Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шахрвандӣ ва сиёсӣ (1966) назорат мебарад. Кумита аз 18 нафар аъзо иборат аст, ки онҳоро давлатҳои аъзо, аз ҷумлаи шаҳрвандони худ интихоб мекунанд. Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ҳак дорад гузоришҳо ва шикоятҳоро дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки аз давлатҳои аъзо мерасанд баррасӣ намояд. Ҳамчунин, ваколатдор аст, ки маърузаҳоро оид ба тадбирҳои андешидашуда ва дастовардҳои амалишавии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар мамлакатҳои аъзо кабул ва баррасӣ намояд. Кумита шикоятҳои хаттии ашхоси алоҳидаро низ, ки ҳуқуқҳояшон вайрон карда шудаанд, баррасӣ мекунад[540].

Вазифаҳои асосии ин мақомот аз инҳо иборат мебошад:

[537]Эъломияи умуми хукуки инсон ва равандхои муосири рушди хукуки инсон: Мушкилот ва дурнамо(маводи конференсияи байналмилалии илмию амали бахшида ба 70-умин солгарди кабули Эъломияи умуми хукуки инсон), – Душанбе, 2019. – С.7.

[538] Хукуки инсон, китоби дарси барои синфи 10. Зери тахририи умумии, \ Холиков, Е.М. Павленко, ва С. Сайфуллоев. – Душанбе,2007. «АВА», – 310 с.

[539]https://donish.org/tj/course/learn/34-huquq-sinfi-10/lesson/434---63.-maqomoti-smm-oid-ba-hifzi-huquqi-inson

[540]Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои инсон (барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ). – Душанбе: «Мастер-Принт», 2006; – 300 с.

- қабул ва баррасии маърузаҳои давлатҳои аъзои ПБҲШС оиди андешидани чораҳо бобати дар ҳаёт ҷорӣ намудани ҳуқуқҳои дар Паймон дарҷ гардида. Дар асоси омӯзиши маърузаҳои пешниҳод гардида, Кумита тавсияҳо медиҳад;

- кабули маълумоти давлати алоҳида нисбати давлати дигари аъзои Паймон, ки меъёрҳои паймонро иҷро наменамояд;

- қабул ва баррасии шикояти фарди алоҳида, ки худро қурбонии ҳуқуқпоймолкунии давлати аъзои Паймон мешуморад, ин вазифа ба кумита танҳо баъди қабули Протоколи якуми иловагӣ ба Паймон (16.12.1966), ки воситаҳои пешниҳоди шикояти инфиродиро пешбинӣ менамояд, вогузор гардид.

Кумита оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳои инфиродии шахсро қабул ва барраси менамояд, агар талаботҳои зерин риоя шуда бошанд[541].

- шикоят бояд ба як ва ё якчанд ҳуқуқе, ки дар ПБҲШС муқаррар гардидаанд, таалуқ дошта бошанд;

- чун қоида шикоят бояд аз ҷониби худи шахси ҳуқуқаш поймолгардида (қурбонӣ) ва ё намояндаи вай пешниҳод гардад. Агар тахмин равад, ки қурбони имконияти мустақилона муроҷиат намудан надорад ва касеро аз номи худ ваколатдор карда наметавонад, Кумита шикояти шахсони бегонаро низ аз рӯйи ин ҳуқуқвайронкунӣ қабул менамояд.

- давлате, ки ба муқобили вай шикоят ирсол мегардад бояд аъзои Протоколи якуми иловагӣ бошад;

- шикоят қабул мешавад, агар поймолкунии ҳуқуқ баъди аз ҷониби давлат ба тавсиб расонидани Протокол рӯҳ дода бошад. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки пеш аз эътирофи ин санад рӯҳ дода буданд, мавриди муҳокимаи Кумита қарор намегирад. Вале агар ҳуқуқвайронкунӣ то эътирофи Протокол рӯҳ дода бошаду оқибатҳояш то ҳол идома ёбанд, яъне хусусияти давомдор дошта бошад, шикоят мавриди баррасии Кумита қарор хоҳад гирифт;

- зарур аст, ки шикояткунанда аз тамоми воситаҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода барад ва танҳо баъди қонеъ нашудан ба кумита муроҷиат намояд. Ин қоида истисно мешавад. Агар дар қонунгузории миллӣ воситаҳои ҳимояи чунин ҳуқуқҳо пешбинӣ нашуда бошанд ва ё баррасии парванда дар зинаҳои миллӣ беасос таъхир ёбад;

- кумита шикоятро қабул менамояд, агар худи ҳамин масъала дар як маврид дар макомоти дигари байналмилалӣ баррасӣ шуда истода бошад;

- шикоят набояд анонимӣ ва хусусияти таҳқиромез дошта бошад.

Баррасии шикоят аз се марҳила иборат мебошад;

1. Бақайдгирии шикоят;
2. Тадқиқи масъала қабулияти шикоят;
3. Баррасии моҳияти шикоят.

---

[541]https://www.dissercat.com/content/mekhanizmy-zashchity-prav-cheloveka-v-ramkakh-organizatsii-obedinennykh-natsii-i-v-ee-spetsi

Кумита ин масъалаҳоро мавриди баррасӣ карор дода дар интиҳо ақидаи худро баён менамояд ва ин ақидаҳо дар ҳуҷҷатҳои ҳарсолаи СММ нашр мегардад. Бояд қайд намоем, ки имрӯз дар баробари муроҷиат ба Кумита оид ба ҳуқуқи инсон ҳолатҳои зиёди муроҷиат ба Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон мушоҳида мегардад. Тартиби муроҷиат ба ин мақомот монанд мебошанд. Вале фарқияти асосӣ дар ҳамин аст, ки қарорҳои Кумита оид ба ҳуқуқи инсони СММ хусусияти тавсиявӣ доранд ва ягона воситаи таъсиррасонии ин мақомот ба муқобили давлатҳои ба вайронкорӣ роҳ дода нашри расмии ин ҳолатҳои вайроннамоии ҳуқуқи инсон мебошад[542].

Макомоти мазкур як сохтори мураккаб ва бисёрҷанба буда бо мақсади ҳифз, пешбурд ва татбиқи ҳуқуқи инсон дар сатҳи ҷаҳонӣ кор ва фаъолият мекунад[543].

**Адабиёт:**


1. Эъломияи умуми ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: Мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амали бахшида ба 70-умин солгарди кабули Эъломияи умуми ҳуқуқи инсон), – Душанбе, 2019. – С. 7.
2. Хуқуқи инсон, китоби дарси барои синфи 10. Зери таҳририи умумии, М.А. Маҳмудов, Т.Н. Зиёев, А.Г. Холиков, Е.М. Павленко, С. Сайфуллоев. – Душанбе, 2007. «АВА», – 310 с.
3. https://donish.org/tj/course/learn/34-huquq-sinfi-10/lesson/434---63.-maqomoti-smm-oid-ba-hifzi-huquqi-inson
4. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқҳои инсон (барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ). – Душанбе: «Мастер-Принт», 2006; – 300 саҳ.
5. https://www.dissercat.com/content/mekhanizmy-zashchity-prav-cheloveka-v-ramkakh-organizatsii-obedinennykh-natsii-i-v-ee-spetsi
6. Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон // Китоби дарси. Б.А. Сафарзода, Д.С. Рахмон, И.К. Миралиев, Ч. Саъдизода, Ш.Ш. Шосиадзода, Ш.Ф. Искандаров, Н.Ф. Сафарзода, Ф.Н. Салимов. – Душанбе, 2023. – 480 с.
7. Механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон // М. Саторов. Душанбе 2016. – 280 с.


[542] Механизмхои химояи хукуки инсон // Китоби дарси. Б.А. Сафарзода, Д.С. Рахмон, И.К. Миралиев, Ч. Саъдизода, Ш.Ш. Шосиадзода, Ш.Ф. Искандаров, Н.Ф. Сафарзода, Ф.Н. Салимов. Душанбе 2023
[543] Механизмхои байналмилалии хифзи хукуки инсон //М. Саторов. Душанбе 2016.-с 280.

## ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ КАФИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**Қурбонзода Муҳаммад Саймаҳмуд,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, докторанти PhD-и соли 2-юми кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
**Тел.:** (+992) 986-76-98-98
**Email:** qurbonzoda1111@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Қодиров Н.А., н.и.ҳ, дотсент.

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти амнияти миллӣ, аҳамияти ташкилотҳои байналмилалӣ дар таъмини амният дар минтқа ва ҷаҳон инчунин асосҳои байналмилалӣ – ҳуқуқии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Миллали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Созмони Амният ва Ҳамкори дар Аврупо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаст.

**Калидвожаҳо:** Амнияти миллӣ, амнияти байналмилалӣ, амнияти минтақавӣ, Созмони Миллали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, терроризм, экстремизм, сулҳ, давлат, амният, шартнома, ташкилотҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои минтақавӣ, ҳуқуқи инсон.

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С МЕЖДУНАРОДНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ ГАРАНТОМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Курбонзода Мухаммад Саймахмуд,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, докторант (PhD) второго курса кафедры международного права
**Тел.:** (+992) 986-76-98-98
**Email:** qurbonzoda1111@gmail.com

**Научный руководитель:** Кодиров Н.А., к.ю.н., доцент.

**Аннотация:** В данной статье проанализированы понятие и сущность национальной безопасности, значение международных организаций в обеспечении безопасности в регионе и мире, а также международно – правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с Организацией Объединенных Наций, Содружеством Независимых Государств и Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе.

**Ключевые слова:** Национальная безопасность, международная безопасность, региональная безопасность, Организация Объединенных

Наций, Содружество Независимых Государств, терроризм, экстремизм, мир, государство, безопасность, договор, международные организации, региональные организации, права человека.

## COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INTERNATIONAL ORGANIZATIONS AS A GUARANTOR OF NATIONAL SECURITY

**Qurbonzoda Muhammad Saimahmud,**
Tajik National University, Faculty of Law, second-year PhD student at the Department of International Law
**Phone.:** (+992) 986-76-98-98
**Email**: qurbonzoda1111@gmail.com

**Scientific supervisor:** N.A. Kodirov, Candidate of Law, Associate Professor.

**Annotation:** This article analyzes the concept and essence of national security, the importance of international organizations in ensuring security in the region and the world, as well as the international legal framework for cooperation between the Republic of Tajikistan and the United Nations, the Commonwealth of Independent States and the Organization for Security and Co–operation in Europe.

**Keywords:** National security, international security, regional security, United Nations Organization, Commonwealth of Independent States, terrorism, extremism, peace, State, security, treaty, international organizations, regional organizations, human rights.

Масъалаи таъмини амнияти давлат дар шароити имрӯза аҳамияти илмию назариявӣ ва сиёсиро пайдо намудааст.

Зери мафҳуми "амният" дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ - осоиштагӣ, тинҷӣ ва орромӣ, фаҳмида мешавад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ вазъияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳо, ки таҳдиди таҷовузро бартараф намуда, ҳамзистии осоиштаи давлатҳоро дар асоси баробарҳуқуқӣ, истиқлолияти миллӣ, мустақилияти халқҳо ва инкишофи озодонаи онҳоро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад[544].

Мафҳуми амнияти миллӣ бори аввал дар суханронии Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Теодор Рузвелт оид ба назорати дарёи Панама соли 1904 садо дода буд, истифода гардид. Аз он давра сар карда мафҳуми "амнияти миллӣ" дар ҳуҷҷатҳои маъмурию-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

[544] Ниг ба: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А., Душанбе. "ЭР-граф", 2012. С. 42.

Дар ташаккули назарияи амнияти миллӣ Ганс Моргентау саҳми калон гузоштааст. Ба андешаи ӯ амнияти миллӣ ин қобилияти ҳимояи ягонагии кишвар, таҳкими истиқлолияти он ҳифзи асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа ва дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати субъекти мустақил баромад намудан дониста мешавад.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ истилоҳи «амнияти миллӣ» бори аввал дар матни Оинномаи Созмони Лигаи Миллатҳо аз соли 1919 истифода шудааст, ки баъдан ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ аз санаи 10 январи соли 1920 ба қувваи амал даромад, тибқи қисми якуми моддаи 8-уми ин санади байналмилалӣ бахотири ҳифз ва побарҷо мондани сулҳи байналмиллалӣ Созмон аз ҳамаи аъзои худ даъват ба амал овард, ки силоҳи худро ба ҳадди ақал, ки ба амнияти миллии худ мувофиқ бошад, маҳдуд кунанд[545].

Асосҳои муҳим ва пурмазмуни истилоҳи «амният» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои объектҳои ҳифзшавандаи Конститутсия истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар меъёрҳои Конститутсияи амалкунанда сабти шашкаратаи истилоҳи «амният» мушоҳида мешавад: моддаи 6 дар бораи амнияти давлат, моддаи 43 дар бораи амният ва қудрати мудофиа, моддаи 46 дар бораи амнияти шаҳрвандон, моддаи 51 дар бораи амнияти узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, банди 9 моддаи 69 дар бораи таъсиси Шурои амният, банди 19 моддаи 69 дар бораи амнияти давлат[546].

Аз тарафи дигар, истилоҳи «амнияти миллӣ» низ бисёрҷанба ва гуногунпаҳлу аст. Аз ин лиҳоз ба бисёр ҷиҳатҳои ҳаёти фард, ҷамъият ва давлат назар кардан мумкин аст. Тавре К.С.Гаҷиев таъкид мекунад, амнияти миллӣ ба маънои васеъ фароҳам овардани шароити муътадили худшиносӣ ба ҳамаи шаҳрвандони давлат, ҳифзи ҳаёт, озодӣ ва моликияти онҳо аз ҳуҷуми шахс, ташкилот ё худи давлат мебошад. Албатта, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавии ҷомеа, вазъи дохилии сиёсии кишвар наметавонад ба қобилияти ҳифзи манфиатҳои давлат ва мутаносибан ба вазъи амнияти он таъсир нагузорад.

Чунин гуногунҷанбагии амнияти миллӣ ба мо имкон медиҳад, ки навъҳои онро тасниф намуда, дар бораи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шахс (шаҳрванд) инчунин, оиди таъмини амнияти ҷамъият, таъмини амнияти иқтисодӣ, экологӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, демографӣ, энергетика, озукаворӣ ва дигар навъҳои он сухан ронем.

Мафҳуми амнияи миллӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” аз 28 июни соли 2011, №721 пешбинӣ гардидааст. Тибқи ин модда зери мафҳуми амнияти миллӣ ҳолати муҳофизатии

---

545 Ниг ба: https://www.krugosvet.ru/enc/istoriya/LIGA_NATSI.html.

546 Ниг ба: https://tnu.tj/avtorefi//avtoreferaHakimovMK. Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович. Автореферат. Танзими ҳуқуқӣ – конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ.

манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ фаҳмида мешавадд[547].

Олими итолиёвӣ М. Ҷулиано чунин мешуморад, ки созмонҳои байниҳукуматӣ дестинаторҳои меъерҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, субъектҳои он мебошанд. В. Пустогаров нуқтаи назари дақиқтар ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснокро дорад. Тавре ки ӯ дуруст қайд мекунад, танҳо давлатҳо қобилияти ҳуқуқии универсалӣ доранд ва вазъи иттиҳодияҳои байналмилалии давлатҳо комилан дигар аст. Дар замони муосир, онҳо субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф карда мешаванд, аммо он хусусияти маҳдуд, хусусӣ дорад ва аз салоҳиятҳое, ки ба аъзои созмон дода шудаанд, вобаста аст[548].

Нақши созмонҳои байниҳукуматӣ дар низоми муосири амнияти байналмилалӣ бо он ба назар мерасад, ки онҳо ҳамчун шаклҳои ташкилию ҳуқуқии таъминоти дастаҷамъонаи он баромад мекунанд. Тавре Адам Ротфелд, директори Институти байналмилалии Стокголм оид ба таҳқиқи мушкилоти ҷаҳон таъкид менамояд, амнияти дастаҷамъӣ консепсияи мувофиқтарин ва ҷавобгӯи талаботи муосир барои ҳалли мушкилоти мураккаби оянда мебошад[549].

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ ду намуди низоми амнияти дастаҷамъиро фарқ кардан мумкин аст: **универсалӣ ва минтақавӣ.** Ҳар яке аз онҳо бо шартномаҳо ба таври ҳуқуқӣ ба расмият дароварда мешаванд. Мазмуни мушаххаси ин шартномаҳо аз ҷумла, хусусият ва ҳаҷми чорабиниҳои муштарак аз ҷониби давлатҳои иштироккунанда дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ муайян карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз иштирокчии комилҳуқуқ ва фаъоли системаи амнияти дастаҷамъӣ мебошад, ки дар доираи СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил амал мекунад. Аз ин рӯ, дар доираи мақолаи мазкур кушиш мекунем шаклҳои ҳуқуқии байналмилалии фаъолияти ҷумҳуриро маҳз дар ин муассисаҳои байналмилалии амниятӣ баррасӣ кунем**.**

29 январи соли 1992 дар ҷараёни иҷлосияи Шурои амнияти СММ қатънома дар бораи қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ҳамчун узви комилҳуқуқ қабул карда шуд. Ва ниҳоят, Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 1992 узви СММ гардида, барои рушди ҳамкориҳо бо институтҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои махсуси системаи СММ заминаи мустаҳкам гузошт. Дар айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи таъмини сулҳу суботи умумӣ, мубориза бо таҳдиду чолишҳои муосири амният, ҳифзи муҳити зист, рушди устувори ҷомеа, идоракунии захираҳои об фаъолона ҳамкорӣ менамояд[550].

---

[547] Ниг ба: https://mmk.tj. АМО ҶТ, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; с. 2016, № 1283; с. 2018, № 1540.

[548] Ниг ба: Пустогаров В. Эрозия Союза. Международно-правовые последствия // Международная жизнь, № 12. - 1991.-С. 76.

[549] Ниг ба: Адам Ротфельд. Поиски системы коллективной безопасности // Международная жизнь, № 10. - 1994. - С. 60-61.

[550] Ниг ба: https://mfa.tj.

Аз он вакт инҷониб, ҳамчун узви ин созмони умумиҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти воқеӣ дорад, ки дар тахияи қарорҳо оид ба бисёр масъалаҳои байналмилалӣ ва пеш аз ҳама мавзӯҳое, ки ба доираи манфиатҳои ҳаётан муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, фаъолона иштирок намуда, амният ва тамомияти арзии худро ҳифз намояд.

Вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ин Созмони бонуфуз шуд мақсади асосии фаъолияти ҷумҳурӣ масъалаҳои сулҳу амнияти байналмилалӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди давлатҳо буданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои безараргардонӣ, аз ҷумла таҳкими низоми паҳн накардан, пешгирии низоъҳои минтақавӣ бахусус ҳалли мушкилоти марбут ба Афғонистон, рафъи оқибатҳои офатҳои экологӣ, назорати маводи мухаддир ва пешгирии ҷинояткорӣ, рушди низоми транзитии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамгироии онҳо ба иқтисодиёт ва савдои ҷаҳонӣ ва ғайра таваҷҷуҳи муҳим зоҳир менамояд.

Дар айни замон, намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди СММ фаъолият менамояд.

Амалиёти фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани самаранокии чораҳои андешидаи Шурои амнияти СММ оид ба қатъи низоъҳои низомӣ низ ба назар мерасад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми баромадҳояшон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ оиди таъмини амният дар Афғонистон таъкид менамуданд.

Дар айни замон баҳсҳои шадид дар бораи ислоҳоти Шурои Амнияти СММ - мақоми асосии он, ки тибқи Оинномаи СММ масъулияти нигоҳ доштани сулҳу амнияти байналмилалӣ ба зимма дорад, идома доранд. Ба ибораи дигар, ин ягона мақоми амал дар системаи СММ мебошад, ки қарорҳои ҳатмӣ ва тахассусии рӯйдодҳоро қабул мекунад, ки аз нуктаи назари ҳуқуқӣ ба сулҳу амнияти байналмилалӣ таҳдид мекунанд. Аммо дар айни замон, бояд қайд кард, ки Шурои Амният ҳамчун мақоми фаъолтарини қабули қарорҳо дар бораи масъалаҳои сулҳ бояд тағйиротро дар вазъи бисёр давлатҳое, ки аллакай аз замони таъсиси СММ ба амал омадаанд ва дар оянда ба амал меоянд, инъикос кунад. Яъне, ба ибораи дигар, таркиби он бояд ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ тағйир дода шавад.

Бо мақсади васеъ кардани ҳайати Шурои Амният аз рӯӣ ҳарду категорияи аъзои он, муаллиф чунин мешуморад, ки кишварҳои рӯ ба инкишоф аз Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ метавонанд ба шумораи аъзои доимии он дохил карда шаванд, то тавозуни манфиатҳо ва инъикоси муносиби воқеиятҳои мавҷудаи геополитикӣ таъмин карда шаванд.

Ба ақидаи мо соҳаи истифодаи ҳуқуқи вето бояд танҳо бо чораҳои маҷбурии нигоҳ доштани сулҳ маҳдуд карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки фарқияти байни аъзои доимӣ ва ғайридоимии Шӯро кам карда шавад.

Дар робита бо андешаҳои дар боло зикргардида мехоҳам қайд намоям, ки дар замони муосир нақши Созмони Миллали Муттаҳид дар ҳалли мушкилоти замони муосир мубрам арзёби мегардад. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии пурраи низоъҳо дар минтақаҳо ва саросари дунё тағйири ҳайати

доимии Шурои амнияти ин ниҳодро, ки таъмини амниятро дар саросари дунё ба уҳда дорад, ба манфиати башарият мешуморем.

**Тағйироти бузурги сиёсӣ дар низоми байналмилалӣ, бахусус дар қитъаи Аврупо,** мушкилоти амниятиро ба мадди аввал гузошт. Сухан дар бораи назарияе меравад, ки дар он мафҳуми худи амният ва мушкилоти манбаи таҳдидҳои муосир бояд аз нав дида баромада шавад ва нақши он ниҳодҳое, ки вазифаи аввалиндараҷаи онҳо таҳкими амният аст. Дар ин замина, боби VIII Оинномаи СММ пешбинӣ менамояд, ки созишномаҳо ва созмонҳои минтақавӣ метавонанд ба талошҳои Шӯрои Амният саҳми назаррас гузоранд.

Ҳамаи чунин созмонҳо метавонанд дар ин бобат нақши муҳим дошта бошанд, аммо мо мехоҳем яке аз онҳоро махсус қайд кунем ин бошад Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ки аз 1 январи соли 1995 ба ин ном шурӯъ кардааст, аз замони таъсисёбии он дар соли 1975 дар шакли Машварати Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо он рушдро идома медиҳад. Имрӯз 57 узви он мутаносибан на танҳо аз худи Аврупо, балки Амрикои Шимолӣ ва Осиеи Марказӣ низ аъзои як созмони динамикӣ ва густаришёфта мебошанд, ки системаҳои огоҳкунии барвақтӣ, тадбирҳои таҳкими эътимод ва амният, ҳамгироии андозагирии инсонӣ (демократия, ҳуқуқи инсон, қудрати қонун) ва инчунин мақомоти сершумореро дар бар мегирад, ки бо рушди ҳамкориҳои мутақобилан мустаҳкамкунанда бо СММ ва дигар созмонҳои байниҳукуматии дорои хусусияти минтақавӣ машғуланд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи феврали соли 1992 Санади хотимавии Хелсинкиро имзо намуд. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА аз соли 1994 оғоз ёфт. Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар ҳошияи Ёддошти тафоҳум бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси се ченаки муайяншуда: ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ, лоиҳаҳои гуногунро амалӣ мекунад[551].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъсиси давлати демокративу ҳуқуқбунёд ҳамаи заминаҳои ҳуқуқиро бунёд намуда, ба раванди ҳамгироии торафт мукаммалтар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дода истодааст. Аз ин нуқтаи назар, ҳадафи асосии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама чорабиниҳои САҲА аз он иборат аст, ки манфиати худро дар таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ бо ҳамаи давлатҳои аъзои САҲА тасдиқ кунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдори инкишофи ҳамкориҳои самарабахш бо САҲА ва ниҳодҳои он буда, аз таҷриба ва имкониятҳои сиёсӣ ва зеҳнии ин Созмон дар соҳаи демократикунонии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, таъмини амнияту субот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва муҳити зистӣ истифода хоҳад бурд[552].

---

[551] Ниг: https://mfa.tj.

[552] Ниг ба: Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. https://mfa.tj.

**Ҳадафи дигариҳамкорӣ бо давлатҳои фазои пасошӯравӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки стратегии сиёсати хориҷии ҶТ мебошад.** Тасдиқи ин мавқеъ дар он аст, ки ҷумҳурӣ Созишномаи ИДМ аз 8 декабри соли 1991-ро тасдиқ кард, зеро чунин мешуморад, ки рушд ва таъсиси таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкории мутақобилан судманд дар доираи ИДМ ба манфиатҳои миллии аслии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, ба сулҳ ва амният хизмат мекунанд ва ӯҳдадории худро ба ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ, санади ниҳоии Ҳелсинкӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои САҲА тасдиқ мекунанд.

10 феврали соли 1995 дар Алмаато ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳо ва Шӯрои сарони ҳукуматҳои ИДМ баргузор шуд. Яке аз масъалаҳои марказии рӯзнома баррасии меморандум дар бораи нигоҳ доштани сулҳ ва субот дар ИДМ буд. Хизмати асосии ИДМ ҷудошавии осоиштаи ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ буд[553].

ИДМ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун иттиҳодияи бузурги байналмилалӣ-ҳуқуқии давлатҳои соҳибихтиёри фазои Авруосиё, бо назардошти он, ки ҳамаи давлатҳои иштирокчӣ ворисони ҳуқуқии ИҶШС мебошанд, ки ба шакли Иттиҳод таъсири муайяни хос мегузорад, мустаҳкам карда шуд. Масалан, дар моддаи 2 Созишнома байни давлатҳои Иштирокчии ИДМ оид ба қувваҳои стратегӣ аз 30 декабри соли 1991 гуфта мешавад, ки давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор мешаванд, ки шартномаҳои байналмилалии Иттиҳоди ҶШС-ро риоя кунанд ва сиёсати мувофиқашударо дар соҳаи амнияти байналмилалӣ, безараргардонӣ ва назорати силоҳ пеш баранд, дар таҳия ва татбиқи барномаҳои коҳиши силоҳ ва қувваҳои мусаллаҳ иштирок кунанд. Илова бар ин, Шурои сарони давлатҳо ва Шурои сарони ҳукуматҳои ИДМ таъсис дода шуданд. Ин мақомот бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти муштарак ва ҳамоҳангсозӣ тавассути дигар институтҳои Иттиҳод таъсис дода шудаанд, ки ба онҳо, аз ҷумла, Шурои Вазирони корҳои хориҷӣ дохил мешаванд, ки дар назди он комиссияи доимии машваратӣ оид ба фаъолияти сулҳҷӯен, Шурои Вазирони мудофиа, Ситоди ҳамоҳангсозии ҳамкории ҳарбии давлатҳои иштирокчии ИДМ, Шурои фармондеҳони қӯшунҳои сарҳадӣ ва ғайра фаъолият мекунанд.

Гузашта аз ин, Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ мақоми олии Иттиҳод оид ба масъалаҳои ҳифзи сарҳадҳои хориҷӣ мебошад ва Шӯрои сарони ҳукуматҳо фаъолияти ҳарбӣ-иқтисодии давлатҳои иштирокчиро ҳамоҳанг мекунад.

Яке аз ҳадафҳои асосии иштироки давлатҳои пасошӯравӣ дар фаъолияти ИДМ ҳалли якҷояи масъалаҳои амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамкории ҳарбӣ-сиёсӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз иштирокчии фаъоли созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба дар ин соҳа бо кишварҳои Иттиҳод мебошад ва

---

[553] Ниг ба: Бакаев Л. Военное сотрудничество России и Казахстана: состояние, перспективы, проблемы // Казахстан и мировое сообщество, № 2(3). - 1995. - С.23.

ӯҳдадориҳои худро оид ба гузаронидани сиёсати мувофиқашуда оид ба муқаррароти дар онҳо муқарраршуда иҷро мекунад.

Дар байни шартномаҳои муҳими давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ бояд дар навбати аввал Созишномаи 30 декабри соли 1991 дар бораи қувваҳои мусаллаҳ ва қӯшунҳои сарҳадӣ ба имзо расидаро номбар кард. Дар ин санад давлатҳои ИДМ тасдиқ карданд, ки онҳо ҳуқуқи таъсиси қувваҳои мусаллаҳи худро доранд.

Қадами дигари муҳим дар ин самт имзои Шартномаи амнияти дастаҷамъӣ бо ташаббуси Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Русия аз ҷониби шаш давлати ИДМ 15 майи соли 1992 дар Тошканд буд. Аз матни Аҳднома бармеояд, ки агар яке аз давлатҳои иштирокчӣ аз ҷониби ягон давлат ё гурӯҳи давлатҳо мавриди таҷовуз қарор гирад, пас ин ҳамчун таҷовуз алайҳи ҳамаи давлатҳои иштирокчии ин Аҳднома баррасӣ карда мешавад. Дар иҷрои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ сарони давлатҳои ИДМ 6 июли соли 1992 Низомнома дар бораи Шурои амнияти дастаҷамъӣ тасдиқ карда шуд ва инчунин Эъломияи давлатҳои иштирокчии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва баъдтар, дар соли 1995 Консепсияи амнияти дастаҷамъии давлатҳои иштирокчии Аҳдномаро имзо карданд.

Шубҳае нест, ки Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, ки соли 1994 дар Котиботи СММ ба қайд гирифта шудааст, он барои тамоми низоми муносибатҳо ҳам дар Осиёи Марказӣ ва ҳам дар ИДМ аҳамияти калидӣ дорад[554].

Сарони давлатҳои ИДМ Аҳдномаро дар бораи ташкили қувваҳои дастаҷамъии зудтаъсиркунанда имзо карданд, ки дар он кӯмаки мутақобилаи ҳарбӣ то иштироки пурра дар амалиёти ҳарбӣ пешбинӣ карда мешавад. Мувофиқи Аҳдномаи дар боло зикршуда қарор қабул карда шуд, ки нерӯҳои минтақавии системаи амнияти дастаҷамъӣ таъсис дода шаванд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти кунунии таҳдидҳо ва хатарҳои замони муосир бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ назири СММ, САҲА ва ИДМ ҳамкориҳои худро таҳким бахшида, барои пойдории сулҳу субот ва пешгирии низоъҳо дар минтқа ва арсаи ҷаҳон саҳми боризи худро мегузорад.

**Адабиёт:**


1. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Маҳмудов М.А., Душанбе. “ЭР-граф”, 2012. – С. 42.
2. Пустогаров В. Эрозия Союза. Международно-правовые последствия // Международная жизнь, № 12. - 1991. – С. 76.
3. Адам Ротфельд. Поиски системы коллективной безопасности // Международная жизнь, № 10. - 1994. – С. 60-61.


---

[554] Ниг ба: Международно-правовое обеспечение национальной безопасности Республики Казахстан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Аманжолов Жайсанбек. 2001. Г. С. 68.

4. Бакаев Л. Военное сотрудничество России и Казахстана: состояние, перспективы, проблемы // Казахстан и мировое сообщество, № 2(3). - 1995. – С. 23.
5. Лига Арабских Государств // Миссия Лиги Арабских государств в Москве. 1997. - С. 15.
6. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332.
7. Речь г-на Вольфганга Шюсселя, федерального министра иностранных дел Австрии, действующего председателя, на заседании постоянного совета ОБСЕ. 13 января 2000 года, Вена // Деловая неделя. - 2000. Г.
8. Международно-правовое обеспечение национальной безопасности Республики Казахстан. Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Аманжолов Жайсанбек. 2001. Г. – С. 68.
9. https://mfa.tj.
10. https://khovar.tj.
11. https://tnu.tj.
12. https://mmk.tj.
13. https://www.krugosvet.ru/enc/istoriya/LIGA_NATSI.html.
14. https://ria.ru/20151022/1306476962.html.
15. https://tnu.tj/avtorefi//avtoreferaHakimovMK.

# ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)

## АҲАММИЯТ ВА МУҲИММИЯТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР НИЗОМИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**Маҳмадалиев Қиёмиддин Муродалиевич,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ
**Тел.:** 987-92-66-63
**Email:** lawyer96@mail.ru

**Аннотатсия:** Давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ-оммавӣ, ки дорои мақсад ва вазифаҳои муайяни хеш мебошад, ки аз ибтидои пайдошавии худ механизмҳои расидан ба мақсад ва вазифаҳои худро коркард менамуд. Дар ҳоле, ки сухан дар бораи хизмати давлатӣ меравад, қайд намудан мумкин аст, ки пайдоиши ин навъи хизмат бо пайдоиши давлат тавъам мебошанд. Дар асл чунин низ ҳаст, вале агар баъзе хусусиятҳои хизмати давлатӣ дар замони муосир ва хизмати давлатӣ дар аввалин давлатҳо шабеҳ бошанд ҳам, аммо бо гузашти замон, бо рушди низоми давлатдорӣ, бо афзудани субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ва умуман ташаккул ва рушд намудани ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мақсад, вазифа ва таъйиноти хизмати давлатӣ низ тағйир ёфта метавонад. Имрӯз, хизмати давлатӣ на хизмат ба шоҳ, амир, ҳоким, балки хизмат ба давлат ва миллат мебошад, ки мақсади онро таъмини қонуният, ҳифзи арзишҳои инсонӣ ва ҳуқуқӣ, ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ ва таъмин намудани амалишавии он мебошад. Бо назардошти ин, муайян намудани аҳаммияти хизмати давлатӣ дар замони муосир, муҳиммият ва зарурияти он барои низоми давлатдорӣ, муайян намудани рисолати он ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маъмурӣ мебошад. Муаллиф, дар мақолаи мазкур тавонистаанд, ки ба масъалаҳои болозикр таваҷҷуҳ зоҳир намуда, атрофи таъёинот, муҳиммият ва рисолати хизмати давлатӣ андешаронӣ намудаанд. Ақидаҳои пешниҳодшуда муҳим арзёбӣ гардида, барои истифода ба таҳқиқоти ин риштаи илм тавсия дода мешаванд.

**Калидвожаҳо:** хизмати давлатӣ, идоракунии давлатӣ, ҳокимияти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, ташкилоти сиёсӣ-ҳуқуқӣ, Конститутсия ва қонунҳо.

# ВАЖНОСТЬ И ЗНАЧИМОСТЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

**Махмадалиев Киёмиддин Муродалиевич,**
Таджикский национальный университет, юридический факультет, соискатель кафедры конституционного и административного права
**Тел.:** 987-92-66-63
**Email:** lawyer96@mail.ru

**Аннотация.** Государство как общественно-политическая организация, имеющая свои цели и задачи, с момента своего создания разрабатывает механизмы достижения своих целей и задач. Когда речь идёт о государственной службе, то следует отметить, что появление этой службы совпадает с возникновением государства. На самом деле это так, но даже если некоторые черты государственной службы в новое время и государственная служба в первых государствах схожи, но с течением времени, с развитием государственного строя, с увеличением субъектов правоотношений, и в целом, формирования и развития демократического и правового общества, могут также измениться цель, задачи и назначение государственной службы. Сегодня государственная служба – это не служба королю, эмиру, наместнику, а служба государству и нации, целью которой является обеспечение легитимности, защита человеческих и правовых ценностей, осуществление государственной власти и обеспечение ее реализации. Учитывая это, определение значения государственной службы в современное время, ее значимости и необходимости для государственной системы и определение ее предназначения как социально-правового явления является одним из важных вопросов науки административного права. В данной статье автор обращает внимание на вышеизложенные вопросы и рассматривает цели, значении и миссии государственной службы. Предложенные идеи считаются важными и рекомендуются к использованию исследователями в данной области науки.

**Ключевые слова:** государственная служба, государственное управление, государственная власть, государственные служащие, политико-правовая организация, Конституция и законы.

# THE IMPORTANCE AND SIGNIFICANCE OF STATE SERVICE IN THE SYSTEM OF STATE POWER

**Mahmadaliev Qiyomiddin Murodalievich,**
Tajik national university, faculty of law, applicant of the department of constitutional and administrative law
**Тел.:** 987-92-66-63
**Email:** lawyer96@mail.ru

**Annotation:** The state as a socio-political organization with its own goals and objectives, since its inception develops mechanisms for achieving its goals and objectives. Since we are talking about state service, we can conclude that the emergence of this type of service coincides with the emergence of the state. In fact, this is true, but even if some features of the state service in modern times and the civil service in the first states are similar, but over time, with the development of the state system, with the increase in subjects of legal relations, and in general, the formation and development of a democratic and legal society, the goal, tasks and purpose of the civil service may also change. Today, the state service is not a service to the king, emir, governor, but a service to the state and the nation, the purpose of which is to ensure legitimacy, protect human and legal values, exercise state power and ensure its implementation. Taking this into account, determining the meaning of the civil service in modern times, its significance and necessity for the state system and determining its purpose as a socio-legal phenomenon is one of the important issues of the science of administrative law. In this article, the author were able to pay attention to the above issues and reflect on the purpose, meaning and mission of the civil service. The proposed ideas are considered important and are recommended for use by researchers in this field of science.

**Key words:** state service, public administration, state power, state servants, political and legal organization, Constitution and laws.

Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мавқеъ ва нақши хизмати давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро хизмати давлатӣ механизми амалисозии идоракунии давлатӣ буда, тавассути фаъолияти хизматчиёни давлатӣ амалӣ карда мешавад[555]. Маҳз тавассути хизмати давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатӣ фаъолияти муътадили ҳамаи падидаҳои иҷтимоӣ ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда мешавад[556]. Бояд қайд намуд, ки хизмати давлатӣ бевосита ба фаъолияти давлатӣ, махсусан мақомоти давлатӣ алоқамандӣ дорад, бинобар ин чуноне ки аз адабиёти илмӣ бармеояд, мазмуни он метавонад хусусияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дошта бошад. Ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ мақсади асосии хизмати давлатиро таъмини амалишавии манфиатҳои давлат ва ҷомеа ташкил медиҳад. Ҳамчун падидаи сиёсӣ бошад, хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбие мебошад, ки мақсади асосии онро таъмини ваколатҳои мақомоти давлатӣ ташкил медиҳад[557].

Бо ҷонибдорӣ аз андешаи зикршуда қайд намудан ба маврид аст, ки таъйиноти асосии хизмати давлатӣ асосан ҷанбаи ҳуқуқӣ-маъмурӣ дорад. Хизмати давлатӣ гарчанде бо давлат алоқамандии зич дошта бошад ҳам, вале бо мазмуни имрӯзаи худ хизмати давлатӣ падидаи нав маҳсуб меёбад. Асоси пайдоиши ин падидаро олими фаронсавӣ Александр Вивен дар

[555] Алексеева М.В., Кобизь К.С., Леонова Д.В. Понятие и сущность государственной службы // Материалы Международной научно-практической конференции. В 2-х частях. – 2017. – С. 70-72.
[556] Астахова Н. Идеология государственной службы // Государственная служба, 2006, № 3. – С. 30.
[557] Алексеева М.В., Кобизь К.С., Леонова Д.В. Понятие и сущность государственной службы // Материалы Международной научно-практической конференции. В 2-х частях. – 2017. – С. 70-72.

асари худ "Очеркҳо дар бораи маъмурикунонӣ" гузошта, консепсияи ӯро олими амрикоӣ Вудро Вилсон идома додааст. Ба ақидаи олимони мазкур давлат асосан ду функсияи муҳим дорад: сиёсӣ ва маъмурӣ. Функсияи сиёсии давлат дар қабули қарорҳои оммавӣ ва назорат иҷроиши онҳо ифода гардида, функсияи маъмурии давлат бошад, танҳо дар иҷрои қарорҳои оммавии қабулгардида ва пешниҳоди ҳисоботи иҷроиши онҳо ифода мегардад[558]. Мазмунан ақидаи мазкур бо назардошти таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе давлатҳои дигар дуруст аст. Маҳз ҳамин омил асос гардидааст, ки аз теъдоди умумии кормандони мақомоти давлатӣ доираи муайни онҳо ба сифати хизматчии давлатӣ эътироф нагардидаанд.

Ба назари мо, хизмати давлатиро ба мазмуни сиёсӣ ва маъмурӣ баҳо дода, онҳоро аз якдигар ҷудо намудан нодуруст аст, зеро имрӯз доираи зиёди ваколатҳои сиёсии давлат ба хизматчиёни давлатӣ дода шудааст. Масалан, дар доираи ваколатҳои худ роҳбари аксари мақомоти давлатӣ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошта (сиёсӣ), дар баробари ин, ҳамчун хизматчии давлатӣ барои амалӣ гардидани салоҳияти мақомоти давлатӣ масъулияти хизматӣ доранд. Маҳз бо назардошти он, ки роҳбари мақомоти давлатӣ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дошта, функсияи сиёсии давлатро амалӣ менамоянд, онҳоро хизматчиёни давлатии сиёсӣ ном мебаранд. Аз ин ба хулоса омадан мумкин аст, ки хизмати давлатӣ ҳам мазмуни сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ-маъмурӣ дорад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мазмуни хизмати давлатӣ андешаҳои гуногунро дарёфт намудан мумкин аст:

– хизмати давлатӣ ин воситаи амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошад;

– хизмати давлатӣ ин воситаи амалисозии функсияҳои давлат буда, дастгоҳи идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад;

– хизмати давлатӣ навъи махсуси фаъолият мебошад, ки бо давлат алоқамандии зич дорад;

– маҷмуи муносибатҳои оммавӣ мебошад, ки байни давлат ва шаҳрванди он ба вуҷуд меояд ва ғайра[559].

Атаманчук Г.В. хизмати давлатиро ба ду мазмун баҳогузорӣ менамояд: ҳамчун фаъолияти ба амалисозии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд; ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Федератсияи Россия. Дар асоси мазмуни аввал хизмати давлатӣ ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, қоидаҳо, стандартҳо ва анъанаҳо оид ба амалисозии Конститутсия ва қонунҳои давлат, мақсад ва вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии он мебошад. Тибқи мазмуни дуюм, хизмати давлатӣ ин иштироки амалӣ ва касбии шаҳрвандон дар раванди амалисозии мақсад ва

---

[558] Черепанов В.В. Основы государственной службы и кадровой политики: учебник для студентов. / В.В.Черепанов. – М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2012. – 679 с.

[559] Бахрах Д. Н. Государственная служба России. М.: Изд-во «Проспект», 2008. – 152 с.

вазифаҳои давлат тариқи иҷро намудани вазифаҳои хизмати дар мансабҳои давлатӣ буда, аз маҷмуи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки байни давлат ва шаҳрвандони давлат (хизматчии давлатӣ) ба вуҷуд меоянд[560].

Аз мазмуни ақидаҳои пешниҳодгардида натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо ба як самт равона гардидаанд, яъне хизмати давлатӣ ба давлат алоқаманд буда, механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ мебошад ва маҷмуи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқие мебошад, ки танҳо байни давлат ва шаҳрвандони он ба вуҷуд меояд. Вале ба назари мо, бо ҷудо намудани ҷанбаҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ моҳияти аслии онро муайян намудан душвор ва ҳатто номумкин мегардонад. Хизмати давлатӣ вобаста ба таъиноти худ хусусияти оммавӣ дошта, ба ҳокимияти давлатӣ алоқамандӣ дорад, ки вобаста ба критерияҳои алоҳида метавонад хусусияти гуногунро ба худ касб намояд. Масалан, вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии худ хизмати давлатӣ мазмуни сиёсиро касб менамояд; вобаста ба таъиноти худ хизмати давлатӣ мазмунӣ ҳуқуқӣ-идоракунӣ (маъмурӣ); ва вобаста ба сифат ва самаранокии фаъолият хизмати давлатӣ хусусияти касбиро ифода менамояд. Аз ин лиҳоз, бо муттаҳид сохтани ҷанбаҳои зикргардида ба муайян намудани мазмуни аслии хизмати давлатӣ муваффақ гардидан имконпазир аст. Вале дар адабиёти илмӣ вобаста ба ин масъала мавқеи ягона то имрӯз қолаб нагирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90 асри XX, махсусан пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатии кишвар оғоз гардида[561], нисбат ба он ҳам дар сатҳи илм ва ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ диққати ҷиддӣ равона гардид. Ба ақидаи Ф.И. Носирова дар ин раванд ташаккули хизмати давлатӣ ду давраи асосиро гузаштааст. Марҳилаи аввали раванди шаклгирӣ ва ташакулёбии ниҳоди хизмати давлатӣ ба сентябри соли 1991-ноябри соли 1992 маҳсуб буда, аз қабули санади Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, зеро соҳибистиқлолӣ барои ташаккулёбии низоми хизмати давлатӣ заминаҳои мусоид фароҳам овард. Дар марҳилаи дуюми ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, ки аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) ибтидо гирифта, то ноябри соли 1994-ро дар бар мегирад, шикасти минбаъдаи пояҳои давлатдории мо боздошта шуд ва институтҳои сиёсии давлат аз нав барқарору устувор гардида, фаъолияти пурсамари онҳо ба роҳ монда шуд[562].

---

[560] Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика / Г.В. Атаманчун. – М., 2008. – 311 с.
[561] Эргашева Ф.М. Государственная служба Таджикистана: проблемы и новации // Государственное управление. – 2022. – №1 (55). – С. 251-256.
[562] Носирова Ф.И. Ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳуқуқии хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ. // Идракунии давлатӣ. – 2020. – №3 (47). – С.46-53.

Минбаъд дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар хизмати давлатӣ ва масоили ба он марбут зери таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқон қарор гирифта, нуктаҳои назар ва асарҳои пурмазмун нашр гардиданд. Махсусан, вобаста ба мафҳуми хизмати давлатӣ як зумра олимони ватанӣ мавқеи худро муайян намудаанд. Аз ҷумла, Х. Ойев қайд менамояд, ки хидмати[563] оммавӣ (давлатӣ) ин фаъолияти касбии шахсони воқеӣ мебошад, ки барои таъмини иҷрои салоҳияти субъектҳои ҳуқуқи оммавӣ равона карда шуда, барои таъмини иҷрои салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия, судӣ) ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин ваколатҳои вогузоршудаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нигаронида шудааст[564].

Хизмати давлатӣ дар кишвари соҳибихтиёри Тоҷикистон ҳамчун як намуди фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, ҳадафи асосии ин навъи фаъолиятро иҷрои вазифаҳои давлатӣ ташкил медиҳад. Хизмати давлатӣ ба сифати падидаи муҳимми ҳуқуқи маъмурӣ баромад намуда, меҳвари зернизоми кадрӣ-касбии идоракунии давлатӣ мебошад. Хизмати давлатӣ ҳамчун институти марказии ҳуқуқи маъмурӣ дар амалишавии идоракунии давлатӣ ва омода намудани кадрҳои аз лиҳози касбӣ комилан мувафақ нақши ниҳоят калон дорад[565].

Ҷамшедзода Ҷ.Н. масъалаи хизмати давлатиро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки хизмати давлатӣ намуди махсуси фаъолияти касбии шаҳрвандон (хизматчиён) дар иҷрои ваколатҳои мансабӣ дар мақомоти давлатӣ, ки ба татбиқи вазифаҳо ва функсияҳои ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст[566].

Имрӯз мавқеи хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти давлатӣ аҳамиятнок мебошад ва муҳиммияти он бо ин асос равшан мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи навбатии ислоҳоти низоми хизмати давлатӣ ва мукаммалгардонии он қарор дорад ва муайян намудани мавқеи хизмати давлатӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Хизмати давлатӣ дар байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирифта, барои давлат як қатор миссия ё худ вазифаҳои муҳими сиёсӣ, маъмурӣ ва иҷтимоиро ба иҷро мерасонад. Давлат, ки дар худ ҳокимияти легалӣ ва легитимиро ифода менамояд, мақсад ва вазифаҳои худро

---

[563] Фарқияти миёни мафҳуми «хидмат» ва «хизмат»-ро соҳаи идоракунии давлатӣ чунин бояд тассаввур кард, ки дар мафҳуми «хидмати давлатӣ» падидаи намояндагии ҳуқуқии давлатӣ ниҳон аст. Мафҳуми «хидмат» фарогири мафҳуми «ходим», «арбоб», «намоянда», «вакил» мебошад. Зеро ходим вакил арбоб ва ғайра фаъолиятеро анҷом медҳанд, ки онро хидмат ном мебаранд. Ин ба монанди мафҳуми «сабр» ки «собир» (сабркунанда) анҷом медиҳад. Пас хидмати давлатиро ходими давлатӣ, арбоби давлатӣ, шахси мансабдори давлатӣ ва амсоли онҳо ба сомон мерасонанд ва масъулият дар назди давлат доранд. // Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – С.7.

[564] Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – 250 с.

[565] Саъдиев И.З. Хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ. // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №1 (55). – С.175-183.

[566] Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 237 с.

тавассути идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ амалӣ мегардонад. Ин аст робитаи зич ва муттақобилаи ҳокимияти сиёсӣ, идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ.

Хизмати давлатӣ, ки дар як қатор бо давлат, ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ қарор дорад, бо онҳо робитаи муттақобила дорад ва танҳо тавассути таъсир расонидан ба онҳо худро ошкор менамояд, амалӣ мегардонад ва баҳо медиҳад.

Идоракунӣ ин фаъолияти амалии маърифатии таъсир расонидан ба ҷамъият бо мақсади таъмини самаранокии ташкил ва инкишофи он мебошад. Идоракунии давлатӣ – ин татбиқи амалии ҳокимият мебошад, яъне пешниҳод намудани талаботҳои муайян нисбати субъектони гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва моил кунонидани онҳо ҷиҳати бо мақсади расидан ба мақсадҳои муайяни гузошташуда аз рӯи ин қоидаҳо амал намудан мебошад. Ҳамин тариқ, идоракунии давлатӣ – ин фаъолияти бевоситаи амалӣ (таҷрибавӣ) ҷиҳати амалигардонии қарорҳои сиёсии қабулгардида мебошад. Барои оне, ки раванди идоракунии давлатӣ фаъол гардад (амал намояд) механизми махсус лозим мебошад. Ба сифати ин механизм хизмати давлатӣ баромад менамояд. Мувофиқан хизмати давлатӣ ба ҳайси механизми амалисозии ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона низоми ба худ хоси хизмати давлатиро ташкил намудааст, ки барои расидан ба мақсаду вазифаҳои давлатӣ мусоидат менамоянд.

Хизмати давлатӣ падидаи мураккаб мебошад, ки масъалаҳои гуногуни сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар яке аз адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки "дар илми ҳуқуқшиносӣ дар зери ҳар як истилоҳоти ҳуқуқӣ  мазмуни муайяне нуҳуфтааст, ки ифодакунанда ва инъикоскунандаи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ба таври амиқ барасмиятдадории ҳуқуқиро соҳиб гардидаанд[567]".

Яке аз чунин истилоҳҳо ин истилоҳи "хизмат" мебошад, ки мазмуни гуногунро соҳиб аст. Масалан, дар баъзе адабиёт хизмат ҳамчун кор, машғулият ва мансаби хизматчӣ[568] ва дар адабиёти дигар ҳамчун иҷрои уҳдадорӣ ва қарз баҳо дода мешавад.

Пайдоиши падидаи хизмати давлатӣ дар ҶТ бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ алоқаманд мебошад. Бо қабули Конститутсият ҶТ арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатӣ, баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун ва судӣ ва монанди инҳо кафолат дода шуд. Мувофиқан, яке аз кафолатҳое,

---

[567] Изатуллозода П.Н., Шарафзода Б.А. Механизмы управления государственной службы в Республики Таджикистан. В сборнике: Реформа системы государственного управления и государственной службы: её современные эффективные модели. Материалы международной научно-практической конференции. ДУШАНБЕ, 2021. С. 369-374.
[568] Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – 4-е изд., доп. – М., 2003. –  732 с.

ки хусусияти сиёсӣ дошта, ба кафолатҳои болозикр алоқамандии зич дорад, ки кафолат ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, тибқи моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд[569]".

Дар заминаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфт, ки аз ҷумлаи онҳо қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, мафҳуми хизмати давлатӣ бори аввал дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ аз 13 ноябри соли 1998, № 687 муқаррар карда шуд, ки тибқи он "хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбии шахсоне мебошад, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро оид ба таъмини иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ ишғол намудаанд". Баъдан, тибқи муқаррароти қонунгузории нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ, аниқтараш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, №233[570], ки дар таҳрири нав қабул гардид, мафҳуми хизмати давлатӣ тағйир ёфта, чунин муқаррар гардид: "хизмати давлатӣ - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст". Аз мазмуни мафҳуми мазкур бармеояд, ки мушаххасот дар он дида мешавад ва мафҳуми қаблан амалкунанда нисбатан муайян ва васеъ мебошад.

Вобаста ба мафҳуми хизмати давлатӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" муқаррар гардидааст, Х. Ойев қайд менамояд, ки хидмати давлатӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ дар асл хидмати оммавӣ (сиёсӣ) буда, шахси воқеӣ – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мансаберо дар мақомоти давлатӣ ишғол намуда, ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, инчунин салоҳияти мақомоти давлатиро тибқи таъиноти мансаби ишғолкарда ва уҳдадориҳое, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ба иҷро мерасонанд. Яъне, хизмати давлатӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ фаъолияти хизматии шахсони воқеӣ оид ба таъмини ваколатҳои ҳокимиятии субъектҳои оммавӣ (сиёсӣ) мебошад, ки аз доираи салоҳият ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо бармеояд.

Бо таҳлили мавқеи мутахассисони оид ба мафҳум ва аҳаммияти хизмати давлатӣ, ба назари мо хизмати давлатӣ ин фаъолияти касбии танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз маҷмуи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ иборат буда, мақсади асосии онро таъмини иҷрои салоҳияти мақомоти давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои

[569] Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 тариқи раъйипурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Ба он се маротиба тағйиру иловаҳо дар санаи 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05. 2016 ворид карда шудааст.
[570] Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 17.06.2021).

шахсони мансабдори давлатии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад. Хизмати давлатӣ танҳо дар мақомоти давлатӣ ва танҳо аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 тариқи раъйипурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Ба он се маротиба тағйиру иловаҳо дар санаи 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05. 2016 ворид карда шудааст.
2. Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, №233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат 17.06.2021).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ аз 13 ноябри соли 1998, № 687 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат 17.06.2021).
4. Алексеева М.В., Кобизь К.С., Леонова Д.В. Понятие и сущность государственной службы // Материалы Международной научно-практической конференции. В 2 – х частях. – 2017. – С. 70-72.
5. Астахова Н. Идеология государственной службы // Государственная служба, 2006, № 3. – С. 29-33.
6. Черепанов В.В. Основы государственной службы и кадровой политики: учебник для студентов. / В.В.Черепанов. – М.: ЮНИТИ–ДАНА, 2012. – 679 с.
7. Бахрах Д. Н. Государственная служба России. М.: Изд-во «Проспект», 2008. – 152 с
8. Атаманчук Г.В. Сущность государственной службы: история, теория, закон, практика / Г.В. Атаманчун. – М., 2008. – 311 с.
9. Эргашева Ф.М. Государственная служба Таджикистана: проблемы и новации // Государственное управление. – 2022. – №1 (55). – С. 251-256.
10. Носирова Ф.И. Ташаккулёбӣ ва инкишофи ҳуқуқии хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ. // Идракунии давлатӣ. – 2020. – №3 (47). – С.46-53.
11. Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – 250 с.
12. Ойев Х. Таснифоти мафҳуми хидмати давлатӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №1 (33). – С. 172-179
13. Саъдиев И.З. Хизмати давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ. // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №1 (55). – С.175-183.
14. Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конститутционно-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – М., 2011. – 237 с.
15. Попов Л.Л., Мигачева Е.В., Тихомиров С.В. Государственное управление и исполнительная власть: содержание и соотношение / под. ред. Повова Л.Л. – М.: 2011. – 319 с.
16. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – 4-е изд., доп. – М., 2003. – 732 с.

17. Изатуллозода П.Н., Шарафзода Б.А. Механизмы управления государственной службы в Республики Таджикистан. В сборнике: Реформа системы государственного управления и государственной службы: её современные эффективные модели. Материалы международной научно-практической конференции. ДУШАНБЕ, 2021. С. 369-374.

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи падари муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (даҳ-дувоздаҳ калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

- таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
- паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

**Требования, предъявляемые к статьям для опубликования в журнале «Государствоведение и права человека»**

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) название статьи на таджикском, русском и английском языках;
2) фамилия, имя, отчество автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
3) контактные данные (мобильный телефон и электронный адрес автора);
4) научная специальность (шрифт) на таджикском, русском и английском языках;
5) фамилия, имя, отчество научного руководителя автора статьи на таджикском, русском и английском языках;
6) рецензия;
7) фамилия, имя, отчество рецензента статьи на таджикском, русском и английском языках;
8) аннотации на таджикском, русском и английском языках (каждая до 500 знаков, включая пробелы, точки и запятые);
9) ключевые слова (десять-двенадцать основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на таджикском, русском и английском языках;
10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 20.12.2024 супорида шуд.
Ба чопаш 20.12.2024 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 39.
Супориши №99. Адади нашр 40 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Буни Ҳисорак бинои 14.